НОРИНИСО

# Дар зери чархи гардун...

Хуҷанд-2013

https://bikhon.tj/



https://bikhon.tj/

## Шоираи пурэҳсос ва самимию заминӣ

"Норинисо шоираест, пурэҳсос, самимӣ, заминӣ. Шеърҳояш бӯйи сабзаи баҳор, нағмаи ҳазор, шӯру туғёни рӯдҳои беқарор доранд." -гуфтааст шоири машҳури Доғистон Расул Ғамзатов.

Баъди он ки тамоми ашъори Норинисои Алимуҳаммадро бо чашми муҳаррир барои таҳияи ин китоб бори дигар амиқан мутолиа кардам, ба ҳаққонияти суханони мазкури ин шоири бузург бовар ҳосил кардам.

Дар ҳақиқат, Норинисо як қаламкаши ниҳоят самимӣ аст, ки метавонад дарди худ, эҳсоси худро бо шевотарин ва нозуктарин калимаву ибораҳо баён кунад, ки бо равонӣ ва осонӣ ба дили хонанда роҳ ёбанд:

***Дар зери чархи гардун мову шумо ғанимат,***
***Афтода, хестанҳо бемуттако ғанимат.***
***Гар луқмаи ҳалоле пайдо кунем, шодем,***
***Имрӯз бигзарад гар, фардо ба мо ғанимат.***

Ин ғазали Норинисо маҳз бо самимияту равонияш матни суруде шудааст, ки аксарият онро азёд



https://bikhon.tj/

медонанд ва дар маҳфилҳо тараннум менамоянд.

Тавре профессор Ҷонон Бобокалонова мефармояд: "Норинисо дар қалби мухлисонаш орзуҳои наҷиби ҳаётдӯстиро парвариш мекунад. Ин хусусияти лирикаи шоира дар солҳои шадиди ҷанги бародаркуш дар Тоҷикистон аҳамияти хоси ватандӯстӣ, ахлоқиву иҷтимоиро кашф кард:

***Даруни хонаи худ хонавайронам, чӣ мепурсед?***
***Ба ҳоли тифлакони хеш гирёнам, чӣ мепурсед?***

гуфтани шоира далели ҳамеша ҳамроҳи халқ будани ӯст."

Худи шоира Норинисо дар пешгуфторе ба китоби "Лаҳзаи дидор"-аш (Душанбе, "Сурӯшан", 2001) менависад:

"Ай дӯстдори шеъри ман! Ҳамдилу ҳамдарду ҳамватан! Ба мулоқот аз роҳи дур бо шавқу шӯр омадам. Сафарам тӯлонӣ буд аз диёри пурасрори ЗИНДАГӢ то мулки офтобӣ ва шабҳои маҳтобии СУХАН. Бароят ҳамчун ғаввос аз қаъри уқёнуси МЕҲР ҳадя овардам шаддаи марҷони ШЕЪР.

Шукри Эзид, айёми баҳор "ЛАҲЗАИ ДИДОР" бароят аз бароруу нобарориҳои рӯзгор, такрор ба



https://bikhon.tj/

такрор роз беовоз мегӯяд. Мову ту то имрӯз тавассути "ДУНЁИ УМЕД" дунёи дили хешро саршори ҷоми муҳаббат дида, дар канори рӯди пуртуғёни орзу "ОҲАНГҲОИ СОҲИЛ"-ро кашф кардем. Тавассути "РИШТАИ ХАЁЛ" ба ҳам муҳаббат бастем. Шабҳо "ГАҲВОРАИ МЕҲР"-ро аз рӯи "САДОҚАТ" ҷунбонида, дунёи "33 ҒАЗАЛ"-ро сайр ва "ҲАЗОРУ САД САТР"-и қалби пурэҳсосро варақ задем.

Инак, "ЛАҲЗАИ ДИДОР" бароят суруди кӯҳсор, шаршараи обшор, меҳри бепоёни халқу диёрро бо лаҳни ширину шево талқин мекунад."

Дар ин муқаддима Норинисо ба китобҳои қаблан чопшудааш малеҳан ишора мекунад, ки алҳол аксари онҳо камёфт шудаанд.

Шоири халқии Тоҷикистон Гулназар ба китоби ғазалиёти «Дарёи муҳаббат»-и шоира Норинисо (соли 2007) пешгуфтор навишта чунин фармудааст: «Норинисо» аз зумраи он нафаронест, ки ба олами адабиёт тасодуфан ворид нашуда. Истеъдоди фитрӣ барояш тӯҳфаи худовандист. Шояд нахустин сатрҳоро ҳине гуфта, ки модар сари гаҳвора бо сад умеду орзу тифлаки азизашро бо лаҳни ширину шево алла мегуфт. Дар аллаҳояш дард буд. Дарди сахти ҳиҷрон. Пеши худо-



https://bikhon.tj/

ванди муттаол рӯи ниёз оварда, илтиҷо мекард, ки тифлаки навзодашро аз балоҳои замину осмон нигаҳбон бошад. Умри дарозу тани сиҳаташ бидиҳад, зеро дигар қуввати бардоштани бори гарони ҳиҷрон надорад. Ғами талхи чанд сол пеш ду нафар тифли навтавлидашро ба хок супориданаш якумрӣ басанда аст.

Барои Норинисо шояд ана ҳамон дардҳо таъсири худро расонида, ҳанӯз дар батни модар сӯхтану сохтан омӯхта. Ҳамчун дугоникҳо ӯ бо дардҳои хеш ба камол расида. Пас аз гузаштани чаҳоряк аср навишта:

***Кори мо дар зиндагонӣ сӯхтан будасту бас,***<br>
***Машъале ба номи ишқ афрӯхтан будасту бас.***

Бале! Кори шоир сӯхтан асту сохтан. Хештанро дар кӯраи оташ фурӯзони зиндагӣ бигдохтан. Бо сӯхтану сохтанҳои худ дар сари роҳи зиндагӣ машъли фурӯзони меҳру муҳаббату садоқат афрӯхтан ва роҳи ояндагонро рӯшноӣ бахшидан.

Инак, бо ибтикори фарзанди ҷигарбанди Норинисо, соҳибкори муваффақи вилояти Суғд Илҳоми Сангин тасмим гирифтем, ки як китоби мунтахаби ашъори ӯро гирдоварӣ ва пешкаши мух-



https://bikhon.tj/

лисони шеър гардонем.

Ба ин китоб "Дар зери чархи гардун..." ном ниҳодаем, ки баргирифта аз матлаъи як ғазали худи Норинисо аст.

Китоб аз ду бахш иборат буда, дар қисми аввал аксари ғазалиёти шоира ҷой дода шудаанд. Дар қисмати дуюм ашъори гуногуни Норинисо аз китоби "Лаҳзаи дидор" ва шеърҳои нави ӯ интихоб гардидаанд.Умед аст, ки ин китоби нисбатан мукаммали Норинисо Алимуҳаммад писанди хонандагон мегардад ва аз ҷониби муҳаққиқони шеъри муосири тоҷик мӯшикофона мавриди нақду баррасӣ қарор мегирад.

***Ҷӯра ЮСУФӢ,***
***шоир, узви Иттифоқи***
***нависандагони Тоҷикистон.***



https://bikhon.tj/

# *Ғазал андар бағал*

***(маҷмуаи ғазалиёт)***

***Бикшо дари дил беибо, ай ганҷи руҳу дидаҳо,***
***Машқи ғазал андар бағал Норинисоят омада.***



https://bikhon.tj/

*Аз тору пуди қисмат тори ҷафо гузашта,*
*Сабру таҳаммули мо аз ҷо ба ҷо гузашта.*
*Пироҳани садоқат гаштаст пора-пора,*
*Ку пораи диле, ки аз ғам раҳо гузашта?*
*Субҳи саодати мо алҳол нодамида,*
*Шоми сиёҳи андӯҳ дар лобало гузашта.*
*Партавфишони роҳи умри дарози мо буд*
*Хуршеди ишқу уммед аз мо куҷо гузашта.*
*Андешаҳои мағшуш сад барги гул дар оғӯш,*
*Ғарқи хаёли ширин сар то ба по гузашта.*
*Нахли умеди моро карданд латтабандӣ,*
*Аз латтабандиҳошон садсолаҳо гузашта.*
*Аз Нории нисояш пурсид ошнояш*
*Ай ошно чаро ту аз мо ҷудо гузашта?*



https://bikhon.tj/

*Аз кунҷи қафас як нафас озод шавам чӣ,*
*Дар олами ғам лаҳзаяке шод шавам чӣ?*
*Як умр агар ғусса ба мо ёри қарин буд,*
*Бо ёри қарин дар тарабобод шавам чӣ?*
*Субҳе агар аз шом хабар оварад имрӯз,*
*Дар шоми дилам бехуду беёд шавам чӣ?*
*Мурғи чамани ҳастиям овоз надорад,*
*Овораи як марди худодод шавам чӣ?*
*Аз иффату аз сафвати як идда бузургон,*
*Бар ҳар нафаре боиси имдод шавам чӣ?*
*Дар партави анвори нубувват биншинам,*
*Пайваста паи олами эҷод шавам чӣ?*
*Чун Нори нисоям, ба дилу дидаи мардум.*
*Ҳар субҳ ба тарзи дига бунёд шавам чӣ?*



https://bikhon.tj/

*Аз пири кори зиндагӣ дасти дуо мехоҳамаш,*
*Дар сарзамини қисматам як муттако мехоҳамаш.*
*Аз барфу боронаш агар бигзашта будам борҳо,*
*Аз навбаҳораш чаҳ-чаҳи мурғи ҳумо мехоҳамаш.*
*Бо мавҷҳои бегаши дарёи Сир омехтан,*
*Ифшои рози хешро ман бесадо мехоҳамаш.*
*Аз жарфнои асрҳо ояд Маҳастии сухан,*
*Аз ҳар сухан дурри Аданро дар ҷило мехоҳамаш.*
*Аз дури дуриҳо агар пайғом бифристад ба меҳр,*
*Чун кадхудо баҳри шумо ақли расо мехоҳамаш.*
*Роҳи пур аз таззодро садсолаҳо тай кардаам,*
*Дар умри садҳосолаам хайр аз Худо мехоҳамаш.*
*Рӯзе сурогам гар кунад бо меҳрубониҳо ҳабиб,*
*Бахраш таманное ман аз Норинисо мехоҳамаш.*



https://bikhon.tj/

*Аз пушти садо боз садои дигар омад,*
*Бар хонаи мо хонахудои дигар омад.*
*Рафтам ба сари чашмаи чашмони гулобӣ,*
*Сарчашмаи уммед ба ҷои дигар омад.*
*Аз фикру хаёли ту шудам Лайлии сонӣ,*
*Маҷнуни ман аз ҷой ба ҷойи дигар омад.*
*Ҳар як сухани шаршараи об шунидам.*
*Аз шаршараи умр нидои дигар омад.*
*Аз қолу бало нест бурун анҷумани мо,*
*Дар анҷуман имрӯз навои дигар омад.*
*Аз барфи сапеди дили мо пираҳани мо*
*Пайваст ба сарчашмаву нои дигар омад.*
*Ман мераваму руҳи ман ояд ба сурогат*
*Пиндор, ки Нории нисои дигар омад.*

*Аз кучоҳо то кучо рафтам, нашуд,*
*Аз замин то бар само рафтам, нашуд.*
*Байни кӯҳу даштҳои беканор,*
*Мабдаи нуру зиё рафтам, нашуд.*
*Хилвати шабҳои бемаҳтобро*
*То саҳар сар то ба по рафтам, нашуд.*
*Аз наҳанги зиндагӣ бигрехта,*
*Сӯи ҳар дарду даво рафтам, нашуд.*
*Пешпо хӯрдам ба роҳи зиндагӣ,*
*З-ибтидо то интиҳо рафтам, нашуд.*
*Бехабар аз бозихои рӯзгор,*
*Аз хабар то мубтадо рафтам, нашуд.*
*Аз барои дидани дидори дӯст,*
*То дили Норинисо рафтам, нашуд.*

*Аз иффату имони ман,*
*Сар мешавад Қуръони ман,*
*Ободии имрӯзи даҳр*
*Аз ишқу аз армони ман.*
*Дунёра барҳам мезанад*
*Аз баҳри ҳақ султони ман.*
*Бори маломат мекашад,*
*Ду дидаи ҳайрони ман.*
*Парвоз дорад дар само*
*Паррандаи хушхони ман.*
*Бо ту надорам роҳате*
*Ай дарди бедармони ман.*
*Дар ҳар куҷо бегуфтугӯ*
*Ҳарф аст аз паймони ман.*



https://bikhon.tj/

***Аз дард буридему ба дармон нарасидем,***
***Бар ҳоли парешони парешон нарасидем.***
***Аз фасли хазон мужда гирифтем баҳорон,***
***То бар бағали гарми баҳорон нарасидем.***
***Хушбахт шуморанду биёянд зиёрат,***
***Ҳол он ки дар ин ҷода ба эшон нарасидем.***
***Ҳар лаҳза равад беҳуда ин қофилаи умр,***
***Ҳарчанд ки бар сояи мижгон нарасидем.***
***Дурӯза раҳи мову ба худ тӯша надорем,***
***Бе тӯшаи раҳ то дили инсон нарасидем.***
***Аз кӯҳ буридему надидем чӣ сирре,***
***Бар ҳайбату бар ҳашмати тӯфон нарасидем.***
***Нории нисоему сари ҳарфу ҳиҷое***
***Бо мушкилиҳо то раҳи осон нарасидем.***

***Аз пушти ғами хеш давидан чӣ зарурат?***
***Домони дилу дида буридан чӣ зарурат?***
***Бигрехта аз сим-сими борони баҳорӣ,***
***То барфи сари қулла расидан чӣ зарурат?***
***Аз гармии дил, нармии бозори ҳақиқат***
***Озору алам боз харидан чӣ зарурат?***
***Муштоқи сари зулфи нигоре бинишастан,***
***Бар зулфи сухан шона надидан чӣ зарурат?***
***Умрест, ки мо ташнаи дидори шумоем,***
***Аз оҳуи уммед рамидан чӣ зарурат?***
***Бе ёри куҳан дар ватани сарди хамӯшӣ***
***Бӯйи гули бобуна шамидан чӣ зарурат?***
***Нории нисоро, ки шумо дӯст бидоред,***
***Гулдаста зи ғазалҳош начидан чӣ зарурат?***



https://bikhon.tj/

*Аз неку бади дунё озор кашам бошад?*
*Аз домани беҳисси дилдор кашам бошад?*
*Шаҳду шакаре дорам, хунин ҷигаре дорам,*
*Бори нигаҳи шабро бедор кашам бошад?*
*Аз улфатии мардум бигрехтанам беҳтар,*
*Сар бар сари болои пиндор кашам бошад?*
*Аз ҳавсалаи пирам ҳарчанд ки дилгирам,*
*Аз тору пуди ҳастӣ ҳар бор кашам бошад?*
*Шомеву чароғе буд, аз бахт суроғе буд,*
*Аз бахт паси хона девор кашам бошад?*
*Уммандаву ҷунбанда дар даҳр пароканда,*
*Дар даҳри пароканда зуннор кашам бошад?*
*Нории нисоро бин, имрӯзу пагоро бин,*
*Оҳангу навои дил дар тор кашам бошад?*



https://bikhon.tj/

***Ай чароғи раҳнамои зиндагӣ***
***Мабдаи нуру зиёи зиндагӣ.***
***Зеббахши шоҳраҳҳои бузург,***
***Ҳуснафзои сарои зиндагӣ.***
***Шӯҳрату шаъни замини нозанин,***
***Кавкабе андар самои зиндагӣ.***
***Нур гирад аз нигоҳи нарми ту***
***Сабзаҳои зери пои зиндагӣ.***
***Хам нагардад қомати болои ту,***
***Бош доим лобалои зиндагӣ.***
***Дорад эмин аз балоҳои замон***
***Дар паноҳи худ Худои зиндагӣ.***
***Аз самими дил кунад табрики ту***
***Бонуи Норинисои зиндагӣ.***



https://bikhon.tj/

*Аввалу охири кори ману ту вой, ки вой,*
*Меҳрро кардаӣ беҷо тагурӯ, вой, ки вой.*
*Аз баду неки ҷаҳон бохабарам мегуфтӣ*
*Ақлро Аҳримане бурд фурӯ, вой, ки вой.*
*Мастиву пастии як идда ба ту дарс нашуд,*
*Ғарқи ғам ҳастии ту то ба гулӯ вой, ки вой.*
*Ҳадафи зиндагиву роҳи ту дигар мебуд,*
*Тифли уммеди ту шуд кӯйи ба кӯ, вой, ки вой.*
*Обрӯе, ки ба сӯзан ба каф оварда будӣ,*
*Панҷаи бод кашад бар лаби ҷӯ, вой, ки вой.*
*Зоҳиру ботини ман чун маҳи нав пок бувад,*
*Гуфта будиву хато рӯи ба рӯ, вой, ки вой.*
*Панди Нории нисо нест чу қобили қабул,*
*Бибар аз лавҳи хаёлот, бигӯ вой, ки вой*

*24 ноябри 2008*



https://bikhon.tj/

***Аз исми аъзами мо номи Муҳаррами мо,***
***Номи муҳаррами мо аз исми аъзами мо.***
***Парвардаи заминем, фарзанди осмонем,***
***То бар фалак расида хурсандию ғами мо.***
***Шодем аз муҳаббат, дурем аз ҳамоқат,***
***Дар партави саодат субҳи мукаррами мо.***
***Оромию хамӯшӣ ҳаргиз намепазирем,***
***Беҳуда нагзарад ҳеҷ, э кош, ҳар дами мо.***
***Парвардигори олам дорад нигоҳ ҳар дам***
***Аз ғурбату ғаму дард парварда олами мо.***
***Шоми ҷаҳони моро бахшанд рӯшноӣ***
***Субҳи умед гирад ҷо дар сари хами мо.***
***Норинисост бо мо, субҳи сафост бо мо***
***Ҳар ҳарфу ҳар ҳиҷояш гардид марҳами мо.***



https://bikhon.tj/

***Аз раҳмдилиҳои дили худ гила дорам,***
***Аз мардуми ноаҳлаку ношуд гила дорам.***
***Аз пастии як идда "бузургон"-и замона,***
***Дар мотами дил аз буду нобуд гила дорам.***
***Бераҳм набудему набошем дар ин даҳр,***
***Аз бехирадиҳои буду шуд гила дорам.***
***Таълими муаллим нагирифтанд, сад афсӯс,***
***Аз таҷрибаомӯзии маҳдуд гила дорам.***
***Андар бағали сабр чу маскан нагузиданд,***
***Аз оташи сӯзони паси дуд гила дорам.***
***Шодӣ ба канори ғаму андӯҳ гирифтор,***
***Аз шодии бисёри ғамолуд гила дорам.***
***Дар сандуқи Нории нисо нест матое,***
***Аз холигии гавҳари мақсуд гила дорам.***



https://bikhon.tj/

*Аз ситаму аз аламам, монда ҳамин як қаламам,*
*Монда ҳамин як қаламам, аз ситаму аз аламам.*
*Булбули хушнаво манам, мурғаки хушсадо манам,*
*Зинда ба ёди Мавлавӣ, ҷоми лаболаби ғамам.*
*Дард манам, даво манам, садо манам, сафо манам,*
*Дар ғами зиндамурдаҳо ҷоми булӯри мотамам.*
*Нур манам, сур манам, хӯшаи ангур манам,*
*Хӯшаи аз дарахти дил фитода дар сари раҳам.*
*Дилбараму дилогаҳам, марди қаландари раҳам,*
*Рафта зи хеш то куҷо, лолаарӯси шабнамам.*
*Сар ба фалак кашидаам, то ба малак расидаам,*
*Хандаи дар паноҳи шаб нуҳуфта дар як оламам.*
*Норинисои зиндагӣ, дур зи кӯи бандагӣ,*
*Ҳамнафаси ситораам, дарди шумора марҳамам.*



https://bikhon.tj/

***Аз мардумаки дидаи мо дида набандед,***
***Бар ҳоли табоҳи каси ранҷур махандед.***
***Имрӯзу паго зиндагӣ дорем дар ин даҳр,***
***Аз ғурбату ғам силсила бар дӯш мабандед.***
***Борони муҳаббат ба шумо нафърасон бод,***
***Аз нафърасон гирди ҷаҳон силсила бандед.***
***Моро ба ҳам овард Ҳудованди каримам,***
***Аз тарфи Худо ҳар чӣ бифармуд, писандед.***
***Хоҳед чу бар мулки ҳавас дастдарозӣ,***
***Аз дастдарозӣ, ки шуморо, чуну чандед?***
***Ҳангомаи шаб базму тараб дошт агар дил,***
***Захми дили озурдаи худ аз чӣ бикандед?***
***Ёре чу шаби тори шумо рӯшанӣ андохт,***
***Дар рӯшанияш талх бихандед, бихандед.***



https://bikhon.tj/

*Аз субҳ сапедӣ талабидем, биёед,*
*Бар хонаи оинаи асрор дароед.*
*Аз фазл сухан гуфтанӣ бошед, дар ин базм,*
*Аз хилвати дил ҳеҷ ба берун набароед.*
*Асрори азалро ба тарозу нагузоред,*
*Аз банди аҷал банд ба таҳқиқ кушоед.*
*Сабр аст агар ҷойнишини сари саҳро,*
*Саҳро мараведу ба тавозӯъ бисароед.*
*Умри гузарон мегузарад гарчӣ ба талхӣ,*
*Шукре ба лабу шӯр ба дил, дасти дуоед.*
*Аз ину аз он кина нагиред, нагиред,*
*Пайғомбари меҳр агарчанд шумоед.*
*Аз неку бади ҷумла ҷаҳон ҳарф магӯед,*
*Зеро ки шумо Норинисои дили моед.*

*1 феврали 2009*



https://bikhon.tj/

*Аз сапедиҳои субҳи орзу дорам умед,*
*Аз гули наврустаи хушрангу бӯ дорам умед.*
*Соябони сар бувад моро лаби хомӯши мо,*
*Аз лаби хомӯш садҳо гуфтугӯ дорам умед.*
*Меҳрубониву ҳалимӣ ҳадяи Парвардигор,*
*Ҳадяи дидори ӯро рӯ ба рӯ дорам умед.*
*Бехирад имрӯзҳо дорад агар заҳри забон,*
*Заҳри ӯ бошад давои оби ҷӯ, дорам умед.*
*Сахтию сустии дунёро ба ҳам меоварад,*
*Аз Худои меҳрубон бегуфтугӯ дорам умед.*
*Шаҳкитоби зиндагӣ аз шоҳкориҳои мост,*
*Шукргӯ аз даргаҳаш ман обрӯ дорам умед.*
*Дилбару дилдодаи субҳеву шоми қисматам*
*Ҳамчу Нории нисо нуре ба рӯ дорам умед.*

*7 феврали 2009*



https://bikhon.tj/

***Агар дилро ба дил пайванд мехоҳед ҳамвора,***
***Зи дуриҳо назар дӯзед бар аҳволи бечора.***
***Сари ҳар як қадам хайр аз Худои меҳрубон хоҳед,***
***Нагардед аз паи бадгӯиҳои мардум овора.***
***Сари хамро набуррад ҳеҷ як шамшери бурранда,***
***Зи сабру шукр ҷӯед аз барои дардҳо чора.***
***Мазори қалби худро латта мебандед агар аз ғам.***
***Сари бозори ҳусни хештан оед дубора.***
***Кулоҳи ноумедиро ба сар кардан намешояд,***
***Агар дар олами тақво шуморо буд гаҳвора.***
***Шаби торики дилро рӯшноӣ мекунад имрӯз,***
***Чароғи дидаи дилҳои аз захми сухан пора.***
***Зи машқи дафтари Норинисо гар огаҳӣ доред,***
***Биёед аз барои чидани гулҳои рухсора.***



https://bikhon.tj/

*Аз ин имрӯзу фардоҳо маҷӯ дигар гуноҳи мо,*
*Мапечон риштаи ҳаррангаро дар рӯи роҳи мо.*
*Ба ин дунёи фонӣ ҳар кӣ омад, боз хоҳад рафт,*
*Магӯ, ҳаргиз ки якумрист ин ҳоли табоҳи мо.*
*Бидон, ки ҷовидонӣ нест умри бандаи хокӣ,*
*Илоҳӣ, ҳузнро ҳаргиз набинӣ дар нигоҳи мо.*
*Саропо оташему сӯхтан дорем дар оташ,*
*Агарчанде ки оташпора эмин дар паноҳи мо.*
*Чӣ ранҷу заҳмату шабзиндадориҳо, ки мо дорем,*
*Ҳамин як ашки шабнамдида мебошад гувоҳи мо.*
*Машав озурдаву пажмурдаву навмед беҳуда,*
*Намебинӣ агар ту хандаҳои гоҳ-гоҳи мо.*
*Сари саҷҷода дар ҳар як намози субҳ мегӯям,*
*Нигаҳ дорад Худо аз ҳар балоҳо подшоҳи мо.*

*26 феврали соли 2009*



https://bikhon.tj/

***Ай дил, биё бедор шав, Наврӯз шуд, Наврӯз шуд,***
***Аз бахт бархурдор шав, Наврӯз шуд, Наврӯз шуд.***
***Бикшо дари кошонаро, огоз кун афсонаро,***
***Бо шавқу шодӣ ёр шав, Наврӯз шуд, Наврӯз шуд.***
***Берун бикун аз хештан афсонаҳои мову ман,***
***Дар олами анвор шав, Наврӯз шуд, Наврӯз шуд.***
***Қуи тарабро ҳамнишин, бо моҳу Парвин шав қарин,***
***Бо Зӯҳра дар хирвор шав, Наврӯз шуд, Наврӯз шуд.***
***Аз худ бурун шав баъд аз ин, дар дида ҷои худ бубин,***
***Баҳри пур аз асрор шав, Наврӯз шуд, Наврӯз шуд.***
***Ошиқ машав чун беҳунар ҳаргиз ба марди раҳгузар,***
***Бедарду беозор шав, Наврӯз шуд, Наврӯз шуд.***
***Зулфони худро шона зан, Норинисо, дар анҷуман,***
***Ҳамсӯҳбати дилдор шав, Наврӯз шуд, Наврӯз шуд.***



https://bikhon.tj/

*Аз дидбони уммед сӯят нигоҳ дорам,*
*Аз осиёи қисмат мӯи сиёҳ дорам.*
*Сар бар сари баландӣ, душворнописандӣ*
*Дорад агар замирам, аз сабр ҷоҳ дорам.*
*Меҳмони хонаи дил илҳом буда бошад,*
*Парвоз то ба гардун, то мулки моҳ дорам.*
*Дар тинатам набошад аҳримани ситеза,*
*Ҳарчанд сайру гардиш дар баҳри оҳ дорам.*
*Аз талхиҳои ҳиҷрон шӯридадил набудам,*
*Шӯру шареву дарде аз иштибоҳ дорам.*
*Умрест бенасиба аз ину они даҳрам,*
*Аз ину они қисмат бар сар кулоҳ дорам.*
*Норинисои рӯҳам, сар дар фазои кӯҳам,*
*То кишвари муҳаббат пайваста роҳ дорам.*

*6 апрели 2009*



https://bikhon.tj/

*Аз олами дил олами ҷонона биёед,*
*Аз баҳри даво бар дари ин хона биёед.*
*Аз мушкилиҳо то ба куҷоҳо магурезед,*
*Бо мушкилиҳо сар ба сари шона биёед.*
*Шаб то ба саҳар бо дили бедор нишаста*
*Сар то ба сари кишвари паймона биёед.*
*Бо қудрату нерӯи нав аз хоб бихезед,*
*Аз хоби гарон то дили парвона биёед.*
*Аз туҳмату аз ғайбати ношукр гурезед,*
*Дастобағали олами оина биёед.*
*Сард аст агар хонаи уммед, ба уммед*
*Бар мулки дилу дидаи парвона биёед.*
*Аз Норинисо қиссаи бисёр шунида,*
*Бар олами афсонаи Шоҳона биёед.*



https://bikhon.tj/

***Аз бехудӣ бигрехта то бехудоӣ меравӣ,***
***Аз мулки шодӣ то ба ғам бо бенавоӣ меравӣ.***
***Роҳи ту дур аз дард бод, ғам назди ту чун гард бод***
***То кишвари сабзи баҳори ошноӣ меравӣ.***
***Гулбоғи умрат ҷовидон сабз аз гули уммед бод,***
***Уммеди ман, хуршеди ман, бе ман куҷое меравӣ?***
***Нореву нуре мебарӣ, сабру суруре мебарӣ,***
***Дар шоми тори қисматам бо рӯшноӣ меравӣ?***
***Шомеву шабҳо доштӣ, дунё ба сар бардоштӣ,***
***Имрӯзу чуневу чаро Норинисое меравӣ?***



https://bikhon.tj/

***Ай ҷаҳолатпеша мардум чашми дилро во кунед,***
***Дар дили мардони гетӣ баҳри худ маъво кунед.***
***Гар шуморо орифе панду насиҳат мекунад,***
***Ҳар сухан бар гӯши худ чун ҳалқаи тилло кунед.***
***Бетамизиҳои мардум гар ба беморӣ барад,***
***Мулки дилро ҳифз андар олами боло кунед.***
***Зиндагӣ бозичаи дасти сияҳкоре кунад***
***Аз сияҳдилҳо раведу рӯ ба Мавлоно кунед.***
***Чанд рӯзе одамӣ меҳмони ин дунё бувад,***
***Буда андар меҳмонӣ фикри он дунё кунед.***
***Тоати Яздони поку фикри имрӯзу пагоҳ,***
***Тарки ёри беҳису бедарду бепарво кунед.***
***Шоми ҳиҷронро таҳаммул карда битвонед агар,***
***Меҳри Нории нисоро дар дили худ ҷо кунед.***



https://bikhon.tj/

*Ай Худо, аз дасту пои хеш маҳрумам макун,*
*Аз дуои мардуми дарвеш маҳрумам макун.*
*Мекашам ҷабру ҷафои бори танҳоӣ ба дӯш,*
*Нӯшдору ёбам ар, аз неш маҳрумам макун.*
*Ошёне дар баландиҳо маро бошад насиб,*
*Аз ғубори хотири бадкеш маҳрумам макун.*
*Нолаи сагҳои бесоҳиб кунад дилро хиҷил,*
*Аз канори марди дурандеш маҳрумам макун.*
*Адлу инсофу муҳаббатро магир аз одамӣ,*
*Аз сахои фарди хайрандеш маҳрумам макун.*
*Дар қатори мардуми сайёра дорам зиндагӣ,*
*Ҳеҷ гоҳе аз каму аз беш маҳрумам макун.*
*Аз дурӯғу кинаву рашку ҳасад дорам ҳазар,*
*Аз муҳаббатномаҳои беш маҳрумам макун.*



https://bikhon.tj/

*Аз шоми шаби дидаи гирён гила дорам,*
*Аз неши бади хори мағелон гила дорам.*
*Аз сурмаи чашми сиёҳи сахтнигоҳон,*
*Аз хандаи бемаззаи нодон гила дорам.*
*Аз роҳ ба роҳе биравад марди мусофир,*
*Аз марди Худо сар-сари мижгон гила дорам.*
*Муштоқи шумо дилбару дилдодаи Қуръон,*
*Аз мардуми наздик ба Шайтон гила дорам.*
*Шоҳонаи уммед кушояд пару болаш.*
*Аз болу пари паҳну парешон гила дорам.*
*Хуршед агар субҳ наорад хабари хуш,*
*Аз бехабариҳои пурармон гила дорам.*
*Дар қасри тилоии ғамам, Норинисоям,*
*Аз ҳилаат, эй бандаи Яздон гила дорам.*

*21. 06. 09*



https://bikhon.tj/

*Аз пираҳани уммед як пора умед оред,*
*Аз олами андеша пайғоми ҷадид оред.*
*Гоҳе ба дили дарё рафтед чу бепарво,*
*Аз рози ниҳони ӯ бар дӯст навид оред.*
*Саҳрои дили худро озод кунед аз ғам,*
*Аз дашти хаёли хеш гулгунчаи бед оред.*
*Бо марди қаландар боз сад қисса кунед оғоз,*
*Сад қиссаи ногуфта бар дида падид оред.*
*Шоми сияҳи ҳиҷрон бо ақл кунед осон,*
*Аз меҳру самимият шодии шадид оред.*
*Гулбарги тараҳҳумро бар мулки дил андозед,*
*Аз мулки дилу дида садбарги сафед оред.*
*Чун ҳадяи наврӯзӣ, аз баҳри дилафрӯзӣ*
*Бар Норинисои хеш шоми шаби ид оред.*

*16 августи 2009*



https://bikhon.tj/

*Аз ин имрӯзу фардоҳо Худо моро нигаҳ дорал,*
*Зи инсонҳои бепарво Худо моро нигаҳ дорад.*
*Сари сарчашмаи ҳастӣ, на дар болову не пастӣ,*
*Сари саҷҷодаи эҳё Худо моро нигаҳ дорад.*
*Хатар андар хатар дорем, ду-се тан дарди сар дорем,*
*Дар ин дунёи бепаҳно Худо моро нигаҳ дорад.*
*Алам андар қалам дорем, қалам андар алам дорам,*
*Зи дарди бенавоиҳо Худо моро нигаҳ дорад.*
*Суруди дилбарӣ дорем, хати пайғамбарӣ дорем,*
*Зи шоми доғ-доғи мо, Худо моро нигаҳ дорад.*
*Саробони сари мо бошад ар ақли расои мо,*
*Зи тӯфони дили дарё Худо моро нигаҳ дорад.*
*Зи ҳастии шумову мо хирадро дур н-андозад,*
*Зи дарду офати дунё Худо моро нигаҳ дорад.*

*1 июли 2009*



https://bikhon.tj/

*Аз ҳарами фариштаҳо боз куҷо равам, куҷо?*
*Аз пуду тори риштаҳо боз куҷо равам, куҷо?*
*Меҳр куҷо, ханда куҷо, ақли пароканда куҷо,*
*Ашки ба ғам сириштаҳо, боз куҷо равам, куҷо?*
*Хира ба рӯи оламам, ҳамраҳи шодию ғамам,*
*Эй дами субҳ шиштаҳо, боз куҷо равам, куҷо?*
*Нур манам, ҳур манам, хӯшаи ангур манам,*
*Аз сари кӯҳу пуштаҳо боз куҷо равам, куҷо?*
*Дар лаби ҷӯи зиндагӣ, пуштаки рӯи зиндагӣ,*
*Аз сабади шаъшааҳо боз куҷо равам, куҷо?*
*Меҳр куҷо, сеҳр куҷо, ханда куҷо, гиря куҷо,*
*Аз ғаму дард киштаҳо боз куҷо равам, куҷо?*
*Норинисои мо куҷо, меҳр куҷо, сеҳр куҷо?*
*Аз хати нонавиштаҳо боз куҷо равам, куҷо?*

*5 июли 2009*



https://bikhon.tj/

*Аз домани андешаҳо доман раҳо кардам, нашуд,*
*Худро зи озору алам як сӯ ҷудо кардам, нашуд.*
*Бегона бар ман хеш шуд, аз хештан ҳам беш шуд,*
*Умре сари савдои дил савдо ба по кардам, нашуд.*
*Хомӯшиям фарёд шуд, фарёди адлу дод шуд,*
*Дар сарзамини адлу дод Ӯро садо кардам, нашуд.*
*Хилватнишинам кард Ӯ, ғурбатқаринам кард Ӯ,*
*Аз ғурбати бегонаҳо дилро баҷо кардам, нашуд.*
*Шомеву шабҳои дароз овардам ар рӯи ниёз,*
*Бо масъулини қисматам чуну чаро кардам, нашуд.*
*Роҳи ҳақиқат кофтам, пири тариқат ёфтам,*
*Эмоми сабру шукрро чанд иқтидо кардам, нашуд.*
*Умри азизи хешро кардам ба роҳи нек сарф,*
*Дар некномӣ хешро Норинисо кардам, нашуд.*



https://bikhon.tj/

*Афсонагӯи қисмат афсонаам нагуфта,*
*Аз дарду шодию ғам бегонаам нагуфта.*
*Баъд аз мани гунаҳгор дар пояи гули хор,*
*Монад нишонае, ки дурдонаам нагуфта.*
*Умрест хонаи дил холист аз муҳаббат,*
*Меҳру вафо куҷое, парвонаам нагуфта.*
*Муштоқи рӯи ёрем, фарзанди навбаҳорем,*
*Дар тангнои қисмат фарзонаам нагуфта.*
*Аз мавҷҳо ҷудоем, шоҳем ё гадоем?*
*Дар партави садоқат Шоҳонаам нагуфта.*
*Ганҷинаи дили мо умри азизи мо буд,*
*Умри азиз моро ҳамхонаам нагуфта.*
*Норинисо мағӯед аз дард бенасиба,*
*Ҷуз дард як матое дар хонаам нагуфта…*



https://bikhon.tj/

*Аз ину они дунёӣ нигаҳ дор, ай Худовандам,*
*Ба пирӣ мерасонӣ гар, макун хор, ай Худовандам.*
*Ба сустиву ба сахтӣ сабр бар мо ҳамсафар гардон,*
*Мадеҳ ранҷу ғаму андӯҳу озор, ай Худовандам.*
*Каломуллоҳ вақти рафтанам вирди забонам кун,*
*Каломи хешро бар мо бикун ёр, ай Худовандам.*
*Замони мо замони ифтихору шукр гуфтанҳо.*
*Макун кам ҳеҷ гаҳ аз шукри бисёр, ай Худовандам.*
*Ато кун баҳри фарзандони мо инсофу имонро*
*Дарахти умрро аз мева пурбор, ай Худовандам.*
*Насими субҳро бифрист баҳри рӯшании рӯҳ,*
*Сари дарду балоро бар сари дор, ай Худовандам.*
*Гуноҳи бехудоиро бубар аз домани покам,*
*Зи ҳастиям бикун дур оташи нор, ай Худовандам.*



https://bikhon.tj/

*Аз раҳоварди сафар роҳе ба дилҳо ёфтам,*
*Аз найистони ҳунар роҳе ба дилҳо ёфтам.*
*Ғунчаи дил во нашуд гар дар самои қаҳратон,*
*Аз нигоҳи як нафар роҳе ба дилҳо ёфтам.*
*Тундхӯиҳои моро гар шакар пиндошта,*
*Дӯст бипсандид зар, роҳе ба дилҳо ёфтам.*
*Шаҳр дар оғӯши шаб хуспид чун тифли баноз,*
*Тифли уммедам ба бар, роҳе ба дилҳо ёфтам.*
*Шоҳроҳи меҳр бар ман ошно буд аз қадим,*
*З-ошноии қамар роҳе ба дилҳо ёфтам.*
*Чун надидам дар ниҳодаш кинаву бухсу гараз*
*Аз нигоҳи раҳгузар роҳе ба дилҳо ёфтам.*
*Гар расидӣ корвони умри мо Норинисо,*
*То ба манзил бехатар, роҳе ба дилҳо ёфтам.*

*20 декабри 2009*



https://bikhon.tj/

*Аз олами дил муждаи нав омада бошад?*
*Дар ишқи ту ҷоне ба гарав омада бошад?*
*Шомеву шабе дар ҳарами дидаи бедор*
*Деҳқони муруввaт ба дарав омада бошад?*
*Аз тобу таби дидаи бедори табиат,*
*Гандум бари афсонаи ҷав омада бошад?*
*Сад ҷома даридему буридем хати роҳ,*
*Хатти раҳи дил дар такудав омада бошад?*
*Ханҷар ба дили аҳли ҳунар мезанию боз*
*Пурсӣ, ки ягон ҳарфшунав омада бошад?*
*Гулгунчаи уммед зи роҳи дили мо рафт,*
*Садбарг ба таъзими қирав омада бошад?*
*Боз о, ба дили Норинисо то ки бидонӣ*
*Оҳанги дафу чанг зи нав омада бошад?*

*30 декабри 2009*

***Аз бегамию хуррамиҳоям хабаре нест,***
***Аз дард дигар дар варақи дил асаре нест.***
***Шоми шаби ялдо дигар ором гирифта,***
***Аз субҳи нигоҳи ту ба сӯям шараре нест.***
***Афсунгари уммед надорад дигар афсун***
***Дар даҳр чу ман бесару бепо нафаре нест.***
***Хомӯшии шабҳост маро мулки қиёмат,***
***Дар мулки вафо шоми сияҳро саҳаре нест.***
***Хомӯшии шабҳост маро пайки қиёмат***
***Дар рӯзи қиёмат, ба Худо, ҳамсафаре нест.***
***Собитқадамам дар сари он аҳд, ки бастам,***
***Аммо чи тавон кард, ки марди ҳунаре нест.***
***Сорои замон кай бирасад шаҳри муросо***
***Дар шаҳри муросо чу ман оташ ба саре нест.***
***Нории нисоем дар ин мулки фасона,***
***Мулке, ки аз он бе гаму шодӣ гузаре нест.***

*Аз ину они раббонӣ ҳазорон бор шукрона,*
*Зи фазлу адли инсонӣ ҳазорон бор шукрона.*
*Ғами дил тарки мо карду ба дунёи дигар кӯчид,*
*Зи рафту омади ёрони нотакрор шукрона.*
*Суруди ошно бар дидаи мо равшанӣ бахшид*
*Суруди олами эҳё ба мо шуд ёр, шукрона.*
*Шароби шавқ пайдо шуд, сари агёр боло шуд,*
*Зи агёри дилозору зи лутфи ёр шукрона.*
*Ғаму шодӣ ато кардӣ, Худовандо, барои мо*
*Зи ҳар шӯру шари дунёи пурасрор шукрона.*
*Зи бемеҳрии марди кӯчаи аз нанг бегона*
*Зи фардои дурахшони каму бисёр шукрона.*
*Садои гайб бар Норинисо аз олами боло,*
*Расонад Ӯ: бикун ҳар дам ба нуру нор шукрона.*

*10 январи 2010*



https://bikhon.tj/

*Аз нури дидаи мо нури Худо ҳувайдо,*
*Аз барги чидаи мо нури Худо ҳувайдо.*
*Аз ханда гиря дорем, аз гиря ханда дорем,*
*З-ашки чакидаи мо нури Худо ҳувайдо.*
*Хомӯш будани мо исёни ду ҷаҳон аст,*
*Аз хоби дидаи мо нури Худо ҳувайдо.*
*Мушкилкушои хешем, дар олами парешем,*
*З-атри шамидаи мо нури Худо ҳувайдо.*
*Аз нағмаҳои мурғи шабзиндадори олам*
*Кабки рамидаи мо нури Худо ҳувайдо.*
*Аз нестиву ҳастӣ ҳарфе дигар мағӯед,*
*Хоби паридаи мо нури Худо ҳувайдо.*
*Аз гиряи шаби тор, аз тавбаи гунаҳгор*
*Субҳи дамидаи мо нури Худо ҳувайдо.*

*24.01.2010*

*Азобу роҳати дунёи дил дунёи дигар дошт,*
*Сиришту сарнавишт аз олами болои дигар дошт.*
*Хазони рӯи раҳ меомад аз мулки парешонӣ,*
*Хумори бӯсаҳои обдор аз моҳу ахтар дошт.*
*Гуселу пешвози меҳмони дил намедонист,*
*Ба зери бори танҳоӣ ду рухсори зи ғам тар дошт.*
*Алам бори қаламро баъд аз ин дигар намебардошт,*
*Агарчӣ дар ниҳоди хеш мол аз мушку анбар дошт.*
*Зи соҳибдил намепурсанд арзишҳои дунёро,*
*Зи арзишҳои дунё ҳар кӣ бо худ кӯзаи зар дошт.*
*Ғами танҳоӣ рӯи бистари уммед хобида,*
*Барои хештан аз ашки чашмаш мӯҳраи тар дошт.*
*Ғуруби офтоби зиндагӣ гӯё қариб омад?*
*Ки Нории нисо дар нури рӯяш акси ховар дошт.*

*17.01.2010*



https://bikhon.tj/

*Аз тору пуди меҳр бувад ҳар сухани мо,*
*Бо сӯзани ғам дӯхта шуд пираҳани мо.*
*Холист ҷаҳони дили мо аз бари ғайбат,*
*Аз заҳр бувад талхтар оби даҳани мо.*
*Дар бодияи ғам, ки бикардем сукунат,*
*Ғамхораи мо буд фақат пилтани мо.*
*Аз пири хароботи муғон дарс гирифтем,*
*Ҳар нукта бипайваст ба даври Ватани мо.*
*Иқлими диёри дили мо сард шуд, афсӯс,*
*Сармозада шуд оқибат ин ними тани мо.*
*Ҷуз сабр дигар чораи дигар, ки надорем,*
*Аз дасти дуо сабз бишуд ин чамани мо.*
*Э бор Худо, канда макун ҳеҷ дигар бор*
*Бо боди сабо риштаи ин анҷумани мо.*

*30.01.2001*



https://bikhon.tj/

*Аз баҳори диёр шукрона,*
*Аз гули рӯи хор шукрона.*
*Аз хазони раҳи мусофирҳо,*
*Аз нигоҳи нигор шукрона.*
*Хандаи офтоби оламтоб*
*Барад аз дил ғубор, шукрона.*
*Маҳфили бомдодии мурғон,*
*Мекунад беқарор, шукрона.*
*Аз қудуми муборакии борон*
*Сабза рӯяд қатор, шукрона.*
*Гул ба сар, дил ба бар биёяд боз,*
*Нозпарвар баҳор, шукрона.*
*Бар дили Нории нисо имрӯз*
*Меҳмон нуру нор, шукрона.*

**2.02.2010**



https://bikhon.tj/

*Агарчанде намеояд дигар фасли ҷавониям,*
*Зи рӯят нур мерезад ба рӯи зиндагониям.*
*Намеояд зи тори дил садои ошно имрӯз,*
*Намеорад нишоне аз ҷаҳони бенишониям.*
*Надорад болу пар паррандаи инсофу имонам,*
*Намегиранд аз ҳолам хабар ёрони нониям.*
*Ба талхиву ба тундӣ бигзарад умри азизи ман,*
*Куҷо рафтанд мургони диёри шодмониям?*
*Ҷаҳони бекарон имрӯз монанди дилам холӣ,*
*Намедонанд мургони ҳаво рози ниҳониям.*
*Сари ҳарфу ҳиҷои олами ноошноиҳо*
*Намеоянд дигар орзуҳои ҷаҳониям.*
*Биё, Норинисо, дигар наменолем аз тақдир,*
*Намегӯем аз ҷабру ҷафову саргарониям.*

*8 феврали 2010*



https://bikhon.tj/

***Аз хонаи оинаи дил дард куҷо рафт?***
***Аз кишвари афсонаи дил дард куҷо рафт?***
***Ором надорад дигар оромии дунё,***
***Аз нохунаки шонаи дил дард куҷо рафт?***
***Дар рӯшании чашми дилам нур парешон,***
***Чун нури ниҳонхонаи дил дард куҷо рафт?***
***Месӯхт агар хотираи дафтари гетӣ,***
***Мегуфтӣ зи вайронаи дил дард куҷо рафт?***
***Шаҳду шакар имрӯз, ки ширинӣ надорад,***
***Ширинии майхонаи дил, дард куҷо рафт?***
***Охир зи баду неки ҷаҳон гашт дилам танг,***
***Гуфтам, ки зи паймонаи дил дард куҷо рафт?***
***Хориву залилӣ нашавад ҳеҷ насибам,***
***Пурсанд зи Шоҳонаи дил, дард куҷо рафт?***

***8.02.2010.***



https://bikhon.tj/

*Аз баду неки замона бехабар афтодаӣ,*
*Аз бари гаҳвораи хавфу хатар афтодаӣ.*
*Дар замини шӯразори мулки бобоии хеш,*
*Ҳамчу як фарзанди марди раҳгузар афтодаӣ.*
*Хоксориҳои ту бо хок мекард улфатӣ,*
*Дар сарои улфатӣ бо дарди сар афтодаӣ.*
*Орзуҳои ту рӯи когази тақдир монд,*
*Аз баландиҳо ба ҷариҳо ба сар афтодаӣ.*
*Хокро дар бистари андешаҳо бардошта,*
*Бо ҷаҳони носипосӣ сар ба бар афтодаӣ.*
*Ҳалқа мезад об дар дарёи чашми орзу,*
*Дар диёри орзу бо чашми тар афтодаӣ.*
*Дур кардӣ ғурбати дилро зи Норин нисо,*
*Дар канори духтари соҳибҳунар афтодаӣ.*

*12.02.2010*



https://bikhon.tj/

*Аз мардуми бедил бари дилдор расидем,*
*Бар рӯшании шоми шаби тор расидем.*
*Аз олами дил то бирасидем ба манзил,*
*Бар нашъунамои гули рухсор расидем.*
*Аз ной навои тарабангез наомад,*
*То бар нигаҳи хотири озор расидем.*
*Шоми шаби моро агар аз субҳ дарак не,*
*Бар субҳи нигоҳи алами хор расидем.*
*Аз хотири мо рафт агар ҳарфи муҳаббат,*
*Бе ҳарфи муҳаббат ба валангор расидем.*
*Ҳарчанд ки бозори хирад дур буд аз мо,*
*Сад шукр, ки бар мулки харидор расидем.*
*Бо хотири ҷамъу сари гесӯи парешон,*
*Бар Хоҷаи Табрези бари ёр расидем.*

*24.02.2010.*



https://bikhon.tj/

*Аз мардуми беномусу айёр гурезед,*
*Аз ҷилваи беранги шаби тор гурезед.*
*Аз бедилу беҳис, ки дари дил бихарошад,*
*Аз бандаи шармандаи бозор гурезед.*
*Холигаҳи дилро макушоед ба дилбар,*
*Аз дилбари бенанг ба ҳар бор гурезед.*
*Аз хандаи мастонаи шабнамзадаи ишқ,*
*То даргаҳи беминнати дилдор гурезед.*
*Холӣ магузоред шумо мулки қаноат,*
*Дар мулки қаноат зи гунаҳгор гурезед.*
*Шаббодаи шаб нағмаи нав соз кунад гар,*
*Бо созу наво аз дили абгор гурезед.*
*Аз қаҳ-қаҳаи хандаи худ шарм бидоред,*
*Бо нур нишинед гар, аз нор гурезед.*

*24.02.2010.*



https://bikhon.tj/

*Аз ҳунар хирвори зар дарёфтам,*
*Шамс паҳлуи қамар дарёфтам.*
*Аз нигоҳи меҳрбори дӯстон,*
*Шомро ҷуфти саҳар дарёфтам.*
*Кулчаи рӯи азизи хешро*
*Аз нигоҳи раҳгузар дарёфтам.*
*Ифтихор аз сарбаландӣ доштам,*
*Чун калиде дар ҳунар дарёфтам.*
*Хоб дар бедориҳо медорадам,*
*Меҳрро дар пушти дар дарёфтам.*
*Ғунчаи лаб во нашуд баҳри сухан,*
*Чун рафиқи дарди сар дарёфтам.*
*Сабрро болои сар, Норинисо,*
*Шӯълапоши чашми тар дарёфтам.*

*28.02.2010*



https://bikhon.tj/

*Ассалом, эй меҳмонон, ассалом,*
*Ахтарони базми ёрон, ассалом.*
*Бар диёри сабзи дил хуш омадед,*
*Шаҳрбози мулки Кайҳон, ассалом.*
*Олами шеър аст тақдими шумо,*
*Аз замин то осмон хуш омадед.*
*Шеъри воло қиссагӯӣ мекунад,*
*Шеърпарвар дӯстон, хуш омадед.*
*Қолини дил бод пойандозатон,*
*Шамъ дар ин бӯстон хуш омадед.*
*Дӯстдори олами пайғамбарӣ,*
*Дӯстони меҳрубон, хуш омадед.*
*Мухлисони шеъри Нории нисо,*
*Ҷоятон болои ҷон хуш омадед.*

***28.02.2010***



https://bikhon.tj/

*Аз ин имрӯзу фардоҳо намедонам, чӣ мехоҳам?*
*Аз ин пинҳону пайдоҳо намедонам, чӣ мехоҳам?*
*Агар Хизрам намесозад сари моро саробонӣ,*
*Дар ин бахши сару савдо намедонам чӣ мехоҳам?*
*"Канори оби Рукнободу гулгашти Мусаллоро",*
*Наёбам гар сари саҳро намедонам чӣ мехоҳам?*
*Сухан аз ошноиҳо барои ман намегӯйӣ,*
*Зи қаҳри ошиқи шайдо намедонам чӣ мехоҳам.*
*Мукаммал нест гарчӣ зиндагонӣ баҳри ман бе ту,*
*Сари савдои рӯъёҳо намедонам чӣ мехоҳам?*
*Гулистони умедам пур шуд аз хори ҷафои ту,*
*Зи ту, ай ёри бепарво, намедонам чӣ мехоҳам?*
*Зи гурбатхонаи дил як нафас озод мебудам,*
*Намегуфтам аз ин дунё намедонам чӣ мехоҳам?*

*3 марти соли 2010*



https://bikhon.tj/

*Аз ин дунё зару зевар намехоҳам, намехоҳам,*
*Шукӯҳи мулки Искандар намехоҳам, намехоҳам.*
*Азобу изтироби беҳадашро шукр мегӯям,*
*Ба ёди рӯи ту андар само ахтар намехоҳам.*
*Қарори беқарориро хати батлон задам охир,*
*Хати батлони умри хешро дигар намехоҳам.*
*Шукуфтанҳову гуфтанҳову хуфтанҳо аҷоиб нест,*
*Дилам бедору дар хоби гарон афсар намехоҳам.*
*Шукӯҳи дигаре дорад пажӯҳишгоҳи шеъри ман,*
*Бурун рафтан аз ин дунёи пургавҳар намехоҳам.*
*Каломи номусулмоне бароям сифр бегона,*
*Зи даргоҳи Худоям кӯзаи аз зар намехоҳам.*
*Зи баҳри дил бурун кардам наҳанги ноумедиро,*
*Чу Нории нисои даҳр баҳру бар намехоҳам.*

*10.03.2010*



https://bikhon.tj/

*Ай Душанбе, пойтахти орзуҳои манӣ,*
*Зинати дунёи рангоранги зебои манӣ.*
*Рӯшноиҳои дил аз субҳи дидори ту бод,*
*Хандаи мастонаи субҳи дилорои манӣ.*
*Шоҳмансури ту аз дунёи дил дорад хабар,*
*Шоҳ Сомониву Фирдавсиву Синои манӣ.*
*Аҳли илму аҳли маъниро ба ҳам овардаӣ,*
*Шаҳсутуни рӯзгори пур зи маънои манӣ.*
*Олами асрор дар андешаҳои бикри ман,*
*Ғолиби майдони ҳарбу зарби дунёи манӣ.*
*Шаҳри ишқу меҳру шафқат, меҳани мардонагӣ*
*Дар бузургӣ такягоҳи бурҷи аълои манӣ.*
*Духтари шабзиндадорат бори маънӣ мекашад,*
*Сайргоҳи олами Норинисоҳои манӣ.*

**5.04.2010.**



https://bikhon.tj/

*Аз баҳру бар бо чашми тар пинҳону пайдо меравам,*
*Лайлояму бар хонаи Маҷнуни шайдо меравам.*
*Хотирпарешонам ҳанӯз, дар дида меҳмонам ҳанӯз,*
*Аз дида то мулки дили имрӯзу фардо меравам.*
*Шаббода мехонад суруд, дилдода мегӯяд дуруд,*
*Дар зери оҳангу наво то бар Сурайё меравам.*
*Хандидани ман гиряи тифли ятими дар ба дар,*
*Бо хандаву бо гиря то бар субҳи фардо меравам.*
*Аз одами ноодаму ҳамсояи бад алҳазар,*
*Бадро дуои бад расад, чун дастболо меравам.*
*Бар хонаи ёри қарин чун ёдгори беҳтарин*
*Бо шеърҳои дилкаши Норинисоҳо меравам.*
*Аз моҷароҷӯёни даҳр уммеди некӣ нест, нест,*
*Уммедвори магфират тоҲақ Таолло меравам.*

*14.03.2010*



https://bikhon.tj/

*Аз дури дуриҳо сабо меорадам пайки баҳор,*
*Гул мекунад рухсораҳо дар боғи сабзи лолазор.*
*Шоми шаби ялдо дигар фарсангҳо рафтаст дур,*
*Андӯҳу дарду ғам бишуд бегона бар лайлу наҳор.*
*Холӣ шуд акнун ҷоми дил аз шаҳраки ташвишҳо,*
*Лабрез шуд ҳастии мо аз нав зи шаҳди ифтихор.*
*Гул дар бари дил ҷо гирифт, девони Мавлоно гирифт,*
*Девони Мавлоно магӯ, ҷоме сари бозори ёр.*
*Бо духтарони гулъузор хонда суруди ёр-ёр,*
*Бобои деҳқон мекунад гирди замин гашту гузор.*
*Бар мактаби панҷову панҷ имрӯз Наврӯз омада,*
*Бо хандаи мастонаву савти дилошӯби ҳазор.*
*Бонуи Норин нисо машқи ғазал андар бағал*
*Аз баҳри табрик омада аз олами сабзи баҳор.*

*28 марти соли 2010*



https://bikhon.tj/

***Ай ҳамватану ҳамдили мо, ид муборак,***
***Ҳаммаслаку ҳаммаҳфили мо, ид муборак.***
***Имрӯзу ҳама рӯзи шумо бод гулафшон,***
***Ободгари манзили мо, ид муборак.***
***Пайваста шумо дар дили мо садрнишинед,***
***Соҳибназарони дили мо, ид муборак.***
***Ҳамранги заминеду ҳамандешаи боло,***
***Созандаи обу гили мо, ид муборак.***
***Дорем аз аввал ба шумо меҳру муҳаббат,***
***Ҳам Ҳобилу ҳам Қобили мо, ид муборак.***
***Дар шаҳри шумо мардуми бофазл зиёда,***
***Фазл асту ҳунар ҳосили мо, ид муборак.***
***Дар хонаи дил хонанишин аст муҳаббат,***
***Ҳам Ҳофизу ҳам Бедили мо, ид муборак.***

***5 майи соли 2010***



https://bikhon.tj/

*Ай дард, ба даргоҳи дилам боз наойӣ,*
*Бар пайраҳаи роҳи дилам боз наойӣ.*
*Бар кӯчаи дил ҳеҷ гузори ту наафтад,*
*Бар роҳи гузаргоҳи дилам боз наойӣ.*
*Дар сандуқи дил нолаи ҷонкоҳ ниҳон аст,*
*Ҳамқисмату ҳамроҳи дилам, боз наойӣ.*
*Дар дидаи ман хирмани оташ нафурӯзӣ,*
*Оташ ба сари коҳи дилам боз наойӣ.*
*Аз моҳ ба моҳӣ набарӣ нолаи моро,*
*Бар оламаки моҳи дилам боз наойӣ.*
*Шаббодаи шабро ба куҷоҳо нафиристӣ,*
*Шабҳо ба гузаргоҳи дилам боз наойӣ?*
*Бар дидаи Нории нисое, ки ту донӣ,*
*Чун шаҳпараки шаҳри дилам боз наойӣ?*

*11 майи 2010*



https://bikhon.tj/

*Агар як бори дигар кӯдаки гаҳвора мебудам.*
*Агар бори дигар як тифлаки сайёра мебудам.*
*Агар бори нахустин мекушодам чашм бар маҳтоб,*
*Ба дилсардӣ агар монанди санги хора мебудам.*
*Дили танги ман аз бемориҳо роҳи раҳоӣ дошт,*
*Агар бо дарду доғи хештан овора мебудам.*
*Сари савдои дил соҳибдиле мегашт гар пайдо*
*Ба дарди бедавои ҷаҳл шояд чора мебудам.*
*Садои ошно дигар намеояд ба гӯши ман*
*Суханҳои дилеро, ки барояш пора мебудам.*
*Ту механдиву мегирйӣ барои сӯхтанҳоям,*
*Набудӣ сӯхтан гар, сирф оташпора мебудам.*
*Манам Норинисои олами волои меҳру моҳ,*
*Худоё, чорае андар дили бечора мебудам…*

*19 июни соли 2010*



https://bikhon.tj/

*Аз домани дил доштанам кори хато буд,*
*Бори ғама бардоштанам кори хато буд.*
*Андар қафаси шарму ҳаё ҷой гирифта,*
*Гул дар сари раҳ коштанам кори хато буд.*
*Дар олами бемеҳриву бераҳмии дилҳо,*
*Худро хафа пиндоштанам кори хато буд.*
*Борони ҷафо дар сари мо рехта бошад,*
*Чатре ба сар афроштанам кори хато буд.*
*Бар мурғаки уммеди дили ранҷкашида*
*Дурдонаи дил чоштанам кори хато буд.*
*Дар олами пуршӯру мағал зиндагӣ карда,*
*Худро ба ҷар ангоштанам кори хато буд.*

*9 июли 2010*



https://bikhon.tj/

*Аз Душанбе то Бадахшонем мо,*
*Шаҳрванди мулки имонем мо.*
*То куҷоҳо бори маънӣ мекашем,*
*Гул миёни хор пинҳонем мо.*
*Хандаи мо гиряи рӯзи ҷазо,*
*Андаруни ханда гирёнем мо.*
*Субҳро оинабандӣ мекунем,*
*То зи шоми ҳаҷр пинҳонем мо.*
*Шодию ғамро ба ҳам омехта,*
*Рӯз дар батни шабистонем мо.*
*То ҳанӯзам ҷуфти худ ноёфта,*
*Дар суроғи бахт сарсонем мо.*
*Дар ватандорӣ Валии оламем,*
*Ҳар куҷо паҳну парешонем мо.*

*13 июли 2010*

*Ай ёру ёвари ман, сад сол зинда боші,*
*Бегонапарвари ман, сад сол зинда боші.*
*Дар кӯлбори умрат андӯҳу гам набошад,*
*Шаҳбозу шаҳпари ман, сад сол зинда боші.*
*Қасри тилои шоді бошад насибаи ту,*
*Ай ҳавзи Кавсари ман, сад сол зинда боші.*
*Асрори зиндагоні омӯхтан чі бошад?*
*Султону Озари ман, сад сол зинда боші.*
*Сар то ба по бирезад нури нубуввати хеш,*
*Чун нури ховари ман сад сол зинда боші.*
*Дар пастиву баланді душворнописанді,*
*Истода дар бари ман сад сол зинда боші.*
*Норинисои дилро пайдо накарда то ҳол,*
*Ҳамболу ҳампари ман, сад сол зинда боші!*

*14 августи 2010*



https://bikhon.tj/

*Аз аспсавирони сари сабзи баҳорем,*
*Дар олами маънӣ ду-се ангуштшуморем.*
*Лабчанг занад гар бари мо шӯхи замона,*
*Дар ҳошияи сабр гули сурхи анорем.*
*Дарёи дили мо ҳама дам пурғалаён аст,*
*Андар ғалаёнаш ҳама бесабру қарорем.*
*Шодӣ бари мо маърака оростанӣ буд,*
*Дар маъракаи дидаву дил лайлу наҳорем.*
*Дар маъракаи кӯрдилон Машраби сонӣ,*
*Дар барги гули хор нишоне зи ҳазорем.*
*Дар панҷаи мо панҷараи қуфли хамӯшӣ*
*Хомӯшии мо аз азалу чора надорем.*
*Нории нисоем дар ин даҳри пур аз ғам,*
*Бар омадани дӯст ба ду дидаи чорем.*



https://bikhon.tj/

*Ало шеъри Аҷам, ман бо ту пайванди дигар дорам,*
*Гиреҳи нокушуда банд дар банди ҷигар дорам.*
*Фурӯ рафтам агарчанде ба қаъри гори андеша,*
*Зи батни номуродӣ чанд фарзанди дигар дорам.*
*Ғуборолудагӣ дорам ба кӯи ноумедиҳо,*
*Зи ҳаҷри дӯст андар пой побанди дигар дорам.*
*Чу меҳмонем дар дунё, ҳазорон бор шукрона,*
*Ки бо ёрони ҷонӣ қанд дар панди дигар дорам.*
*Шарори хотиротам дар гули хуршед печида,*
*Зи ҳар як печутобаш заҳр ё қанди дигар дорам.*
*Ғубори тозаи дил дар нигоҳи ошноиҳост,*
*Барои дидаву дил сар ба сарбанди дигар дорам.*
*Маҷӯ дигар зи Нории нисо оромии мутлақ,*
*Ки ман дар кору бори даҳр лабханди дигар дорам.*



https://bikhon.tj/

*Аз гармии ихтиёр тавба,*
*Аз нозу нузи нигор тавба.*
*Аз гунчаи ношукуфта рафта,*
*Аз одами беқарор тавба.*
*Дар мулки Сикандарӣ нишастан*
*Бе чаҳ-чаҳаи ҳазор тавба.*
*Кори ману ту нашуд баробар*
*Аз бехирадии ёр тавба.*
*Бебаҳра зи меҳри ёр будан*
*Аз бори гами диёр тавба.*
*Н-омӯхтан аз бузургмардон*
*Бешию камии кор тавба.*
*Аз Норинисои хеш имрӯз*
*Н-омӯхтани қарор тавба.*

*21 сентябри 2012*



https://bikhon.tj/

*Аз муҳаббат, аз садоқат ҷоҳ меҷӯем мо,*
*Як нафар марди зи худ огоҳ меҷӯем мо.*
*Аз дили дарду ғаму шодӣ ба берун меравем,*
*Дар биёбони хирад ҳамроҳ меҷӯем мо.*
*Сарвати мо, давлати мо як кафи хоки Ватан,*
*Хоки покашро зи ҳар даргоҳ меҷӯем мо.*
*Мисраеро баҳри таскини дили озурдае,*
*Аз нигоҳи гарми марди роҳ меҷӯем мо.*
*То ба авҷи сарбаландӣ ботаҳаммул мерасем,*
*Ҳар қадар оби зулол аз чоҳ меҷӯем мо.*
*Аз барои сохтан имрӯзу фардоро зи нав,*
*Дар миёни аҳли дил тарроҳ меҷӯем мо.*
*То бигирад зиндагӣ мазмуну ранги тозае,*
*Ҳар чӣ меҷӯем, аз Аллоҳ меҷӯем мо.*



https://bikhon.tj/

*Ай субҳи ошиқона, ай беҳтарин тарона,*
*Боз о ба хилвати дил бо чангу бо чағона.*
*Бикшой хони уммед бар пешвози хуршед,*
*Аз сидқу меҳру ихлос оғоз кун фасона.*
*Гулдастаи муҳаббат тақдим кун ба дунё,*
*Дарвозаи садоқат во карда орифона.*
*Лабрез шуд қадаҳҳо чун аз шароби дидор,*
*Оҳанги шавқу шодӣ бинвоз бе баҳона.*
*Ҷоме ба даст мебош, масту аласт мебош,*
*Аз сӯҳбати наҷиби пирони корхона.*
*Аз орзуи дерин ҳарфе магӯ ба нафрин,*
*Афсона гуфта-гуфта аз ҳолати замона.*
*Норинисои худро аз ҳабси ғам раҳо кун,*
*Занҷири ноумедӣ бардор аз миёна.*



https://bikhon.tj/

*Аҳд кардам, ки дигар ҷомаи ғам пора кунам,*
*Дили худро ба ҷаҳони дигар овора кунам.*
*Рӯҳу арвоҳи азизони ҷаҳон ёр шавад,*
*Сари қабри падари хеш равам, зора кунам.*
*Осмон гар ба замин рӯй ниҳодаст, аҷаб,*
*То ба чашми фалакиям ҳама назззора кунам.*
*Мардуми чашми маро тоби нигоҳи ту намонд,*
*Ту куҷоӣ, ки ҳикоёти ду сайёра кунам?*
*Дили ман бе ту дар ин бодия афгор шуда,*
*Кай тавонам, ки давои дили бечора кунам.*
*Нигаҳи сарди мусофирбачаи қисмати ман,*
*Пучу сард аст, бигӯед, чӣ сон чора кунам?*
*Ман, ки Нории нисоям, сари ҳар ҳарфу ҳиҷо,*
*Шаби худ рӯз сари тифлаки гаҳвора кунам.*



https://bikhon.tj/

*Ай Худо, як марди оқилро бароям ҳадя кун,*
*Соҳиби аслии ин дилро бароям ҳадя кун.*
*Дар таҳаммул сарфарозӣ то ба сақфи осмон,*
*Дар замин инсони комилро бароям ҳадя кун.*
*Аз балоҳову қазоҳо ҳифз кун, Парвардигор,*
*Дар сабурӣ санги соҳилро бароям ҳадя кун.*
*Ҳастиямро ҳузну навмедӣ фишорад дам ба дам,*
*Панди Нӯшервони одилро бароям ҳадя кун.*
*Зиндагӣ дорем агар мо санг дар болои санг,*
*Софии дарёи Нилро аз бароям ҳадя кун.*
*Аз бузургони тамаддун ҳар саҳар як каф дуо,*
*Сарбаландиҳои Ҳобилро бароям ҳадя кун.*
*Эй, ки чун Норинисо дарду азобе доштӣ,*
*Посбони хонаи дилро бароям ҳадя кун.*



https://bikhon.tj/

*Аз тӯҳфаи тақдир гурезам, нагурезам?*
*Аз ишқи ҷаҳонгир гурезам, нагурезам?*
*Тӯфони бало панҷа занад бар дари кӯча,*
*Аз кӯчаи тадбир гурезам, нагурезам?*
*Бар дидани дидори лаимон ҳавасам нест,*
*Аз ҳавсалаи пир гурезам, нагурезам?*
*Фотимаи Заҳро агар инъом фиристад,*
*З-ин номи фарогир гурезам, нагурезам?*
*Аз ҳаҷри ту бар тифли дил афсона нагуфтам,*
*З-афсонаи дилгир гурезам, нагурезам?*
*Инсони заминияму аз мулки хаёлот,*
*То омадани тир гурезам, нагурезам?*
*З-ишқу ҳаваси марди ҷаҳондидаи ошиқ,*
*Номонда ба таъхир гурезам, нагурезам?*
*Нории нисоям, гули худрӯй дар офоқ,*
*Аз риштаи таҳрир гурезам, нагурезам?*

*Агар аз даргаҳи дил рафтаӣ берун, саломат бош,*
*Агар дар ишқи ман дигар наӣ Маҷнун, саломат бош.*
*Агар имрӯзи ту фардо шуду фардот пасфардо,*
*Дар ин имрӯзу фардоҳои бемазмун саломат бош.*
*Гурӯҳе кушта-кушта гӯр месозанд дар пушта,*
*Чу ту уммеди худро, бо дили маҳзун, саломат бош.*
*Насиби мо дар ин дунё ду-се рӯз аст, медонӣ?*
*Чаро бар тори қалби ман задӣ нохун, саломат бош.*
*Муроди мост дар дунёи фонӣ сулҳу осоиш,*
*Чаро пас ҳадя кардӣ дидаи пурхун, саломат бош.*
*Муаммоест сарбаста, чу тири аз камон ҷаста,*
*Аҷаб розест дунёи чарову чун, саломат бош.*
*Чӣ мепурсӣ ту аз Норинисо аҳволи фардоро?*
*Ки аз ҳаҷри ту дорад дарди рӯзафзун, саломат бош.*



https://bikhon.tj/

*Аз растаи бозор ба мо ҳадя биёред,*
*Аз қуттии аттор ба мо ҳадя биёред.*
*Ҳар бор, ки рафтед, саломам бирасонед,*
*Аз холи лаби ёр ба мо ҳадя биёред.*
*То мулки дили мардум агар роҳ биёбед,*
*Аз олами асрор ба мо ҳадя биёред.*
*Бар бехирадон ҷоми вафоро мафурӯшед,*
*Аз ҷомаи гулзор ба мо ҳадя биёред.*
*Соҳибназарон соҳиби фазлу ҳунар астанд,*
*Аз нағмаи сетор ба мо ҳадя биёред.*
*Аз меваи ширину шакаррези муҳаббат,*
*Як даста гули хор ба мо ҳадя биёред.*
*Аз боғи дили Норинисои дилу дида,*
*Як дафтари ашъор ба мо ҳадя биёред.*



https://bikhon.tj/

*Аз шоми ноумедӣ андӯҳу оҳ монда,*
*Тифли дил аз ғами ту дар нимароҳ монда.*
*Қуи умеди мо шуд бемору паршикаста,*
*Дар умқи дидагонаш тири нигоҳ монда.*
*Дар кишвари фасона вайрона гашт хона,*
*Меҳмони хонаи мо бесарпаноҳ монда.*
*Дар банди ошноӣ, дар ҳабси бенавоӣ,*
*Мардони илму дониш дар иштибоҳ монда.*
*Ҳақҷӯю ҳақпарастон берун шуда зи майдон,*
*Дар олами маонӣ муште зи коҳ монда.*
*Имрӯзи мо паго шуд, як дашти Карбало шуд,*
*Дар дашти Карбалояш шоми сиёҳ монда.*
*Бозори ғайбату кин тасфидааст имрӯз,*
*Ҷои сари баланде чандин кулоҳ монда.*



https://bikhon.tj/

***Аз замину замона менолад,***
***Сари ҳар як тарона менолад.***
***Қиссаҳояш кунад хиҷил дилро,***
***Дар дили ҳар фасона менолад.***
***Маҷлис ороста миёни халқ,***
***Шишта андар миёна менолад.***
***Дар дилу дидааш агар аз қаҳр,***
***Занад оташ забона, менолад.***
***Дили касро ба танг меорад,***
***Наздат ар бебаҳона менолад.***
***Қимати умр баҳри ӯ ҳеҷ аст,***
***Аз карон то карона менолад.***
***Меҳру моҳи ҷаҳони ӯ тира,***
***Аз Худои ягона менолад.***



https://bikhon.tj/

*Аз омадану рафтани мо суд чӣ бошад?*
*Бар нохалафе гавҳари мақсуд чӣ бошад?*
*Қаҳри ту дигар субҳи маро тира насозад,*
*Баъд аз табу тоби дили мо дуд чӣ бошад?*
*Ошуфтагии мардумаки чашми тари мо,*
*Дар хонаи вайронаи мардуд чӣ бошад?*
*Сеҳри суханам аз Ватанам кӯч бубаста,*
*То Чину Хутан рафт, Варорӯд чӣ бошад?*
*Пеши сухани талхи ду-се аблаҳи дунё,*
*Хокистараки оташи Намрӯд чӣ бошад?*
*Аз неку бади даҳр қазоро хабаре нест,*
*Рахти сафар аз олами мавҷуд чӣ бошад?*
*Бар кори ҷаҳон хандазанон ҳар яки моро,*
*Аз оламаки буд ба нобуд чӣ бошад?*



https://bikhon.tj/

*Аз ёри ситампеша ситам дидани мо бас,*
*Аз чархи каҷи даҳр алам дидани мо бас.*
*Дунёи куҳан фитнаи нав гар кунад огоз,*
*Дар фитнагарӣ теги дудам дидани мо бас.*
*Аз лутфу карам дар назарам нест нишоне,*
*Чун лолаи худрӯй ба ҳам дидани мо бас.*
*Ҳар рӯ ба гӯшам расад овози муаззин,*
*Ай халқи Худо, шодию ғам дидани мо бас.*
*Дар дафтари умри ману ту, ҳеҷ надонем,*
*Бинвишта чиҳо, чанд рақам дидани мо бас.*
*Хайёти азал бахя занад бар ҷигари мо,*
*Андар ҷигари сӯхта шамъ дидани мо бас.*
*Аз Норинисое, ки ба дӯшаш ғами фардост,*
*Дасти тиҳиву дидаи нам дидани мо бас.*



https://bikhon.tj/

*Аз омадану рафтани хуршед чӣ гӯем?*
*Аз мардумаки чашмаи уммед чӣ гӯем?*
*Меҳру ҳавасу ишқ дигар дар дили мо нест,*
*Аз рӯҳу дилу дидаи навмед чӣ гӯем?*
*Азбаски шумо тоифаи гунгу каронед,*
*Бар гунгу кар аз ояти тавҳид чӣ гӯем?*
*Як умр зи ҳастии шумо кӯч бубаста,*
*Паррандаи инсофу раводид, чӣ гӯем?*
*Ҳаргиз сухани адлу адолат нашунидед,*
*Аз қаҳри Худованд натарсед, чӣ гӯем?*
*Дар порагириҳои шумо пораи дил нест,*
*Дар хонаи дил хона накардед, чӣ гӯем?*
*Бар Норинисо ақли расо дод Худованд,*
*Аз ақли расо гар бигурезед, чӣ гӯем?*



https://bikhon.tj/

***Аз дури дур омад баҳор, аз мулки нур омад баҳор,***
***То кӯчаҳои зиндагӣ бо сад ғурур омад баҳор.***
***Домони ҳиммат барзада, лабханд бар ғурбат зада,***
***Бо хандаи мастонаю бо шавқу шӯр омад баҳор.***
***То дидаҳоро во кунад, базми ҷаҳоноро кунад,***
***Аз субҳи саҳро то ба мо чун пайки нур омад баҳор.***
***Дар ҷонамози зиндагӣ бар саҷда сар бинҳод, шукр,***
***Бо хандаҳои беғаши тифлона ҷӯр омад баҳор.***
***Субҳи саодатро бубин, меҳру садоқатро бубин,***
***Байни замину осмон ҳамчун булӯр омад баҳор.***
***Мижгони дилро хам зада, муште ба дарду ғам зада,***
***Аз пуштаҳои пушти кӯҳ чун марди зӯр омад баҳор.***
***Бедории Норинисо чун дид дар шабҳои тор,***
***Аз олами афсона бо шавқу сурур омад баҳор.***

*Ай дили ман, биё-биё, соҳиби хонаро бубин,*
*Чангу чағонаро бубин, мулки фасонаро бубин.*
*Фасли баҳор омада, турна қатор омада,*
*Қад-қади кӯчаҳои дил савти таронаро бубин.*
*Масту хумор меравад, то бари ёр меравад,*
*Дар бари ёри орзу шӯхи замонаро бубин.*
*Хонда суруди ёр-ёр Зӯҳра ба рақс омада,*
*Зӯҳраи зиндагии ту хона ба хонаро бубин.*
*Дасти ба даст меравад, сӯи шикаст меравад,*
*Зи ҳар шикасту банди хеш биё, нишонаро бубин.*
*Суруди ҷовидонаӣ, саре дар остонаӣ,*
*Дар осмони зиндагӣ моҳи ягонаро бубин.*
*Норинисои ту манам, дарду давои ту манам,*
*Банданавози ман туӣ, банди фасонаро бубин.*



https://bikhon.tj/

*Аз ҷурму гуноҳ меҳаросам,*
*Аз мансабу ҷоҳ меҳаросам.*
*Дар маснади кибриёи ҳастӣ,*
*Аз ҳоли табоҳ меҳаросам.*
*Дастам нарасад агар ба гардун,*
*Аз гардиши моҳ меҳаросам.*
*Бешу ками даҳр баҳри ман ҳеҷ,*
*З-имрӯзу пагоҳ меҳаросам.*
*Бар аҳли ҳунар таваҷҷӯҳам беш,*
*Аз ҷоҳили роҳ меҳаросам.*
*Аз бехирадони бемурувват,*
*Аз шоми сиёҳ меҳаросам.*
*Ҳар кас ба сари зи магз холӣ,*
*Бинҳод кулоҳ, меҳаросам.*
*Аз ашки дили ятиммонда,*
*Чун аз пари коҳ меҳаросам.*
*Ҷоми нигаҳам зи оби дида,*
*Пур шуд, зи нигоҳ меҳаросам.*
*Дар байни замину осмонам,*
*Аз нолаву оҳ меҳаросам.*
*Зиндонии зиндагии хешам,*
*Аз ғайбати шоҳ меҳаросам.*
*Нории нисои қисмат астам,*
*Аз пушту паноҳ меҳаросам.*



https://bikhon.tj/

***Агар хориву нодорӣ, тавофи Каъбатулло кун,***
***Агар садсола беморӣ, тавофи Каъбатулло кун.***
***Агар фарзанди инсонӣ, баномусу бавиҷдонӣ,***
***Ба дӯши зиндагӣ борӣ, тавофи Каъбатулло кун.***
***Агар дар хеш печидӣ, зи хори наҳс гул чидӣ,***
***Ба ҳабси ғам гирифторӣ, тавофи Каъбатулло кун.***
***Надонӣ лову иллаллоҳ, мадад пурсида аз Аллоҳ,***
***Чу мебинӣ мададгоре, тавофи Каъбатулло кун.***
***Қаландарзодае бошӣ, ба раҳ афтодае бошӣ,***
***Бикун аз баҳри худ коре, тавофи Каъбатулло кун.***
***Агар андӯҳу ғам дорӣ, кулаҳ аз чашми нам дорӣ,***
***Чу мӯреро наёзорӣ, тавофи Каъбатулло кун.***
***Зи Нории нисо дурӣ, агар нодору маҳҷурӣ,***
***Намепурсӣ агар ёрӣ, тавофи Каъбатулло кун.***



https://bikhon.tj/

*Аз муҳаббат гар иморат кардани бошӣ, биё,*
*Каъбаи дилро зиёрат кардани бошӣ, биё.*
*Дар ҳавои зиндагӣ сарсону саргардон шуда,*
*Баъди сарсонит роҳат кардани бошӣ, биё.*
*Меҳрро то қуллаи Боми Ҷаҳон бардошта,*
*Аз дили холӣ шикоят кардани бошӣ, биё.*
*Шиква кардан аз гузашти вақт кори мо набуд,*
*Аз шикоятҳо ривоят кардани бошӣ, биё.*
*Меҳрубонии ту дигар баҳри ман афсона не,*
*Аз ғами дунё ҳикоят кардани бошӣ, биё.*
*Зиндагонӣ ҳамчу абри даргузар буду гузашт,*
*Бар ҷудоиҳо ишорат кардани бошӣ, биё.*
*Аз барои рӯҳи ишқи поку беолоишам,*
*Аз Каломулло қироат кардани бошӣ, биё.*



https://bikhon.tj/

*Аз ғусса раҳоӣ нест, дардома давое нест,*
*Байни ману ту, ай дил, ҷанг асту ҷудоӣ нест.*
*Берун бирав аз хона, олам ҳама афсона,*
*Афсонаи қисматро ноеву навое нест.*
*Аз Фотимаи Заҳро дасти ба дуо дорам,*
*Ҳарчанд ки ҳар касро дастеву дуое нест.*
*Пирони хирад имрӯз ошуфтаву ошуфта,*
*Зеро ки зи аҳли дил як майда садое нест.*
*Бемеҳриву бесабрӣ дунёра ба даст овард,*
*Дунёи дилам ҳасту як нағмасарое нест.*
*Дар кунҷу канори даҳр бо номи Нисо бисёр,*
*Аммо чу мане дигар Нории нисое нест.*



https://bikhon.tj/

*Ай номусулмони Худо, парҳез кун аз тири мо,*
*Аз оҳи ногоҳи дилу аз нолаи шабгири мо.*
*Ҳарчанд дил озурдаӣ, шодӣ ба ягмо бурдаӣ,*
*Аҳримани бабри сияҳ банд аст дар занҷири мо.*
*Ҳарфи ҷаҳолатро бубар бар пушта, зери хок кун,*
*Дар банду басти зиндагӣ дигар маҷӯ тақсири мо.*
*То бар Сурайё мерасад, бар авҷи аъло мерасад,*
*Оҳу фигону нолаи ҳамдарду ҳамтақдири мо.*
*Пирони кори рӯзгор пирона барбастанд бор,*
*Рафтанд бар сӯи Адам аз нолаи дилгири мо.*
*Бар ҳамдилу ҳамсояҳо ҳаргиз намегӯем мо,*
*Аз гиряҳои ҳастии беаввалу охири мо.*
*Норинисоро бингаред, базми сухан ороста,*
*Мехоҳадаш як каф дуо аз пири ботадбири мо.*



https://bikhon.tj/

*Аё кайҳоннаварди дил, ба кайҳони дилам боз о,*
*Аё, ай раҳнаварди дил, ба айвони дилам боз о.*
*Аё масту аласти ман, шикаст андар шикасти ман,*
*Бигӣ паймона чандеву ба паймони дилам боз о.*
*Чӣ даҳри бесаранҷоме, на огозеву на анҷоме,*
*Туӣ огозу анҷомам, ба бӯстони дилам боз о.*
*Дар ин як пораи мулки дилам ҳар кас намегунҷад,*
*Ту эй ҳамошёни ман, чу меҳмони дилам боз о.*
*Ҳамин дунёи дурӯза чӣ асроре ба худ дорад?*
*Ниҳону ошкори ман ба пинҳони дилам боз о.*
*Якумрӣ интизорат буд Нории нисои даҳр,*
*Ба бахти ман, ба тахти ман чу султони дилам боз о.*



https://bikhon.tj/

*Аввалину охирин мушкилкушоям, модарам,*
*Раҳбару раҳинтизору раҳнамоям, модарам.*
*Хилвати шабҳо сари гаҳвора бо Парвардигор,*
*Роз гуфтӣ, гавҳари қиматбаҳоям, модарам.*
*Дар сари меҳроби ҳастӣ баҳри фарзандони худ,*
*Ҳар нафас бикшодаӣ дасти дуоям, модарам.*
*То ҳанӯзам ҳифз месозӣ зи ҳар дарду бало,*
*Аз ту бошад ибтидову интиҳоям, модарам.*
*Рӯҳи ту ҳар лаҳза дар парвоз гирди хонаам,*
*Хонаи дилро бароят мекушоям, модарам.*
*Баски маҳрумам зи меҳру илтифоти дӯстон,*
*Ҳар куҷо аз дарди ҳиҷрон месароям, модарам.*
*То даме, ки зиндагӣ дорам дар ин дунёи дун,*
*Зодаи меҳри туям, Норинисоям, модарам.*



https://bikhon.tj/

*Аз даҳр ба ҳар як нафаре ҷабру ҷафо монд,*
*Номи ману номи туву Момои Ҳаво монд.*
*Соҳибдилу соҳибназарон рӯз надиданд,*
*Захми сухану заҳри бадан тири қазо монд.*
*Мургони ҳаво чун ғазали тоза нагуфтанд,*
*Мерос ба мо чанд пари мурғи Ҳумо монд.*
*Бар танбалу овораву бечораи дунё,*
*Тақдир чунин кард, ки каҷкӯли гадо монд.*
*Бебаҳра зи фазли сухани ҳақ ҳама рафтанд,*
*Аз давлату аз савлаташон ҳеҷ ба мо монд.*
*Аз бандаи миранда чӣ дорӣ талаби умр?*
*Аз даҳри фано баҳри шумо ақли расо монд.*
*Он дам, зи сурогаш Малакулмавт биёяд,*
*Дар бодия нақше зи қадамҳои шумо монд.*
*Соҳибнафасон, лутфи шумо бод зиёда,*
*З-имрӯзи шумо нусхаи фардои шумо монд.*
*Ҳарчанд ки дар сӯҳбати худ роҳ надоданд,*
*Шоҳон ҳама рафтанду туву Норинисо монд.*



https://bikhon.tj/

*Бар чораи бечора расидӣ, нарасидӣ?*
*То мардуми овора расидӣ, нарасидӣ?*
*Ҳар як нафаре хост ғами дил ба ту гӯяд,*
*То мулки дили чора расидӣ, нарасидӣ?*
*Девору дари хонаи уммед бубаста,*
*То дидаи ҳар пора расидӣ, нарасидӣ?*
*Аз сабр агар қасри тило дошта бошӣ,*
*То ишқ ба якбора расидӣ, нарасидӣ?*
*Андар бағали дард агар кардаӣ тоқат,*
*То бар гираҳу пора расидӣ, нарасидӣ?*
*Хору хаси дунё ҳама имрӯз кулаҳпӯш*
*То бар нигаҳи хора расидӣ, нарасидӣ?*
*Нории нисоӣ, чу ба дил кина надорӣ,*
*Бе кина ба маҳвора расидӣ, нарасидӣ?*



https://bikhon.tj/

*Бар хонаи дили мо Наврӯз омаду рафт.*
*Аз бурҷи арши аъло Наврӯз омаду рафт.*
*Дар сурати чаканпӯш, шодию ғам дар оғӯш,*
*Ҳамранги мурғи анқо Наврӯз омаду рафт.*
*Шаббодаи шаби тор зулфоша шона мезад,*
*Чун субҳи рӯҳафзо Наврӯз омаду рафт.*
*Дар базми ошиқона, бо рӯҳи орифона,*
*Чун Юсуфи Зулайхо Наврӯз омаду рафт.*
*Дилро дигар хабар не аз рафту омади умр,*
*Чун умри рафтаи мо Наврӯз омаду рафт.*
*Дар даҳр оламе буд, шодию мотаме буд,*
*З-ин ду накарда парво Наврӯз омаду рафт.*
*Норинисои худро дар кӯчаи муҳаббат*
*Гарчӣ накард пайдо, Наврӯз омаду рафт.*



https://bikhon.tj/

*Беаҳд агар будаву бошӣ, чӣ тавон кард?*
*Дилсард агар будаву бошӣ, чӣ тавон кард?*
*Аз меҳр буридиву расидӣ сари манзил,*
*Бедард агар будаву бошӣ, чӣ тавон кард?*
*Дар мулки хаёли ман агар ҷойнишинӣ,*
*Бевард агар будаву бошӣ, чӣ тавон кард.*
*Дар сарҳади ғам нуқтаи таммат нагузорӣ*
*Шабгард агар будаву бошӣ, чӣ тавон кард?*
*"Мардӣ набувад фитодаро пой задан"*
*Номард агар будаву бошӣ, чӣ тавон кард?*
*Дар боғи муросо ту дигар ҷой надорӣ,*
*Ҷогард агар будаву бошӣ, чӣ тавон кард?*
*Саҷҷода ба сар кардаву сар дар сари меҳроб,*
*Чун гард агар будаву бошӣ, чӣ тавон кард?*

*Бар мо дигар ин гиряву ин ханда басанда,*
*Ҷабру ситами олами гарданда басанда.*
*Рафтем агар то сари бозори муҳаббат,*
*Хокистари эҳсос шуд оганда басанда.*
*Пири суханам даст бикшоду дуо дод,*
*Ҳар ҳарфи дуо давлати поянда, басанда.*
*Шомеву шабе дар ҳарами дидаи мо буд,*
*Пайгомбари ишқ ба тан жанда, басанда.*
*Овозаи шеъри ману ту то ба фалак рафт,*
*Маънниш ба ҳар фарди пасоянда басанда.*
*Гар аҳли ҳунар бошаду маънниш бидонад,*
*Шеърам ба дили чанд сароянда, басанда.*
*Дар васфи шумо Норинисо чанд ғазал гуфт,*
*Бо лутф сухан гуфтани ин банда басанда.*



https://bikhon.tj/

*Бо меҳнати чилсола чилсола алам дорам,*
*Як даста гули зебо аз ғурбату ғам дорам.*
*Раҳтӯшаи мардумро аз меҳр намебинам.*
*Месозаму месӯзам то дидаи нам дорам.*
*Аз ҳарфи пароканда мардум ҳама шарманда.*
*Аз бехирадиҳошон, э вой, чӣ ҳам дорам?*
*Аҳли ҳунару маънӣ аз мадди назар дуранд,*
*Сад шукр мукофоте аз ашки қалам дорам.*
*Шоми сияҳи тақдир будаст хиёнаткор,*
*Субҳеву сафое ку? Аз ғусса рақам дорам.*
*Ман мондаву ин хона, ин хонаи вайрона.*
*Дар хонаи вайрона ободии кам дорам.*
*Бар аҳли назар бешак мақбул газалҳоям,*
*Зеро зи Худои хеш ман ҳадя қалам дорам.*
*Норин нисоям ман, аз ғусса раҳоям ман,*
*Аз нури нигоҳи ту дар дида рақам дорам.*

*Бо ғаму шодии дил занҷирбандам то ҳанӯз*
*Дар сари савдои ҳастӣ чуну чандам то ҳанӯз.*
*Дар раҳу пайроҳаи пурпечутоби зиндагӣ*
*Бовиқору хоксору сарбаландам то ҳанӯз.*
*Арзи ҳастӣ мекунад имрӯзу фардоҳои ман,*
*То нависам шеъри дил занҷирбандам то ҳанӯз.*
*Ҷо гирифта дар дилам меҳру муҳаббат ҷовидон,*
*Аз замин то осмон дар банд-бандам то ҳанӯз.*
*Рӯҳи поки Хоҷаи Табрез бошад дар суроғ,*
*Дар мазори аҳли маънӣ латтабандам то ҳанӯз.*
*Мепарастам шомро дар партави моҳи мунир,*
*Бар маҳи рухсоратон ихлосмандам то ҳанӯз.*
*Ҳамчу Норин нисои олами афсонавӣ*
*Шаҳсавори мутлақи зебосамандам то ҳанӯз.*

*22 декабри 2010*



https://bikhon.tj/

*Бедарди сар куҷое, нури басар куҷое?*
*Дар чорроҳи қисмат шому саҳар куҷое?*
*Нури нубувват орад хуршеди зиндагонӣ,*
*Хуршеди зиндагонӣ болои сар куҷое.*
*Сӯҳони умр ҳар дам кафшер мекунад боз*
*Умри дурӯзаи мо, марди сафар куҷое.*
*Модар ба пешвозам нони баҷазза пухта,*
*Нони баҷаззае ку, гулдаста дар куҷое?*
*Момои пири деҳа ҳар шаб фасона мегуфт,*
*Афсонагӯиҳояш аз баҳру бар куҷое?*
*Дар қисмати ману ту будаст талхкомӣ,*
*Талхии зиндагиро таъсир дар куҷое.*
*Дар мулки сабр имрӯз Норинисост пирӯз*
*Пирӯзияш муборак гӯянд ҳар куҷое.*

*5 феврали 2009*



https://bikhon.tj/

## БАРОИ ФАРЗАНДИ ШУҶОИ ВАТАН ФАЙЗУЛЛО МУҲАММАДИЕВ

*Дар бари домони сабзи зиндагонӣ зиндаем,*
*Дар диёри файзбахшои ҷавонӣ зиндаем.*
*Умри мо ҳар рӯзу ҳар соат агар кам мешавад,*
*Бо умеди дилбариву дилситонӣ зиндаем.*
*Дар канори беканори субҳи фардои Ватан,*
*Аз ватандорӣ ба сар тоҷи каёнӣ зиндаем.*
*Меҳри ӯ ҳар лаҳза то бар арши аъло мебарад,*
*Дар баландӣ ҳам ба меҳру дилситонӣ зиндаем.*
*Ганҷи мо мероси аҷдодии бобоёни мост,*
*Баҳравар аз ҳикмати дуррул-маонӣ зиндаем.*
*То ба гардун мебарад як каф дуои пири мо,*
*Бо дуои некашон дар ҳар замоне зиндаем.*
*Ҳамраҳи Норинисои олами фазлу ҳунар*
*Байни ёрону рафиқон ҷовидонӣ зиндаем.*

## БАРОИ ИДДАЕ БЕХИРАДОН

*Дар маҳалли аблаҳони даҳр бадномам ҳанӯз,*
*Аз суханнофаҳмиҳошон захр дар ҷомам ҳанӯз.*
*Аз ҷаҳолат як қадам берун намемонанд пой*
*Войи ин мардум, ки талхиҳост дар комам ҳанӯз.*
*Дар сари бозори ҳастӣ арзи ҳастӣ мекунанд,*
*Марги ҳастишон, зи ғавғо бесаранҷомам ҳанӯз.*
*Кӯҳсори сабри ман таркид аз дашномашон,*
*Аз даҳонолудаҳо субҳи сияҳфомам ҳанӯз.*
*Мужда орад ҳар нафас аз камшавии умри ман*
*Ҳар қадар дар роҳи мушкилгард оромам ҳанӯз.*
*Бо ҳама пастӣ-баландиҳои роҳи зиндагӣ,*
*Хандаи мастона дорад субҳ бар шомам ҳанӯз.*
*То бигӯям қиссаҳои ишқи новарзидаро*
*Интизори омади домоди илҳомам ҳанӯз.*

*8 марти 2009*



https://bikhon.tj/

*Баъд аз табу тобеву пас аз хориву зорӣ*
*Шаб то ба саҳар кори шумо шукргузорӣ.*
*Аз лутфи Худованд биёранд насиба,*
*Андӯҳ кунад тарк шуморо чу фирорӣ.*
*Озору алам дар қалами ҳузн набошад,*
*Шодӣ бикунад ҳамраҳатон субҳ наҳорӣ.*
*Парвардаи обеву заминеву замонед,*
*Гулдаста бубандед зи гулҳои баҳорӣ.*
*Шавқу ҳаваси хонаи уммед, ки доред,*
*Наздик биёред ба ҳам қавлу қароре.*
*Гул дар бағали хор ба ночор нишинад,*
*Аз рӯзи азал буд чунин хешу таборӣ.*
*Норӣи нисо ҳадя фиристод ғазалҳош,*
*Дар ҳар ғазалаш меҳр кунад аспсаворӣ.*

*12 марти 2009*



https://bikhon.tj/

*Бо меҳри ду-серӯза ду-серӯза алам буд,*
*Шодӣ ба дари хона ба ду дидаи нам буд.*
*Оромгаҳи мулки пурасрори фасона*
*Хилваткадаи рози дили аҳли ҳарам буд.*
*Шомеву шабе субҳ агар шуд мутаваллид,*
*Парпечи вай аз докаи абрешими ғам буд.*
*Хилваткадаи умр тиҳӣ буд зи ёре,*
*Агёр вале гирд ба гирдам ҳама дам буд.*
*Шаббодаи шаб муждаи васли ту наёвард,*
*Зеро, ки раҳи бахт паси лавҳу қалам буд.*
*Аз меваи ширини муҳаббат начашидем,*
*Чун талхии ин мева сари чанд рақам буд.*
*Нории нисо аз шакару заҳри замона,*
*Нӯшид, ки он неъмати яздонии Ҷам буд.*



https://bikhon.tj/

*Ба ин ноошноиҳо набудан ошно беҳтар.*
*Ҳамеша ҳифз кардан хештанро аз бало беҳтар.*
*Насиби ту нагардидаст гар рухсори хуршедӣ,*
*Чу хуршеди ҷаҳон ҳар ҷо равӣ бемуттако беҳтар.*
*Замини санглохи мо надорад дидаи сангӣ,*
*Аз ин сангиндилони даҳр рафтан ҳар куҷо беҳтар.*
*Хушомадгӯйиҳо дорад асар бар ҳастии инсон,*
*Аз ин рафтори ношоиста гардидан раҳо беҳтар.*
*Ба хуни дил бувад олуда ҳар як сатри шеъри ман,*
*Нахонад бедиле аз шеъри ман ҳарфу ҳиҷо беҳтар.*
*Замини сарбаланд омӯхт бар ман хоксориро,*
*Зи хоки пои доно заррае бошад шифо беҳтар.*
*Лаби хомӯши ман аз ранҷ агар озорҳо дорад,*
*Кашидан ранҷи роҳи ҳақ ба Нории нисо беҳтар.*

*16 майи 2009*



https://bikhon.tj/

***Биё имрӯз бар кошонаи дил,***
***Бизан бар зулфи мотам шонаи дил.***
***Магӯ аз нобасомонии дунё,***
***Мабар ғамро ба меҳмонхонаи дил.***
***Магӯ доғи дилам бисёр гашта,***
***Куҷо ғунчад сари парвонаи дил.***
***Дигар пайванд кардан нест мумкин***
***Шикасти гавҳару дурдонаи дил.***
***Шаби торику ман шабзиндадорам,***
***Сари гаҳвораи бегонаи дил.***
***Гумони бад мабар дигар сари ҷаҳл***
***Зи сӯзу сози бедардонаи дил.***
***Магӯ дигар ба ман афсонаи дил,***
***Ибодат мекунам дар хонаи дил.***

***22 июни 2009***



https://bikhon.tj/

*Баҳористони умри ман баҳори дигаре дорад,*
*Нигоҳам дар самои бекарона ахтаре дорад.*
*Садои махмалини обшори зиндагиро бин,*
*Миёни офтобу моҳи нав шӯру шаре дорад.*
*Чаманзори хаёлам сабз аз нури раҳи ҳақ бод,*
*Чу дар роҳи тариқат баҳри худ пайғамбаре дорад.*
*Сару савдои ман дигар дар ин дунё намеғунҷад,*
*Дар ин ҷову дар он ҷо аз муҳаббат меҳваре дорад.*
*Мағӯед аз барои ман дигар афсонаи қисмат,*
*Сукути кӯҳсори умр аз ғам дафтаре дорад.*
*Харобу нотавонӣ заъф орад гар ба ҳастиям*
*Ба қасдаш аз гули бобуна сад хушку таре дорад.*
*Биё, Норинисо, бар олами бедарди афсона,*
*Ки ҳар афсона дар афсуни худ болу паре дорад.*

*25. 06. 2009*



https://bikhon.tj/

## БАРОИ ЛАТОФАТБОНУ
## ДАР РӮЗИ МАВЛУДАШОН

*Боғбони боғи истеъдод, доим зинда бош,*
*Шоҳбайти олами эҷод, доим зинда бош.*
*Даҳри дунпарвар кушояд гар ба рӯят хони ғам*
*Аз ғаму андӯҳи дил озод, доим зинда бош.*
*Бо адолат, бо латофат зиндагонӣ мекунӣ,*
*Бо нигоҳи гарму қалби шод доим зинда бош.*
*Дар баландиҳои кӯҳи сарбаланди орзу,*
*Ҳамчу нахли сабзи Фахробод доим зинда бош.*
*Шаҳрзоди олами андеша бошӣ ҳар нафас,*
*Номбардори бузург-авлод, доим зинда бош.*
*Рӯҳу арвоҳи азизон дастгиру ёварат,*
*Ҳамчу истеъдоди модарзод, доим зинда бош.*
*Аз самими дил ҳамегӯянд ёру дӯстон*
*Рӯзи тавлидат муборак бод, доим зинда бош.*

*8 июни 2009*



https://bikhon.tj/

*Боли парвозам шикастӣ, зинда бош,*
*Аҳд бо бегона бастӣ, зинда бош.*
*Бо шару шӯре, ки дорӣ дар бадан,*
*Дар сари гирдоби мастӣ, зинда бош.*
*Нақши ту нақши замини нозанин,*
*Рӯй дар авроқи ҳастӣ, зинда бош.*
*Ҳою ҳуе мекунӣ дар рӯи хок,*
*Хокии оташпарастӣ, зинда бош.*
*Ҷом бар каф меравӣ сӯи само*
*Ҷоми ғам ҳар дам ба дастӣ, зинда бош.*
*Мушт бар пушти ҳарифон гар занӣ,*
*Ҷо маҷӯ то ҳадди пастӣ, зинда бош.*
*Раҳ наёбӣ то дили Норинисо*
*Ёдгоре аз Маҳастӣ, зинда бош.*

*1 июли 2009*



https://bikhon.tj/

*Ба ҷои гул бароям хор овардӣ, саломат бош,*
*Фақат ранҷу ғаму озор овардӣ, саломат бош.*
*Нишемангоҳи ман дар олами болои боло буд,*
*Зи боло то ба пастӣ бор овардӣ, саломат бош.*
*Шароби арғувони орзуро рехтӣ бар хок,*
*Хаси раҳро сари девор овардӣ, саломат бош.*
*Шумори умри худро ҳеҷ инсоне намедонад,*
*Дили бедардро бар дор овардӣ, саломат бош.*
*Сукути зиндагӣ бар мо табассум мекунад аз дур,*
*Табассумро бари ағёр овардӣ, саломат бош.*
*Ба рӯи бистари дарвешиям танҳоӣ мехобад,*
*Зи танҳоӣ ғами бисёр овардӣ, саломат бош.*
*Дар ин пастӣ-баландиҳои роҳи бегазанди меҳр*
*Ба ман иқрор ҳам инкор овардӣ, саломат бош.*

*1 августи 2010*



https://bikhon.tj/

*Ба соҳибдил дар ин дунёи рӯшан рӯшноӣ нест,*
*Гумону шубҳа ҳасту аз алови ғам ҷудоӣ нест.*
*Ғами афтодагони даҳр доим бори дӯши ӯст,*
*Барояш ошёне ҳасту як ҳамошёне нест.*
*Ғубори дил ба рӯи дидааш дигар намешорад,*
*Фазои хотираш орӣ зи банди ошноӣ нест.*
*Сари болои ӯ дар пеши ҳар кас хам намегардад*
*Агарчанде ҷиҳозаш дар ҳади беэътиноӣ нест.*



https://bikhon.tj/

*Бар мо дари дил кушод фарҳанг,*
*Тоҷе сари мо ниҳод фарҳанг.*
*Дар олами беқиёси ҳастӣ,*
*Гулгунчаи ақл дод фарҳанг.*
*Субҳе сари шом хуфта будем,*
*Аз адл насиба дод фарҳанг.*
*Афлотун агар дарояд аз дар,*
*Бикшод дари мурод фарҳанг.*
*Шодию нишоту хотири ҷамъ,*
*Доду сари ғам ба бод фарҳанг.*
*Бо баддилу бадкору бадандеш,*
*Дорад ҳама дам ҷиҳод фарҳанг.*
*Дар сояи нахли некномӣ,*
*Ҳамсӯҳбати Синдбод фарҳанг*



https://bikhon.tj/

*Ба ғамҳои ту одат мекунам оҳиста-оҳиста,*
*Ба дарди ҳаҷр тоқат мекунам оҳиста-оҳиста.*
*Дурӯғи бефурӯғатро шунидан кори душвор аст.*
*Дурӯғатро ҳақиқат мекунам оҳиста, оҳиста.*
*Саҳаргоҳон ба меҳроби муҳаббат саҷда оварда,*
*Барои ту ибодат мекунам оҳиста-оҳиста.*
*Агар умри азизамро ба ягмо бурд танҳоӣ*
*Ба танҳоӣ қиёмат мекунам оҳиста-оҳиста.*
*Агарчанде ки дил дорад ҷароҳатҳои бисёре,*
*Ҷароҳатро табобат мекунам оҳиста-оҳиста.*
*Басо ҷустам дар ин дунёи дун инсони комилро,*
*Наёбам гар, қаноат мекунам оҳиста-оҳиста.*
*Зи ҳар буду набуди зиндагӣ дигар наменолам,*
*Каломулло тиловат мекунам оҳиста-оҳиста.*



https://bikhon.tj/

***Бо нардбони тақдир боло равем ё на?***
***То бар диёри тадбир боло равем ё на?***
***Умри гузаштаи мо сад нола дорад аз мо,***
***Пайванди чанд занҷир, боло равем ё на?***
***Пайроҳаи муҳаббат то ҳол нокушуда***
***Бо қувваи ҷаҳонгир боло равем ё на?***
***Хомӯш будани мо маънои нестӣ нест,***
***Бо гоибу ба ҳозир боло равем ё на?***
***Хандидани ману ту оҳанги гиря дорад,***
***Андар миёни ду тир боло равем ё на?***
***Шаҳбози орзуҳо рафтанд то куҷоҳо,***
***Бо нолаҳои шабгир боло равем ё на?***
***Дар олами маонӣ чун Нории нисоем***
***Бо риштаҳои тасвир боло равем ё на?***

***4 январи 2010***



https://bikhon.tj/

*Бо ҷавонияш ҷаҳон моро ба пирӣ мебарад,*
*То диёри дардҳо дунболагирӣ мебарад.*
*Вонамуда хешро чун волидайни меҳрубон,*
*То ба дунёи пур аз ғавғои мирӣ мебарад.*
*Такягоҳе гар надорӣ дар ҷаҳони бесутун*
*Шаҳсутуни адлро дар кӯлборе мебарад.*
*Пайрави рӯҳи азизон меҳисобад хешро,*
*Аз замин то бар само бо дастгирӣ мебарад.*
*Мешуморад хешро парвардаи аҳли хирад*
*Бар ҳама ҷо дасти ӯ гирӣ, нагирӣ, мебарад.*
*Хориву зорӣ аз ӯ, дорову ҳам нодор ҳам,*
*Аз назири зиндагӣ то беназирӣ мебарад.*
*Ғам махӯр Норинисо аз буду нобудаш дигар*
*Дорад асроре, ба пирӣ, ё ба мирӣ мебарад…*

**5 январи 2010**



https://bikhon.tj/

*Бар хонаи оинаи дил боз биёед,*
*Бар олами афсонаи дил боз биёед.*
*Ҳар субҳ агар ҷои намозӣ бинишинед,*
*Бар хилвати поринаи дил боз биёед.*
*Аз сӯҳбати нокас бигурезед ба тадриҷ,*
*Бар дидгаҳи шонаи дил боз биёед.*
*Бар шоми сияҳ дида бидӯзед ба уммед,*
*Ҳар бор ба кошонаи дил боз биёед.*
*Хомӯш нишастан ба шумо хос набошад,*
*Чун гавҳари якдонаи дил боз биёед.*
*Шомеву шабе дар багали бахт нишинед,*
*Бар дидаи меҳронаи дил боз биёед.*
*Аз шеъри дили Норинисо дур набошед,*
*Бар маҳфили шоҳонаи дил боз биёед.*

*12.12.2010*



https://bikhon.tj/

*Ба даргоҳи Худои қодиру ҷаббор шукрона,*
*Ба шодии каму андӯҳи нотакрор шукрона.*
*Ба фарзандони бонанги диёри офтобиям,*
*Ба ноаҳлони бераҳми сари бозор шукрона.*
*Ба пайвандони халқи номдору номбардорам,*
*Ба санги рӯи роҳи ёри дилбардор шукрона.*
*Ба гирдогирди гардун чарх гардад меҳвари уммед,*
*Ба чашми гиряолуди ятими зор шукрона.*
*Ба дунёи хирад гар бехирад раҳ ёфт, боке не.*
*Ба чашми интизори ёри дилбардор шукрона.*
*Ба мӯи сап-сафеди модари чашминтизори даҳр ,*
*Ба хатту холи рӯи духти маҳрухсор шукрона.*
*Махӯр ғам аз хати ожанги рӯ, Норинисо, имрӯз*
*Ба нури рӯи поки модари ғамхор шукрона.*

***14.01.2010***



https://bikhon.tj/

*Ба дунёи дили мо ёр не, агёр меояд,*
*Сабукбору сияҳрӯзу шакаргуфтор меояд.*
*Намебинад гарониҳои бори зиндагониро*
*Сари ҳар буттаи гул чун гули беор меояд.*
*Агарчанде сарироҳаш харидораш намебошад*
*Барои дидани дидори гулрухсор меояд.*
*Шароби талхи навмедӣ барояш талх мебошад,*
*Агар аз қуллаи болои мо озор меояд.*
*Хамӯшу бесадо бо хеш бераҳмона меҷангад,*
*Ба хотирбинии хори сари девор меояд.*
*Умеду орзуяш чун хаёлаш пучу бемазза,*
*Чу ёри бовиқори шаҳри бадкирдор меояд.*
*Биё, Норинисо, дигар маҷӯ асрори оламро,*
*Ба мо имрӯзу фардо муждаи дилдор меояд.*

*15.01.2010*



https://bikhon.tj/

*Ба дарду доғи дунёе, ки мо дорем, шукрона,*
*Ба мавҷи оби дарёе, ки мо дорем, шукрона.*
*Ба гирди чархи гардун гирд гардад меҳвари уммед,*
*Ба ҳусну қубҳи руъёе, ки мо дорем, шукрона.*
*Ғами дил як тараф мемонаду кас шод мегардад,*
*Агар аз нағмаи ноe, ки мо дорем, шукрона.*
*Зи сар то пои мо занҷир аз шарму ҳаё дорад*
*Зи шарму аз ҳаюҳое, ки мо дорем, шукрона.*
*Хамӯшиҳои мо аз ҳарфи воло боз болотар*
*Хамӯшиҳои волое, ки мо дорем, шукрона.*
*Сукути нимашабҳо яккафарёди хаёли мост*
*Ҳар он ҳарфу ҳиҷоҳое, ки мо дорем, шукрона.*
*Агарчанде ки Нории нисои олами шеърем*
*Аз он Норинисоҳое, ки мо дорем, шукрона.*

*20.01.2010*



https://bikhon.tj/

*Ба ҳар ҷое, ки рафтам нест оромӣ.*
*На аз агёру не аз ёр пайғоме.*
*На бозори муҳаббат пойбарҷо,*
*На дил дорад ба каф аз бахт ҷоме.*
*На рӯи хотири ҳамсоя монда,*
*На аз гуфтору аз кирдор номе.*
*На духтар мекунад парвои модар,*
*На модар хоҳад аз ӯ некномӣ.*
*На гулро дар канори хор бинам,*
*На булбул нола дорад зери боме.*
*На аз имрӯзу аз фардои дигар*
*Надорад кас умеди субҳу шоме.*
*Биё, Норинисо, дигар махур ғам,*
*Бирав қасри тилои некномӣ.*



https://bikhon.tj/

*Бе дуои модарон имрӯзу фардоҳо куҷо?*
*Бе ҷилои ахтарон шоми шаби ялдо куҷо?*
*Бе сухан андар канори зиндагӣ хорем мо,*
*Бе ватан афсонаҳои олами рӯъё куҷо?*
*Қувваи аҳриманӣ моро ба сӯяш мекашад.*
*Гар намедонем панди пири Мавлоно куҷо?*
*Саргузашти Одаму Ҳавво надорад маъние*
*Хок моро аз куҷоҳо мебарад то бар куҷо?*
*Фикри моро мебарад ҳар лаҳза иблиси лаин*
*То бидонад нестиву ҳастии мо то куҷо.*
*Ҳеҷ кас дар зиндагии худ надорад роҳате*
*Дар азобаш сабр кардан, ай Худоё, то куҷо?*
*Бори гурбатхонаи дунё ба дӯшаш меравад*
*Бонуи Норинисояш аз куҷое то куҷо?*

***25.01.2010***



https://bikhon.tj/

*Баҳра мегирад нигоҳам аз нигоҳи зиндагӣ,*
*Аз сару савдои имрӯзу пагоҳи зиндагӣ.*
*Шомро оғӯш мегирад гусели офтоб,*
*То биёбад роҳи худ дар нимароҳи зиндагӣ.*
*Ғам намегунҷад дигар дар ҷомадони хотирам,*
*Олами дигар бихоҳад дар паноҳи зинндагӣ.*
*Қомати пирони ботадбирро хам мекунад,*
*Ранҷу озоре, ки мепечад ба роҳи зиндагӣ.*
*Кори мо афтодану бархостан будасту бас,*
*Дар раҳи пурпечутоби боргоҳи зиндагӣ.*
*Сорбони вақт меҷӯяд сари осудагӣ,*
*То бисозад сила рӯи подшоҳи зиндагӣ.*
*Ай Худо, Норинисо пеши ту дорад илтиҷо:*
*Ҳифз кун моро ту аз рӯзи сиёҳи зиндагӣ.*

***31.01.2010***



https://bikhon.tj/

*Ба гӯшам мерасад шабҳо садо аз олами боло,*
*Куҷоӣ шабчароғи нурбахши шеъри Мавлоно?*
*Куҷоӣ кавкаби уммеди ҳар як бандаи хокӣ.*
*Куҷоӣ маскани андешаҳои бикри побарҷо?*
*Куҷо имрӯзу фардое, куҷо пинҳону пайдое,*
*Куҷое ибтидову интиҳои даҳри пурғавғо?*
*Куҷо дардеву дармоне, куҷо уммеду армоне,*
*Куҷоӣ шабчароғи осмони кишвари маъно?*
*Суруди ошноӣ нестӣ дигар танинандоз*
*Куҷое хотири ҷамъу дили аз дард бепарво?*
*Куҷо хоби парешоне, ки меорад парешонӣ?*
*Хамӯшиҳои пур аз обуранги олами маъно?*
*Надонистам сару савдои имрӯзу пагоҳи даҳр,*
*Чӣ мехоҳад дигар Парвардигорам аз ману аз мо?*

*5 феврали 2010*



https://bikhon.tj/

*Ба ҳар ҷое равем ай дил, Худо ҳамроҳи мо бошад,*
*Нигоҳи меҳрбори нохудо дар роҳи мо бошад.*
*Сутуни ошноиҳо агар андар шикаст афтад,*
*Шикасти зиндагӣ дар кӯтаҳӣ чун оҳи мо бошад.*
*Канори оби Рукнобод бошад интизори дӯст,*
*Сари саҷҷодаи ҳастӣ дурахшон моҳи мо бошад.*
*Гуноҳи бандагони хешро Аллоҳ медонад,*
*Хабардори ҳама олам худи Аллоҳи мо бошад*
*Набинад бандааш хориву зорӣ рӯзи беморӣ,*
*Дурахши оби дида дар даруни чоҳи мо бошад.*
*Хамӯшакҳо сари моро ба сӯи дард меоранд,*
*Намедонам кучои ин ҷаҳон дилхоҳи мо бошад.*
*Ба Норин нисо дигар магӯ афсонаи дилро,*
*Ки шояд як нафар аз дарди дил огоҳи мо бошад.*

*10.02.2010*



https://bikhon.tj/

*Ба ҳоли зори нодоре намехандам, намехандам,*
*Ба рафтори дилозоре намехандам, намехандам.*
*Агар аз осмон маҳтобро чун ҳадя меорад,*
*Ягон ёреву агёре намехандам, намехандам.*
*Шабу рӯзам баробар гар шавад бо гардиши айём,*
*Ба ҳарфи бепарасторе намехандам, намехандам.*
*Шукӯҳу шавкати дурӯза бар ман нест бегона,*
*Шунида ҳарфи беморе намехандам, намехандам.*
*Агар ҳар дам шамоли зиндагонӣ мекунад таъсир,*
*Ба таъсири хасу хоре намехандам, намехандам.*
*Фазои хотирамро лашкар ангезад қабои ғам,*
*Ба қасди ёри ғамхоре намехандам, намехандам.*
*Сареву сарҳисобе нест гар дунёи фониро,*
*Ба кори марди бекоре намехандам, намехандам.*

*12.02.2010*



https://bikhon.tj/

*Биё, бо ҳам ба даргоҳи Худо рӯи ниёз орем,*
*Сари кавну макони зиндагӣ дунёи роз орем.*
*Зи бешу кам лабони шиква барбандем якбора,*
*Ҳазорон бор шукрона ба рӯи ҷонамоз орем.*
*Хати тақдирро тадбир кардан гар набитвонем,*
*Ба рӯи дафтари дил оташи сӯзу гудоз орем.*
*Хати хонои дилро дарк кардан гар илоҷе нест,*
*Ба даргоҳи дили худ сабрро якбора боз орем.*
*Шукӯҳи олами маъно чу дилро мекунад тасхир,*
*Зи ҳар як маъние як олами маъно ҷиҳоз орем.*
*Камоли носипосӣ ҳар қадар, ки меравад боло*
*Зи болоҳои боло бар шумо эъҷози ноз орем.*
*Зи Нории нисо ҳар дам умеди ошноӣ дор*
*Кушо дасторхони дидаро то субҳ боз орем.*

*13.03.2010*



https://bikhon.tj/

***Бо панҷаҳои нармаш алвонҷ дода мӯям***
***Ойина мешуморад ожангҳои рӯям.***
***Аз шоми ноумедӣ бигрифтаам сафедӣ***
***Афсонаҳои дилро ман боз бар кӣ гӯям?***
***Роҳи дарози қисмат тай кардаам ба ҳасрат,***
***Аз дарду ҳасрати ман нахлест дар нумӯям.***
***Парвардигори олам бо дидаи пур аз нам,***
***Гӯё, ки офарида ҳамранги орзуям.***
***Дар дафтари сириштам бобе зи сарнавиштам,***
***Дорад мақоми олӣ аз тарзи гуфтугӯям.***
***Дар хилвати шаби тор ёр аст бо ман озор,***
***Гӯё, ки оби чашмам дармонда дар гулӯям.***
***Наззора дорад аз дур ду чашми ғарқ дар нур,***
***Ғофил аз он, ки буда умре ба ҷустуҷӯям…***



https://bikhon.tj/

*Барои ман ту ҳамчун офтобӣ,*
*Кушоиш дар тамоми фаслу бобӣ.*
*Канори шаҳраки уммеди қалбам*
*Ниҳону ошкоро инқилобӣ.*
*Намегирӣ ту дигар дасти тақдир,*
*Ба баҳри зиндагӣ ранги ҳубобӣ.*
*Гурӯҳе гирди ту парвона буда,*
*Ту шамъи нимсӯзи хиратобӣ.*
*Намехонӣ суруди ошноӣ,*
*Чу моҳии тило дар қаъри обӣ.*
*Сари ҳар сафҳаи авроқи гетӣ*
*Суоли чанд рӯзи беҷавобӣ.*
*Барои бонуи Норинисоят*
*Чу як афсона андар чанд бобӣ.*

*25.03.2010*



https://bikhon.tj/

*Бар чораи бечора расидӣ, нарасидӣ?*
*То мардуми овора расидӣ, нарасидӣ?*
*Ҳар як нафаре хост ғами дил ба ту гӯяд,*
*То мулки дили чора расидӣ, нарасидӣ?*
*Девору дари хонаи уммед бубаста,*
*То дидаи ҳар пора расидӣ, нарасидӣ?*
*Аз сабр агар қасри тило дошта бошӣ,*
*То ишқ ба якбора расидӣ, нарасидӣ?*
*Андар бағали дард агар кардаӣ тоқат,*
*То бар гираҳу пора расидӣ, нарасидӣ?*
*Хору хаси дунё ҳама имрӯз кулаҳпӯш*
*То бар нигаҳи хора расидӣ, нарасидӣ?*
*Нории нисоӣ, чу ба дил кина надорӣ,*
*Бе кина ба маҳвора расидӣ, нарасидӣ?*

*28 марти 2010*



https://bikhon.tj/

*Бар хонаи Норинисо мушкилкушохонӣ биё,*
*Бо хотири болидаву бо фазли яздонӣ биё.*
*Андӯҳро аз дар бирон, пайванд бо рӯҳи равон*
*Бикшо дари уммедро, чун духти сомонӣ биё.*
*Дар баҳри пуртугёни даҳр гарқидагонро ёд кун*
*Осори Мавлонои Рум пайваста мехонӣ, биё.*
*Бигзаштагонро ёд кун, аз тахти дил фарёд кун,*
*Чун дӯст бар маъвои дӯст ширин ғазалхонӣ биё.*
*Аз пастиву мастӣ магӯ, аз олами ҳастӣ магӯ,*
*Ободкун дунёи дил, дур аз парешонӣ биё.*
*Дилро ба дил пайванд кун, аз тахти дил хурсанд кун,*
*Хоби парешонии хеш ногуфта пинҳонӣ биё.*
*Дунёи чандинрӯзаро бар ҳастии худ ҷо мадеҳ,*
*Парво накарда ину он чун марди рӯҳонӣ биё,*
*Норинсоро ёд кун, аз тахти дил фарёд кун*
*Бар хонаи меҳру вафо чун рӯҳи Мавлоно биё.*

*28 сентябри 2012*



https://bikhon.tj/

*Бар хоҳари маҳтоб саломам бирасонед,*
*Бар шаршараи об саломам бирасонед.*
*Ҳар ҷо, ки бирафтед, бикӯбед дари дил,*
*Бар мардуми бехоб саломам бирасонед.*
*Аз шодию ғам ҳарф магӯед баисрор,*
*Бар шеди ҷаҳонтоб саломам бирасонед.*
*Мутриб агар оҳанги начибе бинавозад,*
*Бар панҷаи мизроб саломам бирасонед.*
*Бар шом магӯед шумо ҳоли дили мо,*
*Бар субҳи сияҳтоб саломам бирасонед.*
*Дар умри ду-серӯза зи андӯҳ гурезед,*
*Бар Рустаму Сӯҳроб саломам бирасонед.*
*Аз Норинисое, ки дуогӯи шумо аст,*
*Бар маҳфили аҳбоб саломам бирасонед.*



https://bikhon.tj/

*Бирафтам кӯ ба кӯ, саҳро ба саҳро,*
*Кашидам дардро танҳо ба танҳо.*
*Худо чизе, ки додам, шукр гуфтам,*
*Нагаштам дар ба дар аз баҳри коло.*
*Замини ақлро обод кардам,*
*Замини ишқро додам ба яғмо.*
*Сари ҳар сатр шаброрӯз кардам,*
*Ба уммеде, ки ояд субҳи фардо.*
*Дуо бигрифтам аз бобои Одам,*
*Навиштам қиссаи момои Ҳавво.*
*Ба рӯҳи волидайнам ҳадя кардам,*
*Шабу рӯз аз Каломулло дуъоҳо.*
*Ғаму дарде, ки пешорӯям омад,*
*Садо кардам равони Мустафоро.*
*Парастидам дар ин дунёи фонӣ,*
*Худорову расулони Худоро.*



https://bikhon.tj/

*Бирав аз хонаи дил, хонаи маҳтоб биё,*
*Чу сароби шаби маҳтоб лаби об биё.*
*Зиндагиро бикун огоз зи нав дар дили субҳ,*
*Рӯшании нигаҳи дидаи бехоб, биё.*
*Орзуро ба багал гиру чу тифле бинавоз,*
*Тифли уммед ба бар соҳили шодоб биё.*
*Дигар аз омадану рафтани худ шиква макун,*
*Шиква бар об бияндозу чу гирдоб биё.*
*Сари таъзим фуруд ор ба кошонаи ҳусн,*
*Ба тамошои дили кирмаки шабтоб биё.*
*Сухани ҳақ ба нишон мерасад, ар ҳақ бошад,*
*Ту ба қаъри дилам, ай гавҳари ноёб, биё.*
*Партави поки хаёлот ибодатгаҳи туст,*
*Ба ибодатгаҳи худ бар сари меҳроб биё.*
*Агар аз Норинисо чанд сухан мехоҳӣ,*
*Шаби маҳтоб лаби об ба мизроб биё.*



https://bikhon.tj/

*Баҳри ман аз олами болои боло қисса гӯ,*
*Аз замони Одаму момои Ҳавво қисса гӯ.*
*Аз дили афсонаҳо берун бикун афсонаро,*
*Аз фироқи Тоҳиру аз ишқи Зӯҳро қисса гӯ.*
*Ҳазрати Бурхи Валӣ ёру мададгорат шавад,*
*Аз ҳаёти анбиёву авлиёҳо қисса гӯ.*
*Зиндагиро аз нигоҳи зиндаҳо таҳқиқ не,*
*Аз нигоҳи рафтагони аз нав эҳё қисса гӯ.*
*Роҳи худро равшанӣ бахшо зи нури маърифат,*
*Аз гузашти вақт, аз бибиву бобо қисса гӯ.*
*Гар дар ин дунёи дун Юсуфи худро ёфтӣ,*
*Аз муҳаббатномаи духти Зулайхо қисса гӯ.*
*Достони дилнишину дилпазири даҳрро,*
*Аз дили Норинисо бо лаҳни шево қисса гӯ.*



https://bikhon.tj/

*Бар решаи дил теша мазан, ҳамсафари ман,*
*Як бори дигар боз масӯзон ҷигари ман.*
*Ҳарчанд ба мо кинаи дерина надорӣ,*
*Бо шавқу ҳавас ҳарф магӯ аз хатари ман.*
*Эҳсоси муҳаббат дигару фикри ту дигар,*
*Дурдона маҷӯ ҳар нафас аз чашми тари ман.*
*Ҳар бор нафастанг шавам, дар дилу дида,*
*Дунёи дигар ҷилва кунад дар назари ман.*
*Беҳуда маяндоз дигар санги фалахмон,*
*Бар кафтараки дидаи хушболу пари ман.*
*Фардо, ки зи дунёи куҳан рахт бубастам,*
*Ҳар сатр бигӯяд зи қазову қадари ман.*
*Нории нисо ганҷ зи вайрона наҷӯяд,*
*Чун ҳадя бимонад ба шумо шоҳасари ман.*



https://bikhon.tj/

*Боз як рӯзи дарози умри кӯтоҳам гузашт,*
*Шодию дарду ғамам чун оҳи ногоҳам гузашт.*
*Раҳ кушодам то ба кӯят, лек шайтони раҷим,*
*Ҳамчу деви дард аз пайроҳаи роҳам гузашт.*
*Меҳрубонии туро дар як замоне бод бурд,*
*Норасида бар муроди дил, дилогоҳам гузашт.*
*Як нафас чун ғофилӣ моро ба коми худ кашид,*
*Ғарқ дар дарёи дида хирмани коҳам гузашт.*
*Шеъри ман чун шерам аз madди назарҳо дур монд,*
*Ҳилае карду аз ин дуроҳа рӯбоҳам гузашт.*
*Марди майдоне маро аз дур гӯё дӯст дошт,*
*Дар паси дарвозаи дил аз сари роҳам гузашт.*
*Ман, ки Нории нисои олами танҳоиям,*
*Дар дили танҳоиҳо танҳоӣ ҳамроҳам гузашт.*



https://bikhon.tj/

*Бар хонаи бегона равӣ чӣ, наравӣ чӣ?*
*Бар каъбаву бутхона равӣ чӣ, наравӣ чӣ?*
*Зинҳор, агар дар сарат афсона набошад,*
*Бар олами афсона равӣ чӣ, наравӣ чӣ?*
*Аз сеҳри сухан дурри Аданро, ки начидӣ,*
*Бар чидани дурдона равӣ чӣ, наравӣ чӣ?*
*Сетори муҳаббат накунад нағмасароӣ,*
*Бо ишваи мастона равӣ чӣ, наравӣ чӣ?*
*Бар нағмаи Наврӯзи Аҷам гашта хуморӣ,*
*Бар маснади шоҳона равӣ чӣ, наравӣ чӣ?*
*Баъд аз табу тобе, ки зи сар мегузаронӣ,*
*То мактабу майхона равӣ чӣ, наравӣ чӣ?*



https://bikhon.tj/

*Бегунаҳ андар гунаҳ ғӯтидаем,*
*Аз сари раҳ то ба раҳ ғӯтидаем.*
*Зиндагӣ моро ба кори хеш бурд,*
*Дид, чун то қаъри чаҳ ғӯтидаем.*
*Дар замони бесаранҷомии даҳр,*
*Дар талотӯби фараҳ ғӯтидаем.*
*Чашми мо дарёи нуру нор буд,*
*Субҳ дар шоми сияҳ ғӯтидаем.*
*Аз маи шодию ғам бебаҳра не,*
*Мо дар ин раҳ дар қадаҳ ғӯтидаем.*
*Риштаи ғам дошт бо мо улфатӣ,*
*Дид, дар баҳри гираҳ ғӯтидаем.*
*Баски Нории нисои оламем,*
*Дар шуои нури маҳ ғӯтидаем.*



https://bikhon.tj/

*Бираваам бар лаби обеву туро ёд кунам,*
*Бикунам кори савобеву туро ёд кунам.*
*Бигурезам зи ҷаҳони сияҳи навмедӣ,*
*Субҳ бинам чу саробеву туро ёд кунам.*
*Ба назар ҷилва кунад кишвари афсонаи ишқ,*
*Ба кафам ҷоми гулобеву туро ёд кунам.*
*Чӣ қадар бори алам бар қаламам бор шуда,*
*Накунам ҳадду ҳисобеву туро ёд кунам.*
*Зиндагӣ мекушадам шавқи маро рӯз аз рӯз,*
*Набувад аз ту ҷавобеву туро ёд кунам.*
*Шаби маҳтоб, лаби об кунам қисса дароз,*
*Сӯхтам мисли кабобеву туро ёд кунам.*
*Ҳарфҳои дили ман чун хати хоност, биё,*
*Бикунам бар ту китобеву туро ёд кунам.*
*Пораҳои ҷигарам ҷомаи домодии туст,*
*Лек аз ту ку ҷавобеву туро ёд кунам.*
*Бин, ки Нории нисо дар гами ту пир шуда,*
*Ишқи ту карда харобеву туро ёд кунам.*



https://bikhon.tj/

*Ватанфурӯш наям, дар ғами Ватан ҳастам,*
*Соҳиби замину об, соҳиби сухан ҳастам.*
*Дар ниҳоди ман ҳаргиз кинаву адоват нест,*
*Бо муҳаббату ихлос соҳибанҷуман ҳастам.*
*Сар занад ҳама корам аз меҳанпарастиям,*
*Аз меҳанпарастиям гул ба пираҳан ҳастам,*
*Дар сари ҷавонмардӣ нестам кам аз Фарҳод,*
*Теша баҳри ҳифзи халқ ман чу кӯҳкан ҳастам.*
*Хоби шаб занад ҳар дам муждае зи бедорӣ,*
*Ту магӯ, ки беқувват дар радифи зан ҳастам.*
*Хоб ё ки бедорам, зарфи пур зи асрорам,*
*Баҳри субҳи уммедам ҷони тан ба тан ҳастам.*
*Нории нисоям ман, субҳи босафоям ман,*
*Дар ҷилои шоми хеш шӯълаи куҳан ҳастам.*

*27 декабри 2009*



https://bikhon.tj/

*Водарего, замона дигар шуд,*
*Мӯҳраи хар ба зар баробар шуд.*
*Ханда рафт аз лабони соҳибдил,*
*Ашк дар чашм дурру гавҳар шуд.*
*Сӯҳбати сӯзноки марди роҳ*
*Боиси марги чанд ахтар шуд.*
*Шоҳбози умед оҳиста,*
*Тарки мо карду берун аз дар шуд.*
*Ҷоми ғам чун бишуд насибаи мо,*
*Бистари даҳр аз алам тар шуд.*
*Кам-камак осмон фурӯ омад,*
*Сабзаи дард рӯи бистар шуд.*
*Аз дили чок, бо сари афлок*
*Шеъри Норинисо баробар шуд.*

*26 марти 2010*



https://bikhon.tj/

*Ваггу чаги бисёре, эҷод набояд кард,*
*Бар васвасаи Иблис имдод набояд кард.*
*Ҷорӯб бирӯбад гар хокистари навмедӣ,*
*Хоки қадами некон барбод набояд кард.*
*Дар олами ишқи Ӯ савдозада бояд буд,*
*Савдозадаи дилро фарёд набояд кард.*
*Бар ризқи худодода кардем чу шукрона,*
*Неку бади дунёро бунёд набояд кард.*
*Гар решаи андеша дорад табару теша,*
*Ёде зи баду неки Фарҳод набояд кард.*
*Ҳарчанд раҳи инсон ҳаргиз набувад осон,*
*Ҳамраъйии ҳар кори Шаддод набояд кард.*
*Дарвозаи дил Намруд бикшояд агар мағрур,*
*Иброҳими Адҳам дур аз ёд набояд кард.*

*10 июни соли 2010*



https://bikhon.tj/

*Вақт аст, ки аз хонаи хаммор гурезем,*
*Аз кӯчаву паскӯчаи бозор гурезем.*
*Аз рӯйинатанҳо тарафи қибла гурезем,*
*Аз мардумаки чашмаи озор гурезем.*
*Бар қавми лаимон сухани ҳақ нафурӯшем,*
*Аз иддаи мардони сабукбор гурезем.*
*Шавқу ҳаваси хеш ба ягмо насупорем,*
*Аз пастии игвогари беор гурезем.*
*Бар мӯҳташаму мӯътабарон кор надорем,*
*Аз тангиву торикии дарбор гурезем.*
*Меҳре, ки даруни дили девонаи мо ҳаст,*
*Берун бикашему зи сари дор гурезем.*
*Ай Норинисои ватани нури муҷалло,*
*Боз ой, ки то соҳили анҳор гурезем.*



https://bikhon.tj/

*Гармиву сардии дунё дидаем,*
*Гул зи гулбоғи Мусалло чидаем.*
*Рафта-рафта то диёри бегамӣ,*
*Боз бар дарду алам печидаем.*
*Умри моро боди навмедӣ рабуд,*
*Аз сари нав аз замин рӯидаем.*
*Қад кашида то баландӣ ҳамчу най,*
*Ҷисму ҷони хешро бибридаем.*
*Ҳифз карда хешро аз ранҷҳо*
*Боз бар нахли алам печидаем.*
*Гоҳ ноосудаву гоҳи дигар*
*Дар канори зиндагӣ осудаем.*
*Ҳамчу Нории нисои зиндагӣ*
*Гул зи гулзори замин бӯидаем.*



https://bikhon.tj/

*Гаҳ ҷавони нозанин, гоҳи дигар пирем мо,*
*Гарчӣ озодем, андар банди занҷирем мо.*
*Гиряи мо, хандаи мо то ба гардун мерасад,*
*Дар сари бозори ҳастӣ пир ё мирем мо.*
*Шӯҳрати мо дар нигоҳи ростгӯиҳои мост,*
*Дар таҳаммул нуқтаи нанвиштаи ҷимем мо.*
*Манзили андешаи мо боргоҳи кибриёст,*
*Дар фалак наззора андар нуқтаи мимем мо.*
*Дур монад аз назарҳо шоҳкориҳои мо*
*Домани сабру қаноат гар намегирем мо.*
*Чун насиби мост ҳар дам дидани дидори ёр,*
*Шоҳбози бахт андар даст бетирем мо,*
*Гар нагирад вақти сахтӣ дӯст дасти дӯстро*
*Дар диёри зиндагонӣ зинда мемирем мо.*

*Гулдухтарони "Гулрез" пайғоми навбаҳоред,*
*Гулпӯшу гул дар оғӯш чун атри обшоред.*
*Аз бӯстони уммед гулдаста чида-чида,*
*Бо теғи ғамзаи худ дилро ба даст оред.*
*Рақси шумост мавзун, мавҷест дар шабохун,*
*Гӯё насими субҳед, шӯхеду беқароред.*
*Роҳи шумост рӯшан, чун оби софи меҳан*
*Аз шоми тор дуред, чун мавҷ бекарoред*
*Гулдастаи заминед, гулбарги осмонед,*
*Гулрези тоҷикону гулдастаи қаторед.*
*Гул дар канор доред, номусу ор доред*
*Фарзанди бовафою бонанги рӯзгоред.*
*Гулҳои реза-реза бар рӯи каф бирезед,*
*Парвардаи замини гулрези ин диёред*

*1 марти 2009*



https://bikhon.tj/

*Гули худрӯи истеъдод на дар ҳар боғ мерӯяд,*
*На ҳар афсонагӯ афсона ҳарфоҳарф мегӯяд.*
*Шаби торику шамъи меҳр ин ҷо хира месӯзад,*
*Вале соҳибҳунар ин роҳро мардона мепӯяд.*
*Гузаргоҳи муҳаббат нури истеъдод мехоҳад,*
*Агар марди ҳунар бо оби Кавсар дида мешӯяд.*
*Суруди орзуи хештанро мекунад эҷод,*
*Чу Барзу ҳар кӣ садбарги тари уммед мебӯяд.*
*Садои бесаранҷоме диламро медиҳад тазъиқ,*
*Зи умри рафта чандин қисса ҳарфоҳарф мегӯяд.*
*Ба Нории нисо дигар магӯ афсонаи ҳастӣ,*
*Ки ӯ ҳам шеъри худро аз гули рӯи ту меҷӯяд.*



https://bikhon.tj/

*Гоҳ гирён, гоҳ хандонам ҳанӯз,*
*Дар бари хори биёбонам ҳанӯз.*
*Метаровад аз нигоҳам нури ҳақ,*
*Шукр, боинсофу имонам ҳанӯз.*
*Дар қатори чанд тан бегонаҳо*
*Дӯст бо фарзанди инсонам ҳанӯз.*
*Шаҳсаворам дар саманди орзу,*
*Орзу дар дил фаровонам ҳанӯз.*
*Ростӣ сарчашмаи роҳи ман аст,*
*Ошно бо ҳарфи Қуръонам ҳанӯз.*
*Дар сарои бегазанди ишқи пок,*
*Гаҳ парешон, гаҳ пушаймонам ҳанӯз.*
*Аҳли маънӣ баски дур афтодаанд*
*Аҳли дилро гашта пазмонам ҳанӯз.*
*Ҳоҷии Норинисои қисматам*
*Дар сарои даҳр меҳмонам ҳанӯз.*
*Баҳри истиғфори ҷурми хештан*
*Чашмдор аз лутфи Яздонам ҳанӯз.*

*Гулистони сари бозор бозори дигар дорад,*
*Сари роҳи тамаддун хори озори дигар дорад.*
*Шароби арғувонӣ мекушояд роҳи дилҳоро,*
*Ба дилҳо роҳ ёбӣ, дил харидори дигар дорад.*
*Куҷоҳо мебарӣ бар китфҳоят бори ҳасратро*
*Агарчанде ки китфи нозукат бори дигар дорад.*
*Само бо ахтару моҳи заминӣ роз мегӯяд,*
*Замину осмони дил гунаҳгори дигар дорад.*
*Само бар пешвози ту сари таъзим меорад,*
*Замини нозанин ҳарчанд дилдори дигар дорад.*
*Харобӣ мебиёрад ноумедиҳои пай дар пай,*
*Ба рағмаш чӯҷаи уммед пиндори дигар дорад.*
*Махон дигар ба Нории нисо оёти ишқи ӯ,*
*Ки ӯ аз олами боло ба худ ёри дигар дорад.*

*8.02.2010.*



https://bikhon.tj/

*Гуфтем чанд шеъре дар бораи Душанбе,*
*Дар васфи одамони гамхораи Душанбе.*
*Бошанд гар мададгор арвоҳи поки пирон,*
*То осмон барояд гаҳвораи Душанбе.*
*Бар обу хоки покаш ҳарчанд дилкашоланд,*
*Надҳам зи даст ҳаргиз як пораи Душанбе.*
*Дар сафҳаҳои таърих бар хеш раҳ кушода,*
*Кайҳонкушоӣ дорад сайёраи Душанбе.*
*Ҳар лаҳзаву ҳама рӯз бо дасти марди дилсӯз*
*Бошанд аргувонӣ рухсораи Душанбе.*
*Аз бӯи гул муаттар, мадҳуши мушку анбар,*
*Норинисост имрӯз овораи Душанбе.*
*Шеъру тарона бар лаб, чангу чагона бар каф,*
*Дастобадаст дорад маҳвораи Душанбе.*

*14.06.2003-13.03.2010*



https://bikhon.tj/

*Гаҳ ба худ, гаҳ бо Ҳудо дастогиребон мешавем ,*
*Гоҳ инсону гаҳе фарзанди шайтон мешавем.*
*Хандаи мастона андар мотами дил мезанем,*
*Баъдҳо аз кардаҳои худ пушаймон мешавем.*
*Бо умеди зиндагонӣ зиндагонӣ мекунем,*
*Дар раҳу пайроҳааш гирёну хандон мешавем.*
*Бори худро то ба манзил бурда натвонем агар,*
*Мунтазири ёрии фарзанди инсон мешавем.*
*Аз набуданҳои меҳру шафқати ёрони хеш,*
*Дар дили андешаҳо хотирпарешон мешавем.*
*Маъталу мӯҳтоҷи панду ҳикмати соҳибдилон ,*
*Ташнаи бишнидани як ҳарфи Қуръон мешавем.*
*Дар камиву костии зиндагӣ, Норинисо*
*Бандаи уммедвор аз лутфи Яздон мешавем.*

*20 июни 2010*



https://bikhon.tj/

*Гоҳ агар худдораму гаҳ худпарастӣ мекунам,*
*Дар лаби дарёи дил ёди Маҳастӣ мекунам.*
*Аз сари бозори оламгири меҳру шавқу шӯр,*
*Зиндагӣ дар хонадони субҳи ҳастӣ мекунам.*
*Раҳ кушояд шоми ман то қуллаи гардуни дун,*
*Қуллаи гардуни дун дар ҷои пастӣ мекунам.*
*Хоксорӣ баҳри ман мероси аҷдодони ман,*
*Ганҷро дар рӯи каф бигрифта, мастӣ мекунам.*
*Мотаму дарду аламро дур медорам зи худ,*
*Шодии дилро ба дил тӯмори дасте мекунам.*
*Узр мепурсам агар барвақт рафтам кӯи дӯст,*
*Хандаро андар лабам ҷои нишасте мекунам.*
*Хирмани андешаро ҷо карда дар маъвои дил,*
*Нури ҳақро машъале дар роҳи ҳастӣ мекунам.*

*11 октябри 2010*



https://bikhon.tj/

*Гумкардаву пайдостем, аз олами болостем,*
*Аз олами болостем, гумкардаву пайдостем.*
*Дар кишвари мо зиндагӣ гулдаста дорад аз карам,*
*Нуре ба сар андар саҳар шоми шаби ялдостем.*
*Хотирпарешонии мо аз покии виҷдони мо,*
*Аз покии виҷдони худ шукрона, побарҷостем.*
*Аз неъмати Парвардигор бар мо таҳаммул омада,*
*Таҳти назар, дур аз хатар мардона саф оростем.*
*Бо ростиву дӯстӣ пайванд тору пуди мо,*
*Аз тору пуди умри хеш пайванд бо саҳростем.*
*Холӣ намебошад дигар аз оби чашми мо саҳар,*
*Бо шӯри оби чашми хеш дар соҳили дарёстем.*
*Норинисои дард мо, пеши шумо як гард мо,*
*Дар покиву дар дилбарӣ яктои беҳамтостем.*

*12 ноябри соли 2010*



https://bikhon.tj/

*Гиря карданро ман аз абри баҳор омӯхтам,*
*Сабрро аз қуллаҳои кӯҳсор омӯхтам.*
*Ботаҳаммул зиндагӣ кардан зи пирони хирад,*
*Хоксорӣ аз дарахти мевадор омӯхтам.*
*Нозукиву нармиву покизагиро аз саҳар,*
*Шаб ба шаб шабзиндадорӣ аз ҳазор омӯхтам.*
*Дар радифи беди Мачнун кокулони хешро,*
*Ҳар сафар алвонч доданро зи ёр омӯхтам.*
*Сӯхтанро, сохтанро дар диёри зиндагӣ,*
*Аз талоши мавҷҳои беқарор омӯхтам.*
*Орамидан дар канори момаи афсонагӯ,*
*Қиссагӯӣ аз забони обшор омӯхтам.*
*Ман, ки Норин нисои духтари маҳтобшаб,*
*Нармгуфторӣ зи оби ҷӯйбор омӯхтам.*



https://bikhon.tj/

*Гуноҳе карда бошам пеши ту, эй ёр, мебахшӣ,*
*Агар дар зиндагӣ додам туро озор, мебахшӣ.*
*Насими субҳ аз паҳлӯи мо бигзашт хандида,*
*Туро бар хандаҳои хеш кардам зор, мебахшӣ.*
*Ҳанӯзам дар биёбони ҷудоӣ боди саргардон,*
*Ба саргардониҳо моро бикард абгор, мебахшӣ.*
*Ту дар як гӯшае танҳову ман дар ҳабси танҳоӣ,*
*Зи ҳам дурему пуршӯрему дилбемор, мебахшӣ.*
*Намедонам, гуноҳи мову ту ё дасти тақдир аст,*
*Ки гирдогирди дунёем чун паргор, мебахшӣ.*
*"Сари сахтам, дили гармам, нигоҳи беқарорамро",*
*Накардам ҳадя ҳамчун ёри дилбардор, мебахшӣ.*
*Натонистам ба ту тақдим кардан ишқи оламгир,*
*Барои дур буданҳо ҳазорон бор мебахшӣ.*



https://bikhon.tj/

*Ғами дил бо ту бигуфтему нагуфтем, нашуд,*
*Дурри маънӣ сари ҳар ҳарф бисуфтем, нашуд.*
*Хотири ҷамъи маро боз парешон кардӣ,*
*Бар парешонии худ дида нуҳуфтем, нашуд.*
*Чун фурӯ рафт самои сухани ҳақ ба замин,*
*Аз замин то ба само қисса шунуфтем, нашуд.*
*Самари ҳиммати мо аз ҷигари дил нагузашт,*
*Оби рӯро сари ҳар шаршара шустем, нашуд.*
*Осмон сар ба замин карду ба ҳолам бигрист*
*Ҳамраҳи абри баҳорӣ бигиристем, нашуд.*
*Зи хати бехати тақдир куҷо бигрезем?*
*Агар андар сари девор нишастем, нашуд.*
*Чу надорӣ ба ғаму дарди дилам ҳамсафарӣ*
*Ҳадя аз дастагули панд бубастем, нашуд.*



https://bikhon.tj/

*Ғаму дарди дили худро ба нодоне намегӯям,*
*Дилозору хушомадгӯву шайтоне намегӯям.*
*Сари бозори андеша биронад ғам агар реша*
*Ғаму андӯҳу дардамро ба сарсоне намегӯям.*
*Агар шабҳои танҳоӣ хумори дӯст мегирад,*
*Барои дӯст ҳарфе аз парешонӣ намегӯям.*
*Чароғи илму маъниро, ки мероси падар буда,*
*Ба поси хотири рӯҳаш ба Санъоне намегӯям.*
*Баҳори умри ман бе ман агар рахти сафар баста,*
*Лаби хоне, сари ноне ба ҳайроне намегӯям.*
*Худои ман барои ман чӣ неъматҳост бахшида,*
*Зи неъматҳои Раҳмонам ба Раҳмоне намегӯям.*
*Шарики обу дону меваи моми биҳиштиям,*
*Чу Нории нисо ҳарфе зи Канъоне намегӯям.*



https://bikhon.tj/

*Ғам ба даргоҳи дили мо меҳмонӣ омада,*
*Дар дили шаб ошкоро ё ниҳонӣ омада.*
*"Турфатул-айни ҷаҳон дар як замон барҳамзада"*
*Аз барои дилбариву дилситонӣ омада.*
*Хандаи мастонаро бар як тараф бигзошта*
*Гӯйӣ дар пироҳани ёрони ҷонӣ омада.*
*Қиссаро кӯтоҳ карда, шукр бар Аллоҳ карда,*
*Бар замини нозанинам осмонӣ омада.*
*Шарҳи ҳоли хешро ногуфта бар ёру рафиқ*
*Бо рафиқони куҳан шаккарфишонӣ омада.*
*Хориву зорӣ надида, гул ба домонаш начида,*
*Бо ғуруру кибр ҳамчун паҳлавоне омада.*
*Забт карда хонаи уммеди Норин нисо,*
*Аз диёри бенишонӣ чун нишоне омада.*

*8 январи 2010*



https://bikhon.tj/

*Ғаму андӯҳу дарди бедаво, падруд,*
*Садои бесадои ошно, падруд.*
*Нигоҳи дардноки духтари ошиқ*
*Ҷавонии хато андар хато, падруд.*
*Чиҳилбофи ҷамолакҳои мӯяш,*
*Дили бедарду шодӣ ошно, падруд.*
*Калиди бахту қуфли маҳками дилҳо.*
*Сари бедарду ҳарфи носазо, падруд.*
*Шамими атрноки боди наврӯзӣ,*
*Ғубори чашмаи илҳоми мо, падруд.*
*Чу шодӣ омад аз шаҳри ҳақиқат,*
*Ғами дил рафт аз Норинисо, падруд.*

*24.01.2010*



https://bikhon.tj/

*Ғубори ҳастии мо дар дили дарёст, медонӣ?*
*Миёни мову ту чандин муаммоҳост, медонӣ?*
*Агар дар ҳастии мо пардаи шарму ҳаё бошад,*
*Сари мо аз сарафрозии мо болост, медонӣ?*
*Шукӯҳи хилвати тоқат саре дар китфи мо дорад,*
*Сари китфи муҳаббат боли фардоҳост, медонӣ?*
*Сари болои ҳикмат даст дорад дар баландиҳо,*
*Баландиҳои сарв аз оби чашми мост, медонӣ?*
*Наметарсам дигар аз тундбоди мулки андеша,*
*Агар аз лашкари ғам даҳр побарҷост, медонӣ?*
*Шабеву шоми танҳоӣ, раҳоварде зи раҳпоӣ,*
*Гули хандидаи шодӣ на дар ҳар ҷост, медонӣ?*
*Миёни шӯру шавқи зиндагонии пур аз асрор,*
*Ғами миллат ба дӯши родмарди мост, медонӣ?*

*1 июли 2009*



https://bikhon.tj/

*Ғурбату ғам оқибат моро ба яғмо мебарад,*
*Аз замини нозанин то бар Сурайё мебарад.*
*Осмони нилгун дорад тамошои ҷаҳон,*
*Бар ҷаҳони бекарон бо сад таманно мебарад.*
*Хандаи дурӯзаи гул достони як ҷаҳон,*
*Ашки шабнам дидаро аз ҷой беҷо мебарад.*
*Орзу андар тапиданҳои дил хун мехӯрад,*
*Халтаи андешаҳояшро ба саҳро мебарад.*
*Дар таҳаммул мекунад оҳанг бар бегонагӣ,*
*Ҳар қадар моро зи соҳил то ба дарё мебарад.*
*Сад дареғи бахт боре ҳам ба рӯям нангарист,*
*Хотири озурдаамро пасту боло мебарад.*
*Ҷои осоиш чу дар дунёи дун пайдо нашуд,*
*Адлро то манзили Норинисоҳо мебарад.*

*10 майи 2010*



https://bikhon.tj/

***Ғурбату дарду аламро аз диёри дил маҷӯ,***
***Олами беэътиборӣ аз канори дил маҷӯ.***
***Мурғаки уммеди мо имрӯз парвозӣ шуда,***
***Шоми навмедӣ зи ҳар як гирудори дил маҷӯ.***
***Аз Зулайхои хирад дасти дуо дорӣ талаб,***
***Юсуфи Яъқубро аз ҳар қарори дил маҷӯ.***
***Кори ту дар осмон кайҳонкушоӣ нест, нест,***
***Бо замин пайванд шав, чангу ғубори дил маҷӯ.***
***Шод бошу савту оҳанги наҷиби зиндагӣ,***
***Аз ғиреву нолаи чангу ғубори дил маҷӯ.***
***Гиряҳои ҷонгудози ошиқи бечораро,***
***Ҳар куҷо хоҳӣ биҷӯ, аз нолаҳои дил маҷӯ.***
***Баски Нории нисои олами афсонаӣ,***
***Нуру нори зиндагӣ аз нуру нори дил маҷӯ.***



https://bikhon.tj/

*Дар сари савдои дарди беватан*
*Чодари шабро чӣ мепурсӣ зи ман?*
*Гулпаракҳо гул ба домони мананд*
*Дар ниҳодам ҳаҷр дорад анҷуман.*
*Хотири болида дорад зиндагӣ*
*Дар дилу дар дидаи маъвои ман.*
*Ишқ дорад реша зери хоки меҳр,*
*Бехабар аз нолаи мурғи чаман.*
*Қуввати духти баҳорам орзуст,*
*То бикӯбам хирмани дурри Адан.*
*Пардаи шаб рӯшноӣ мекунад.*
*Дар раҳи Норинисо субҳи Ватан.*
*Дар диёри дардҳои хештан*
*Аз матои сабр дорам пираҳан.*

*6 июни 2009*



https://bikhon.tj/

*Дар зери чархи гардун мову шумо ғанимат,*
*Афтода, хестанҳо бемуттако ғанимат.*
*Гар луқмаи ҳалоле пайдо кунем, шодем,*
*Имрӯз бигзарад гар, фардо ба мо ғанимат.*
*Тоҷи арӯсии мо дар бугчаҳост пинҳон,*
*Домоди мо куҷо шуд, обу ҳаво ғанимат.*
*Субҳи мурод хуршед аз уфқ мекашад сар,*
*Пошанд кокулонаш нуру зиё ғанимат.*
*Дар дасти мост имрӯз лабрез косаи давр.*
*Хонед чанд байти Зебуннисо ғанимат.*
*Аз олами дили мо оташ ба баҳру бар рафт.*
*Гармии дил расида то дидаҳо ғанимат.*
*Чун умри одамизод кӯтоҳтар зи оҳ аст,*
*Дар сӯҳбати шумоён Норинисо ғанимат.*



https://bikhon.tj/

*Дар оламаки дидаи мо нур намонда,*
*Дар даҳр каси хурраму масрур намонда.*
*Гаштему бидидем, ки сар то сари олам,*
*Аз кишвари андӯҳ касе дур намонда.*
*Ташвишу тараддуд бари мо силсила баста,*
*Аз силсилабандиш буру нобур намонда.*
*Зоғи сияҳи зиндагии пуртабу тобе,*
*Бишкаста пару бол, дигар зӯр намонда.*
*Андар сабади кӯҳнаву колои муҳаббат,*
*Атри нафаси сояи ангур намонда.*
*Хурмои пур аз шаҳд начидем ба домон,*
*Дар домани шаб тифлаки ранҷур намонда.*
*Дар шеър маҷӯед дигар қомати мавзун,*
*Чун дар чамани адл баҳодур намонда.*



https://bikhon.tj/

*Дар базми сухан қофиласолор куҷоед?*
*Савдозадаи олами асрор куҷоед?*
*Аз мардумаки дидаи мо дида набандед,*
*Шаб то ба саҳар дидаи бедор куҷоед?*
*Бар мо, ки дар ин базми сухан роҳ кушодед,*
*Раҳгумзада дар нимашаби тор куҷоед?*
*Бозори вафо дар шафати хори ҷафо буд,*
*Аз хори ҷафо чида гули нор куҷоед?*
*Бар субҳ нагуфтед шумо шоми ҷудоӣ,*
*Аз шоми ҷудоӣ ба дил озор куҷоед?*
*Аз меҳр буридед агар риштаи ғамро.*
*Дар риштаи ғам бастаи зуннор куҷоед?*
*Аз гулшани Нории нисо чида ба домон*
*Як дастагул аз олами ашъор, куҷоед?*

*Дар гирдбоди олам моему шӯру мастӣ,*
*Гаҳ хешношиносӣ, гаҳ хештанпарастӣ.*
*Рӯи хазон надида боғи умедворӣ,*
*Уммеди мо нарафта ҳаргиз ба сӯи пастӣ.*
*Аз осмони дида мурғи ҳумо парида,*
*Мурғи ҳумои дилро нагрифтаӣ ба шасте.*
*Субҳеву шом дорем, нанвишта ном дорем,*
*Нанвишта номи моро бурданд то ба ҳастӣ.*
*Дар нардбони қисмат будан наметавонем*
*Дорем чун азоби дунёи тангдастӣ.*
*Сад мушкилист моро, мушкилкушо куҷоед?*
*Кай мешавад, ки мо ҳам ёбем сарпарасте?*
*Норинисо махӯр ғам, имдод мекунад боз*
*Рӯҳу равони поку беминнати Маҳастӣ.*



https://bikhon.tj/

***Дар ин тарафу он тарафу дар ҳама ҷой,***
***Аз дидаи мо дуру даруни дили мой.***
***Андар дили шаб гар дили худро бикушой,***
***Оҳиста равам то ба диёри ту баҷой.***
***Андӯҳу алам тарк кунад ҳастии моро***
***Ёбем даме аз ғаму андӯҳ раҳой.***
***Дар рӯшании шӯълаи маҳтоб нишинем***
***Гирдоби ҳаводис накунад нағмасарой.***
***Гирем ба ҳам домани дилҷӯи муҳаббат,***
***Дарёи муҳаббат бибарад то ба куҷое.***
***Имрӯз агар ҳарфи садоқат ба ҳам орем***
***Фардо бикашем аз нигаҳи дард давое.***
***Норий нисоро агар аз сидқ парастед,***
***Бо қосиди дил нома фиристад ба нисой.***



https://bikhon.tj/

*Дар шоми тори қисмат моему чанд банде,*
*Субҳеву рӯшноӣ афтода дар каманде.*
*Сарчашмаи муҳаббат чун нест пойбарҷо,*
*Аз зарбаи хиёнат гуфтем чанд-чанде.*
*Пушту паноҳи мо буд сабру таҳаммули мо,*
*Санги таҳаммули мо шуд пора дар баландӣ.*
*Дар кӯчаҳои тақдир инсоф ҷуста будем,*
*Ғофил аз он, ки инсоф биншаста дар саманде.*
*Дарду ғами дили реш имрӯз бар кӣ гӯем?*
*Гӯши суханшунавро карданд ё ки бандӣ?*
*Маҳтоби хотири мо дорад ғубори ҳастӣ,*
*Оёти зиндагонӣ қанд аст, ё ки фанде?*
*Бо қудрати илоҳӣ, занҷири бегуноҳӣ,*
*Дарду ғаму аламро кардем қалъабандӣ.*
*Ҳарфу ҳиҷои дилро фаҳмед ё нафаҳмед,*
*Норинисо равона то мулки сарбаландӣ.*



https://bikhon.tj/

*Дар қисмати мо роҳ куҷо то ба куҷо буд?*
*Афсонаи дил дар гузари қолу бало буд.*
*Имрӯз агар рафтаӣ берун зи хаёлам,*
*Фардо ба сари зулфи сухан роҳнамо буд.*
*Шом аз сари мо рафту саҳар то ба дари дил*
*Боз омаду қуи тарабам нағмасаро буд.*
*Моро ба гулистони хирад кард ҳидоят,*
*Он қувваву нерӯ, ки насиби фузало буд.*
*Дар хонаи бегонаи бегонапарасте*
*Гармии дилу сардии борони ҷафо буд.*
*Дар олами андешаи марди сари бозор*
*Ними нигаҳи партави хуршед ба мо буд.*
*Ёре ба каноре, ҳама дар кунҷу каноре,*
*Биншаста ба ҳолеву куҷо Норинисо буд?*



https://bikhon.tj/

*Дар ин даҳри пур аз ғавғо ману мои дигар дорам,*
*Даруни хонаи вайрони худ шамсу қамар дорам.*
*Зи беандешагии иддае ҳамасрҳои хеш,*
*Дар ин роҳи сафар чандин зафар, чандин хатар дорам.*
*Умеду орзу бар гӯши дил савти видо хонад,*
*Ба ҳангоми видои дӯстон хуни ҷигар дорам.*
*Саропои замини дил пур аз асрори маънӣ буд,*
*Зи ҳар асрори маънӣ ғуссае дар баҳру бар дорам.*
*Кулоҳи худписандиро ба сар ҳаргиз намепӯшам,*
*Зи мушкилнописандиҳо кулоҳи нав ба сар дорам.*
*Дили ранҷида ранҷе дорад аз ноошноиҳо,*
*Аз ин ноошноиҳо аз аввал ман хабар дорам.*
*Биё, Норинисо, дигар маҷӯ асрори оламро,*
*Ки аз ҳар сирру асрораш ба ҷайби худ гуҳар дорам.*



https://bikhon.tj/

*Донишу ақлу хирад додӣ ба мо, ободу бош,*
*Аз ғаму ранҷу шиканҷи зиндагӣ озод бош.*
*Ҳамчу як марди далери олами илму адаб,*
*Дар ҳама кори ҷаҳон устоди ман, устод бош.*
*Зиндагӣ бо шодию дардаш бигирад дар канор,*
*Дар канори зиндагӣ аз дарду ғам озод бош.*
*Олами авроқи маънӣ пеши рӯят боз бод,*
*Шаб ба шаб шабзиндадори субҳи симинбод бош.*
*Меҳрро дар кӯлбори охират андохта,*
*Чун сукути қуллаҳои кӯҳ беимдод бош.*
*Ҷо гирифта дар диёри қалби ту меҳри Ватан*
*Бо Ватан ҳамҷону ҳамтан, кӯҳкан Фарҳод бош.*
*Олами дурри маъонӣ сайргоҳи хотират,*
*Номбардори бананги Рӯдакиавлод бош.*



https://bikhon.tj/

*Дар сари роҳи калони зиндагонӣ зиндаем,*
*Дар сари бозори меҳру меҳрубонӣ зиндаем.*
*Мекушад моро агар як рӯз дасти зиндагӣ,*
*Рӯи дасти зиндагӣ бо обу ноне зиндаем.*
*Ҳукмфармоӣ кунад бар ҳастии мо рӯҳи мо,*
*Дар канори олами рӯҳу равоне зиндаем.*
*Ишқ меҷӯему меҳру шафқату одамгарӣ,*
*Дар суроғи тухми анқо нимҷоне зиндаем.*
*Гавҳари ноёбро нодида ҳасрат мекунем,*
*Шукр,бо дасту дили поки ҷавонӣ зиндаем.*
*Ҳар даму ҳар як нафас Парвардигорам дастгир,*
*З-ину они зиндагӣ бо ину оне зиндаем.*
*Парварида меҳрро дар боғи сабзи орзу,*
*Шукр, баҳри мардуми соҳибқироне зиндаем.*



https://bikhon.tj/

*Дар дил шарора дорем, дар шаб ситора дорем,*
*Шабҳои беситора мо моҳвора дорем.*
*Аз орзуву уммед, аз хандаҳои хуршед,*
*Бар тифлаки дили хеш мо гоҳвора дорем.*
*Аз шом дар гурезем, бо субҳ дар ситезем,*
*Дар субҳи орзуҳо шоми назора дорем.*
*Дар ишқ сарбаландем, душворнописандем,*
*Дар пастиву баландӣ аз сабр чора дорем.*
*Симои зиндагонӣ дар рӯи мо падидор,*
*То бар самои уммед чангу нагора дорем.*
*Сидқу сафост моро, меҳру вафост моро*
*Дар мулки меҳрубонӣ мо меҳрпора дорем.*
*Норинисои даҳрем, қишлоқиҳои шаҳрем,*
*Сатре зи чуну чанде андар канора дорем.*

*Дар ин пастӣ-баландиҳо шумо бар ман чӣ мехоҳед?*
*Пас аз ин сарбаландиҳо шумо бар ман чӣ мехоҳед?*
*Гузашта водии бесарпаноҳи мулки ҳиҷронро*
*Миёни шавқмандиҳо шумо бар ман чӣ мехоҳед?*
*Гузашта мулки Дороро, Самарқанду Бухороро,*
*Зи мушкилнописандиҳо шумо бар ман чӣ мехоҳед?*
*Азизу авлиёҳоро зиёрат кардани бошед,*
*Зи чандин худписандиҳо шумо бар ман чӣ мехоҳед?*
*Зи ҳар банду кушоди дил, нигоҳи дил, ниҳоди дил*
*Зи банди банди бандиҳо шумо бар ман чӣ мехоҳед?*
*Ғуруби офтобам ман, сари оби саробам ман,*
*Паси ин мустамандиҳо шумо бар ман чӣ мехоҳед?*
*Суруди обшорам ман, баҳори беқарорам ман,*
*Пас аз гулдастабандиҳо шумо бар ман чӣ мехоҳед?*



https://bikhon.tj/

*Дар хонаи дил хонахудо буд, куҷо шуд?*
*Аз дарду ғами дида ҷудо буд, куҷо шуд?*
*Мерехт агар дурри сухан бар варақи дил,*
*Бо ғусса қарин ё ки ҷудо буд, куҷо шуд?*
*Мурғи дили мо аз ғами мо анҷуман орост,*
*Дар анҷуманаш мурғи ҳумо буд, куҷо шуд?*
*Бому дари дунё ҳама аз дарду бало буд,*
*Аз дарду бало ҳар кӣ раҳо буд, куҷо шуд?*
*Дороии мо буд ҷавонии дили мо,*
*Дороии мо дур зи мо буд, куҷо шуд?*
*Муллои маҳал шӯру мағал дошт ба берун,*
*Бар аҳли ҳунар роҳнамо буд, куҷо шуд?*
*Як рӯз биёиву бипурсӣ зи халоиқ*
*Ин ҷо ҳама дам Норинисо буд, куҷо шуд?..*



https://bikhon.tj/

*Дар олами муҳаббат будем ё набудем?*
*Берун зи урфу одат будем ё набудем?*
*Марди ҳунар куҷо буд? Соҳибзафар куҷо буд?*
*Шабзиндадори қисмат будем ё набудем?*
*Муллои деҳаи мо мехонд шеъри Саъдӣ,*
*Сармаст аз насиҳат будем ё набудем?*
*Қоруни зиндагонӣ мекард ҳукмронӣ,*
*Андар сарои гурбат будем ё набудем?*
*Мулки сикандарӣ буд, даъвои дилбарӣ буд,*
*Пайвастагони миллат будем ё набудем?*
*Субҳи умеди худро як бор ҳам надидем,*
*Бо шоми бемурувват будем ё набудем?*
*Сад шӯълаву шарар буд, аз бахт гар хабар буд.*
*Фориғ зи ҳар маломат будем ё набудем?*
*Норинисо дигар буд, аз дард бохабар буд,*
*Соҳибкитоби ҳикмат будем ё набудем?*
*6 январи 2009*



https://bikhon.tj/

*Дар ин дунёи афсона, на мастему на девона,*
*На мастему на девона, дар ин дунёи афсона.*
*На аз худ бохабар ҳастем, на аз худ бехабар ҳастем*
*Хабар аз олами боло шунидастем ё ки на?*
*Асири мулки андеша, сару савдои сад пеша*
*Дурахши офтобастему тӯмори ҳамин хона.*
*На сар андар биёбонем, на бар ин мулк султонем,*
*На дар ободии дунё на дар як ҷои вайрона.*
*На муштоқем бар дидор, на аз дидор бархурдор,*
*На меҳмонему мизбонем сари девори ҳайрона.*
*На дунёему дарёем, на беилму на муллоем,*
*На исмему на ҷисмему на соҳиб бар ду паймона.*
*На бедардему дилсардем, на гирёнему хандонем,*
*На обу оташему не ба каф якчанд дурдона.*
*На шоҳу не гадо ҳастем, фақат Норинисо ҳастем,*
*Ҳамон Норинисое, ки ба гирди дӯст парвона.*

*7 январи соли 2009*



https://bikhon.tj/

*Дар олами дил олами дигар натавон ёфт,*
*Мурғи чаман аз мулки Сикандар натавон ёфт.*
*Бебаҳра зи дидор нишастан бари агёр,*
*Дар панҷаи ғам боли кабӯтар натавон ёфт.*
*Имрӯз агар дарду бало дар бари мо буд,*
*Фардо чӣ тавон гуфт, ки дилбар натавон ёфт?*
*Аз сӯзи дарун ранг ба рӯи ту намонда,*
*Аз дидаи маҳтоб муанбар натавон ёфт.*
*Моиндари қисмат, ки ба дил раҳм надорад*
*То мулки дили ӯ раҳу раҳбар натавон ёфт.*
*Аз чашми дилу дида агар мо гила дорем,*
*Дар пайраҳаи фикр қаландар натавон ёфт.*
*Раҳтӯшаи мо сабр бувад дар ҳама ҳолат,*
*Ҷуз сабр дар олам зару зевар натавон ёфт.*

*23 январи 2009*



https://bikhon.tj/

*Дилро ба дил раҳе ку? Дилдору дилбаре ку?*
*Андар самои дида сӯзанда ахтаре ку?*
*Баҳри ибодати дил андар иморати дил*
*Дар бомдоди гетӣ меҳробу минбаре ку?*
*Ҳине, ки дар намозем, шодему сарфарозем,*
*Аз шодии дили мо гулдаста дар баре ку?*
*Шоми сиёҳ дорем, ҳоли табоҳ дорем,*
*Ҳоли табоҳи моро шамъи шабистаре ку?*
*Пирони кордида садсола умратон бод,*
*Аз умри рафтаи рӯз девону дафтаре ку?*
*Шоҳаншаҳи саодат андар бари садоқат,*
*То субҳ орамида сардору сарваре ку?*
*Умри ҳазорсола бигзашта меравад боз,*
*Шомеву субҳи моро мулки Сикандарӣ ку?*



https://bikhon.tj/

*Дарди мо бедавост, медонӣ?*
*Зиндагонӣ хатост, медонӣ?*
*Байни майдони ҳарб ҳаррӯза,*
*Чӣ қадар моҷарост, медонӣ?*
*Пушти мо дар қаламрави қисмат*
*Аз чӣ боис дутост, медонӣ?*
*Аз чӣ доно хамӯшу нодоне*
*Ҳама дам пушти пост, медонӣ?*
*Одаму оламеву кӯҳи ғам*
*Ҳама кас мубталост медонӣ?*
*Таъсири қувваҳои ҳархела*
*Байни арзу самост, медонӣ?*
*Ҳар қадар меравӣ пасу боло*
*Бо ту Норинисост, медонӣ?...*

*9 феврали 2009*



https://bikhon.tj/

*Дунё ҳама аз баддиливу сӯзу гудоз аст,*
*То сояи мижгони шумо роҳ дароз аст.*
*Умри гузарон оби равонасту равон аст,*
*Моро бубарад сарҳади шаҳре, ки Ҳиҷоз аст.*
*Шому саҳарам дод хабар аз ғами дунё,*
*Яздони бузургам ҳама дам бандanavоз аст.*
*Дар сояи нахли гули бодом шукуфта*
*Гулғунчаи тақво, ки сари аҷзу ниёз аст.*
*Шукронаи ин давлату миллат, ки ҳамеша*
*Ҳар банда дар ин шаҳр сари ҷойнамоз аст.*
*Хурсандии мо, шукр, надорад ҳаду сарҳад.*
*Аз он, ки суханвар ба шумо маҳрами роз аст.*
*Ай ҳамдилу ҳаммаслаку ҳамдарди дили мо,*
*Боз о, ки дари мулки сухан баҳри ту боз аст.*

*15 феврали 2009*



https://bikhon.tj/

*Дар дилу дар дида манам, ғунчаи хандида манам,*
*Ғунчаи хандида манам, дар дилу дар дида манам.*
*Меравам намеравам аз дили дардҳои хеш,*
*Бар дили дардҳои хеш мулки писандида манам.*
*Зарбаи сахт мерасад аз нигаҳи мушаввашаш,*
*Аз нигаҳи мушаввашаш дард бари дида манам.*
*Шоми шаби сиёҳи ман то ба саҳар намерасад,*
*То ба саҳар агар расад, дастаи гул чида манам.*
*Қутби шимоли кишварам, ҳамдами моҳу ахтарам,*
*Сар ба сари ситораҳо бо руҳи болида манам.*
*Санг манам, нанг манам, ҳилаву найранг манам,*
*Ҳилаву найранг маҷӯ, ашки таровида манам.*
*Садрнишини хилватам, дар ҳадафи муҳаббатам,*
*Норинисои қисматам, дард бари дида манам.*

*24.02.2010*



https://bikhon.tj/

***Дар олами парешон сахтему сустпаймон,***
***Сахтему сустпаймон дар олами парешон.***
***Дар нимароҳи қисмат ҷустем агар муҳаббат,***
***Дар хоки дил нарӯид нахли ҳазордастон.***
***Дил аз қафас бурун шуд, дар олами ҷунун шуд,***
***Фасли баҳор омад бо абру боду борон.***
***Имрӯзи мо гузашта, фардост нонавишта***
***Дар олами муҳаббат кабки дарӣ ғазалхон.***
***Шомем дар тариқат, субҳем дар адолат,***
***Дар баҳри пурталотум дорем шӯру туғён.***
***Аз тору пуди қисмат гулдастабастагонем***
***Дар олами муҳаббат Норинисои даврон.***

*Донаи нурему дар норем мо,*
*Нимхобу нимбедорем мо.*
*Аз шароби талху тунди зиндагӣ,*
*Ниммасту нимҳушёрем мо.*
*Захмҳо дорем аз тири қазо,*
*Дил даруни сина беморем мо.*
*Ҳамчу фарзанди барӯманди диёр,*
*Халқи худро номбардорем мо.*
*Дар миёни талху тундиҳои даҳр,*
*Чанд тан бономусу орем мо.*
*Кам-камак андар ҷаҳолат мондаву*
*Рӯшании роҳи бисёрем мо.*
*Баҳри истиқлоли ин халқу Ватан,*
*Хешро масъул бишморем мо.*

*2 майи 2009*



https://bikhon.tj/

*Дарди мо бедавост, медонӣ?*
*Шоми мо бечилост медонӣ?*
*Байни мардони ҳарб ҳаррӯза,*
*Чӣ қадар мочарост, медонӣ?*
*Зиндагӣ нест бахри мо осон,*
*Субҳ дар банди мост, медонӣ?*
*Чисм шуд бо замин агар пайванд,*
*Руҳи мо дар самост, медонӣ?*
*ҳамсафар бахри мо хирад буда,*
*Ақли кул раҳнамост, медонӣ?*
*Дар сари магз-магзи андеша,*
*Ҳукми қолу балост, медонӣ?*
*Сар-сари ёлаҳои сабзи дил,*
*Шеъри Норинисост, медонӣ?*

*2 майи 2009*



https://bikhon.tj/

*Дарпӯшиву даркушоият бад,*
*Бечораву бенавоият бад.*
*Аз олами сабр рафта берун,*
*Бедардиву бедавоият бад.*
*Аз заҳр сиришту сарнавиштат,*
*Беҳуда даҳонвоият бад.*
*Чун қимати хеш кардаӣ гум,*
*Беқадриву беқарорият бад.*
*Аз олами фазл монда берун*
*Бепуштиву бепаноҳият бад.*
*Каждумаки зери бӯрёӣ,*
*Берӯйиву бериёият бад.*
*Нории нисо, ки дид озор,*
*З-озори Худо раҳоият бад.*



https://bikhon.tj/

*Дар канори зиндагонӣ зиндагӣ дорем мо,*
*Дар чаманзори ҷавонӣ зиндагӣ дорем мо.*
*Шоми мо дигар наменолад зи дуриҳои субҳ,*
*Субҳ дар дил, ормонӣ зиндагӣ дорем мо.*
*Аз ғаму ташвишҳо сар бар фалак афрохта,*
*Дар замини осмонӣ зиндагӣ дорем мо.*
*Ханда бар лаб гул кунад ҳарчанд дар боғи хаёл*
*Чун нишони бенишонӣ зиндагӣ дорем мо.*
*Домани хуршед мегирад агар домони мо,*
*Бо ғаму дарди ниҳонӣ зиндагӣ дорем мо.*
*Менавозад панҷаи боди сабо зулфайни мо,*
*Дур аз ҳар ину оне зиндагӣ дорем мо.*
*Сустпаймонӣ набуду нест дар ҳастии мо,*
*Гарчӣ Нории нисои даҳри чандинрӯзаем,*
*Дур аз ёрони ҷонӣ зиндагӣ дорем мо.*



https://bikhon.tj/

*Дар хонаи дил хонахаробем, чӣ гӯем?*
*Дар кашмакаши оташу обем, чӣ гӯем?*
*То олами дил роҳсиперем ба тадриҷ,*
*Дар олами худ бо табу тобем, чӣ гӯем?*
*Дороии мо сабр бувад, саҳл мапиндор,*
*Дар гунбади гарданда саробем, чӣ гӯем?*
*Сӯфии замон дасти дуо мегирад аз мо,*
*Дасте ба дафу чангу рубобем, чӣ гӯем?*
*Саргаштаи имрӯзу пагоҳем дар ин даҳр*
*Бедордили кишвари хобем, чӣ гӯем?*
*Соқӣ чу биёвард ду-се ҷоми паёпай,*
*Медид, ки мо масти шаробем, чӣ гӯем?*
*Аз Норинисо то ба куҷо, то ба куҷое*
*Дар оташи дил ҳамчу кабобем, чӣ гӯем?*



https://bikhon.tj/

*Дилам имрӯзу фардоҳо суруди дигаре дорад,*
*Сари саҷҷодаи ҳастӣ суҷуди дигаре дорад.*
*Нигоҳи дардмандам болу пар бикшода мехоҳад*
*Кунад парвоз то ҷое, ки уди дигаре дорад.*
*Чу мегирад хумори кӯдакиву содагиҳоям,*
*Шарори хотирам дар меҳр ҷуди дигаре дорад.*
*Дигар модаркалони ман ба гӯши ман намехонад,*
*Ҳамон афсонаро, ки буду шуди дигаре дорад.*
*Қарори беқарориҳо диламро заъф меорад,*
*Миёни пардаи сабзе, ки руди дигаре дорад.*
*Чу подевори ҳастӣ аз дурӯгу рост побарҷо,*
*Дурӯгу рост бар ҷонам вуруди дигаре дорад.*
*Дигар Норинисо аз дарду шодӣ бош бепарво,*
*Ки имрӯзу пагоҳи мо ҳудуди дигаре дорад.*

*14 июни 2009*



https://bikhon.tj/

*Дар ҷонамози зиндагӣ ҷои намозӣ доштам,*
*Бо мардуми болоназар ҳай сарфарозӣ доштам.*
*Дар кишвари афсонаҳо афсона мепиндоштам,*
*Неку бади ҳаррӯзаро, таърихи мозӣ доштам.*
*Ҳар як нафас аз зиндагӣ панди дигар бигрифтаам,*
*Панди падар бигрифтаву розу ниёзе доштам.*
*Шоми нигоҳам тира не, дунё ба чашмам хира не,*
*Ҳарчанд аз шодию ғам шебу фарозе доштам.*
*Болои сар хуршед буд, андар дилам уммед буд,*
*Дар лобалои зиндагӣ дасти дарозе доштам.*
*Симурғи симинболи дил то бар фалак пар мекушод*
*Парвоз то бар осмон бо савту созе доштам.*
*Дар олами буду набуд, оғӯши мулки беҳудуд,*
*Норинисое будаму аз ғам ҷиҳозе доштам.*

*20 июни 2009*

*Дар олами танҳоӣ танҳо буданам беҳтар,*
*Дур аз аламу дарду ғавғо буданам беҳтар.*
*Торикшаби ғамро пушти сар агар кардам,*
*Пушти сари шабҳои ялдо буданам беҳтар.*
*"Дил дар қафаси сина ором намегирад",*
*Ором сари ҳарфи пайдо буданам беҳтар.*
*Гар субҳ ба раҳ бошад, аз шом надорам бим,*
*Ҳамсӯҳбати Тоҳир ё Зӯҳро буданам беҳтар,*
*Чун ҷуфти муносибро лоиқ надид Аллоҳ*
*Чун худди худаш доим якто буданам беҳтар.*
*Маҳтоб зи дуриҳо бепарда бигӯяд роз,*
*Бо розу ниёзи хеш якҷо буданам беҳтар.*
*Нории нисоям ман, чун боду ҳавоям ман,*
*Дар шӯру шари дунё дунё буданам беҳтар.*



https://bikhon.tj/

*Дар бораи Исфаҳон чӣ гӯем?*
*Мардони ҷаҳони ҷон чӣ гӯем?*
*Дилро бубарад ба олами ҳусн,*
*Аз ҳусни ҷаҳониён чӣ гӯем?*
*Сардафтари сад ҳазор маънӣ,*
*Гул дар бари бӯстон чӣ гӯем?*
*Хилваткадаи даруни дилро,*
*Кардем зи гам ниҳон, чӣ гӯем?*
*Аммо чи кунем, дарди моро*
*Кардӣ ба ҳама аён, чӣ гӯем?*
*Дарди дигаре чу нест пайдо,*
*Аз дарди сари бутон чӣ гӯем?*
*Нории нисои зиндагием*
*Аз зиндагии гарон чӣ гӯем?*

*2 августи 2009*



https://bikhon.tj/

*Дар поятахти зиндагӣ ман устувор истодаам,*
*Андар сари саҳрои дил чун як чанор истодаам.*
*Аз дидбони умри худ то бар фалак дорам назар,*
*Ҳам бо фалак, ҳам бо малак дар як қатор истодаам.*
*Дарди пушаймонӣ маро ҳар дам азият медиҳад,*
*Дар байни дарду шодиям шабзиндадор истодаам.*
*Меҳрасту сеҳри зиндагӣ, ҳам бандагӣ, поядагӣ,*
*Байни замину осмон бо чашми чор истодаам,*
*Ҳарчанд рӯям беҳиҷоб, ҷурму гуноҳам беҳисоб,*
*Дар кӯчаи шарму ҳаё чун раҳсипор истодаам.*
*Чун умматони Мустафо ман такя дорам бар Худо,*
*Бар илтифоташ ҳар нафас ман интизор истодаам.*
*Шомеву шабҳои дароз бо қалби пурсӯзу гудоз,*
*Уммедвори магфират ман беқарор истодаам.*



https://bikhon.tj/

*Дарвозаи дил бикшо, моҳи Рамазон омад,*
*Сад шукри Худо, то мо моҳи Рамазон омад.*
*Бар ҳар яки мо ҳадя файзу баракат овард,*
*Аз оламаки боло моҳи Рамазон омад.*
*Меҳмони дилу дида, санҷида, наранҷида,*
*Чун меҳвари побарҷо моҳи Рамазон омад.*
*Моҳе, ки қабули Ҳақ гардад чу кунӣ тавба,*
*Ай тавбашикан боз о, моҳи Рамазон омад.*
*То субҳ қироат кун, ҳар лаҳза ибодат кун*
*Беҷурм шавӣ валло, моҳи Рамазон омад.*
*Аҳли ҳунару маънӣ доранд дили бедор,*
*Пинҳони ту шуд пайдо, моҳи Рамазон омад.*
*Нории нисои ту дасти ба дуъо дорад,*
*Бо шодии беҳамто моҳи Рамазон омад.*



https://bikhon.tj/

*Ду тори як оҳанг мо,*
*Боиффату фарҳанг мо,*
*Хоби парешони шабем,*
*Дар сабр мисли санг мо.*
*Дар бомдоди зиндагӣ,*
*Печида бо сад ранг мо.*
*Хомӯшу пурҷӯшем мо,*
*Дур аз ҳама найранг мо.*
*Пироҳани абрем мо,*
*Бономусему нанг мо.*
*Дар олами шодию ғам*
*Ҳамрози уду чанг мо.*

*29 июли 2009*



https://bikhon.tj/

*Дар олами дил олами дигар натавон ёфт,*
*Шавқу ҳавас аз мулки Сикандар натавон ёфт.*
*Хобеву хаёлест ҳама кори замона,*
*Дар роҳи дилу дида санавбар натавон ёфт.*
*Шоме агар аз хонаи чашмам бадар ойӣ,*
*То субҳ ба ҷон ёри баробар натавон ёфт.*
*Хуршед агар тоҷ ба сар пеши ту ояд,*
*Аз шӯълаи ӯ кокулаки зар натавон ёфт.*
*Шаббодаи шабгарди сухан гар ба дар ояд,*
*Аз дар ба даре рафтаву гавҳар натавон ёфт.*
*Гар тифлаки шаб ғулғула дорад ба сари субҳ,*
*Гаҳвораи нозаш зи гули тар натавон ёфт.*
*Бар Норинисое, ки ниҳодаш пури шеър аст,*
*Ҷуз меҳр дигар шӯълаи ахтар натавон ёфт.*

*Дар шаршараи дидаи мо шӯру шарар нест,*
*Аз олами андешаи мо ҳеҷ хабар нест.*
*Шодӣ ба диёри дигаре кӯч бубаста,*
*Шомеву шабе ҳаст, вале файзи саҳар нест.*
*Дар қуттии аттори дилам ранҷ фаровон*
*Аммо чӣ бигӯям, ки нишоне зи шакар нест.*
*Танҳоии мо ҳастии мо забт намуда,*
*Шӯридадилонро бинигар, шӯри дигар нест.*
*Оромгаҳи олами мо рафт ба яғмо.*
*Осоиши гетӣ дига дар шамсу қамар нест.*
*Хомӯшии лабҳои ман аз беҳунарӣ нест,*
*Ҳамсӯҳбати моро чӣ бигӯям, ки ҳунар нест.*
*Нории нисо ҳар қадар аз даҳр биранҷӣ*
*Он қадр бидонӣ, ки қазоеву қадар нест.*

*2 январи 2010*



https://bikhon.tj/

*Дӯстдори Ҳофизу Саъдиву Мавлоно манам,*
*Шаҳрзоди шаҳдрези олами боло манам.*
*Моли ман дигар набошад тундхӯиҳои давр,*
*Ҳамнишасту ҳамдилу ҳамқисмати Соро манам.*
*Чашми серӣ дорам андар ҳар сару савдои дил,*
*Субҳи шомолудаи фарзанди дар саҳро манам.*
*Сорбони корвони умри чандинрӯзаам,*
*Зӯҳрае дар осмони ақли побарҷо манам.*
*Нест холӣ мулки дил аз шаҳкитоби орзу,*
*Шоҳбайти кишвари андешаи воло манам.*
*Хоки рӯи олами асрорро ойинаам,*
*Шукргӯи олами пайдои нопайдо манам.*
*Дар сари меҳроби адлу донишу одамгарӣ*
*Бонуи Норинисои олами тақво манам.*

*31.01.2010.*



https://bikhon.tj/

*Дар ватани шамсу қамар ӯ дигарасту ман дигар,*
*Дар нигаҳи шому саҳар ӯ дигарасту ман дигар.*
*Бо нигаҳи мушаввашаш, тарзи нигоҳи бегашаш,*
*Ман нашавам сари ба сар, ӯ дигарасту ман дигар.*
*Чун набувад баҳори ман, гул набарад мазори ман,*
*Ханда кунад ба чашми тар, ӯ дигарасту ман дигар.*
*Хор ба дида меравам, тор кашида меравам,*
*То бикунам ба ӯ назар, ӯ дигарасту ман дигар.*
*Пухтаи мост хоми ӯ, дил, ки нагашт роми ӯ,*
*Ман нашавам сари ба сар, ӯ дигарасту ман дигар.*
*Аз варақи ситораҳо то дили лаълпораҳо*
*Яксара сӯи мо нигар, ӯ дигарасту ман дигар.*
*То ба канори дил биё, масти баҳори дил биё,*
*Норинисои баҳру бар, ӯ дигарасту ман дигар.*

**2.02.2010**



https://bikhon.tj/

*Дар кӯчаи андешаи мо роҳи дигар нест,*
*Дар хотираҳо чаҳ-чаҳаи мурғи саҳар нест.*
*Хобеву хаёлест дар ин гунбади гардон,*
*Осудагии аҳли дилу аҳли ҳунар нест.*
*Ҳамранги заминему надидем саморо,*
*Аз олами боло дигар имрӯз хабар нест.*
*Алҳамд бигуфтему ба лиллаҳ нарасидем,*
*Боғи ҳунари мо зи чӣ дар madди назар нест?*
*Бар дӯш бувад бори гарон гавҳари мақсуд,*
*Ҳарчанд, ки ҷуз зиндагӣ мақсуди дигар нест.*
*Хору хаси дунё ҳама ҷамъанд сари зулф,*
*Аммо ба сари зулфи сухан дидаи тар нест.*
*Гуфтему бигӯем, ки имрӯзу ҳама рӯз,*
*Дар мулки сухан Норинисоҳои дигар нест.*

***4.02.2010.***



https://bikhon.tj/

*Дар сари савдои дил сар дар биёбонам ҳанӯз,*
*Дар диёри зиндагӣ шоиста меҳмонам ҳанӯз.*
*Хоб мебинам, ки андар олами афсонавӣ,*
*Булбули шӯридаи масти ғазалхонам ҳанӯз.*
*Рафтанам то қуллаҳои сарбаланди орзу,*
*Дар миёни аҳли дил пайдову пинҳонам ҳанӯз.*
*Панд мегиранд мардум аз нигоҳи чашми ман,*
*Машраби девонаи дунёи эҳсонам ҳанӯз.*
*Шаҳрванди қиблаи уммеди корафтодагон,*
*Сарвари як иддаи халқи парешонам ҳанӯз.*
*Кулбаи эҳзони ман аз меҳмон холӣ набуд,*
*Ҳар қадар, ки худ дар ин даргоҳ меҳмонам ҳанӯз.*
*Некие аз дастам ояд баҳри халқам кардаам,*
*Бонуи Норинисои мулки имонам ҳанӯз.*

*15.02.2010*



https://bikhon.tj/

*Дар ҳама кори ҷаҳон бахт аз таваккал мекунем,*
*Донишу таҷрибаи худро мукаммал мекунем.*
*Сар-сари саҳрои дил дар даштҳои беканор,*
*Ҳар масоиле, ки пеш ояд, ба ҷон ҳал мекунем.*
*Шаҳри хомӯши диёри бегаши андешаро,*
*Дар дили андеша бар боғе мубаддал мекунем.*
*Хоксориҳои мо аз нотавонӣ нест, нест,*
*Дар тавоноӣ қиёмат гирди сандал мекунем.*
*Хостгори умри чандин соли бедарду ғамем,*
*З-ин сабаб дар зери сар болини махмал мекунем.*
*Бок не, гар умри мо хуш бигзарад ё нагзарад,*
*Адлро ҳар дам шиори аҳли маътал мекунем.*
*Меравад Норинисо бо сад умеду орзу,*
*Мо нигаҳ бар арчаи сабзе, ба ҷангал мекунем.*

*18.02.2010*



https://bikhon.tj/

*Дунёи чандрӯза ноҷуста роҳи тадбир,*
*Дар айни навҷавонӣ, афсӯс, мекунад пир.*
*Кайҳонкушоӣ дорад, гаҳ раҳнамоӣ дорад,*
*То бар диёри ин дил нокарда хеш дилгир.*
*Бо дард мубталое, дар вартаи балое*
*Бошад агар нагунҷад дар боргоҳи тақдир.*
*Дар банд-банди ҷонаш, осоиши равонаш*
*Дигар намешавад ҷо рӯҳи бузурги кофир.*
*Донандаи замона, хонандаи тарона*
*Бикшода роҳи ҳақро бо нолаҳои шабгир.*
*Гул дар бағал надорад, шӯру мағал надорад,*
*Дар сарзамини сабзи дунёи чанд соҳир.*
*Норинисо дари дил бикшода меравад боз*
*То қуллаи баланди кӯҳи раҳи мусофир*

*21 апрели 2010*



https://bikhon.tj/

*Дар дили афсонаҳо афсона ҷо кардам, нашуд,*
*Хештанро аз ғами дунё раҳо кардам, нашуд.*
*Риштаи садҳо муаммо чун ба ҳам печида буд,*
*Хештанро бо балоҳо мубтало кардам, нашуд.*
*Сардиҳои фасли сармо гӯӣ таъсире надошт,*
*Дар ба дар афсонагӯеро садо кардам, нашуд.*
*Ханҷари бурроии ҳарфи талх дилро пора кард,*
*Осмони дида бар сӯи само кардам, нашуд.*
*Дар сари кори накӯ пеш аз ғуруби офтоб,*
*Нокасе, ноодамеро илтиҷо кардам, нашуд.*
*Хоксориро ба сақфи осмон бардошта,*
*Пеши ӯ якбора арзи муддао кардам, нашуд.*
*Дар ниҳоди марди роҳи дилсиёҳе, беғаме,*
*Тӯҳфа панди ҳикмати Норинисо кардам, нашуд.*
*Дар раҳи меҳру вафову одаму одамгарӣ*
*Хизмате бар бонуи Норинисо кардам, нашуд.*

*24 апрели 2010*



https://bikhon.tj/

*Дар таҳаммул санги сарди хораам,*
*Чорасози мардуми бечораам.*
*Дар диёри шодию андӯҳи худ*
*Ҳамчу як сарриштаи сайёраам.*
*Дарди мардумро ба худ дорам қабул,*
*Ҳамнишини кӯдаки гаҳвораам.*
*Шоми ман то субҳ дорад фосила,*
*Ҳамдилу ҳамқисмати маҳпораам.*
*Хандаи ман гиряи афтодагон,*
*Шоми тори субҳ дар тайёраам.*
*Хандаҳои гиряолуди замин,*
*Лаҳза-лаҳза мекунад овораам.*
*Дар канори мулки дил, Норинисо,*
*Дар талоши ҳақ бувад наззораам.*

*27 апрели 2010*



https://bikhon.tj/

*Дар олами сармозада хотирпарешонам ҳанӯз,*
*Аз омаду аз рафтанат садҳо пушаймонам ҳанӯз.*
*Ёрони ҷонӣ гаштаам бо шодию дарду ғамам,*
*Бо шодию дарду ғамам дар даҳр сарсонам ҳанӯз.*
*Қуфли дили дарёиям бишкаст аз танҳоиям,*
*Савдои дил андар сари аз ғусса вайронам ҳанӯз.*
*Дар деги ҳайронии мо сад хоми дигар пухта шуд,*
*Аз хомиҳои хештан пур гашта домонам ҳанӯз.*
*Барфи сафеди зиндагӣ мерезад аз боми хаёл,*
*Саргашта андар кишвари сарди биёбонам ҳанӯз.*
*Ҳар рӯз як рӯзе агар аз умри ман кам мешавад,*
*Уммедвори рӯзи нав аз лутфи Яздонам ҳанӯз.*
*Норинисои олами афсонаҳои қисматам,*
*Сар бар сари дунёи дун дар шоми ҳиҷронам ҳанӯз.*

*27.04.2010*



https://bikhon.tj/

*Дил рафту дигар бар ватани хеш наомад,*
*Бар олами андешаи дарвеш наомад.*
*Худро ба сароби нигаҳи мавҷ даромехт,*
*Бар қиблаи мардони дурандеш наомад.*
*Бар фосилаи умр ба таъзим биёмад, бидаромад,*
*Эмоми замон диду дигар пеш наомад.*
*Аз қаъри нигоҳи гули пажмурдаи гетӣ,*
*Воқиф чу нагардид, ба дил реш, наомад.*
*Аз сӯҳбати шайтони лаин дур бигардид,*
*То умқи дили баддилу бадкеш наомад.*
*Ғурбатзадаи мулки парешони ҷадал буд,*
*Дур аз алами кишвари бадкеш наомад.*
*Ҳамсӯҳбатии бонуи Нории нисо хост,*
*Беҷуръатие дошт, дигар пеш наомад.*

*1 майи 2010*



https://bikhon.tj/

*Дар сари бозори дил бозор кардӣ, зинда бош,*
*Аз сари нав ишқро бедор кардӣ, зинда бош.*
*Ҳақталошиҳои ман чун бар ту таъсире накард,*
*Ғуссаро ягмогари бозор кардӣ, зинда бош.*
*Аз лабонам хандаро кайҳо ба ягмо бурдаӣ,*
*Ашкро бар гарданам зуннор кардӣ, зинда бош.*
*Пораи ғамро ба домони нигоҳам дӯхтӣ,*
*Хандаро чун кабки ғамбемор кардӣ, зинда бош.*
*Ҷоми дилро дар сари бозори ҳусн андохтӣ,*
*Ҳуснро побанди зулфи ёр кардӣ, зинда бош.*
*Ман намедонам куҷоӣ, бо кӣ дорӣ улфатӣ,*
*Дарди ҳиҷронро ба дӯшам бор кардӣ, зинда бош.*
*Панди Нории нисоро рӯи раҳ бигзоштӣ,*
*Субҳро аз шом миннатдор кардӣ, зинда бош.*

*7 майи 2010*



https://bikhon.tj/

*Дӯстро дар олами андеша мебинем мо,*
*Қимати ҳампеша дар ҳампеша мебинем мо.*
*Раҳ кушояд то ба мулки қалби мо аҳримане,*
*Қувваи аҳриманӣ дар теша мебинем мо.*
*Шиква аз дунёи чандинрӯза мебошад гуноҳ,*
*Хандаи хуршедро дар шиша мебинем мо.*
*Қимати умри азизи хешро донистаем,*
*Дар гузашти умр чандин беша мебинем мо.*
*Хобро бар улфатии мо набошад эҳтиёҷ,*
*Обро дар соязори реша мебинем мо.*
*Ханда дорад рӯ ба рӯи мо чу акси офтоб,*
*З-офтоби зиндагонӣ хеша мебинем мо.*
*Дар канори орзуи бар амал ноомада*
*Рӯи гарми чанд тан дарвеша мебинем мо.*

*1 июли 2010*



https://bikhon.tj/

*Дил аз равони инсон ҳаргиз ҷудо набошад,*
*Дарвеш парваридан кори хато набошад.*
*Аз бозиҳои қисмат, аз ғайбату надомат*
*Пироҳане даридан кори хато набошад.*
*Бардоштан бари дӯш дарди ҳазорсола,*
*Дарди ҳазорсола бар мо даво набошад.*
*Дар шоми ноумедӣ чун ёфтам сафедӣ*
*Гуфтем ин дили мо аз ғам раҳо набошад.*
*Дар кӯчаҳои тақдир оворагард будем,*
*Оворагардии мо беинтиҳо набошад.*
*Мотамсарои дунё барҳам задан натонем*
*Зеро ки моли дунё аз баҳри мо набошад.*
*Хонед чанд шеъри Норинисои даврон*
*То як нафас ҷудоӣ дар байни мо набошад.*

**22.09.2012**



https://bikhon.tj/

*Дар дили озурдаам озор дорад зиндагӣ,*
*Қиссаи бисёри нотакрор дорад зиндагӣ.*
*Чашмаву сарчашмаҳои бегубори кӯҳсор,*
*Оламе дар олами такрор дорад зиндагӣ.*
*Ғурбати дилро ба сӯи ошноӣ мекашад,*
*Ғурбату ғамҳои нотакрор дорад зиндагӣ.*
*Субҳро оғӯш мегирад сари савдои дил,*
*Хатту холи олами озор дорад зиндагӣ.*
*Ақлро то кишвари шамсу қамар бардошта,*
*Дар сари савдои дил бозор дорад зиндагӣ.*
*Хештанро ҳифз месозад зи дашти Карбало,*
*Хилвате дар олами асрор дорад зиндагӣ.*
*Шоҳбайти олами афсонаҳои рӯзгор,*
*Баҳри Нории нисояш нор дорад зиндагӣ.*

*11 октябри 2012*



https://bikhon.tj/

*Дар ҳама кори ҷаҳон аввал ту бисмиллоҳ гӯ,*
*То ки ҳоҷотат бараояд, ҳар замон Аллоҳ гӯ.*
*Аз гулистони хирад гул чида-чида то абад,*
*Ҳар куҷо рафтӣ, паём аз мардуми огоҳ гӯ.*
*Навниҳоли меҳрро парварда дар домони хеш,*
*Бар саҳар огӯш бикшо, қиссаҳои моҳ гӯ.*
*Шоми тори ҳаҷрро бар ёд овардан хато,*
*Ақлро дар зиндагонӣ беҳтарин ҳамроҳ гӯ.*
*Қалбро бар ҳар кӣ во кардан камоли аблаҳӣ,*
*Ҳар кӣ гӯяд носазо, бешубҳа ӯ гумроҳ гӯ.*
*Гар намоишномаи Фарҳоду Ширин дидаӣ,*
*Ҳар кӣ ошиқ мешавад аз зиндагӣ огоҳ гӯ.*
*Гар ҳамепурсанд оё бахтро дарёфтӣ?*
*Оташам, Норинисоям, бахти ман дар роҳ гӯ.*



https://bikhon.tj/

*Дар олами Норинисо як олами дигар маҷӯ,*
*Дар зери оташпораҳо зинҳор хокистар маҷӯ.*
*Даҳри пур аз асрорро кашшофи сонӣ ман магӯ,*
*Дар осмони дидаҳо ҳар нимашаб ахтар маҷӯ.*
*Шоир ба чашми кӯрдил дунёи пурасрор не,*
*Тобу ҷилои лаълро дар хидмати заргар маҷӯ.*
*Аҳволи ин дунёи дун будаст аз аввал забун,*
*Лабханди бедардонаро дар дидаҳои тар маҷӯ.*
*Заҳри ҳалоҳил мехӯрад доно дар ин дунёи дун,*
*Шодии дил дар пайкари духти парипайкар маҷӯ.*
*Ҳастии худро зинате бахшо зи нури маърифат,*
*Дар танбаливу коҳилӣ ҳаргиз зару зевар маҷӯ.*
*Домони дилро барзада биштоб дунёи хирад,*
*Дар бешаи андешаҳо амлоки Искандар маҷӯ.*



https://bikhon.tj/

*Дареги хандаҳои ман, ки бӯи гиря меояд,*
*Садои дил ба ин манзил зи кӯи гиря меояд.*
*Гузашта умри ман дар маҳбаси тиллои танҳоӣ,*
*Ғиреву нолаҳои ман зи сӯи гиря меояд.*
*Муҳаббат дар нигоҳи мардуми дунё намебинам,*
*Ҳама буду набудам бар гулӯи гиря меояд.*
*Суруди ошноиро намехонанд бедардон,*
*Ҳама рӯҳи равони ман ба ҷӯи гиря меояд.*
*Агарчанде ки механдад нигоҳам дар ҳузури дӯст,*
*Ба вақти қисса карданҳо руҷӯи гиря меояд.*
*Суруди сарбаландӣ месарояд духти андеша,*
*Вале дар ҳар каломаш мӯ ба мӯи гиря меояд.*
*Биё, Норинисо, дигар макун таҳқиқ дунёро,*
*Ба истиқболи субҳе рав, ки рӯи гиря меояд.*



https://bikhon.tj/

*Дардро танҳо кашидан аз уқоб омӯхтам,*
*Зиндагӣ дар рӯи дарё аз ҳубоб омӯхтам.*
*Баркашида неку бадро дар тарозуи хирад,*
*Пеша кардан сабрро аз офтоб омӯхтам.*
*Шукр гуфтам қисматамро бо ҳама буду набуд,*
*Пардадориро замоне аз ҳиҷоб омӯхтам.*
*Мулки дилро бабри навмедӣ агарчӣ забт кард,*
*Хештанро шод кардан аз рубоб омӯхтам.*
*Хоҷаи Табрезро дар баччагӣ дидам ба хоб,*
*Табли бедорӣ заданро ман зи хоб омӯхтам.*
*Сайр карда олами ашъори аҷдодони худ,*
*Мисраву ҳарфу ҳиҷоро боб-боб омӯхтам.*
*Ман, ки Нории нисоям, дар нисоӣ беназир,*
*Донишу ақлу хирадро аз китоб омӯхтам.*



https://bikhon.tj/

*Дар зимистон баҳор овардам,*
*Нағмаҳои ҳазор овардам.*
*Дастаи гул зи боғи ашъорам,*
*Пайки Парвардигор овардам.*
*Рӯҳи Момоҳаво мададгорам,*
*Одамият-шиор овардам.*
*Аз биҳишти хаёлиям тӯҳфа,*
*Себу ангуру нор овардам.*
*Раҳ кушодам ба сӯи оянда,*
*Меҳрро дар канор овардам.*
*Дур рафтам зи кинаву бӯҳтон,*
*Дар муҳаббат барор овардам.*
*Аз дили беқарори худ, ай дӯст,*
*Бар дили ту қарор овардам.*



https://bikhon.tj/

*Дар ин дунёи дурӯза на ту мемониву на ман,*
*Суруди хайрбодиро на ту мехониву на ман.*
*Миёни мавҷҳои бешумори баҳри андеша,*
*Ҳама асрори оламро на ту медониву на ман.*
*Агарчанде ба дарди дил гирифторем, медонем,*
*Ки дар ин даҳри пурғавғо на ту нодониву на ман.*
*Ту метарсӣ зи бозори ғаму андӯҳу навмедӣ,*
*Барои луқмаи ноне на ту сарсониву на ман.*
*Ғуломи ҳалқабаргӯши замини орзу ҳастем,*
*Дар ин водии бепаҳно на ту меҳмониву на ман.*
*Садои дил ба ҳар манзил танинандоз мегардад,*
*Зи умри рафта беҳуда на ту армониву на ман.*
*Равони шоҳ Искандар дуои хайр мегӯяд:*
*Ниҳоли яъсро, э кош, на ту биншониву на ман.*

*Дар ин дунёи мофиҳо намегунҷам, намегунҷам,*
*Дар ин кошонаи рӯъё намегунҷам, намегунҷам.*
*Агар афсонаи дилро ту боре дарк мекардӣ,*
*Ҳамегуфтӣ, ки дар беҷо намегунҷам, намегунҷам.*
*Суруди зиндагӣ бар ман гаронӣ мекунад рӯзе,*
*Агар дар олами боло намегунҷам, намегунҷам.*
*Ба симурғи муҳаббат ҳадя карда гавҳари мақсуд,*
*Қатори ҳарфи иллалло намегунҷам, намегунҷам.*
*Сари саҳро, шаби ялдо сари ҳар ҳарф биншаста,*
*Сари ҳарфи Каломулло намегунҷам, намегунҷам.*
*Саманди орзу андар само парвоз мехоҳад,*
*Агар дар сурати эҳё намегунҷам, намегунҷам.*
*Қабои зиндагӣ бар тан, суруди орзу бар лаб,*
*Чу Нории нисо ин ҷо намегунҷам, намегунҷам.*



https://bikhon.tj/

*Дар ин даҳри пур аз гавго агарчанде ки меҳмонам,*
*Куҷоӣ, модари ҷонам, ки бе ту бе саробонам.*
*На огозеву анҷоме, фазои бесаранҷоме,*
*Гаҳе инсони дунёдидаву гаҳ тифли нодонам.*
*Куҷо дасти дуои ту, куҷо ақли расои ту,*
*Ки дар ҳар лаҳзаи душвор бе ту бесаробонам.*
*Замини зиндагониям надорад ранг бе рӯят,*
*Гуноҳе карда бошам пеши ту, сад раҳ пушаймонам.*
*Суруди ҳузнангезам ба баҳру бар намегунҷад,*
*Куҷо ҷӯям барои дардҳои хеш дармонам.*
*Дар ин дунёи афсона маро афсонагӯе нест,*
*Ки то як лаҳзае берун барад аз ин биёбонам.*
*Манам Норинисои кишвари бедорхобиҳо,*
*Зи рӯҳи поки ту уммедвори фазлу эҳсонам.*



https://bikhon.tj/

*Дар ҳастии худ гуҳар надорӣ,*
*Аз олами дил хабар надорӣ.*
*Бар зидди ҷаҳолату қабоҳат,*
*Аз ақлу хирад сипар надорӣ.*
*Парвоз намуданат маҳол аст,*
*Чун болу пар аз ҳунар надорӣ.*
*Мулки ҳаваси ту гашта тороҷ,*
*Шавқу ҳаваси дигар надорӣ.*
*Э войи туву дурӯза умрат,*
*Дар шом раҳи сафар надорӣ.*
*Имрӯз барои туст, фардо,*
*Гулгунчаи тар ба бар надорӣ.*
*Аз фисқу фуҷур домани пур,*
*Афсӯс, ки сар ба сар надорӣ.*
*Ҳолат ба Худо ҳавола кардам,*
*Валлоҳ, ки ту падар надорӣ.*



https://bikhon.tj/

*Дар сар ҳавои зиндагӣ,*
*Дар дил навои зиндагӣ.*
*Бо лаҳну оҳанги наҷиб,*
*Дар лаб садои зиндагӣ.*
*Ман омадам назди шумо,*
*Чун ошнои зиндагӣ.*
*То боз гӯям қиссае,*
*Дар лобалои зиндагӣ.*
*Имрӯзу фардое шумо,*
*Доред ҷои зиндагӣ.*
*Бар қадри якдигар расед,*
*Чун мубталои зиндагӣ.*
*Ошиқи якумрӣ шавед,*
*Аз ибтидои зиндагӣ.*
*Як даста гул овардам аз,*
*Бӯстонсарои зиндагӣ.*
*Хоҳем бахту тахтатон,*
*Дур аз балои зиндагӣ.*
*Бошад Худо баҳри шумо,*
*Мушкилкушои зиндагӣ.*

***Дар ҳама ҳолати замон тарки Ватан накардаам,***
***Чу мургакони ломакон тарки Ватан накардаам.***
***Пойи пиёда рафтаам то ба диёри хуррамӣ,***
***Дида ба дидаам камон, тарки Ватан накардаам.***
***Хуни ҷавонони ҷаҳон рехт агар ҷаҳон-ҷаҳон,***
***Байни замину осмон тарки Ватан накардаам.***
***Рафтаам аз ҷудоиҳо, то дили ошноиҳо,***
***Ҳамватанони ҷони ҷон, тарки Ватан накардаам.***
***Нола зи ман ҷудо шуда, ба гиря ҳамнаво шуда,***
***Дар талаби кавну макон тарки Ватан накардаам.***
***Ҳар қадаре, ки зиндагӣ дар хатарам ниҳода буд,***
***Байни азизони ҷаҳон тарки Ватан накардаам.***
***Норинисои оламам, косаи лабрези ғамам,***
***Шукри Худои меҳрубон, тарки Ватан накардаам.***



https://bikhon.tj/

*Дар сари ман ҳазор савдое,*
*Дар нигоҳам ҷаҳони рӯъёе.*
*Дар ниҳоди дили бузурги ман,*
*Байни шодиву дард ғавғое.*
*Бо ҳама ранҷҳои беохир,*
*Ман надорам ба ганҷ даъвое.*
*Аз муҳаббат манораи сангӣ,*
*Сохтам байни чор дарёе.*
*Шукр, дорам ба дуриҳо парвоз,*
*То ба мулки хасини бобоӣ.*
*Мегурезам зи ғурбату кина,*
*Аз ғаму ғуссаҳои раҳпоӣ.*
*Рӯҳи ман сайри оламе дорад,*
*Гарчӣ ҷуфтам ба дарди танҳоӣ.*



https://bikhon.tj/

*Дар даҳри пурталотум мисли шумо дигар нест,*
*Дар олами маонӣ мушкилкушо дигар нест.*
*Тай шуд раҳи дарозе бо сӯзу бо гудозе,*
*Дар хонаи дили мо нуру зиё дигар нест.*
*Дар нимароҳи қисмат, мотамсарои ғурбат,*
*Босабру ботаҳаммул марди Худо дигар нест.*
*Нодида рӯи хуршед, хушкид нахли уммед,*
*Бар духтарони зебо шарму ҳаё дигар нест.*
*Бо меҳр сар кашида, дарду алам надида,*
*Дар дидаҳои дида нуру зиё дигар нест.*
*Ғофил зи оби дида, то бар фалак расида,*
*Оҳи дилеву раҳми аҳли зиё дигар нест.*
*Ҷӯӣ зи ҳар канори дунёи беканора,*
*Соҳибдиле мисоли Норинисо дигар нест.*



https://bikhon.tj/

*Дили ранҷидаро ранҷи дигар додан чаро бошад?*
*Дари дарду алам бар дӯст бикшодан чаро бошад?*
*Замини қалби худро кишт карда аз ғаму андӯҳ,*
*Ба рӯи роҳи фарде санг бинҳодан чаро бошад?*
*Саманди орзу бо боли заррин мекунад парвоз,*
*Ба зери пои аспи ҳаҷр афтодан чаро бошад?*
*Муҳаммад кош як бори дигар бар даҳр меомад,*
*Бигуфтӣ Яъҷуҷу Маъҷуҷҳо зодан чаро бошад?*
*Аз ин дунёи фонӣ кӯч баста меҳри фарзандӣ,*
*Ба беҳи умри одам заҳр чаккондан чаро бошад?*
*Шуморо раҳму шафқат бошадо, ай зодагони даҳр,*
*Ба болои замини адл по мондан чаро бошад?*
*Биё, Норинисо, бигрез аз ғавғои ин дунё,*
*Китоби фазл пеши кӯр бикшодан чаро бошад?*



https://bikhon.tj/

*Дар дафтари муҳаббат аз мо хато гузашта,*
*Ҳам мӯсафед рафта, ҳам мӯсиё гузашта.*
*Шодии бемурувват бар мо накард ҳиммат,*
*Бо шодию ғами мо ҳар рӯзи мо гузашта.*
*Аз Ҷабраили уммед уммедвор будем,*
*Уммеди мо чу тифли бедасту по гузашта.*
*Аз шукр бениёзем, аз сабр сарфарозем,*
*Аз шукру сабри бисёр иллову ло гузашта.*
*Дар болини надомат сар мондаам ба ҳайрат,*
*Умри дурӯзаи мо бе мо чаро гузашта?*
*Уммедвори умри садсолаему донем,*
*Аз умри дидаи мо садсолаҳо гузашта.*
*Як рӯз ёд карда, ойӣ сурогам, эй дӯст,*
*Гӯянд бо таассуф, Норинисо гузашта…*



https://bikhon.tj/

*Ёд карда дидаи хуршеди оламсӯзро*
*Парда дар домони шаб мерехт ҳусни рӯзро.*
*Боди нарми аввали фасли баҳорон мевазид,*
*Ҷилва дода кокулони духти бахмалдӯзро.*
*Офтоби оламоро пушти кӯҳи Қоф рафт*
*Хондаву суф карда бар худ сураи афсӯсро.*
*Деҳа дар бурҷи хаёлам олами афсона буд,*
*Бод меовард бар ман муждаи Наврӯзро.*
*Аз хати тақдир берун пой чун нанҳодаем,*
*Аз куҷо донем дарду доғи шабафрӯзро?*
*Зумраи воломақомонем дар роҳи умед,*
*Ай Худо, бар мо ато кун шамъи шабафрӯзро.*
*Раҳ наёбад то ба даргоҳи дили Норинисо,*
*Дар сари роҳи тариқат маҳв кун имрӯзро.*

*1 июли 2010*



https://bikhon.tj/

*Ёрони муаззам ба шумо ид муборак,*
*Ҳамраъйиву ҳамрозиву тавҳид муборак.*
*Будед агар дергаҳе бехабар аз даҳр.*
*Имрӯз хабардориву тавҳид муборак.*
*Дар олами андешаатон субҳдам аз сидқ,*
*Як тифлаки нав чун шуда тавлид муборак.*
*Шуд пора кунун ҷомаи якранги замона,*
*Ҳамдардию ҳамбастии Ноҳид муборак.*
*Хандида кунад паҳн зару зевари худро,*
*Аз доманаш ар духтари хуршед, муборак.*
*Дар зери қадамҳои шумо аз гули худрӯ,*
*Рӯида гули нозуки тамҳид муборак.*
*Ошуфта набошед шаби иди шуморо,*
*Гар Норинисо гуфт ба таъкид муборак!*



https://bikhon.tj/

*Зиндагӣ санг паи санг шуда,*
*Ҳама якрангуякоҳанг шуда.*
*Пешаи аксарашон бетарафӣ,*
*Бешараф гӯйӣ бафарҳанг шуда.*
*Ҷомаи нанг даридаст, дарег,*
*Одамӣ ҳайкали беранг шуда.*
*Гули худрӯйи муҳаббат нашукуфт,*
*Бемуҳаббат дили мо танг шуда.*
*Ҳусни мо коста шуд дар гами ӯ*
*Рӯйи зебо пури ожанг шуда.*
*Аз табассум асаре нест дигар,*
*Роҳи дил аз чӣ пур аз чанг шуда?*
*Ту зи Нории нисо дур марав*
*Гарчӣ бо ҷаҳл ҳамоҳанг шуда…*



https://bikhon.tj/

*Зокири ҷони ҷон куҷо рафтед?*
*Зикри Ҳақ бар забон куҷо рафтед?*
*Аҳду паймони хеш бишкаста,*
*Ҷовидон аз ҷаҳон куҷо рафтед?*
*Хонаи хештан нагунҷида*
*Ошкору ниҳон куҷо рафтед?*
*Ин ҷаҳон бе шумо бишуд холӣ,*
*Аз нишон бенишон куҷо рафтед?*
*Чашми фарзандҳо ба дар, гӯянд:*
*Падари меҳрубон, куҷо рафтед?*
*Хонаи Дилбари шумо холӣ,*
*Дилбару дилситон куҷо рафтед?*
*Ҷоми дилҳои мо зи ғам лабрез*
*Карда аз ин макон, чаро рафтед?*



https://bikhon.tj/

*Зуди зуд агар рафтаӣ бозор, чӣ гӯем?*
*Шаб то ба саҳар будаӣ бедор, чӣ гӯем?*
*Дар сандуқи андешаи ту нест матое,*
*Бегонасифат будаву беор, чӣ гӯем?*
*Ночида ба домони дили худ гули уммед,*
*Рафтӣ ба сари мазраи гулзор, чӣ гӯем?*
*Моему дар ин хонаи мо чанд фаришта,*
*Сарриштаи кори ту ба зуннор, чӣ гӯем?*
*Абри сиёҳи дард бипӯшид сари мо,*
*Андар сари ту гардиши паргор, чӣ гӯем?*
*Хуни дили мо аз хуми ҳастӣ, ки бурун рафт,*
*Беруну даруни дили абгор чӣ гӯем?*
*Шомеву шаробеву шаҳидони замона,*
*Карданд раҳи кор валангор, чӣ гӯем?*
*Аз Норинисо рафтаӣ, бар ёд наорӣ,*
*Нури сари ҳар кор бувад нор, чӣ гӯем?*



https://bikhon.tj/

*Зиндагӣ ҳар лаҳза озорад маро,*
*Хурраму осуда нагзорад маро.*
*Байни обу оташи андешаҳо,*
*Сӯзу сози нав ба нав орад маро.*
*Ҷои худро гар наёбам дар замин,*
*То ба гардунҳо бубардорад маро.*
*Ними нонам роҳати ҷонам бувад,*
*Роҳати ҷон зинда медорад маро.*
*То ба боло мерасад овози ман,*
*Ишқ гар як сӯй нагзорад маро.*
*Марди доное, ки дорад ақли кулл,*
*Зарра не, як кӯҳ пиндорад маро.*
*Хотирам болида мегардад агар*
*Дӯст рӯи раҳ набигзорад маро.*



https://bikhon.tj/

*Зиндагӣ сард аст ҳамчун хонаи уммеди ман,*
*Ҳастиям дард аст дар афсонаи хуршеди ман.*
*Бори вазнини маломат мекашад ҳастии ман,*
*Сад дарего, монд беҳосил дарахти беди ман.*
*Умри ман оби равон буду гузашту рафт, рафт,*
*Дидани дидори ёрон аст, рӯзи иди ман.*
*Ҷуфти худро дар замини нозанин ноёфта,*
*То ба гардун рафт шояд бахт ҳам аз диди ман.*
*Панҷа бар дар мезанад пирии барвақтомада,*
*Бехабар аз рӯзу моҳу соати тавлиди ман.*
*То гузаргоҳи саодат роҳ дурӣ мекунад.*
*Кош гирад дасти ҳар афтодаро Ҷамшеди ман.*
*Ман надонам, кай Худовандам муяссар мекунад,*
*Дидани дидори ёри гор бар муршиди ман.*

*20 декабри 2008*



https://bikhon.tj/

*Зӯҳраи офтоби дил гуфтам,*
*Хандаи моҳтоби дил гуфтам.*
*Шоҳбайти ҷаҳони истеъдод,*
*Зарра дар печутоби дил гуфтам.*
*Роҳ дорад ба мулки андеша,*
*Ҷои ӯ дар сароби дил гуфтам.*
*Осмони умеди ӯ рӯшан,*
*Нур дар изтироби дил гуфтам.*
*Сар бари зонуи ҳунар дорад,*
*Нусхаи шаҳкитоби дил гуфтам.*
*Мақсадаш хизмати Ватан кардан,*
*Шӯълаи инқилоби дил гуфтам.*
*Меҳр доим канорагираш бод,*
*Шаҳсавори рикоби дил гуфтам.*
*Ҳамчу Норинисои давронаш*
*Баҳравар аз шароби дил гуфтам.*



https://bikhon.tj/

*Зиндагонӣ хатост,медонӣ?*
*Дарди мо бедавост,медонӣ?*
*Байни майдони ҳарб ҳаррӯза,*
*Чӣ қадар моҷарост, медонӣ?*
*Пушти мо дар қаламрави қисмат,*
*Аз чӣ боис дутост, медонӣ?*
*Зиндагӣ мавҷ мезанад ҳар дам,*
*Панҷа андар қафост, медонӣ?*
*Чӣ қадар ғуссаву ғаму андӯҳ,*
*Ҳар нафас пеши пост, медонӣ?*
*Дар ғаму ғуссаи азизонаш,*
*Шишаи дил дутост, медонӣ?*

*15 феврали соли 1009*



https://bikhon.tj/

*Зиндагониям хато андар хато*
*Як қадам роҳ аст то қолу бало.*
*Дафтари дил пур-пур аз афсонаам.*
*Инқадар шӯру талотум аз куҷо?*
*Нест дигар дар замину дар само,*
*Бар дили дардошнои ман даво.*
*Мебарам бори ғаму андӯҳро,*
*То ба кай бар дӯш аз ҷое ба ҷо?*
*Ман намедонам ба шастам кай фитад.*
*Ногаҳон якбора моҳии тило?*
*Кай расад рӯзе, ки дил ошиқ шавад,*
*Бар ягон марди дилогоҳи Худо?*
*Марди оқил бошаду аз сидқи дил*
*Дӯст дорад бонуи Норинисо.*

*26 феврали 2009*



https://bikhon.tj/

*Зи борони баҳори зиндагонӣ баҳра мегирам,*
*Зи оби чашмасорони ҷавонӣ баҳра мегирам.*
*Бари домони мақсуди диламро сахт медорам,*
*Зи бозори ҷаҳони меҳрубонӣ баҳра мегирам.*
*Садои ман агар бар гӯши ноаҳлон намефорад,*
*Надорам бок, аз ину аз оне баҳра мегирам.*
*Мададгорам бувад ҳар лаҳза рӯҳи модари пирам,*
*Зи рӯҳи бегазандаш ҷовидонӣ баҳра мегирам.*
*Агар аз олами дигар биёяд марди рӯҳонӣ,*
*Зи гуфтораш ба як кунҷе ниҳонӣ баҳра мегирам.*
*Надорам тоқати бишнидани ҳарфу ҳиҷои талх,*
*Зи шаккаргӯйии аҳли маонӣ баҳра мегирам.*
*Чу Норин нисои олами андешаҳои бикр,*
*Нишоне ҷуста аз ҳар бенишонӣ баҳра мегирам.*

*19 майи 2009*

*Забонат заҳр дорад, найшакар не,*
*Нигоҳат аз муҳаббат шӯълавар не.*
*Замин озор дорад аз қудумат,*
*Туро аз олами боло хабар не.*
*Раҳи ту баста то шаҳри муросо,*
*Туро андешае дар мағзи сар не.*
*Ғами дил, мотами дилро надидӣ,*
*Сухан бар ҷисму ҷонат коргар не.*
*Ғуборолуда дил дориву дилро*
*Муҳаббат, меҳру шафқат ҳамсафар не.*
*Ба дарёи ҷаҳолат ғарқ ҳастӣ,*
*Суханҳоят малеҳу мухтасар не.*
*Чаро Норинисоро ранҷ додӣ?*
*Намедонӣ, ки оҳаш беасар не?*

*27 августи 2009*



https://bikhon.tj/

*Замини нозанин аз лутфу эҳсони ту шукрона,*
*Зи субҳи шодиву шоми парешони ту шукрона.*
*Насими боди наврӯзӣ биёрад муждаи дидор,*
*Зи Наврӯзи ҳамин рӯзи дурахшони ту шукрона.*
*Садои ошноӣ мебиёяд аз нигоҳи шаб,*
*Ба рӯзу рӯзгори нобасомони ту шукрона.*
*Гуноҳи мо, савоби мо ба дӯши хештан дорӣ,*
*Барои дардҳои дар биёбони ту шукрона.*
*Зи фарёди дили бечораҳо хомӯш мегирӣ,*
*Ба дунёи пур аз таззоду армони ту шукрона.*
*Ба дил дорӣ нигаҳ ҷурму савоби бандаи осӣ,*
*Ба сабру тоқату покии имони ту шукрона.*
*Худовандам нигаҳ дорад туро андар паноҳи хеш,*
*Ба ҳар як қатра обу нони Яздони ту шукрона.*

*29.01.2010*



https://bikhon.tj/

*Захми тири ошиқон захми дигар меоварад,*
*Дар таҳаммул кӯзаи пурбори зар меоварад.*
*Чор сӯи орзуро мекунад пур аз ҳавас,*
*Шоми тори зиндагиро то саҳар меоварад.*
*Хобро дар бугчаи бозори ғам бигзошта,*
*Аз мазори нотавонбинон хабар меоварад.*
*Ҷомаи шеъру суханро тарҳрезӣ мекунад,*
*Ахтари уммедро болои сар меоварад.*
*Қибларо омода месозад барои бомдод,*
*Хобро дар бистари лӯълӯи тар меоварад.*
*Чангу дуди осмонро аз замин бардошта,*
*Хокро бар гунбади чашмони тар меоварад.*
*Ҳастии мо то ба дуриҳо барад гар моҳи шаб,*
*Баҳратон Норинисо шир аз қамар меоварад.*

**14.02.2010**



https://bikhon.tj/

*Зи ҳарфи носазои ту дилам озорҳо дорад,*
*Зи таққу туққи пои ту дилам озорҳо дорад.*
*Зи рафту омадат Модар-Замин захме ба дил дорад,*
*Зи дарди бедавои ту дилам озорҳо дорад.*
*Надонӣ печутоби роҳҳои зиндагониро,*
*Зи ақли норасои ту дилам озорҳо дорад.*
*Сари бемағзи ту бар ҳамнишинонат асар карда,*
*Зи ҳар қолу балои ту дилам озорҳо дорад.*
*Зи дунёи ҷаҳолат як қадам берун намеоӣ,*
*Чу тимсоли балоӣ ту, дилам озорҳо дорад.*
*Хамӯшиҳои тӯлонии ман сирри дигар доранд,*
*Зи чашми беҷилои ту дилам озорҳо дорад.*
*Суханҳои ту берабтанду по андар ҳаво доранд,*
*Зи ҳарфи дар ҳавои ту дилам озорҳо дорад…*

*17.03.2010*



https://bikhon.tj/

*Зи дарду доғи танҳоӣ нигаҳ дор, ай Худовандам,*
*Зи офатҳои дунёӣ нигаҳ дор, ай Худовандам.*
*Магардон соате ҳамсӯҳбати инсони бепарво,*
*Зи талхиҳои раҳпоӣ нигаҳ дор, ай Худовандам.*
*Зи лутфи хеш маҳрумам макун имрӯзу фардоҳо,*
*Зи ҷабру дарди беҷоӣ нигаҳ дор, ай Худовандам.*
*Дар ин дунёи фонӣ боз кун роҳи тариқатро,*
*Зи хатти роҳи савдоӣ нигаҳ дор, ай Худовандам.*
*Магардонам дигар ҳамсӯҳбати ёрони бепарво,*
*Зи ҳарфи пур зи лолоӣ нигаҳ дор, ай Худовандам.*
*Манам як бандаи хокиву ҳар як шеърам афлокӣ,*
*Зи бозиҳои рӯъёӣ нигаҳ дор, ай Худовандам.*
*Чу Нории нисои олами андешаҳоям ман,*
*Зи заҳри бесарупоӣ нигаҳ дор, ай Худовандам.*

*3 июли 2010*



https://bikhon.tj/

*Зинда ба ёди Мавлавӣ ман нашавам, кӣ мешавад?*
*Ҷойнишини сад валӣ ман нашавам, кӣ мешавад?*
*Ханда ба лаб, гиря ба дил меравам аз рӯи ҷаҳон*
*Бо дилу бо рӯҳи қавӣ ман нашавам, кӣ мешавад?*
*Дида ба роҳ меравам, бо ғаму оҳ меравам,*
*Бо ғаму оҳ пайраве ман нашавам, кӣ мешавад?*
*Хумори ёр дар дилам, санги мазор манзилам,*
*Садқаи кӯҳнаву наве ман нашавам, кӣ мешавад?*



https://bikhon.tj/

*Зи уқёнуси сарди зиндагонӣ чун ҳазар дорам,*
*Ба кӯҳистони сабзи орзуҳоям сафар дорам.*
*Парешон зистам, дигар парешонӣ намехоҳам,*
*Зи бемеҳриву бераҳмии мардум чашми тар дорам.*
*Дар ин дунё, ки аз тори ҳақиқат нест бунёдаш,*
*Зи беқадрии истеъдоди воло дарди сар дорам.*
*Ба рӯи бозувони хеш дорам бори танҳоӣ,*
*Ба гардун мерасад оҳам, ки захме дар ҷигар дорам.*
*Агар ҳамсӯҳбатии аҳли маънӣ орзуям буд,*
*Ба ин маънӣ кунун сар бар сари шамсу қамар дорам.*
*Суруди зиндагӣ ҳар дам ба сӯи хеш мехонад,*
*Агарчӣ дар дил аз андӯҳу ғам дурру гуҳар дорам.*
*Манам Норинисои даҳр, зидди бухсу бадбинӣ,*
*Зи инсофу адолат дар ниҳоди худ сипар дорам.*



https://bikhon.tj/

*Зи канори обшорон ба канори дил биёед,*
*Зи диёри бевафоён ба диёри дил биёед.*
*Биравед берун аз мо, ба ду дидаи тари мо,*
*Назаре кунеду як дам ба мазори дил биёед.*
*Сухани заминии мо биравад ба осмонҳо,*
*Ба самои меҳрубонӣ, ба хумори дил биёед.*
*Зи карашмаҳои ин хок бикашед сар ба афлок,*
*Зи фалак ситора чида, ба қатори дил биёед.*
*Гули ёсумини қисмат бикашед рӯи домон,*
*Зи карори беқарорӣ ба қарори дил биёед.*
*Чу ба домани намозӣ binишаст тифли уммед,*
*Зи дили умедворӣ ба баҳори дил биёед.*
*Макашед бори ҳиммат, бикашед бори қисмат,*
*Чу чароғи меҳр доред, шаби тори дил биёед.*



https://bikhon.tj/

*Имрӯз агар натонед, рӯзи дигар биёед,*
*Аз лутфу меҳрубонӣ тоҷе ба сар биёед.*
*Аз кӯчаи муҳаббат то олами дили мо*
*Гулдаста чида-чида вақти саҳар биёед.*
*Соқӣ агар кунад пур аз меҳр ҷоми ҳастӣ,*
*Аз нестиву ҳастӣ чун бехабар биёед.*
*Бар ҳарфи меҳрубонӣ резед шарбати ишқ,*
*Масти шароби шодӣ аз дар ба дар биёед.*
*Бар гӯши обшорон хонед сураи ишқ,*
*Аз шавқу шӯру мастӣ аз худ бадар биёед.*
*Дар осмони уммед маҳтоб ҷуста буded,*
*Маҳтобпора дар бар аз баҳру бар биёед.*
*Норинисои худро дар мулки ғам маҷӯед,*
*Дастобадасти шодӣ шамсу қамар биёед.*



https://bikhon.tj/

*Ин қалби зормонда озор мекашад боз,*
*Аз домани замини гулзор мекашад боз.*
*Пойи пиёда мерад то бар кучо, кучохо,*
*Бори нишоту ғамро ҳар бор мекашад боз.*
*Бо ҷомаи дарида,чун субҳи навдамида*
*Бар пешвози хуршед хирвор мекашад боз.*
*Меҳру муҳаббаташро андар саҳифаи дил*
*Бо килки меҳрубонӣ ҳамвор мекашад боз.*
*Бар нолаи шаби тор мурғи дилаш харидор,*
*Мурғи нигоҳи худро то тор мекашад боз.*
*Садсола умри худро тай кард агар ба ҳайрат,*
*Дар дафтари надомат паргор мекашад боз.*
*Аз баҳри рафтагону ояндагони фардо*
*Норинисо ба нуре аз нор мекашад боз.*



https://bikhon.tj/

*Инқадар бо карру фар то бар куҷоҳо меравӣ?*
*Остинат пушти сар то бар куҷоҳо меравӣ?*
*Оқибат ҷои ту бошад хок бар болои хок,*
*Бандаи хокӣ чаро чуну чароҳо меравӣ?*
*Аз нигоҳат заҳр мерезад бари домони дил,*
*То бари домони дил бо сад муаммо меравӣ.*
*Меситезӣ, мегурезӣ аз дили дардошно*
*Аз дили дардошно то бар Сурайё меравӣ.*
*Гирд-гирди ошёни меҳр мегардиву лек*
*То даруни хонаат бедасту бе по меравӣ.*
*Зистан бошад шиорат дар дили андешаҳо,*
*То дили андешаҳо боло ба боло меравӣ.*
*Ақлу ҳуши нокифоят мекунад имдод агар,*
*То дили Норинисо бо сад таманно меравӣ.*



https://bikhon.tj/

*Ин ҷо сари бемор ку? Сад ҷабр аз Ҷаббор ку?*
*Мастӣ расида то куҷо, як одами ҳушёр ку?*
*Аҳволи марди роҳ бин, дар пеши поят чоҳ, бин,*
*Чоҳи занахдони туро гирдоб аз паргор ку?*
*Шоми шаби мо субҳ шуд, маҳбуб шуд, марғуб шуд,*
*Аз Шашмақоми зиндагӣ овози чангу тор ку?*
*Зиндони мо дар ҷони мо аз покии имони мо.*
*Дар покии виҷдони мо маҷмӯи нуру нор ку?*
*Ғурбатсарои зиндагӣ бар аҳли игво ҷаннат аст,*
*Дар ҷаннати рӯи замин як одами бекор ку?*
*Нури нигоҳаш пуралам, дар кӯлбораш кӯҳи ғам*
*Кӯҳи ғами андешаро Фарҳоди дар кӯҳсор ку?*
*Норинисо дар оташи хори магелон сӯхта,*
*Бар рафъи оташ қатрае аз оби обанбор ку?*

*7 феврали 2009*



https://bikhon.tj/

*Имрӯз парокандагии аҳли назар бин,*
*Хориву залилии ду-се марди ҳунар бин.*
*Фарзанди заминему набошем заминӣ,*
*Дар рӯи раҳи умр нишонии хатар бин.*
*Чун меҳр ба болои сари мо надурахшад,*
*Торикии мулки дили бедарди самар бин.*
*Мурғи чамани субҳ дигар қисса нагӯяд,*
*Аз қиссаи дирӯза ғами дидаи тар бин.*
*То мулки Сикандар ба Сикандар нарасидем,*
*Бемағзии ҳар як нафари роҳгузар бин.*
*Аз тирадилиҳо ба куҷо кӯч бубандем?*
*Шаббодаи шаб дар бағали мурғи саҳар бин.*
*Нории нисо муждаи васли сухан овард,*
*Ширинсуханиҳош ту дар даври Қамар бин.*

***21.06.09.***



https://bikhon.tj/

*Ин субҳ надонам, зи чӣ илҳом наомад,*
*Аз ваҳйи худовандиям инъом наомад.*
*Сетори хаёлам ба навоҳии хамӯшӣ,*
*Рафту сари бозори сухан шом наомад.*
*Аз Борбади давр чу будем ба уммед*
*Уммед на дар аввалу анҷом наомад.*
*Аз хандаи мо хандаи шаб ранг гирифта,*
*Рафту сари савдои дил ором наомад.*
*Бар аҳли ҳунар як назари марҳамате нест,*
*Бар некдилон рутба ба фарҷом наомад.*
*Аз шаъшааи дидаашон нури илоҳӣ*
*Мерехт ба сарпанҷаву аҳком наомад.*
*Ҳарчанд, ки Нории нисо хост бубахшад,*
*Аз шарбати шодӣ ба шумо ҷом наомад.*

*19.01.2010*

*Имрӯз дар дили мо борони дарду жола,*
*Ризқу насибаи мо монанди як зувола.*
*Яздони пок моро аз фазл дода давлат,*
*Аз бахту тахт бошад,чизҳои кӯҳна-кола.*
*Шоми сиёҳи мо шуд қурбони субҳи уммед*
*То бар куҷо расонам оҳангҳои нола.*
*Хомӯш будани мо пайкест аз қиёмат*
*То рӯзи субҳи маҳшар бад бар Худо ҳавола.*
*Ман меравам аз ин ҷо то бар диёри боло*
*Ҷое, ки аз нигоҳам рӯида нахли лола.*
*Бо сабр ҳамнишинам, бо шукр ҳамақида*
*Бо дардҳои лола, бо домани кашола.*
*Ман роҳ мекушоям, то бар дили шумоён*
*Бо дафтару китоби дарди ҳазорсола.*



https://bikhon.tj/

*Имрӯз зиндагонӣ ранги дигар гирифта,*
*Нодониву ҷаҳолат хун аз ҷигар гирифта.*
*Паррандаи муҳаббат кайҳост бенишона,*
*Хуршеди бевафоӣ болои сар гирифта.*
*Омӯзгори қисмат дар бистари ҷаҳолат,*
*Пайваста хоб медид дунёи даргирифта.*
*Хобем ё ки бедор, мастем ё ки ҳушёр,*
*Аз олами дили мо хуршед бар гирифта.*
*Дидори дӯст моро бошад биҳишти сонӣ,*
*Андар биҳишти сонӣ дунёст дар гирифта.*
*Моро насиби дидор гар мебарад таи дор,*
*Аз ғуссаҳои мардум рӯмоли сар гирифта.*
*Рӯзи хушию мотам Норинисо махур ғам*
*Ёри ту мебиёяд заҳру шакар гирифта.*

**29.012010**



https://bikhon.tj/

*Имрӯз ҳам гузашта, шоме ба шаб расида,*
*Бар қасди тангдастӣ базму тараб расида,*
*Хуршед домани худ дар даҳр паҳн карда,*
*Маҳтоби дидаи мо ҷоме ба лаб расида.*
*Субҳем нодамида, шомем норасида,*
*"Ҳар кас расид ҷое, баъд аз талаб расида".*
*Дар байни шодию ғам яксоатина роҳ аст,*
*Бар чархболи уммед волонасаб расида.*
*Аз ашк рехтанҳо ҳаргиз мабош ғамгин,*
*Тири нигоҳи марде то бар асаб расида.*
*Ҳарчанд дур ҳастем аз мардуми ҷамоат,*
*Шукри Худо ба мо ҳам ному насаб расида.*
*Норинисо магӯед дар кунҷи узлат имрӯз,*
*Аз шукргӯиҳояш лову лааб расида.*

*15.02.2010.*



https://bikhon.tj/

*Имрӯзу ҳамин лаҳзаи дидор муборак,*
*Ҷамъияти ёрони вафодор муборак.*
*Руҳулқудус аз олами дил нома фиристод,*
*Ин ҳадя ба як бору ба сад бор муборак.*
*Пайғомбари ишқ дари хонаи дилро,*
*Мекӯбад агар ҳамчу талабгор, муборак.*
*Шоҳаншаҳи кӯи ту биёмад ба гадоӣ,*
*Ин подшаҳии гули рухсор муборак.*
*Аз субҳи сафо меҳру вафоро талабидем,*
*Шукронаи субҳона бари ёр муборак.*
*Оромии мо сабт нагардид ба дафтар,*
*Шӯру шари дунёи пурасрор муборак.*
*Аз баҳри шумо Норинисо чанд ғазал гуфт,*
*Машқи ғазалу қиссаи бисёр муборак!*

*Ид омаду ид омад, аз ғайб навид омад,*
*Чун ҳадяи наврӯзӣ пайғоми ҷадид омад.*
*Чун духтари дилогаҳ бар роҳ баромад маҳ,*
*Лабханди баҳоронро гулчеҳра падид омад.*
*Дарвозаи ин дилро бо завқ бизад панҷа,*
*Бар шаҳбачаи уммед аз бахт навид омад.*
*Рав, хони тараб бикшо, афсонаи дил бинмо,*
*Бар роҳнаварди роҳ Қуръони маҷид омад.*
*Мотамкадаи дунё то дори фано бигрехт,*
*Бар ғурбати танҳоӣ бӯҳрони шадид омад.*
*Қуи сухани воло дар арши барин шуд ҷо,*
*Субҳона бидеҳ, соқӣ, паймона падид омад.*
*Мурғи чамани хуршед дунёра ба даст овард,*
*Бархез ба "Ё АЛЛО{", ид омаду ид омад.*
*Норин нисо, биштоб бар оломи афсона,*
*Шоҳаншаҳи ишқи ту аз мулки умед омад.*



https://bikhon.tj/

*Имрӯз дар дили мо маҳтоб гиря дорад,*
*Андар даруни шиша симоб гиря дорад.*
*Аз дарди бенавоӣ, аз нолаи ҷудоӣ,*
*Дар баҳри пурталотум гирдоб гиря дорад.*
*{арчанд аз таҳаммул фарсангҳо бувад дур,*
*{ангоми забҳ кардан қассоб гиря дорад.*
*Якчанд соате чун бо гӯшт унс бигрифт,*
*Дар шоми ноумедӣ селоб гиря дорад.*
*Аз нолаи ниҳонӣ, аз ҷабри безабонӣ,*
*Беихтиёр ҳар дам мизроб гиря дорад.*
*Аз бетамизиҳои фарзанди одамизод,*
*Паррандаву чаранда дар хоб гиря дорад.*
*Норинисо чӣ гӯяд дар ҳаққи ҳамҷаворон?*
*Аз иддаое бузургон меҳроб гиря дорад.*

*Исонафасему ба кас кор надорем,*
*Бар тухми сухан ҳеҷ харидор надорем.*
*Меҳри Ватану ишқи шумо дар дили мо ҳаст,*
*Мо дар Ватани ишқ гунаҳгор надорем.*
*Аз аҷнабиёне, ки ватандор набуданд,*
*Ёрону рафиқони сазовор надорем.*
*Меҳр асту муҳаббат, ки ҷаҳони дили моро*
*Созад ба ҷаҳон гарм, чаро ёр надорем?*
*Дар мулки дили мост сухан соҳиби хона,*
*Бар соҳиби дил даъвии бисёр надорем.*
*Шоми сияҳи ҷаҳл чу бар коми фано рафт,*
*Бар субҳи шаби қадр талабгор надорем.*
*Ҳар кас, ки бипурсад, ки киҳоед, куҷоед?*
*Мо Норинисоему ба каф хор надорем.*



https://bikhon.tj/

*Илтифоти Худо муборак бод,*
*Дардҳоро шифо муборак бод.*
*Шодии дил расид, ай ёрон,*
*Бегамии шумо муборак бод.*
*Мекунад деҳқон заминро кишт,*
*Киштии нохудо муборак бод.*
*Хонаи ғусса сӯхт шукрона,*
*Шукри беинтиҳо муборак бод.*
*Шукри Эзид, Эмомалӣ Раҳмон,*
*Баҳратон муттако, муборак бод.*
*Кафтари сулҳ мезанад пар-пар,*
*Парри коҳи ҳумо муборак бод.*
*Дидани навбаҳори рӯи дӯст,*
*Баҳри Норинисо муборак бод.*



https://bikhon.tj/

*Калиди бахту шодӣ дар даруни кӯзаи зар буд,*
*Сухан оинабанди чашмаи уммеди дилбар буд.*
*Замини сард мехобид зери қаҳри боронҳо,*
*Кулоҳи бенавоӣ дар сари марди қаландар буд.*
*Ҷавониҳои мо рафтанду дигар барнамегарданд,*
*Ҷавонӣ гӯиё болу пари чандин кабӯтар буд.*
*Сиёҳии шаби моро сафедӣ дод хокистар,*
*Агарчӣ ақли кул дар олами Аллоҳу Акбар буд.*
*Сухан аз олами боло буду бар аҳли тақво буд,*
*Худовандаш ба тақводори беозор ёвар буд.*
*Сари бозори андеша агарчӣ гирд мегаштам,*
*Калиди оҳи ман дар мехи пушти мушти кофар буд.*
*Саропои маро дуди ғализи оҳ печида,*
*Шаби торику нури рӯшани хуршеди ховар буд.*
*Шукӯҳи духтари толеъбаланди модари тоҷик*
*Будӣ Норинисое, ки ба зар шеъраш баробар буд.*

*16 феврали 2009*



https://bikhon.tj/

*Кафтарбачаи ишқ навои дига дорад,*
*Тори дилам ин субҳ садои дига дорад.*
*Хомӯш нишастан натавонад дили тангам,*
*Чун аз нигаҳат ҷабру ҷафои дига дорад.*
*Аз сӯзани пайроҳаи қисмат нагузаштем,*
*Ҳар пайраҳа дар хеш қабои дига дорад.*
*Аз нозукиҳои сухани шеър чӣ гӯем?*
*Ҳар як сухани шеър давои дига дорад.*
*Ханҷар ба дили аҳли ҳунар мезанию боз,*
*Аҳли ҳунар аз сабр сафои дига дорад.*
*Тӯфони ғазаб мекунад озурда дили мо,*
*Озурдагиҳо дарду балои дига дорад.*
*Дунёи ғазал дар вараҳи дафтари гетӣ.*
*Имрӯзу паго Норинисои дига дорад.*



https://bikhon.tj/

*Кишвари сабзи баҳорам, Ватанам,*
*Маскани лайлу наҳорам, Ватанам.*
*Навниҳоли самари зиндагиям,*
*Боиси авҷу барорам, Ватанам.*
*Дар канори ту манам осуда,*
*Мулки беҳадду канорам, Ватанам.*
*Боли парвози ман аз меҳри ту бод,*
*Меҳри ту омади корам, Ватанам.*
*Як нафар фарди барӯманди туям,*
*Соҳибиқболи диёрам, Ватанам,*
*Гар занам ғӯта ба дарёи аҷал*
*Шӯълаи шамъи мазорам, Ватанам.*
*Шукргӯ Норинисои ту манам.*
*Маскани нураму норам, Ватанам,*

*10 феврали 2009*



https://bikhon.tj/

*Корвони умри мо бо роҳи дигар меравад,*
*Аз замини нозанин то моҳу ахтар меравад.*
*Бо умеди рӯзи фардо зиндагонӣ мекунад,*
*То дили афсонаҳо бо дидаи тар меравад.*
*Шоми ҳиҷронро ба дӯши хештан бардошта,*
*То дили субҳи пурасрори музаффар меравад.*
*Ҳақпарастиҳош мардумро ба ҳайрат оварад,*
*Шӯр дар дил, шеър бар лаб, ақл бар сар меравад.*
*То куҷо бори сухан чун паҳлавоне мекашад,*
*Ҳадя бар ҳар як нафар бо дурру гавҳар меравад.*
*Дар ғами афтодагони даҳр меафтад зи по,*
*Бо ғами дил гӯйӣ то мулки Сикандар меравад.*
*З-олами боло, зи оташдони Нории нисо,*
*Шеъри воло ҳадяи шоҳу паямбар меравад.*

*6 майи 2009*



https://bikhon.tj/

*Кӯч мебандад дилам то бар диёри орзу,*
*Медиҳад худро даме бар ихтиёри орзу.*
*Аз баландиҳои кӯҳи ғам назар андохта*
*Субҳро дигар набинад шоми тори орзу.*
*Мӯсафедони диёрам кӯч бастанд аз замин,*
*Рӯҳашон парвоз дорад то канори орзу.*
*Боди навмедӣ парешон кард гарчӣ хотирам,*
*Хотири болидаам аз пуду тори орзу.*
*Домани сабзи диёрам пур-пур аз дони умед,*
*Домани уммед дорам аз шарори орзу.*
*Хонаи бобоиям ҳарчанд зери хок монд,*
*Хоки бобоӣ бувад моро мазори орзу.*
*Чун ба дунёи ҳунар Норинисои қисматам*
*Рӯфт ҷорӯби ҳунар чангу ғубори орзу.*

*3 январи 2010*



https://bikhon.tj/

*Куҷо бигрезам аз ҷурму хатои бандаи хокӣ?*
*Чӣ гӯям, ки Заминам -Модарам бо синаи чоке?*
*Ҳамеша бори дӯшам ғурбату дарди ҷигарбандон,*
*Ҳама рӯзу шабам пайваста шуд бо оҳи ғамноке.*
*Сари шоми сияҳ бо субҳи содиқ гуфтугӯ дорам,*
*Худовандам диҳад бар тифлаконам ақлу идроке.*
*Намехоҳам бубинам ҷанг чангу уд бинвозад,*
*Намехоҳам, ки бинам модари дарду аламноке.*
*На субҳу шом мехоҳам, фақат ором мехоҳам,*
*Бирӯяд дар замини нозанинам нахли бебокӣ.*
*Бипошад нури худро офтоби фазлу андеша,*
*Агарчанде ки медонам дар ин дунёи нопокӣ.*
*На ҳар вақту на дар ҳар давру асри нобасомоне,*
*Зи инсонҳои хокӣ мешавад тавлид афлокӣ.*

*3 феврали 2010*



https://bikhon.tj/

*Куҷо оромгоҳи каъбаи инсофу имоне?*
*Куҷо ҷабри Зулайхо дар сари Юсуфи Канъоне?*
*Куҷо бошад давои дарди бедармони раҳпоӣ?*
*Куҷо ҳоли парешоне, тулӯи партавафшоне?*
*Куҷоӣ ибтидову интиҳои даҳри пургавго.*
*Куҷо борону барфи чиллаи фасли зимистоне?*
*Куҷо хобеву бедоре, куҷо мастеву ҳушёре,*
*Куҷо ноаҳлу нодоневу ноинсоф инсоне?*
*Куҷо доруи дарди бедавои носипосиҳо,*
*Ки бахшояд шифо шояд ба ранҷи номусулмонӣ?*
*Биё, бишнав ҳадиси меҳр аз сарчашмаи уммед,*
*Калиди ноумедӣ рафт бар баҳри парешонӣ.*
*Куҷо Норинисои олами торики танҳоӣ*
*Куҷо нури таҷаллӣ дар ниҳоди поки яздонӣ?*

*6 феврали 2010*



https://bikhon.tj/

*Кулчаи наврӯзӣ меорам ба ту,*
*Ҷомаи гулдӯзӣ меорам ба ту.*
*Аз баҳори бехазони орзу*
*Барги сабзи рӯзӣ меорам ба ту.*
*Дардро бар пушти сар партофта,*
*Шодии дирӯзӣ меорам ба ту.*
*Аз талу аз теппаҳои мулки ишқ,*
*Хирмани фирӯзӣ меорам ба ту.*
*Гиряро аз хеш дур андохта,*
*Хандаи ҳаррӯзӣ меорам ба ту.*
*Аз баландиҳои кӯҳи орзу*
*Қоқуи имрӯзӣ меорам ба ту.*
*Аз гулистони хаёлам ҳар баҳор*
*Шамъи худафрӯзӣ меорам ба ту.*



https://bikhon.tj/

*Каромоти наҷиби ҳазрати Аллоҳу Акбар буд,*
*Самои орзуҳоям пур аз марҷони ахтар буд.*
*Ба рӯям аз ҳарири шарм рӯмоли гулобиранг,*
*Ба дастам аз шароби меҳрубонӣ кӯзаи зар буд.*
*Гули худрӯи андеша лаби дарёи дил мерафт,*
*Хаёлам ҳукмрони мутлақи болои минбар буд.*
*Савори аспи зарринёли дунёи дилам лабрез*
*Зи шаҳди шарбати рӯи анори чанд духтар буд.*
*Ба зери пои мо будӣ гулу себарга пойвндоз,*
*Нигоҳам ҳамнишини дидаи мурғи Самандар буд.*
*Ба рӯмоли сарам маҳтоб нақши орзу медӯхт,*
*Сари ҳар нақш барги сабз дар парвози кафтар буд.*
*Агарчанде ки дарду шодии дунё фаровон буд,*
*Ба Нории нисо рӯзу шаби дунё баробар буд.*

*20.04.2010.*



https://bikhon.tj/

*Кушо дарвозаи дилро, ки соҳибхона меояд,*
*Сурогат марди раҳ аз олами афсона меояд.*
*Суруди дилнавозаш менавозад рӯҳу ҷонатро,*
*Ғазалхону парафшон Машраби девона меояд.*
*Гузашта санглоху кӯҳсори мулки ҳиҷронро,*
*Зи шаҳди шавқ дар дасташ ду-се паймона меояд.*
*Магӯ марди қаландар мекунад моро харидорӣ,*
*Бидон, аҳли хирад чун ганҷ аз вайрона меояд.*
*Садои уд меояд зи ҳар як хонаи тоҷик,*
*Хаёлам шамъ гирди хонаи парвона меояд.*
*Зи дарёи муҳаббат ҷамъ карда гавҳари мақсуд,*
*Ба домони намозии пур аз дурдона меояд.*
*Зи умқи тирашабҳо рӯшноӣ мерасад бар мо,*
*Агар Норинисо аз олами афсона меояд.*



https://bikhon.tj/

*Қуввае аз қудрати Парвардигорам омада,*
*Хандаи субҳи сафо аз шоми торам омада.*
*Мурғакони орзуҳоям, ки парвозӣ шуда,*
*Оламе аз олами бахту барорам омада.*
*Дар ҷилои ҳусн мебинам шароби нобро,*
*Шарбате дар шеъри ман аз токзорам омада.*
*Рӯшноӣ мекунад шабҳои бемаҳтобро,*
*Нури раҳмонӣ, ки аз нури канорам омада.*
*Хоб мебинанд сармо сабзаҳои зери хок.*
*Лолаҳо чун муждае аз навбаҳорам омада.*
*Забт карда мулки рӯямро агар ожангҳо*
*Бахри ҳифзи ҳусни ман ҳусни диёрам омада.*
*Аз ғазалҳои дили шӯридаи Норинисо,*
*Накҳати гулҳои рангоранги дидор омада.*

**25.01.2010**



https://bikhon.tj/

*Канори оби дарё боз дарёи дигар дорам,*
*Барои хештан аз шеър дунёи дигар дорам.*
*Шабохун мезанад шабҳо гули уммед рӯи ҷо,*
*Ба рӯи барги сабзаш ман тамошои дигар дорам.*
*Ба гирдам шаҳпаракҳо болу пар бикшода дар парвоз,*
*Зи парвози хаёлолуда анвои дигар дорам.*
*Гурезонам зи бадгӯву зи бадхӯву бадандешон,*
*Паси сарпардаи дил мулку маъвои дигар дорам.*
*Парешону хурӯшон меравад дарёи умри ман,*
*Дар ин умри дурӯза боз фардои дигар дорам.*
*Калиди ошноӣ ҷой андар бурҷи дил дорад,*
*Вале бо нокасу ноаҳл савдои дигар дорам.*
*Дилам, Норинисо, озор аз бемеҳриҳо дорад*
*Ба дил аз носипосӣ шӯру гавгои дигар дорам*

*15 июни 2010*



https://bikhon.tj/

*Қуввае аз қудрати Парвардигорам омада,*
*Субҳи шодиям ба рағми шоми торам омада.*
*Кокули борони ғам имрӯз агар нобофта,*
*Баҳрае аз шодии савти дуторам омада.*
*Хайрхоҳиҳои мардум ҳиммати ҳаррӯза не,*
*Бо баду неки замона ҳамдиёрам омада.*
*Ақлро бозичаи дасти башар пиндошта,*
*Бо парешонӣ парешон рӯзгорам омада.*
*Ҳузн бо қаҳру ғазаб пайроҳаи дигар кушод,*
*То бидонад дар сари раҳ раҳсипорам омада.*
*Кулчаҳои рӯи ман ожанг пайдо кардаанд,*
*То надонистанд ҳусне аз баҳорам омада.*
*Эй биё, Норинисо ҳарфи парешонӣ магӯ*
*Шояд имшаб бахт ногаҳ бар канорам омада.*

*31.01.2010*

*Қиссаи кӯтаҳи моро ба дарозӣ накашед.*
*Дардро то ба куҷо бозӣ ба бозӣ накашед.*
*Розиям дар шафати хонаи ман хона кунед,*
*Ҳузнро дар сари бозори риёзӣ накашед.*
*Сари савдои сухан меҳри маро барнакашед,*
*Чанд ҳарфе сари ин розию мозӣ накашед.*
*Ба дари хонаи дил қуфли разолат назанед,*
*Зиндагиро зи тарозу ба тирозӣ накашед.*
*Ҷомаи нилии уммед басо зебанда,*
*Ҷомаи сабз ба бар пардаи розе накашед.*
*Аз шикасти сухани хеш чу андеша кунед*
*Сухани дӯст зи дарё ба ниёзе накашед.*
*Ҷонишин аст ба даргоҳи дили Норинисо*
*Ҳунари хеш ба ҳар шебу фарозе накашед.*



https://bikhon.tj/

*Қадри сухани воло, афсӯс, намедонӣ,*
*Хосияти бисмиллоҳ, афсӯс, намедонӣ.*
*Ҳар як нафари моро Халлоқ биёварда,*
*Баҳри чӣ ба ин дунё, афсӯс, намедонӣ.*
*Пешопаси мо ҳардам чун соя бувад ҳамроҳ,*
*Роҳи сафари уқбо, афсӯс, намедонӣ.*
*Мо бандаи Яздонем, паҳнему парешонем,*
*Гаҳ ҷамъу гаҳе танҳо, афсӯс, намедонӣ.*
*Иброҳиму Намрӯдем, дар пайраҳаи ҷудем,*
*Мо Фотимаи Заҳро, афсӯс, намедонӣ.*
*{ангоми туфуллийят сад қиссаи бишнида,*
*Аз бибиву аз бобо, афсӯс, намедонӣ.*
*Нории нисо шабҳо баҳри ту ғазалҳо гуфт,*
*Ширинсухании мо, афсӯс, намедонӣ.*



https://bikhon.tj/

*Қимати худро агар донӣ, биё,*
*Дар ҳавои меҳр сарсонӣ, биё.*
*Дар хиёбони умеду орзу,*
*Бардамона асп меронӣ, биё.*
*Интизори дидани рӯи туям,*
*Аз ғурури худ пушаймонӣ, биё.*
*Қосиди бахтам, сари сахтам туӣ,*
*Сахтҷону сустпаймонӣ, биё.*
*Субҳро бар рӯи каф бигзошта,*
*Чун нишони шоми ҳиҷронӣ, биё.*
*Ҳар ҳиҷову ҳарфи дилро беғалат,*
*Гар ту медониву мехонӣ, биё.*
*Сайри гулзори дили Норинисо,*
*Ошкоро ё ки пинҳонӣ, биё.*



https://bikhon.tj/

*Лаънаткадаи дунё ҳамсояи мо бошад,*
*Пуршӯру пур аз ғавғо ҳамсояи мо бошад.*
*Ҳар ҷой, ки ӯ бошад, заҳру зақуме бошад,*
*Сад валвала побарҷо ҳамсояи мо бошад.*
*Андар варақи қалбаш як ҳарфи муҳаббат нест,*
*Бадкораву бадсимо ҳамсояи мо бошад.*
*Не ақл ба сар дорад, не меҳр ба дил дорад,*
*Бесурату бесимо ҳамсояи мо бошад.*
*Бар меҳру самимият қуфли дили ӯ баста.*
*Ҳарфу суханаш беҷо ҳамсояи мо бошад.*
*То мулки дилаш бошад роҳест ба гумроҳӣ,*
*Гумгаштаи нопайдо ҳамсояи мо бошад.*
*Нориш нисо аз ӯ озору алам дорад,*
*Дар ҷурм зи сар то по ҳамсояи мо бошад.*

*8 марти 2009*



https://bikhon.tj/

*Меҳвари сабзи замин обод аз дастони ту,*
*Парварида тифли навтавлидро домони ту.*
*Меҳри бепоёни ту ақсои оламро гирифт,*
*Зиндагӣ гул мекунад аз меҳри бепоёни ту.*
*Ҳотами Тойӣ барои ту дигар бегона не,*
*Ҳақ шуморад хайру эҳсони туро султони ту.*
*Зиндагонӣ мекунӣ дар олами афсонавӣ,*
*Олами афсона боз ояд сари сомони ту.*
*Орзу дорам, ки ҳар ҷо анҷуман ороста,*
*Қиссагӯиҳо кунанд аз ишқу аз армони ту.*
*Пеши роҳат мекушояд субҳ домони сапед,*
*То ба домонаш бичинад ашк аз домони ту.*
*Зиндагии бегаму ташвишро Парвардигор*
*Ҳадя кардӣ кош бар ҳар як нафар меҳмони ту.*



https://bikhon.tj/

*Маҳпора дигар будаву маҳтоб дигар буд,*
*Дарёчаи шодобу лаби об дигар буд.*
*Субҳи дили мо рӯшанӣ андохт ба дида,*
*Дар рӯшании зулфи дуто хоб дигар буд.*
*Аз хона бурун рафтаву дидем, ки дунё,*
*Бар аҳли хирад кирмаки шабтоб дигар буд.*
*Э войи ҳамин зиндагии бесару сомон,*
*Дар ҳошияи дафтари арбоб дигар буд.*
*Дар сояи бобуна бирӯйид гули шаб.*
*Андар гули шаб сӯзу табу тоб дигар буд.*
*Дар домани дил ғунчаи уммед нарӯид,*
*Уммед буду ҳарф зи ҳар боб дигар буд*
*Аз дафтари дил Норинисо чанд ғазал гуфт*
*Аммо ғазали сӯҳбати аҳбоб дигар буд.*



https://bikhon.tj/

*Маддоҳ маддоҳӣ кунад, шаттоҳ шаттоҳӣ кунад,*
*Афсонаи ширину талх аз моҳ то моҳӣ кунад.*
*Дил аз паи дил меравад, манзил ба манзил меравад,*
*Савдогари бозорро мӯҳтоҷ бар коҳе кунад.*
*Шоми шаби мо шуд саҳар бе гулнигору гулназар,*
*Бе гулнигору гулназар моро куҷо роҳӣ кунад?*
*Бо корвони зиндагӣ мо меравему меравем,*
*Рӯҳи равон то бар куҷо пайваста ҳамроҳӣ кунад?*
*Домони дил шуд пургираҳ, сад нола дар ҳар як гираҳ*
*Печу хами андешаро баргӯ, кӣ тарроҳӣ кунад?*
*Субҳи саодат медамад, борони раҳмат мерасад,*
*Борони раҳматро бигӯ, ёд аз худогоҳӣ кунад.*
*Нури Худоро бингаред, Норинисоро бингаред,*
*Дар партави дидоратон шукр аз шаҳаншоҳӣ кунад.*



https://bikhon.tj/

*Ман дигар дар ғаму дарди ту сияҳпӯш наям.*
*Гул ба домони дилу бахт дар оғӯш наям.*
*Зиндагӣ рехт агар бар сари ман барфи умед*
*Бо умеди шаби дидор фараҳнӯш наям.*
*Осмон резад агар бар сари ман донаи меҳр,*
*Бори вазнини ғами ҳаҷри ту бар дӯш наям.*
*Сари савдозадаам сар ба сари кӯи ту буд,*
*Ин замон аз сухани гарми ту мадҳуш наям.*
*Гулъузорони чаман хайма ба афлок заданд,*
*Ман ба ишқи малакутӣ хапу хомӯш наям.*
*Субҳ дигар ба ман инъом надорад варақе,*
*Вараќи сабзи замин бар кафу беҳуш наям.*
*Ман, ки Нории нисоям зи чаманзори хаёл*
*Дастагул дораму аз ёд фаромӯш наям.*



https://bikhon.tj/

*Мо тозаниҳолему надидем баҳоре.*
*Аз кӯчаи меҳри ту накардем гузоре.*
*Рафтем ба бозори пурасрори муҳаббат,*
*Меҳру ҳавас аз ҳастии мо гашт фирорӣ.*
*Сар то ба сари олами дил сайр бикардем,*
*Мӯъҷиза надидем ба ҷуз чангу ғуборе.*
*То олами афсона набурдем фасона*
*З-афсонаи дил нест маро сабру қароре.*
*Субҳеву сафоеву саломе нафиристӣ,*
*Ҳарчанд ки моему ду-се аспсаворе.*
*Гар боди фано панҷа занад бар дару девор*
*Гирем ниқоб аз рухи дилҷӯи нигоре.*
*Осоиши дил бошаду ороиши маҳфил,*
*Бо Норинисоем ба нуреву ба норе.*



https://bikhon.tj/

*Моро ба даргоҳи сухан пири куҳан оварда буд,*
*Пири куҳан дур аз ватан то бар Ватан оварда буд.*
*Имони комил дошт ӯ, дар дида манзил дошт ӯ,*
*Аз бӯстони иззаташ дурри Адан оварда буд.*
*Аз дардҳои зиндагӣ ҳарфе намегуфту вале*
*Ҳарфу ҳиҷои зиндагӣ бо як сухан оварда буд.*
*Фирдавсиву Ҷомӣ набуд, Хайёми сонӣ ҳам набуд,*
*Аз меваи ширинашон ширин даҳан оварда буд.*
*Муллои Румиро агар пири хирад дониста буд,*
*Аз Ҳофизу Саъдӣ ба мо дунёи фан оварда буд.*
*Пири пур аз асрор буд, хушхӯву хушгуфтор буд,*
*Дурри суханро аз дили боғу чаман оварда буд.*
*Рахти сафар басту баройи мову ту мерос монд,*
*Он шаҳкитоберо, ки худ аз анҷуман оварда буд.*



https://bikhon.tj/

***Мову шумо киҳоем, дар асл аз куҷоем,***
***Дар бӯстони қисмат шоҳем ё гадоем?***
***Дар шакли банд-бандем, афтода дар камандем***
***Ё дар миёнароҳӣ аз дарду ғам раҳоем?***
***Дар зинаҳои чандем, пастем ё баландем?***
***Бо хеш дар ҷиҳодем ё дар дили Худоем?***
***Афтода рӯҳи моро бардоштанд азизон,***
***Рӯҳу равони эшон шодо, ки бебалоем?***
***Шоми ҷаҳони моро карданд рӯшноӣ,***
***Дар рӯшании моҳем ё дар баландиҳоем?***
***Дар олами саодат дорем сарбаландӣ,***
***Бо рӯҳи ношикаста дар олами бақоем?***
***Норинисост бо мо ё дар сарои қисмат,***
***Ҳамфикру ҳамақида бо Нории нисоем?***



**https://bikhon.tj/**

***Мотамнадидае ку? Бар Ҳақ расидае ку?***
***Бар Ҳақ расидае ку, мотамнадидае ку?***
***Зикри Худои ҷаббор кардем ё накардем,***
***Аз мулки бехудоӣ гулдастачидае ку?***
***Рафтем то бари ёр, агёр шуд падидор,***
***Аз ёр ё ки агёр ғурбатнадидае ку?***
***Дар кишвари муҳаббат хуршед ханда дорад,***
***Аз хандаҳои хуршед дилорамидае ку?***
***Аз нестиву ҳастӣ моро хабар надоданд.***
***Аз нестиву ҳастӣ кабки рамидае ку?***
***Дар олами дурӯза будем ё набудем,***
***Донад Худои қаҳҳор бикшода дидае ку?***
***Норинисо, ки дорад бо шеър зиндагонӣ,***
***Гӯяд, ки дар замона дилорамидае ку?***

*Моро паямбарзода гӯ, ҳам дилбару дилдода гӯ,*
*Бо ин ҳама ному насаб бекибр шахси сода гӯ.*
*Аз олами боло магӯ, аз насли Мавлоно магӯ,*
*Як навниҳоли тозае дар боғи одамзода гӯ.*
*Аз меҳр як дунё бигӯ, аз нор ояд нур гӯ,*
*Шодӣ даруни гиря гӯ, аз гиря модарзода гӯ.*
*Аз ишқ дорад як ҷаҳон, бо ғусса дар кавну макон,*
*Ӯро агар нашнохтӣ, аз модари ғам зода гӯ.*
*Орому шӯху саркаше, андар ниҳодаш оташе,*
*Дар оташи худ сӯхта, ғамхори ҳар афтода гӯ.*
*Ҳам меваи нопухта гӯ, ҳам қиссаи ногуфта гӯ,*
*Афтода дур аз Аҳриман, доди суханро дода гӯ.*
*Хокистар аз ӯ дур гӯ, бо нур гӯ, масрур гӯ,*
*Норинисои зиндагӣ, аз марг дур афтода гӯ.*



https://bikhon.tj/

***Меҳмони олами шеъри дарӣ, хуш омадӣ,***
***Подшоҳи кишвари одамгарӣ, хуш омадӣ.***
***Ҳар қадамҳои ту бошад нури дида, тоҷи сар,***
***Тоҷбардори бананги дилбарӣ, хуш омадӣ.***
***Нур резад аз само бар рӯи дастархони ту,***
***Даст дар хони бузурги сарварӣ, хуш омадӣ.***
***Боргоҳи кибриё дар рӯи дастони ту бод,***
***Шаҳрзоди олами пайғамбарӣ, хуш омадӣ.***
***Меҳрро бардошта то бар сарои осмон,***
***Бо муҳаббатномаҳои Анварӣ хуш омадӣ.***
***Шаҳдрезиҳои килки нозукат дунё гирифт,***
***То ба мулки шаҳдрези ҷавҳарӣ хуш омадӣ.***
***Даст бикшодаст Норин нисо баҳри дуо,***
***Дӯстдори меҳвари шаҳри парӣ хуш омадӣ.***



https://bikhon.tj/

*Маро бо дардҳоям зери хоки сард гӯронед,*
*На болову на поёну на дур аз дард гӯронед.*
*Ба ташвишу тараддудҳо тамоми умр саргардон*
*Чу як фарзанди унвондори яктогард гӯронед.*
*Замину осмон дигар саробонӣ нахоҳад кард ,*
*Агар бо дидаи тар, рангу рӯи зард гӯронед.*
*Садои ошноояд агар аз олами боло,*
*Зи ҳар як нолаи дил бохабар як гард гӯронед.*
*Сари ҳарфи каломе, ки расида аз Худовандам,*
*Чу бадбахтеву хушбахте, ки дорад вард, гӯронед.*
*Сари савдои дил шӯру магалро дур андозед,*
*Дар огӯши замини сабзи беогард гӯронед.*
*Ба исёну ба тугёне, ки дорам дар ниҳоди хеш,*
*Ҳақиқатгӯ, ҳақиқатҷӯй чун як мард гӯронед.*

*Моро дигар аз сӯхтани дил хабаре нест,*
*Дар мулки сухан сарвари соҳибҳунаре нест.*
*Ҳар рӯз агар мегузарад дар ғаму шодӣ.*
*Аз шодию ғам дар ҳама дам бехабаре нест.*
*Хосияти Исои Масеҳо ба куҷо рафт?*
*Дил ҳасту ба ҳифзаш чӣ бигӯям, сипаре нест.*
*Озор, ки дар ҳастии мо нашъунамо дошт,*
*Аз нашъаи ӯ боғи диламро самаре нест.*
*Аз хандаву аз гиряи мурғони саҳархез,*
*Сад роҳати ҷон асту валекин зараре нест.*
*Дар мазҳаби пирони хирад ҳар шабу ҳар рӯз*
*Ойинаи адл асту шаробу шараре нест.*
*Ҳарчанд ки соҳибқаламонанд зиёда,*
*Дар мулки сухан Норинисои дигаре нест.*

*17 январи 2009*



https://bikhon.tj/

*Мегурезам аз ғаму аз ғуссаҳои зиндагӣ,*
*Меситезам бо ҳама чуну чарои зиндагӣ.*
*Дар сари шабҳои ялдо бо саманди орзу,*
*Мекунам парвоз то сақфи самои зиндагӣ.*
*Кафтари уммеди ман имрӯз парвозӣ шуда,*
*Мебарад дилро ба саҳрои сабои зиндагӣ.*
*Дар сарам савдои ҳастӣ мекашам бо сад умед,*
*Аз куҷоҳо то куҷо ҷабру ҷафои зиндагӣ.*
*Дӯстони ҷониям азбаски дур афтодаанд,*
*Мекашам бори ҷудоиро ба пои зиндагӣ.*
*Қувваи аҳриманӣ ранҷу азобам медиҳад,*
*То куҷо бигрезам аз қолу балои зиндагӣ?*
*Ай фалак, ай довари ҳақгӯи имрӯзу пагоҳ,*
*Кашмакаш дорӣ ту бо Норинисои зиндагӣ?*

*18 январи 2009.*



https://bikhon.tj/

*Моҳи яктогарди шоми олами маъно манам,*
*Духтари шабзиндадори шаҳраки руъё манам.*
*Шаҳсавори аспи зарринёли шаҳри дилбарӣ,*
*Орзуманди шикасти мотами дунё манам.*
*То ба гардун мебарад паррандаи некӯхисол,*
*Решапайванди замини соҳили дарё манам.*
*Зиндагӣ бар чашми ман асрори дунёро кушод,*
*Шоҳиди афсонаи имрӯзу фардоҳо манам.*
*Қуфли дилро бо дилозорӣ набитвон во намуд,*
*Бар калиди қуфли дил ҳамдарду ҳамово манам.*
*Ошёни орзуям дар баландиҳо бувад,*
*Ҳамрадифи моҳтоби кишвари боло манам.*
*Субҳи содиқ духтари зебои навтавлиди ман,*
*Модари дилсӯзи фарзандони ин дунё манам.*

*15 феврали 2009*



https://bikhon.tj/

*Маро ором мегӯӣ? Бале сад сол оромам,*
*Пас аз сад соли дигар ҳам паланги банд дар домам.*
*Ба сахтиҳои рӯи роҳ тоқат мекунам босабр,*
*Ба пешорӯи худ меоварам огозу анҷомам.*
*Пас аз санҷиданам андар тарозуи хирадмандӣ*
*Ту пиндорӣ, ки ҳоло ҳам ҳамон даррандаи ромам?*
*Ҳанӯзам ҳамдилу ҳамфикру ҳамандеша мебинӣ?*
*Ва ё чун як саманди бодпои роҳи айёмам?*
*На инастам, на онастам, ки бо ман мекунӣ бозӣ,*
*Манам бабре, ки аз ноҳаққиҳо лабрез шуд ҷомам.*
*Паланги тездандонастаму шери жаёнастам,*
*Дурӯгу кинаро ман роҳ надҳам бар алифломам.*
*Дигар фарёди ман фарёди мардоне, ки то охир*
*Барои роҳи ҳақ истодагӣ карданд пайдарҳам.*

*16 феврали 2009*



https://bikhon.tj/

*Муроди дил чу мебошад насими кӯи дидорат,*
*Маро ҳар лаҳза дил бо шавқ хонад сӯи дидорат.*
*Шумори зиндагӣ гум кардаам андар биёбоне,*
*Биёбони хаёлам рӯ биёрад рӯи дидорат.*
*Сари савдои ҳусни ботинам радду бадал дорад,*
*Шукӯҳу шавкати оина дар гесӯи дидорат.*
*Дар ин даҳри куҳанбунёд ёри нав куҷо бошад?*
*Ки бар ӯ қисса гӯям аз насими бӯи дидорат.*
*Гули маҳтоб механдад даруни косаи чашмам,*
*Даруни косаи чашмам нишон абрӯи дидорат.*
*Агар дар қитъаи меҳрам гули уммед мерӯид,*
*Нишони ошно меҷустам аз нерӯи дидорат.*
*Биё, Норинисо дигар махӯр афсӯс беҳуда,*
*Сароби зиндагониро маҷӯ аз ҷӯи дидорат.*



https://bikhon.tj/

*Маҷӯ дигар гуноҳи мо аз ин имрӯзу фардоҳо,*
*Макун бо мавҷҳои об бозӣ дар лаби дарё.*
*Дилеро, дардмандеро агар дидӣ тавозӯъ кун.*
*Тасаллобахши дарде бошу дар ақлу хирад воло.*
*Замини ҳузнро барбод додан кори ҳар кас не,*
*Дар ин дунё ману ту гавҳари дубора нопайдо.*
*Сари савдои гетӣ аз азал чуневу чанде буд,*
*Ҳама он чуну чандеҳо гузар карданд аз дунё .*
*Гуноҳи мо, савоби мо фақат худди Худо донад,*
*Тарозу дар қиёмат баркашад ҷабру ҷафои мо.*
*"Куҷо донанд ҳоли мо сабукборони соҳилҳо?"*
*Ҳамеша дар талоши ҳақ бувад боло ливои мо.*
*Агар дар даҳр гирдогирд гардӣ ҳам намеёбӣ*
*Агарчанде ки мегӯӣ: куҷо Норинисои мо?*

*13 марти 2009*



https://bikhon.tj/

*Меҳнати садсоларо барбод додӣ, зинда бош,*
*То ба мулки бесаводӣ раҳ кушодӣ, зинда бош.*
*Аз дурӯғу ҳилаву найранги ту дар ҳайратам,*
*Шомро дар субҳдам бар каф ниҳодӣ, зинда бош.*
*Ғурбати соҳибдилонро саҳл агар пиндошта,*
*Бар рикоби бехудоӣ по ниҳодӣ, зинда бош.*
*Хотири озурда дорад қалби пурэҳсоси ман,*
*Олами эҳсосро додӣ ба шодӣ, зинда бош.*
*Нармхӯиҳои мо оҳанги дарё мекунад,*
*Дар дили дарёи мо чун гирдбоде зинда бош.*
*Кулбаи лойӣ бароям ҷаннатул-маъво бувад,*
*Дар канори ҷаннатул-маъво фитодӣ, зинда бош.*
*Дар сари бозори ҳусни бонуи Норинисо*
*Сад суоли хешро додӣ ба боде, зинда бош.*

*27.06.2009*



https://bikhon.tj/

*Метапад дил дар мақоми табли бедорӣ ҳанӯз.*
*Ақлро ҳамчун тило дорам харидорӣ ҳанӯз.*
*Омадам ҳарчанд то бар тирамоҳи умри хеш*
*Аз хасу хори ҷаҳон дар поям озоре ҳанӯз.*
*Ноқисул-ақлони дунё дар дигар дунёстанд,*
*То ҳанӯзам мекашам бори дилозорӣ ҳанӯз.*
*Шамъ бо парвона дорад ошкоро гуфтугӯ*
*Гуфтугӯи мо бувад дар сатҳи бозорӣ ҳанӯз.*
*Ханда дорад офтоби зиндагӣ бар рӯи ман,*
*Аз чӣ рӯ печида дил дар риштаи хорӣ ҳанӯз?*
*Лона дорад мурғи шаб дар шохсори умри ман,*
*Шохсори умри ман аз мева пурборе ҳанӯз.*
*Ҳар қадар пастӣ-баландиҳост бо Норинисо,*
*Шукри Эзид, мурғи илҳомам диҳад ёрӣ ҳанӯз.*

*16 августи 2009*



https://bikhon.tj/

*Маро дилгир медорад дару девори танҳоӣ*
*Ғаму андӯҳу дарду мотами бисёри танҳоӣ.*
*Куҷо бигрезам аз дунёи бераҳмиву бешармӣ*
*Агар дар дил фаровон сабз гашта хори танҳоӣ.*
*Муаллими замонам дарс мегуфт аз вафодорӣ,*
*Набошад, ай Худо, гирди ҷаҳон паргори танҳоӣ.*
*Гиребонгир гашта ҳар нафас шайтони навмедӣ,*
*Ба навмедӣ бувад бори гарон озори танҳоӣ.*
*Куҷоӣ ҳамдилу ҳамқисмату ҳамошёни ман?*
*Биё бо ҳам бубардорем боре бори танҳоӣ.*
*Ғуруби офтоби зиндагӣ гӯё ливои мост,*
*Куҷо бошад раҳу пайроҳаи гулзори танҳоӣ?*
*Биё, Норинисо, дигар магӯ афсонаи дилро,*
*Нигаҳ дорад туро аз ҳар бало тӯмори танҳоӣ.*

***3 январи 2010***



https://bikhon.tj/

*Мо дар дили худ баҳор дорем,*
*Сармояи ифтихор дорем.*
*Меҳру ҳавасу нишот аз мо*
*Сарчашаи нуру нор дорем.*
*Оҳанги суруди кӯҳсорон,*
*Сар бар сари обшор дорем.*
*Аз сӯҳбати пири кор бар дил,*
*Бобунаи интизор дорем.*
*Торикшаби сиёҳи тақдир,*
*Бигзашт, ба дил қарор дорем.*
*Субҳем сари мазори ошиқ,*
*Шоме сари ғам дутор дорем.*
*Аз сӯҳбати Нории нисояш*
*Сармояи ифтихор дорем.*

*22.01.2010*

*Мо зодагони фасли афсонаҳои дардем,*
*Занҷираи базеби дурдонаҳои дардем.*
*Озод аз маломат, дар олами садоқат,*
*Захме зи чуну чанде дар шонаҳои дардем.*
*Шукри Раҳиму Раҳмон дар мулки Тоҷикистон,*
*Бо шодию ғами хеш ҳамхонаҳои дардем.*
*Овораи ду гетӣ, озордидаи даҳр.*
*Ором дар диёри паймонаҳои дардем.*
*Дасти дарози моро кӯтоҳ дида бошӣ,*
*Парво макун, ки банди завлонаҳои дардем.*
*Парвонаи дили мо бикшод пар ба боло*
*Андар макони боло Райҳонаҳои дардем.*
*Норинисои субҳи бо шом хӯгирифта,*
*Андар замини сабзи Шоҳонаҳои дардем.*

*22.01.2010*



https://bikhon.tj/

*Мусулмонед ё куффор, донистам, надонистам,*
*Ба ҳам ёред ё ағёр, донистам, надонистам.*
*На андар дида ҷо ҳастед, на бе қолу бало ҳастед,*
*На бо худ мубталои кор, донистам, надонистам.*
*На дар болои болоед, на дар пастиву расвоед,*
*На дар кореву не бекор, донистам, надонистам.*
*Ғуруби офтоби дидаи худро намебинед,*
*Дар ин шоми шаби озор, донистам, надонистам.*
*Дили худ бар ҳарири субҳ печонида меоед,*
*Ҳадиси қалби пурасрор донистам, надонистам.*
*Гурӯҳе дар паси дарвозаи мансаб ҷигархунед*
*Чу як дилбаставу дилдор донистам, надонистам.*
*Ба боғи сеҳрноки дилбариву дилситониҳо,*
*Шумо нуред, ё ки нор, донистам, надонистам.*

*28.02.2010*



https://bikhon.tj/

*Миёни шаҳри дарду ишқ бозори сухан дорам,*
*Сари сарчашмаи илҳом гулзори сухан дорам.*
*Ғубори рӯи раҳро пок месозад нигоҳи ман,*
*Агар дар сарзамини обрӯ бори сухан дорам.*
*Сапедиҳои субҳи босафо бошад насиби ман,*
*Чу ҷанги тан ба тан ҳар дам ба озори сухан дорам.*
*Чу дар мобайни меҳру рашк бошад зиндагониям,*
*Иқомат дар миёни чор девори сухан дорам.*
*Хати хоно намебошад хати тақдири пешонӣ,*
*Аз ин рӯ шукр бар ҳар як гулу хори сухан дорам.*
*Гулӯгирам кунад ҳар лаҳза ашки хандаолуда,*
*Ба дастам ҷоми хайёмӣ зи анҳори сухан дорам.*
*Чу Нории нисои шаҳраки уммеду армонам,*
*Барои хеш эъҷозе зи хирвори сухан дорам.*

*29.03.2010*



https://bikhon.tj/

*Муборак рӯзи идат, пойтахти Тоҷикистонам,*
*Ҳамин рӯзи саидат, пойтахти Тоҷикистонам.*
*Ҳамеша паҳн гардад байни ёрони вафодорат*
*Зи хушбахтӣ навидат, пойтахти Тоҷикистонам.*
*Каломи ноби Фирдавсӣ ватандорӣ кунад таъкид,*
*Чу фарзанди шаҳидат, пойтахти Тоҷикистонам.*
*Гули рӯят, Худоро шукр, дигар нест пажмурда,*
*Зи шодӣ шуд калидат, пойтахти Тоҷикистонам.*
*Баҳорасту ту дар пироҳани сабзат намегунҷӣ,*
*Шукӯҳу шаъну дидат, пойтахти Тоҷикистонавм.*
*Саробони туро аз ҳар бало эмин нигаҳ дорад,*
*Ба фарҳангу баиззат, пойтахти Тоҷикистонам.*
*Туӣ имрӯзу фардоям, замини ҷаннатосоям,*
*Сари савдои ҳиммат, пойтахти Тоҷикистонам.*

*9 апрели 2010*



https://bikhon.tj/

*Марди роҳи зиндагонӣ шиква аз андеша дошт,*
*Ошкорову ниҳонӣ шиква аз андеша дошт.*
*Осмон бар рӯи болини хаёлӣ хоб буд,*
*Ормони бенишонӣ шиква аз андеша дошт.*
*Куртаи шоҳии шаб андар гулоби об буд,*
*Ҳиммати субҳи ҷавонӣ шиква аз андеша дошт.*
*Хилвати озурдагӣ моро ба ҳам оварда буд,*
*Шаҳриёри сурёнӣ шиква аз андеша дошт.*
*Орзуҳо дар само чун болу пар бикшодаанд*
*Хилвати ёрони ҷонӣ шиква аз андеша дошт.*
*Сардрӯиҳои фасли тирамаҳ бигзашту рафт,*
*Ҳар қадар дар рӯзи сонӣ шиква аз андеша дошт.*
*Баҳри таскини дили озурдаи Норинисо*
*Дӯст аз даргоҳи меҳру меҳрубонӣ шиква дошт.*

*22 апрели 2010*



https://bikhon.tj/

*Ман намедонам, кӣ бошад дар сару савдои дил,*
*Дар адои хизмати ҳар ҳарфу ҳар маънои дил.*
*Пойдевори баланди меҳр шуд бемуттако,*
*Аз парешонии рӯзафзуни бепарвои дил.*
*Дар канори орзу ҳимматбаландӣ мекунем,*
*Чун намедонем дар чуну чаро ғавғои дил.*
*Аз канори даҳри чандинрӯза берун меравем,*
*Чун намебинем дар қолу бало ҳампои дил.*
*Муттакое нест ғайр аз ҳазрати Парвардигор,*
*Дар баландиҳои кӯҳистони ғамполои дил.*
*Ғурбати бар роҳи ҳақ афтодагони зиндагӣ*
*Мекушояд дафтари мардони дар саҳрои дил.*
*Сабр кун Норинисо, охир ба мақсад мерасӣ*
*Чун гузаштӣ аз сару аз сарҳади паҳнои дил.*

*24 апрели 2010*



https://bikhon.tj/

*Ман ошиқи шайдои ту,*
*Дубора нопайдои ту.*
*Дар боғшаҳри зиндагӣ,*
*Пинҳони ту, пайдои ту.*
*Меҳри ту дар дил ҷо шуда*
*Аз баҳри ман яктоӣ ту.*
*Дар ҳиммату дар марҳамат*
*Аз ҳар нафар болоӣ ту.*
*Андар танӯри нарми дил*
*Доим бувад маъвои ту.*
*Хуш бош, ҳар ҷо меравӣ,*
*Андар дили ман ҷоӣ ту.*
*Норинисои зиндагӣ*
*Як ёри бепарвоӣ ту*

*12 июли 2010*



https://bikhon.tj/

*Мо зодаи шаҳри шаби ҳиҷрони шумоем,*
*Омодаи ҳар хоҳишу фармони шумоем.*
*Дар майкадаи олами асрор паи кор,*
*Покизагии бурҷи гулистони шумоем.*
*Бо ними нафас зиндагӣ дорем дар ин даҳр,*
*Ними нафасе дар сари мижгони шумоем.*
*Бо хотири ҷамъем падидор ба зоҳир,*
*Дар асл сари зулфи парешони шумоем.*
*Дар хонаи оина чу маскан нагузидем,*
*Торикшаби кишвари армони шумоем.*
*Холӣ набувад ҳастии мо аз ғаму ғурбат,*
*Паймонаи пур аз майи паймони шумоем.*
*Нории нисоему миёни гулу хорем,*
*Пайвандгари роҳи биёбони шумоем.*



https://bikhon.tj/

*Моҷарои ишқи мо то бар куҷоҳо рафт, рафт,*
*Аз замини фикри мо то бар Сурайё рафт, рафт.*
*Хандаи моро замини нозанин чун аждаҳо*
*Тӯъмаи ночизи худ карду ба саҳро рафт, рафт.*
*Охири кори замона ҳеҷ маълумам нашуд,*
*Ошиқи садсола аз дунё ба уқбо рафт, рафт.*
*Рӯзи мо рӯзии мо моро хиҷолатманд кард,*
*Шарми рӯи духтарони сарвболо рафт, рафт.*
*Аз хамӯшиҳои мо ғавғо бари савдо нишаст,*
*Аз сару савдои дил ғавғо ба ҳар ҷо рафт,рафт.*
*Ҳар ғаму шодии дунё раҳ кушоду оқибат*
*То дили дарёи Нории нисоҳо рафт, рафт.*

*17 ноябри 2010*



https://bikhon.tj/

*Магӯ дигар зару зевар надорам,*
*Шукӯҳи шоҳ Искандар надорам.*
*Дар ин дунёи пур аз шӯру гавго,*
*Ба худ як дӯсте дар бар надорам.*
*Дурӯгу макрро ҳар лаҳза дида*
*Ба ҳар як раҳгузар бовар надорам.*
*Аз ин водӣ ҳақиқат кӯч баста,*
*Барои омадаш бовар надорам.*
*Хамири орзуям турш гашта,*
*Зи шаҳди зиндагӣ шаккар надорам.*
*Даруни сина оташпорае ку?*
*Зи оташ гармии дигар надорам.*
*Манам Норинисои кунҷи узлат*
*Зи меҳри дӯст болу пар надорам.*

*22 июл-13 августи 2011*



https://bikhon.tj/

*Моро агар ин ташвиши бисёр намешуд,*
*Бо неку бади ҷумла ҷаҳон кор намешуд.*
*Дар олами андешаи мо сайр намуда,*
*Ғам бо дили бечораи мо ёр намешуд.*
*Шояд, ки ҳамин ғунчагули сабзи табиат,*
*Пажмурдаву озурдаву бемор намешуд.*
*Дар умқи нигоҳи ману он ёри вафодор,*
*Ишқу ҳаваси порина бедор намешуд.*
*Дар хоки замини дили мо фасли баҳорон,*
*Дар нашъунамо нахли гули хор намешуд.*
*Бемеҳриву бедардии як идда бузургон,*
*Чун тири адӯ боиси озор намешуд.*
*Нории нисо баъди табу тоби зиёде,*
*Э кош, аз ин зиндагӣ безор намешуд.*

*Ман ба дунёи ту аз дунёи дигар омадам,*
*Бо ризои ҳазрати Аллоҳу Акбар омадам.*
*Ҳамдгӯи рӯҳу арвоҳи Муҳаммад Мустафо,*
*Чун паямбарзода бо нури паямбар омадам.*
*Кӯлборам пур зи дарду шодии аҳли башар,*
*Роҳи душвори адамро роҳгустар омадам.*
*Хандаи ман гиряи беохири аҳли қубур,*
*Бо дуои пири кори ҳавзи Кавсар омадам.*
*Тундбоди зиндагӣ бар доманам печиду рафт,*
*Домани поки заминро карда чодар, омадам.*
*То сари роҳи шумо тухми муҳаббат коштам,*
*Дар самои орзуҳотон чу ахтар омадам.*
*Баски Нории нисоям, зикри ҳақ андар забон,*
*Қуфли дилро баҳри во кардан муқаррар омадам.*



https://bikhon.tj/

*Мо бе шумо ҳеҷем, ҳеҷ,*
*Бе муттако ҳеҷем, ҳеҷ.*
*Дар даҳри пур аз дарду ғам,*
*Бе ошно ҳеҷем, ҳеҷ.*
*Дасти дуо бикшодаем,*
*Мо бесахо ҳеҷем, ҳеҷ.*
*Аз оламу одам ҷудо,*
*Андар ҷудо ҳеҷем, ҳеҷ.*
*Бори маломат мекашем,*
*Бе муддао ҳеҷем, ҳеҷ.*
*Аз бандагони осием,*
*Мо бе Худо ҳеҷем, ҳеҷ.*
*Дорем бахши ҷурми хеш,*
*Бе илтиҷо ҳеҷем, ҳеҷ.*



**https://bikhon.tj/**

*Мо ба ҳусни зиндагӣ ҳусни дигар зам мекунем,*
*Зарра-зарра донишу фазлу ҳунар зам мекунем.*
*Бори худро бе мададгоре ба манзил мебарем,*
*Аз гулистони хирад гулҳои тар зам мекунем.*
*Парварида орзуро ҳамчу тифли нози худ,*
*Дар баёзи гарданаш дурру гуҳар зам мекунем.*
*Осмони дидаи мо то набинад шоми тор,*
*Рӯшноӣ бар фазои баҳру бар зам мекунем.*
*Килки мо ҳамчун дуо пайғоми моро мебарад,*
*Мо ба ҳар пайғоми худ як хушхабар зам мекунем.*
*Ҳар қадар аз чашми тар ҷӯбори дилҳо пур шуда,*
*Қатра-қатра ашки шодиро ба зар зам мекунем.*
*Бар нисоиҳои мо чун нармхӯйиҳои мост,*
*Бар дили муштоқатон нури саҳар зам мекунем.*



https://bikhon.tj/

*Ман куҷову ту куҷову дили абгор куҷо?*
*Дар паси панҷараи шарм харидор куҷо?*
*Дар замоне, ки вафо кӯч бубастаст зи даҳр,*
*Як нафар марди дилогоҳу талабгор куҷо?*
*Зиндагӣ мешиканад санги сабурии маро,*
*Рӯи роҳам ҳама хор асту гули хор куҷо?*
*Ҳини ғамгинӣ куҷо сар ниҳаму гиря кунам,*
*Сари зонуи ту, эй модари ғамхор, куҷо?*
*Ҳама сӯ менигарам, бухсу адоват барҷо,*
*Ай Худо, раҳм куҷо, дидаи бедор куҷо?*
*Ним аср аст, ки ҷӯям зи ҷаҳони гузарон,*
*Нури ҳақрову надонем, ки бозор куҷо?*
*Ту, ки аз Норинисо сахт парешон шудаӣ,*
*Чӣ бипурсӣ, ки ба нурему раҳи нор куҷо?*



https://bikhon.tj/

*Мо дар талаби ишқ гадоем, чӣ гӯем?*
*Савтему сурдему садоем, чӣ гӯем?*
*Як умр ба ҳам будаву бебаҳра зи дидор,*
*Аз мардуми бофазл ҷудоем, чӣ гӯем?*
*Маддоҳи замонему замини дили худро,*
*Аз гурбату гам кишт намоем, чӣ гӯем?*
*Бар шоҳу вазирони ҷаҳон ҳарфи хушомад,*
*Гуфтан натавонем, киҳоем, чӣ гӯем?*
*Рӯзе, ки аз ин даҳри куҳан кӯч бубандем,*
*Бар насли дигар асли хатоем, чӣ гӯем?*
*Ҳарчанд табассум накунад тарки лаби мо,*
*Ҳар лаҳза гирифтори балоем, чӣ гӯем?*
*Дар олами торикӣ ду-серӯза нагунҷем,*
*Дар бурҷи сухан Норинисоем, чӣ гӯем?*



https://bikhon.tj/

*Ман, ки дигар дигар шудам, бе ту сафар намекунам,*
*Бар баду неки зиндагӣ бе ту назар намекунам.*
*Меравам аз сарои ту то ба кучо, то ба кучо,*
*Зиндагии гузаштаро бе ту басар намекунам.*
*Шоҳи чаҳони ҳимматам, ҳар нафасе ғаниматам,*
*Дидаи интизорро баҳри ту тар намекунам.*
*Кӯдаки садсолааму пири ҳазорсолаам,*
*Пеши ҳазорсолаҳо аз ту ҳазар намекунам.*
*Аз раги чони ман бурун рафта танӯри оташам,*
*Сардии дил агар расад, бар ту хабар намекунам.*
*Шоми сиёҳ баҳри мо субҳи сапед оварад,*
*Бар вараҳи фариштаҳо зеру забар намекунам.*
*Нори нисояму дилам ҳамеша моили ту буд,*
*Тифлаки нози хешро дари ба дар намекунам.*



https://bikhon.tj/

*Ман аз ин дунёи дун бори гароне мебарам,*
*Ибтидову интиҳоямро чу ҷоне мебарам.*
*Дар талоши зиндагӣ Момоҳавоям дастгир,*
*{икмати бобои Одамро чу ҷоне мебарам.*
*Карда ҷо дар кӯлборам панди Мавлонои Рум,*
*Зикри ҳақро аз забоне бар забоне мебарам.*
*Ҷо нагирад ҳасрати ман дар китоби зиндагӣ,*
*Ҳасрату дарду алам бар ломаконе мебарам.*
*Дӯстон эрод мегиранд бар ҳассосиям,*
*Оре, оре, аз муҳаббат достоне мебарам.*
*Қудрати Халлоқи оламро бубин, бар дӯши худ,*
*То кучоҳо бори дил бо нимҷоне мебарам.*
*Интизори субҳи уммед аст Нории нисо,*
*Файзро баҳри шумо дар рӯи хоне мебарам.*



https://bikhon.tj/

*Маъруфи ҳама пиру ҷавон будаву бошед,*
*Фарзанди барӯманди замон будаву бошед.*
*Дар олами илму ҳунару фазлу маонӣ,*
*Як фарди барӯманди ҷаҳон будаву бошед.*
*Дар зери само, рӯи замин як гули худрӯ,*
*Ҷо дар дили ҳар хурду калон будаву бошед.*
*Доред ба сар ҳар нафас андешаи фардо,*
*Зеро ки ба фардо нигарон будаву бошед.*
*Рӯҳи падару модаратон бод мададгор,*
*Дар роҳи ҳақиқат ҳамадон будаву бошед.*
*Дар рӯзи таваллуди шумову Бибисоро,*
*Ёрон ба таманно, ки амон будаву бошед.*
*Норин нисову ҳама хешону таборон,*
*Гӯянд, азизи ҳамагон будаву бошед.*



https://bikhon.tj/

*Ман, ки харидаи туям, ҷома даридаи туям,*
*Дар ватани ситораҳо қуи паридаи туям.*
*Меҳри маро канор не, субҳи маро ҳазор не,*
*Бешаку шубҳа тирамаҳ гули начидаи туям.*
*Аз бадани сафеди ман хуни сиёҳ меравад,*
*Бандаи пушти пуштаҳо наорамидаи туям.*
*Мӯҳраи гарданам бувад аз баду неки зиндагӣ,*
*Аз баду неки зиндагӣ мӯҳраи дидаи туям.*
*Фасли баҳор мерасад, муждаи ёр мерасад,*
*Муждаи аз Худои худ ба ҳақ расидаи туям.*
*Мушкилиҳост дар раҳам, зи дарду доғ огаҳам,*
*Зи дардҳои зиндагӣ кабки рамидаи туям.*
*Меҳру муҳаббатам биё, давлату савлатам биё,*
*Норинисои ту манам, субҳи дамидаи туям.*



https://bikhon.tj/

*На аз аршему не фаршему не аз олами дигар,*
*На дунёему дарёему не як мушти хокистар.*
*На обему саробему на аз имрӯзу фардоем,*
*На субҳему на шомему на сар дорему не сарвар.*
*На мушти хоки роҳи ӯ, на дурем аз нигоҳи ӯ,*
*На аз дунёпарастонему не авлоди Искандар.*
*На дар бунёди мо оташпарастӣ ҳукм меронад,*
*На гирёнему хандонему не хоки раҳ бар сар.*
*Аз ин дунёи фонӣ кӯч бастан кори душворе,*
*Суруди офтобастему бо маҳтоб ҳамбистар.*
*Гаҳе пирему гаҳ тирем андар мулки андеша,*
*Саре дар осмонастему по дар хоки ин кишвар.*
*Суруди ошно ҳастему Нории нисо ҳастем.*
*Ҳамон Норинисое, ки парастад рӯҳи пайғамбар.*

*15 январи 2009*



https://bikhon.tj/

*Ниммасту нимҳушёрем дар зиндони ғам,*
*Нимхобу нимбедорем дар зиндони ғам.*
*Пушти пои мо ҷароҳат дорад аз шебу фароз.*
*Лолаи саҳрои афкорем дар зиндони ғам.*
*Чодари мо бошад ар аз астари сабзи замин,*
*Домани уммед медорем дар зиндони ғам.*
*Сарнишебу сарфарозу сарбаланд афтодаем,*
*То баландӣ пойдеворем дар зиндони ғам.*
*Нури рӯи мо бубахшад рӯшноӣ бар замин,*
*Рӯшании нури зуннорем дар зиндони ғам.*
*Шаддаи марҷони ҳастӣ резад ар, аз килки мо,*
*Сӯзу сози нуқтаи норем дар зиндони ғам.*
*Дар талоши ҳақпарастӣ сарф шуд умри азиз,*
*Меҳр дар дил, даст дар корем дар зиндони ғам.*

*19 январи 2009*



https://bikhon.tj/

*Назар карда ба чашмони хирад ҳар лаҳза бар атроф*
*Ба ҳолу ҷони худ раҳме бикун қассоби беинсоф.*
*Надорӣ ҳеҷ дилсӯзиву сад фарёду вовайло,*
*Ки бо хунрезиҳои дам ба дам ҷо дорӣ дар Аъроф.*
*Агарчанде ки мегӯӣ ризои Ҳақтаоллояст,*
*Валекин нолаи ҷонаш равад аз Қоф то бар Қоф.*
*Саволеву ҷавобе ҳаст бар неку бади дунё,*
*Набошад ҳастии кас ҳамчу як ойинаи шаффоф.*
*Ту қассобиву дар фикри ҳалоки гӯсфандонӣ,*
*Надорӣ фикри фардои қиёмат дар сари инсоф?*
*Намедонӣ, ки баъд аз рафтани умри азизи хеш*
*Ба хуни хештан огушта мегардӣ ту ҳам то ноф.*
*Замини зиндагонии ту берангасту беҳосил,*
*Бирав, ҳар нуктаро андеша кун, чун додари сарроф.*



https://bikhon.tj/

***Намегирям, валекин гиря мегиряд ба ҳоли ман,***
***Намехандам, валекин ханда дорад қилу қоли ман.***
***Ба рӯи сабзаи субҳи саодат саҷда меорам,***
***Худо донад, барои ҳақ бувад ҷангу ҷидоли ман.***
***Гирифторони ғам бисёру рӯзу рӯшноӣ кам,***
***Каси ғамдида донад, ҳар ҷавобе бар саволи ман.***
***Рухи гулгуни ман аз хандаи яклаҳзаи ман нест,***
***Зи покии дилу ҷонам бувад ҳусну ҷамоли ман.***
***Басо мардони майдоне, хушомадгӯйиҳо доранд,***
***Ки метарсанд аз ин вусъати касбу камоли ман.***
***Муҳаббатро, ҳақиқатро, садоқатро парастидан***
***Бувад мерос бар ман аз ниёгони ҳалоли ман.***
***Биё, Норинисо, озори дилро як тараф бигзор,***
***Ки ӯро нест дигар тоқати амри маҳоли ман.***

***5 июли соли 2009***

***Нури раҳмонӣ ба мо аз нури Роғун мерасад.***
***Юсуфи сонӣ ба мо аз нури Роғун мерасад.***
***Шодию хурсандии мо мерасад то бар фалак,***
***Фазли яздонӣ ба мо аз нури Роғун мерасад.***
***Эътибори давлати мову шумо поянда бод,***
***Насли сомонӣ ба мо аз нури Роғун мерасад.***
***Хонаи мову шумо дигар намонад бечароғ,***
***Роздоне баҳри мо аз нури Роғун мерасад.***
***Шаҳрбози ҳиммату нанги ватандорӣ ба мо,***
***Чун Сулаймоне ба мо аз нури Роғун мерасад.***
***Ҳотами Тойӣ агар бикшоядаш дасти дуъо,***
***Нури имоне ба мо аз нури Роғун мерасад.***
***Шаҳдрезиҳои килки бонуи Норинисо***
***Ҳамчу девоне ба мо аз нури Роғун мерасад.***

***12.12.2009.***



https://bikhon.tj/

*Намедонам куҷо шуд фазл аз ҳастии инсонӣ,*
*Тамоми рӯи дунё ҳукм ронад ҷаҳлу нодонӣ.*
*На фарзанде барои хизмати модар, падар тайёр,*
*На аз модар, падар ояд садое дар парешонӣ.*
*Гуноҳи бандаи хокӣ расида то ба афлоке*
*Агарчӣ кори дунё нест ҳаргиз бепушаймонӣ.*
*Ҳавои абрноки дидаи дил мекунад дилгир,*
*Хатои чандсола мебарад моро ба сарсонӣ.*
*Куҷо пайғамбари барҳақ, ки омӯзад ба мо "алҳақ"*
*Куҷо шуд нури имоне, куҷо дар ғор пинҳоне?*
*Сари сарчашмаи поки муҳаббат арза медорӣ*
*Ки бар дунёи мо дигар намеоӣ ба меҳмонӣ.*
*Нагардад ҳамдаму ҳамрози мо то ки ғами дунё,*
*Худовандо хирадро баҳри мо медор арзонӣ.*

**22.02.2010.**



https://bikhon.tj/

*Наврӯз бар даргоҳи дил хуш омадӣ, хуш омадӣ,*
*Аз роҳи дил бар роҳи дил хуш омадӣ, хуш омадӣ.*
*Чун рӯшноӣ мерасад, аз нури рӯи дӯстон,*
*Чун пайки шодихоҳи дил, хуш омадӣ, хуш омадӣ,*
*Илму ҳунар ин ҷо бувад, тоҷи зафар ин ҷо бувад,*
*Ай фарди худогоҳи дил, хуш омадӣ, хуш омадӣ.*
*Бо номи Раҳмонур-Раҳим огоз шуд Наврӯзи мо,*
*Меҳмони олиҷоҳи дил, хуш омадӣ, хуш омадӣ.*
*То омадан бар назди мо тай кардаӣ роҳи дароз,*
*Бар шаҳраки дилхоҳи дил хуш омадӣ, хуш омадӣ.*
*Бо ту дили мо шод шуд, аз дарду ғам озод шуд,*
*Бедарду доғи кӯҳнаву бе оҳи дил хуш омадӣ.*
*Норинисои хешро нагзошта дар нимароҳ*
*Бо орзуҳои наҷиб, бо роҳи дил хуш омадӣ.*
*Чун фарди хотирхоҳи дил хуш омадӣ, хуш омадӣ.*

***340***



https://bikhon.tj/

*Нигоҳи дарди беозор моро медиҳад озор,*
*Ғами афтодаи абгор моро медиҳад озор.*
*Ниҳоли бадгумонӣ аз замини қалби мо дур аст,*
*Вале нахли сари бозор моро медиҳад озор.*
*Шукуфтанҳои рангу рӯи мо аз бениёзӣ нест,*
*Дили шӯрида орад бор, моро медиҳад озор.*
*Ҳалимӣ, меҳрубонӣ, баҳри ман ганҷи худовандӣ*
*Вале ҳарфи дурӯғи ёр моро медиҳад озор.*
*Дари дилро саҳар чун булбули шӯрида мекӯбад,*
*Фиғону нолаҳои зор моро медиҳад озор.*
*Шабу рӯзам ба ҳайронӣ гузашту рафт, медонам,*
*Ки ҳар як лаҳза чандин бор моро медиҳад озор.*
*Биё, Норинисо, айёми гулгашту баҳоронро*
*Магӯ такрор бар такрор моро медиҳад озор.*

*19.03.2010*



https://bikhon.tj/

*Ношиносе салом мегӯяд,*
*Зиндагӣ бардавом мегӯяд.*
*Дар дили дардноки андеша*
*Олами субҳу шом мегӯяд.*
*Дар сари хотири парешонам*
*Ғами ҳар хосу ом мегӯяд.*
*Домани дардро раҳо кардам,*
*Субҳи ман гашт шом мегӯяд.*
*Хонаи дардро занад оташ*
*Ҳар кӣ дорад калом мегӯяд.*
*Аз гуноҳу савоби ҳаррӯза*
*Даҳр дар як маром мегӯяд.*
*Аз дили Нории нисо берун*
*Наравад эҳтиром мегӯяд.*

*26 апрели 2009*



https://bikhon.tj/

***Нӯҳсаду панчоҳ соли Нӯҳпайғамбар гузашт,***
***Ҳиссае аз қиссаҳои шоҳ Искандар гузашт.***
***Дар бари домони ҳастӣ чанд рӯзе будаем,***
***Чанд рӯзи мо ба сони ҷилваи ахтар гузашт.***
***Дар сари афсонаҳои чуну чанд оворагӣ***
***Доштему дарк нокардем умр аз сар гузашт.***
***Нахли домони дили мо бор н-овард аз баҳор,***
***Заҳрханди духтари дунёи хушку тар гузашт.***
***Ханда дар мулки дили озории мо раҳ наёфт,***
***Гиря ҳам бетоб гашту сар ба хокистар гузашт.***
***Хоксориҳои моро дида ашки шашқатор,***
***Рӯи худ покиза карду аз сари минбар гузашт.***
***Ғам махӯр, Норинисо, аз нобароriҳои даҳр,***
***Ҳар қадар дорову ҳам нодор аз як дар гузашт.***

***28.04.2010***



https://bikhon.tj/

*Нардбони зиндагӣ моро куҷое мебарад,*
*Аз замин то бар само, то бар самое мебарад.*
*То баландиҳои кӯҳи сарбаланди қисматам,*
*Ормону орзуҳоямро ба ҷое мебарад.*
*Синаи афгор дорему дили шабзиндадор,*
*Шукри ин шабзиндадориҳо сарое мебарад.*
*Ҷилваи маҳтоб моро бурд то бозори шукр,*
*Шукр гуфтанҳои ман бар муттакое мебарад.*
*Роҳи душвор аст дар ҳар печутоби зиндагӣ,*
*Печутобаш то дили мушкилкушое мебарад.*
*Оҳ аз ин дунё, ки ҷанги тан ба тан дорад ба ҳақ,*
*Ҳақталошиҳои мо кишваркушое мебарад.*
*Ҳар қадар ошуфтадил бошӣ, биё бар роҳи дил,*
*Роҳи дил охир ба Нории нисое мебарад.*

*8 майи 2009*



https://bikhon.tj/

***Номаи дарди маро бедард хонад, ҳайф, ҳайф,***
***Нахли уммедам агар бевард монад, ҳайф, ҳайф.***
***Дар миёни ин ҳама радду бадалҳои азим,***
***Бемуҳаббат хонаи дил сард монад, ҳайф, ҳайф.***
***Ҷомадони орзу аз сардрӯйиҳоятон***
***Байни обу оташе чун гард монад, ҳайф, ҳайф.***
***Хотири болидаам падруд ногуфту бирафт,***
***Сарзамини ишқ беогард монад, ҳайф, ҳайф.***
***Хоксориҳои мо аз нангу номуси баланд,***
***Хоки рӯи роҳ чун маҳ зард монад, ҳайф, ҳайф.***
***Хандаҳои бегаши моро ту медонӣ зи чист?***
***Моҳи шаб як умр яктогард монад, ҳайф, ҳайф.***
***Тирадилҳо кай хабар доранд аз ҳастии мо?***
***Қалби Норин нисо аз дард монад, ҳайф, ҳайф.***



https://bikhon.tj/

*Нигоҳи тирашабҳо дар маҳоми сард мемонад.*
*Зи марди ноқисул-ақли замона дард мемонад.*
*Шабистони умедамро ба ягмо мебарад шайтон,*
*Зи шайтони заминӣ хок беогард мемонад.*
*Хурӯҷи дидаву дил баҳри ман дигар муаммо нест,*
*Муаммое бароям рангу рӯи зард мемонад.*
*Шаҳаншоҳи парешонӣ парешонхотирам дида,*
*Ғубори роҳи ҳасратро сари як гард мемонад.*
*Хамӯшу бесадо мегиряд имшаб тифли уммедам,*
*Агар дар манзили дил хори саҳрогард мемонад.*
*Гузаргоҳи муҳаббат рӯшноие намебахшад,*
*Чу дар фонуси бехобӣ нишони нард мемонад.*
*Ба Нории нисо дигар магӯ аз роҳпоиҳо,*
*Гули худрӯи меҳраш оқибат бевард мемонад.*

*15 августи 2009*



https://bikhon.tj/

*Намозам шеъри воло, рӯзаам инсофу имонам,*
*Дили дарё ҳамово, орзуям тифли домонам.*
*Хати тақдир мероси ниёгони барӯмандам,*
*Дуогӯ дар сафарҳо рӯҳи поки пири Канъонам.*
*Дили дарёиям пайванд бо ҳар сафҳаи Қуръон,*
*Ба ҳар ҳарфу ҳиҷояш зикр гашта дарду армонам.*
*Садои ғайб моро мекунад огоҳ ҳар лаҳза*
*Гузашти умр ҳамчун қатраҳои оби боронам.*
*Суҷудам қиблаи уммедро ҳардам фарогир аст,*
*Саробам рӯҳи поки волидайни соҳибэҳсонам.*
*Хаёлам рӯ ба сӯи қиблаи аҳли ҳунар дорад,*
*Саробони сарам андешаи паҳну парешонам.*
*Чу Норин нисои хилвати шабҳои ялдоям*
*Чароғи орзу бошад ҳама дам шӯълаафшонам*

*12 июни соли 2010*



https://bikhon.tj/

*Нишоне аз ҷавониям, Хуҷанди бостониям,*
*Хуҷанди бостониям, нишоне аз ҷавониям.*
*Чу подевори умри ман азизӣ аз барои ман,*
*Азизӣ аз барои ман, чароғи ормониям.*
*Хумори рӯи ту мегирадам ҳар рӯзу ҳар соат,*
*Ҷаҳони бегазанди олами афсонахониям.*
*Дар ин айёми пуртаҳлукаву радду бадалбозӣ*
*Дилам хоҳад нишоне ҷӯям аз ҳар бенишониям.*
*Ғами дил дигар андар олами боло намеғунҷад,*
*Бубояд кард ифшо шодию дарди ниҳониям.*
*Дилам сайри лаби дарёи Сайҳун боз мехоҳад,*
*Ба ёд овардани айёми шавқу шеърхониям.*
*Чу ман Норинисои роҳи пуршебу фароз астам*
*Лаби дарёи дил ёд оварам аз субҳи сониям.*

*22 августи 2010*



https://bikhon.tj/

*Ними ноне ёфтам дар нимароҳи зиндагӣ,*
*Дар савоби хештан дидам гуноҳи зиндагӣ.*
*Душманамро дӯст гуфта, дӯстро нашнохта,*
*Борҳо афтодам андар умқи чоҳи зиндагӣ.*
*Ҳуснро дар сояи бори гарон бигзошта,*
*Ҳифз кардам хештанро дар паноҳи зиндагӣ.*
*Ростқавлу ростгӯю росткору растагор,*
*Будаму ҳастам, худоҷонам гувоҳи зиндагӣ.*
*Ҳар куҷо афтодае дидам, ба сар бардоштам,*
*То нагардам мубталойи дарду оҳи зиндагӣ.*
*Ҳар кадом коре, ки сар кардам, ба бисмиллоҳ буд,*
*Сарф кардам умри худ баҳри пагоҳи зиндагӣ.*
*Баҳри дилдорию дилбардории бечорагон,*
*Ман чӣ гӯям ин дам аз ҳоли табоҳи зиндагӣ?*



https://bikhon.tj/

*Нигоҳи гарми ман аз обшори дил ҷӯйед,*
*Садои нарми ман аз навбаҳори дил ҷӯйед.*
*Умеду орзуи ман аз бодҳои саргардон,*
*Навои бенавои ман аз канори дил ҷӯйед.*
*Чу меравед ба сафар, ба олами боло,*
*Зи беқарории ҳастӣ қарори дил ҷӯйед.*
*Саломи ман бирасонед бар мусофири роҳ,*
*Зи ҳар мусофири раҳ ғубори дил ҷӯйед.*
*Ба рӯҳи ишқи бузурги худонадодаи ман,*
*Назар кунеду нишоне зи бори дил ҷӯйед.*
*Зи мӯсафедии уммеди ман хабар набаред,*
*Зи боғи сабзи диёрам анори дил ҷӯйед.*
*Мане, ки Норинисои ҷаҳони рӯъёям,*
*Аз ин ҷаҳони мубарро кӯлбори дил ҷӯйед.*



https://bikhon.tj/

***Насими субҳ мекӯбад дари кошонаи дилро,***
***Ки то берун кашад андӯҳу дарди хонаи дилро.***
***Биё, бо аҳли олам бозгӯ созем якҷоя,***
***Ба гӯши обшори зиндагӣ афсонаи дилро.***
***Дигар аз Машраби девона овое намеояд,***
***Бубояд кард пайдо Машраби девонаи дилро.***
***Гузашти асрҳо моро ба ҳам пайванд месозад,***
***Аз ин пайванд ҷӯям шаддаи дурдонаи дилро.***
***Гувоҳи тирашабҳо мешавад чун хоҳари хуршед,***
***Аз ин шабҳо бикун пайдо ту меҳмонхонаи дилро.***
***Ба ҳар ҷо мебарам чун тӯшаи умри азизи хеш,***
***Чу фарзанди баномуси Ватан шукронаи дилро.***
***Биё, соқии дарду шодии беинтиҳои ман,***
***Бикун лабрез аз шаҳди сухан паймонаи дилро.***



https://bikhon.tj/

*Обрӯву эътиборам модарам,*
*Боиси авҷу барорам модарам.*
*Садқаи чашминтизориҳои ту,*
*Чашм бар роҳи ту дорам модарам.*
*Дар само дорам Худованди бузург*
*Дар замин парвардигорам модарам.*
*То ба дуриҳо сафар кардӣ, ҳанӯз,*
*Дар раҳи ту чашмдорам модарам.*
*Рӯҳи ту ҳар лаҳза мегирад хабар,*
*Қуввати рӯҳам, мадорам модарам.*
*Зиндагӣ дорам бари агёру ёр*
*Дур аз агёру ёрам модарам.*
*Рӯҳи покат ҷовидон осуда бод*
*Боғи пурфайзи баҳорам модарам.*



https://bikhon.tj/

*Осмон бар сарам фурӯ рафта,*
*Гавҳари ашк то гулӯ рафта.*
*Ҳар қадар мову ту намехоҳем,*
*Ҳусни мо аз ду рӯи мо рафта.*
*Марҳами дил дигар намеёбем.*
*Бахт моро ба ҷустуҷӯ рафта.*
*Обрӯ оби ҷӯ намегардад,*
*Оби ҷӯ гар ба шустушӯ рафта.*
*Олами дардноки андеша,*
*Бар ниҳоди фариштахӯ рафта.*
*Риштаи ошиқӣ чу бибридӣ*
*Мурғаки ишқ кӯ ба кӯ рафта.*
*Бин, ки Норинисои ту имрӯз*
*Бо дили ту ба гуфтугӯ рафта.*



https://bikhon.tj/

*Ошноиҳо чу пайдо кард бо дарёи дил,*
*Нийяти рафтан надорад дард аз дунёи дил.*
*Соҳили уммед гарчанде ки нопайдо бувад,*
*Хешро меҷӯяд аз пинҳону аз пайдои дил.*
*Ин замини нозанин дигар надорад тоқате*
*Ашк резад модаре андар сари савдои дил.*
*Хостгорони баҳори дил ҳама сармозада,*
*Ҳар қадар чун ман начидандӣ гули сармои дил.*
*Офтоби ишқ зери боди навмедӣ нишаст,*
*Бесаводӣ гашт соҳиб бар хати хонои дил.*
*Орзуҳоям агарчанде ки парвозӣ шуданд,*
*Боз мехоҳанд бинишинанд дар болои дил.*
*Эй Худо, пеши ту рӯ бар саҷда дорам илтиҷо*
*Ҳифз кун аз ҳар балоҳо нахли побарҷои дил.*

*28.01.2010*



https://bikhon.tj/

***Оромӣ дар ин дунё дигар набувад пайдо,***
***Дигар набувад пайдо оромӣ дар ин дунё.***
***Шомеву шабе дорем, базму тарабе дорем,***
***Базму тараби эҳё дар оламаки боло.***
***Шамсу қамарам омад, пиронасарам омад,***
***Базми сухани воло то боз кунад барпо.***
***Хоби шаби ялдо буд, сад валвала барпо буд,***
***Дар валвалаи боло дидем ба худ маъво.***
***Аз хотираҳои дил обод бишуд манзил,***
***Дастеву дуое буд аз Фотимаи Заҳро.***
***Хомӯшии шабҳо буд, Соро бари Доро буд,***
***Аҳли сухану маънӣ буданд сари савдо.***

***9.02.2010.***



https://bikhon.tj/

*Осмон абрпора меорад,*
*Ё ду-сето ситора меорад.*
*Аз дили кӯҳсори андеша,*
*Санг не, лаълпора меорад.*
*Ҳастиям забт карда навмедӣ,*
*Сабр аз санги хора меорад.*
*Қаҳрамони хаёлиям аз роҳ*
*Корвони қатора меорад.*
*Аспи зарринёли эҳсосам*
*Меҳр бар ман дубора меорад.*
*Қаҳр гардидааст зиндонӣ,*
*Меҳрро пора-пора меорад.*
*Ғам махӯр, Нории нисо, ёре*
*Баҳри дарди ту чора меорад.*

*8 марти 2010*



https://bikhon.tj/

*Ойина мешуморад ожангҳои рӯям,*
*Қуи сапед шишта дар торҳои мӯям.*
*Дасти маро фишорад ҳар лаҳза бо хушомад,*
*Шайтони ноумедӣ дорад чу ҷустуҷӯям.*
*Мулки муҳаббатамро тороҷ карда буданд,*
*Ҳангоми тангдастӣ дар ҷоми дил фурӯям.*
*Ҳар сатр шеъри ман чун бӯи умед дорад,*
*Пайваста ҳамчу шеърам дар олами нумӯям.*
*Хандидани гули ғам ҳар лаҳза пеши чашмам,*
*Дар ҷустуҷӯи шодӣ саргашта кӯ ба кӯям.*
*Пайванд кардани дил будаст кори мушкил*
*Гулгунчаи малоҳат гул карда рӯ ба рӯям.*
*Норинисои розам, дар фазл бениёзам*
*Боз о, ки аз муҳаббат чандин фасона гӯям.*

*20. 06.2010*



https://bikhon.tj/

*Оромии ин дунё ҳаргиз набувад пайдо,*
*Ҳаргиз набувад пайдо оромии ин дунё.*
*Гаҳ мову мане дорем, ширин сухане дорем,*
*Гоҳи дигар оҳи мо ояд ба сари савдо.*
*Шомем сари субҳе, субҳем сари шоме,*
*Гоҳе зи ҳама пастем, гоҳе зи ҳама боло.*
*Хурсандии мо як дам, хурсандии як олам,*
*То мулки дили мо раҳ имрӯз ба фардоҳо.*
*Шаҳкосаи зарринем, дар олами Парвинем,*
*Шаҳдухтари дирӯза бар чанд нафар момо.*
*Гулбоғи муроди мо бошад ҳама дам сарсабз,*
*Аз меҳри шумо бошад сарсабзии меҳри мо.*
*Дар роҳи Худо ҳастем, Нории нисо ҳастем,*
*Рӯид гули ашъор дар боғчасарои мо.*

*Оламе аз олами афсона дорад зиндагӣ,*
*Хешро бар бандагӣ бегона дорад зиндагӣ.*
*Шарҳи ҳоли хештанро қиссагӯӣ мекунад,*
*Дар дили мо дард дар афсона дорад зиндагӣ.*
*Қисмати соҳибдилони даҳр мебошад гарон,*
*Бар сари зулфи сухан паймона дорад зиндагӣ.*
*Бо дили мо шамъ бо парвона дорад ошиқӣ,*
*Ошиқӣ дар кулбаи вайрона дорад зиндагӣ.*
*Тангдастиҳои мо ҳаргиз нишони фақр нест,*
*Дар сари зулфи муҳаббат шона дорад зиндагӣ.*
*Бар диёри дардҳои бонуи Норинисо,*
*Аз муҳаббатномаҳояш хона дорад зтндагӣ.*



https://bikhon.tj/

*Оёти Қуръонам куҷо?*
*Шамъи шабистонам куҷо?*
*Дар олами афсонавӣ*
*Шоиста меҳмонам куҷо?*
*Бар дардҳои кӯҳнаам,*
*Доруву дармонам куҷо?*
*Меҳру муҳаббат рафтаву*
*Дар ишқ армонам куҷо?*
*Қимат харидам ёди ту,*
*Чашмони ҳайронам куҷо?*
*Рӯи ниёз орам, Худо,*
*Он моҳи тобонам куҷо?*
*Норинисои қисматам,*
*Нори наистонам куҷо?*
*Шамъи шабистонам куҷо?*
*Оёти Қуръонам куҷо?*



https://bikhon.tj/

*Оромии ман шӯру шарори дига дорад,*
*Файзи суханам файзи баҳори дига дорад.*
*Андар нафаси синаи ман метапад охир,*
*Он дил, ки ба худ лолаузори дига дорад.*
*Андар вараќи дафтари дил ҷой намонда,*
*Бар роҳгузаре, ки гузори дига дорад.*
*Аз сӯхтану сохтанам суд чӣ бошад?*
*Маҷнунам агар лайлу наҳори дига дорад.*
*Имрӯз агар сабт шавад дар хати тақдир,*
*Фардои умедам гулу хори дига дорад.*
*Дар ҳастии ӯ меҳр бувад қофиласолор,*
*Ҳарчанд ки дар сабр қатори дига дорад.*
*Норин нисоро, ки надидеду надонед,*
*Беҳуда магӯед, ки нори дига дорад.*



https://bikhon.tj/

*Пас аз ман ҳар чӣ буду ҳаст, мемонад,*
*Суханҳои заминии баланду паст мемонад.*
*Шукуфоии рӯи духтари зебои кӯҳистон,*
*Давову дард дар як ҷой чанбарчаст мемонад.*
*Фурӯғи дидаи дарёдилони қитъаи дунё,*
*Миёни гарду чанги панҷаҳои даст мемонад.*
*Муаммое, ки дар байни замину осмон пайдо*
*Чу моҳии тилои зиндагӣ дар шаст мемонад.*
*Талотумҳои дарёи муҳаббат мешавад хомӯш,*
*Агар воломақоме роҳи дилро баст мемонад.*
*Муҳаббатномаи аҳли маъонӣ ҷовидон бошад,*
*Дилу ҷони ману ту ҷовидон пайваст мемонад.*
*Фурӯғи Синдбоди меҳр дилро чун кунад рӯшан*
*Зи Нории нисо шасти дигар дар шаст мемонад.*



https://bikhon.tj/

*Пас аз рафтан барои дидани ту боз меоям,*
*Чу мурғи аз қафас озод дар парвоз меоям.*
*Хабар мегирам имрӯзу пагоҳи зиндагиятро*
*Чу як паррандаи зебои хушовоз меоям.*
*Намегӯям дар ин дунёи фонӣ чанд рӯзастӣ,*
*Дар умри чандрӯза ҳампари шаҳбоз меоям.*
*Нагирӣ гар бари домони дарёии қисматро,*
*Зи домони лаби дарё ба нозу роз меоям.*
*Худои ман маро гар дар паноҳи худ нигаҳ дорад,*
*Зи некие, ки кардам шоду сарафроз меоям.*
*Саодатро, садоқатро, сари ҳарфи муҳаббатро*
*Гирифта рӯи даст аз олами эъҷоз меоям.*
*Манам Норинисои олами меҳру вафодорӣ,*
*Сари шоми сияҳ чун субҳи навпардоз меоям.*

*Порсову далеру бегам бош,*
*Дардҳоро ҳамеша марҳам бош.*
*Аз ҷавонмардиҳо нишоне бош,*
*Навниҳоли баҳори хуррам бош.*
*Офтоби гули намози шом*
*Посдори ҷаҳони хуррам бош.*
*Сари ҳарфу ҳиҷои бедардӣ*
*Бо дилу дидаи пур аз нам бош.*
*Ҳар касе бошӣ, бош, бачаи ман*
*Берун аз олами камодам бош.*
*Ҳар куҷо меравӣ Худо ёрат,*
*Сабзаҳо зери пои шабнам бош.*
*Осмон бар сарат фурӯ резад,*
*Писари бовиқори Одам бош.*

*23.01.2010*



https://bikhon.tj/

*Пушти пои олами андеша дорам зиндагӣ,*
*Дар сари печу хами андеша дорам зинагӣ.*
*Рафтагони даҳр бо мо зиндагонӣ мекунанд,*
*Дар диёри мотами андеша дорам зиндагӣ.*
*Садқаи пирони ботадбири роҳи қисматам,*
*Бо ҳама бешу ками андеша дорам зиндагӣ.*
*Инқадар бошад парешон хотири озурдаам,*
*Хостгори марҳами андеша дорам зиндагӣ.*
*Ғарқ дар баҳри пур аз асрори роҳи қисматам*
*Дар қатори Ҳотами андеша дорам зиндагӣ.*
*Чун дили аҳли ҳунар накшода дидам баҳри худ,*
*Дар сарои маҳками андеша дорам зиндагӣ.*
*Бонуи Норинисои олами афсонаам,*
*Ғарқ дар чашми нами андеша дорам зиндагӣ.*

***3.2.2010.***



https://bikhon.tj/

*Пудинаи лаби ҷӯ чашми хумор дорад,*
*Борони реза-реза савти ҳазор дорад.*
*Чун мардаки қаландар фикру хаёл дар сар*
*Сармо бирафту ҷояш субҳ интизор дорад.*
*Дар қуллаи баланди кӯҳи умедворӣ,*
*Шаҳбачаи хаёлам гул дар канор дорад.*
*Моему чанд рӯзе саргарми зиндагонӣ,*
*То он даме ки ин дил сабру қарор дорад.*
*Гул аз замин бирӯяд то рози дил бигӯяд,*
*Аз сар кашидани хеш бас ифтихор дорад.*
*Бобои меҳрубонӣ шояд, ки пир гашта,*
*Шукронаи замини поки диёр дорад.*
*Андар китоби ҳастӣ чун момаи Маҳастӣ*
*Норинисои даврон пайки баҳор дорад.*

*11.02.2010*



https://bikhon.tj/

*Понздаҳ соли расо бемуттако бигзашту рафт,*
*Бо гиреву нолаи беинтиҳо бигзашту рафт.*
*Понздаҳ соли ҷудоӣ аз ҷудоӣ мужда дод,*
*Дарди мо, шодии мо, аз мо ҷудо бигзашту рафт.*
*Панди модар буд моро гӯшвори зиндагӣ,*
*Ҳамчу модар як саҳар дасти дуо бигзашту рафт.*
*Ҳарфи ҳақ гуфтему печидем дар доми бало,*
*Шукри Эзид, зуд ҳар дарду бало бигзашту рафт.*
*Гавҳари маънӣ зи дарёи хирад чун ёфтем,*
*Умр ҳамчун гавҳари қиматбаҳо бигзашту рафт.*
*Чанд рӯзе меҳмони зиндагӣ будем мо,*
*Меҳмону мизбониҳои мо бигзашту рафт.*
*Баъди ман аз шеъри ман маънии нав бардошта,*
*Ҳайф мегӯӣ, ки Нории нисо бигзашту рафт.*



https://bikhon.tj/

*Рогуне аз нуру нори зиндагӣ,*
*Равнақу авҷу барори зиндагӣ.*
*Мекушояд уқдаи накшодаро,*
*Дар сари лайлу наҳори зиндагӣ.*
*Хотирам болида мегардад агар*
*Дорам аз домони хори зиндагӣ.*
*Худ, ки норам, нур ҳамроҳи ман аст*
*Ҳар қадам пайванди бори зиндагӣ.*
*Субҳ ё шомем дар дунёи хеш,*
*Дар канори обшори зиндагӣ.*
*Бо ҷилои нури раҳмонӣ ба мо*
*Мужда орад аз баҳори зиндагӣ.*
*Аз дили Норинисо то бар куҷо*
*Мерасад савти ҳазори зиндагӣ.*



https://bikhon.tj/

*Рахти сафар бастӣ агар, то бар диёри дил биё,*
*Аз фасли сармо бигзару то бар баҳори дил биё.*
*Занҷири навмедӣ бикан, пайванд бо тори умед*
*Оҳанги шодӣ бишнаву нашкаста тори дил биё.*
*Бигзаштаро дарбеҳ кун бо риштаи имрӯзи дил,*
*Хомӯш кун дарди дарун, бар ихтиёри дил биё.*
*Соҳибдилу соҳибназар, бо ёри ҷонӣ гулбасар,*
*Худро бубар то баҳру бар, бар обшори дил биё.*
*Бо кавкаби дил роз гӯ, сад роз беовоз гӯ,*
*Нашнида овози ҷарас то бар хумори дил биё.*
*Ҳарчанд ширинӣ кунад, бигзар ту аз хоби саҳар*
*Бар ҷонамози бомдод ойинадори дил биё.*
*Сад нолаву фарёд кун, Норинисоро ёд кун,*
*Фасли гули ишқу умед чун гулъузори дил биё.*

*13 январи 2010*



https://bikhon.tj/

*Рӯзи иду айём бувад рӯзи душанбе,*
*Шоми шаби Хайём бувад рӯзи душанбе.*
*Аз марҳамату мағфирати руҳи азизон,*
*Маҳтобшаби шом бувад рӯзи душанбе.*
*Дар хилъати шоҳона кунад ҷилва ситора,*
*Дар партави илҳом бувад рӯзи душанбе.*
*Нуре паи норе бикунад шаъшаапошӣ,*
*Дар саргаҳи ислом бувад рӯзи Душанбе.*
*Хоре сари бозор набошад паи озор.*
*Сарриштаи инъом бувад рӯзи душанбе.*
*Аз омадану рафтани хуршед бубинад.*
*Саргашта паи ном бувад рӯзи Душанбе.*
*Хомем ва ё пухта ба ҷое нарасидем,*
*Дар пухтаи мо хом бувад рӯзи Душанбе.*

***1.02.2010***



https://bikhon.tj/

*Рӯзии мо расонад рӯзирасони олам,*
*Султони бениёзи кавну макони олам.*
*Аз хештан барояд бар мулки дил дарояд,*
*Дар мулки меҳрубонӣ қурбони рӯи олам.*
*Шаббодаи шаби тор зулфи маро харидор,*
*Дар кӯчаи муҳаббат сарсони рӯи олам.*
*Хоби шаби гунаҳгор ҳар лаҳза оварад бор,*
*Аз панҷаҳои нарми султони рӯи олам.*
*Дар сабр санги хоро, дар ишқ хатти хоно*
*Бошад сари баланди инсони рӯи олам.*
*Мушкилкушост моро, дасти дуост моро,*
*Ҳар ҳарфу ҳар ҳиҷои Қуръони рӯи олам.*
*Норинисо равона то кишвари фасона,*
*То баҳрае биёбад аз хони рӯи олам.*

*11.02.2010.*



https://bikhon.tj/

*Расид мужда, ки фасли баҳор меояд,*
*Суруди дил зи дили обшор меояд.*
*Дар осмони хаёлам парандаи ҳастӣ*
*Ба савти форами чангу дутор меояд.*
*Харобазори умедам шавад зи нав обод,*
*Чу ишқ аз сари пушти мазор меояд.*
*Ба сорбони муҳаббат дигар чӣ хоҳам гуфт?*
*Чу неку бад бари як кӯлбор меояд.*
*Намекунам гила дигар ман аз хати тақдир*
*Чу ҳар бало ба хоҳиши Парвардигор меояд.*
*Ба ин диёри куҳан омадан бувад рафтан,*
*Агар, ки вақту соати лайлу наҳор меояд.*
*Махон дигар ту ба ман қиссаҳои ҳиҷронро,*
*Ки бар машоми дилам бӯи атри ёр меояд.*

*6 марти соли 2010*



https://bikhon.tj/

*Рӯзи мурод бошад рӯзи чаҳоршанбе,*
*Дилҳо кушод бошад, рӯзи чаҳоршанбе.*
*Дар кисаи муҳаббат бошад калиди шодӣ,*
*Ғам номурод бошад рӯзи чаҳоршанбе.*
*Кӯбад ба панҷаҳояш дарвозаи диламро*
*Пайваста шод бошад рӯзи чаҳоршанбе.*
*Дар дида нур бошад, шавқу сурур бошад,*
*Дар адлу дод бошад рӯзи чаҳоршанбе.*
*Мушкилкушоӣ бошад, аз ғам раҳоӣ бошад,*
*Рӯзи миъод бошад, рӯзи чаҳоршанбе.*
*Милоди зиндагонӣ, оғози навҷавонӣ,*
*Бо ғам ҷиҳод бошад, рӯзи чаҳоршанбе.*
*Аз сақфи осмонҳо оянд бибиҷонҳо,*
*Аз бахт ёд бошад рӯзи ҷаҳоршанбе.*

*21 октябри 2010*



https://bikhon.tj/

*Сарзамини офтобам модарам.*
*Шавқу шӯри беҳисобам модарам.*
*Дар замони бесаранҷомии даҳр,*
*Сад суоли беҷавобам модарам.*
*Мекашӣ бори ғаму андӯҳро,*
*Ғамбарорам, дурри нобам, модарам.*
*Субҳро аз олами андешаҳо*
*Мебарӣ то моҳтобам модарам.*
*Ҷо бигирад бори ғам бар дӯши ман*
*Мебиёӣ чун саробам модарам.*
*Мекушоӣ боз ҳам дасти дуо,*
*Дар раҳи кори савобам модарам.*
*Баҳри ман, Норинисои зиндагӣ,*
*Пандҳоят шуд китобам модарам.*



https://bikhon.tj/

*Сухан аз олами болост, зи болост, бигӯ,*
*Гаҳе пинҳону гаҳе боз ҳувайдост, бигӯ.*
*Ҳарфи ноҷой ба лаб дӯст ба огӯш магир,*
*Обрӯ аз худи мо, рост бирав, рост бигӯ.*
*Манзили шарм агар дар ҳарами дидаи туст,*
*Дида бикшо ҳама ин ҷост, ки барҷост, бигӯ.*
*Аз дили панҷараҳо нола расад то ба само,*
*Нолаи дард зи бедардии дунёст, бигӯ.*
*Асаре нест дар ин ин даҳр зи момои Ҳаво,*
*Ғайри мо, роҳ ба мо то ба куҷоҳост, бигӯ.*
*Ғурбати аҳли дил аз ҷавшани ҷон мегузарад,*
*Рӯҳи мо дар садафи оби мусаффост, бигӯ.*
*Ҳар куҷо бори ғами хеш чу бар дӯш барӣ,*
*Ҳар гуноҳеву савобам ҳама барҷост, бигӯ.*



https://bikhon.tj/

*Сареву сарваре хоҳам, ки мағз андар сараш бошад,*
*Ҳамеша шаҳкитоби зиндагонӣ дар бараш бошад.*
*Каломи Ҳақтаоллоро кунад эҳсос бо қалбаш,*
*Саробони сари марди бузурги кишвараш бошад.*
*Саманди орзуяш то ба гардунҳо кунад парвоз,*
*Чароғи меҳр рӯшан аз нигоҳи ахтараш бошад.*
*Дуойи хайр хоҳад аз нигоҳи пири андеша,*
*Ба пирони тариқат эътиқоду боварраш бошад.*
*Нигаҳ дорад Худо ҳар марди раҳро дар паноҳи хеш,*
*Ду-се тан марди рӯҳонӣ ҳамеша сарвараш бошад.*
*Нагирад кор бо ҳар сифлаи бедарду бепарво,*
*Зи некиву накӯкорӣ ҳамеша шаҳпараш бошад.*
*Бубандад кӯч агар имрӯз то пайроҳаи фардо,*
*Чу Нории нисои зиндагонӣ дилбараш бошад.*

*Сухани дил зи куҷо то ба куҷо мебарадам,*
*Аз замин то ба само, то ба само мебарадам.*
*Гули рухсораи маҳтоб, ки пажмурда шуда,*
*Гули уммед ба дунёи вафо мебарадам.*
*Саргузашти ману маҳтоб басо монанд аст,*
*Аз қадар то ба қазо, то ба ҷазо мебарадам.*
*Қадами файз ба даргоҳи саодат бирасад,*
*Фатҳу нусрат ба тамошои ҷило мебарадам.*
*Умри мо оби равонасту дилу дидаи мо*
*Савту оҳангу садоро ба наво мебарадам.*
*Дар дили мову шумо ғурбату ғам ҷойнишин,*
*Ҷонишине ба дуо пеши Худо мебарадам.*
*Аз ғаму ғуссаи дунё мағурезед, ки боз,*
*Ҳар ғаму ғусса ба Нории нисо мебарадам.*



https://bikhon.tj/

*Саҷҷодаи сукуте, дар буду дар набуде,*
*Дар буду дар набуде, саҷҷодаи сукуте.*
*Бо ҳақпарастиҳову ворастан аз бадиҳо,*
*Дар киштзори уммед дорем буду шуде.*
*Бар чашми мо зи дурӣ маҳтоб менамояд,*
*Дар шӯълаҳои покаш тобад ба ҳар намуде.*
*Афсонагӯи қисмат афсона гуфта бошад,*
*Э кош нахли шодӣ бифристадам дуруде.*
*Соҳибсаодате ку? Дур аз маломате ку?*
*К-аз оташи муҳаббат орад нишони дуде.*
*Дар мулки дидаи мо уммед ҷонишин аст,*
*Гӯё, ки ганҷ пинҳон дар олами вуҷуде.*
*Бар пешвози ёрон чун мурғаки хушилҳон,*
*Норинисост ҳозир бо шеъру бо суруде.*



https://bikhon.tj/

*Сари ҳар як қадам як гурги борондида мебинам,*
*Гули хайру сахоро сар ба сар ночида мебинам.*
*Ба дӯкони муҳаббат шоҳии фазлу ҳунар дорам.*
*Ба шоҳии ҳунар ҳар беҳунар печида мебинам.*
*Садои нарм-нарми оби дарё мекунад таъкид,*
*Чаро нахли умеду орзу бибрида мебинам?*
*Сари мӯе дигар дар косаи сабрам намебинам,*
*Тилои бахтро дар кӯра носанҷида мебинам.*
*Намегунҷад дигар дар дафтари дил номи поки ту,*
*Ба номи поки ту ҳар ҷо гули хандида мебинам .*
*Суроғи ман намеояд дигар шаҳбаччаи уммед,*
*Гули боғи нигоҳатро зи шамъи дида мебинам.*
*Паёми рӯзи наврӯзӣ расид аз ёри дилсӯзе,*
*Ҳамон ёре, ки ман ӯро даруни дида мебинам.*



https://bikhon.tj/

*Султони ҷаҳонам ба ман инъом фиристод,*
*Аз олами боло ду-се пайғом фиристод.*
*Аз сӯхтану сохтани ман хабаре дошт,*
*Ай бехабарон, субҳ сари шом фиристод.*
*Моро ба ҳам овард агар меҳру муҳаббат,*
*Аз меҳру муҳаббат, ба Худо, ҷом фиристод.*
*Бар рафъи ҳама дарду балоҳои заминӣ,*
*Аз арши баринаш гули бодом фиристод.*
*То ҳар сухани ман бишавад шаддаи марҷон*
*Шукронаи субҳона, ки илҳом фиристод.*
*Шеъру сухани Норинисо то ба куҷо рафт?*
*Ҳине, ки Худованди сухан ном фиристод.*
*Паррандаи дил аз қафаси сина бурун рафт,*
*Чун бар сухан оғоз дар анҷом фиристод.*

*14 январи 2009*



https://bikhon.tj/

*Синои дар ба дар ку, аз дард бохабар ку?*
*Аз дард бохабар ку? Синои дар ба дар ку?*
*Андар ҷаҳаннами дил, ду дидаи нами дил.*
*Дигар намонда оташ, чашмони пуршарар ку?*
*Шодӣ ба мулки дигар рахти сафар бубаста,*
*Дар олами муҳаббат як марди ҳамсафар ку?*
*Симу зару тилоро дар беҳунар маҷӯед,*
*Аммо таваҷҷӯҳи беш бар мардуми ҳунар ку?*
*Аҳли зиёву маънӣ дуранд аз назарҳо,*
*Соҳибдиле, ки буда дар мадди ҳар назар ку?*
*Созу навои дилро нашнида рафта бошад,*
*Гӯши кари замона, э вой, гунгу кар ку?*
*Симои тоҷикона, дар зери лаб тарона,*
*Як духтари базеби кокул ба пушти сар ку?*
*Доге миёни дарде, ҳар лаҳза дар набарде,*
*Бар олами дили мо аз ғайб хушхабар ку?*



https://bikhon.tj/

*Сари савдои ишқи ту сари саҷҷода меоям,*
*Диламро чун Зулайхо рӯи каф бинҳода меоям.*
*Наметарсам дигар аз тундбоди тирамоҳи умр,*
*Дари дил бо калиди меҳри худ бикшода меоям.*
*Чу подевори шавқу ишқам аз лойи муҳаббат буд,*
*Суханҳои диламро чида, чун дилдода меоям.*
*Зи бозори сухан гар ҳадяи лоиқ нашуд пайдо,*
*Ба по истодаву аз ғусса ноафтода меоям.*
*Чароғи меҳри моро гар кунад хомӯш навмедӣ,*
*Чароғи меҳрро андар дилам ҷо дода меоям.*
*Куҷоӣ аспи зарринёли мулки орзуи ман?*
*Ба мулки орзу чун духтари озода меоям.*
*Манам Норинисои олами шӯру талотумҳо,*
*Зи дидори шумо мадҳушаму бебода меоям.*

*Сад ҷигар хун мекунӣ, сад ҷома гулгун мекунӣ,*
*Ин дили садпорарo якбора Маҷнун мекунӣ.*
*Якравӣ, якрӯйиҳои ман писандат гар нашуд,*
*Бо дили абгор имрӯзу паго чун мекунӣ?*
*Аз дурӯгу кинаву рашку ҳасад бегонаам,*
*Бо мани бегона кай сар то ба гардун мекунӣ?*
*Хоми мо кай пухта гардад аз нигоҳи сарди ту*
*Бо нигоҳи сард кай майли шабохун мекунӣ?*
*Дар баландиҳои кӯҳистони сабзи зиндагӣ*
*Мекунӣ наззораву сад ранг берун мекунӣ.*
*Ишқ мебошад гувоҳи тирамоҳи умри ман,*
*Тирамоҳи умри моро кай ба бар ғун мекунӣ?*
*Субҳро бар пуштавори хештан бардошта,*
*Олами Норинисоро кай дигаргун мекунӣ?*

*5 апрели 2009*



https://bikhon.tj/

*Созу сӯзи мардуми дунё ба дӯши зиндагӣ,*
*Савту оҳанги дили дарё ба дӯши зиндагӣ.*
*Шодию дарду аламҳои ниҳоди одамӣ,*
*Роҳ бикшодан ба саҳроҳо ба дӯши зиндагӣ.*
*Зиндагиро баҳри мо оинасозӣ мекунад,*
*Бошадо имрӯзу фардоҳо ба дӯши зиндагӣ.*
*Гоҳ моро то ба авҷи осмонҳо мебарад,*
*Аз замин то бар самои мо ба дӯши зиндагӣ.*
*Осмонӣ ё заминӣ будани мо шарт нест,*
*Бори дил бошем дар ҳар ҷо ба дӯши зиндагӣ.*
*Ҳар киро дидем, саргардоние дорад ба даҳр,*
*Ҳар нишони олами эҳё ба дӯши зиндагӣ.*
*Мисраву шеъру ғазалҳое, ки Нории нисо*
*Мекунад сарриштае пайдо ба дӯши зиндагӣ.*



https://bikhon.tj/

*Сари сарчашмаи ҳастӣ саробони дигар дорам,*
*Чу истеъдоди воло баҳри худ пайғомбар дорам.*
*Замини сабз агар андар паноҳи худ нигаҳ дорад,*
*Барои хештан сарвар ман аз ақлу ҳунар дорам.*
*Сукути ман бувад исёни шавқу шӯри эҷодӣ,*
*Зи шавқу шӯри дил боре зи нахли босамар дорам.*
*Гузаргоҳи муҳаббат дар паноҳи ман бувад маҳфуз,*
*Агар дар паҳлуи худ ошиқи Шамсу Қамар дорам.*
*Надонад ҳар касе гар қимати волои истеъдод,*
*Намеранҷам, чу аз меъморияш хуни ҷигар дорам.*
*Садои шабдаравро нимашаб шаббода меорад,*
*Зи шабҳангоми дил оромише дар баҳру бар дорам.*
*Манам Норинисои қарни бисти соли милодӣ,*
*Зи милоди замони хештан заҳру шакар дорам.*

*5 июли 2009*



https://bikhon.tj/

*Суруд аз мо, сукут аз мо, дуруде дар суҷуд аз мо,*
*Ғам аз мо, шодию дарду нишоте дар вуҷуд аз мо.*
*Карим аз мо, раҳим аз мо, гуле аз тарсу бим аз мо,*
*Тамоми доғу ранҷу ғурбати ин мулки ҷуд аз мо.*
*Сару савдои дил аз мо, баёни қолу қил аз мо,*
*Набуд аз мову буд аз мо, зиён аз мову суд аз мо.*
*Қиёми зиндагӣ аз мо, чу гул огандагӣ аз мо,*
*Кушодан болу пар аз мову дар кунҷе фуруд аз мо.*
*Шикасти офтоб аз мо, нигоҳи моҳтоб аз мо,*
*Пас аз парвозҳо бар олами дилҳо вуруд аз мо.*
*Гуноҳ аз мо, савоб аз мо, азобу изтироб аз мо,*
*Қатори чанд тан бегона як тан ёри худ аз мо.*
*Шаби қадр аст бар Норинисо шабҳои бехобӣ*
*Чу бо маҳтоб пайвандад ҳад аз мову ҳудуд аз мо.*

*30 августи 2009*



https://bikhon.tj/

*Суратҳисоби дилро рӯзе ҳисоб кардӣ,*
*Дар мулки ҳастии мо як инқилоб кардӣ.*
*Рафтӣ зи дидаи мо ҳаргиз накарда парво*
*Сад ранги зиндагиро зери ҳиҷоб кардӣ.*
*Аз олами хаёлот марди бузург омад,*
*Афсонаи дилангез аз моҳтоб кардӣ.*
*Андар ҳарири чашмат шодӣ намоз мехонд,*
*Дар ҳар намози шодӣ кори савоб кардӣ.*
*Пироҳани муҳаббат дарбеҳ карда бошӣ,*
*Дарбеҳи зиндагиро дар мавҷи об кардӣ.*
*Бо ҳукми хатти тақдир дур аз Ватан чу будӣ,*
*Дур аз Ватан ду дида дарёи об кардӣ.*
*Шаҳдухтари табиат худро, ки зеб медод*
*Дар олами муҳаббат ҷон дар азоб кардӣ.*



https://bikhon.tj/

*Суруди дилбарӣ моро бари дилдор меорад,*
*Сари сарчашмаи дарду ғаму озор меорад.*
*Хатои мо ҷазои мо бувад дар умри дурӯза,*
*Хато пушти хато моро сари бозор меорад.*
*Зи меҳмонхонаи дил кӯч баста шаҳпари шодӣ*
*Садои чуғзи навмедӣ ғами бисёр меорад.*
*Барои мо дигар дунё надорад ҷои андеша,*
*Сари мастӣ бубин, девона ҳам ҳушёр меояд.*
*Ғами дилро бикун парпеч ҳамчун тифлаки навзод*
*Вагарна рӯзи фардо бачаи бисёр меорад.*
*Садои ошноӣ мерасад аз олами боло,*
*Макун бегонагӣ гар ёр аз ғам бор меорад.*
*Зи дунёи дили Норинисо берун марав, ай дӯст,*
*Ки ҷӯгии замон фолу фиреби кор меорад.*

*14.01.2010*



https://bikhon.tj/

*Ба эҳтироми пизишки варзида*
*Давронҷони Абдуқодир*

*Субҳи саодат мерасад аз субҳи дидори шумо.*
*Ҳаргиз набинам, дӯстон, озарму озори шумо.*
*Маҳтоби шабҳои шумо равшан бидорад зиндагӣ*
*Бошад ҳамеша бобарор ҳар кору пайкори шумо.*
*Пайваста ҳастии шумо аз дарду ғам бегона бод,*
*Бошад кушоиш ҳар нафас паҳлӯи ҳар кори шумо.*
*Аз бахт бошад тахтатон, аз тахт бошад бахтатон,*
*Дар зери нахли бегамӣ шодӣ шавад ёри шумо.*
*Аз давлати пирони кор дасти дуо бошад насиб*
*Холӣ мабодо зиндагӣ аз нури рухсори шумо.*
*Мурғи Самандар оварад пайғоми ёрони азиз,*
*Пеши Худо оранд рӯ ёрони дар ғори шумо.*
*Аз шеъри Нории нисо пайғоми наврӯзӣ расад,*
*Бошад Худованди карим ҳар лаҳза ғамхори шумо.*

**15.01.2010**



https://bikhon.tj/

*Сар ба савдои сухан бинҳода мемирем мо,*
*Бо ниҳоди шодӣ ғамолуда мемирем мо.*
*Ях кунад оби даҳони мо зи сабри беҳудуд,*
*Ҷоми раббонӣ ба каф бебода мемирем мо.*
*Аз ғами мо сар занад дуди сиёҳи зиндагӣ*
*Аз ғаму андӯҳи модарзода мемирем мо.*
*Гар шавад аз заъфи пирӣ тахтапушти мо дуто,*
*Бар рикоби орзу истода мемирем мо.*
*Содагӯиҳо хабар аз табъи воло медиҳад,*
*Сар ба меҳроби қамар соида мемирем мо.*
*Мулки дил тороҷ шуд аз беэътиноиҳои мо*
*Дар ғами истодаҳо афтода мемирем мо.*
*Баски Нории нисои олами андешаем,*
*Дар сари андешаҳои сода мемирем мо.*

*17.01.2010*



https://bikhon.tj/

*Субҳи саодати маро шом дигар намекунад,*
*Шом агар дигар кунад, субҳ бадар намекунад.*
*Хона ба хона меравад, мулки фасона меравад,*
*Аз нигаҳи фасонаҳо мӯҳра ба бар намекунад.*
*Холигаҳи умеди мо ба саъй пур намешавад,*
*Ҷоми шароби умри мо умр ба сар намекунад.*
*Тоқии зарнигори ман рафт ба оби ҷӯйбор.*
*Оби ду дидаам ба ӯ ҳеҷ асар намекунад.*
*Духтари деҳаам ҳанӯз, банди бадеҳаам ҳанӯз*
*Баччаи ишқи ман ҳанӯз ду дида тар намекунад.*
*Ишқ куҷо, меҳр куҷо, ханда куҷо, гиря куҷо?*
*Ин ҳама бар ниҳоди ман ҳеҷ самар намекунад.*
*Аз нигаҳи Норинисо равонаӣ то ба куҷо?*
*Ҳеҷ куҷо марав, ки дил бе ту сафар намекунад.*

***22.01.2010***



https://bikhon.tj/

*Субҳ аз чашмам барад оинаи озорро,*
*Шом мегӯяд ба ман афсонаи дилдорро.*
*Мурғи шаб дар доманам хонад намози бомдод,*
*Паҳн карда пеши рӯям олами асрорро.*
*Хандаи мастона дорад моҳтоби хотирам,*
*Карда тай роҳи пур аз печу хами душворро.*
*Шаҳрзода ними шаб афсона мегӯяд ба ман,*
*То бидонам қиссаи буду набуди корро.*
*Орзуҳо озими мулки парешонӣ шуданд,*
*То ба ҳам оранд дилбардору ҳам дилдорро.*
*Хайру Шар чун рӯзу шаб бо ҳам намеоянд ҳеҷ*
*То ба ҳам гӯянд рози ёр, ҳам ағёрро.*
*Бар ғазалҳои пур аз маънои Нории нисо,*
*Ай Худо, бифрист ҳамчун тӯҳфа нуру норро.*

***24.01.2010.***



https://bikhon.tj/

***Сафҳа-сафҳа умри худро бо алам пур кардаам,***
***Дафтари домони дил бо дарду ғам пур кардаам.***
***Осмони дидаамро дар дили маҳтобшаб***
***То ба субҳи босафо бо ҳар рақам пур кардаам.***
***Шонаҳои пушти ман аз дард озорӣ шуданд,***
***То канори хеш аз ашки алам пур кардаам.***
***Роҳи душворе, ки дорад санг бар болои санг,***
***Чусту чолокона байни як қадам пур кардаам.***
***Баргрезиҳои рӯзи тирамаҳ ҳузн оварад,***
***Ҳузнро бо қиссаҳои ҷоми Ҷам пур кардаам.***
***Сабзаи сабзи хаёлам нимараҳ пажмурда шуд,***
***То бидид имрӯзро бо чашми нам пур кардаам.***
***Дар дили Норинисо чун изтироб андохтӣ,***
***Изтироби дидаро бо шохнам пур кардаам.***

***28.01.2010***



https://bikhon.tj/

*Субҳро дар бистари танҳоӣ меҷӯям ҳанӯз,*
*Шомро дар олами болоӣ меҷӯям ҳанӯз,*
*Хоксориҳои ман бардошт ҷоми обрӯ*
*Хори рӯи роҳ дар бечоӣ меҷӯям ҳанӯз.*
*Нолаҳои дардноку заҳмати Модар-Замин,*
*Аз гули рухсораи лолоӣ меҷӯям ҳанӯз.*
*Гул ба домони дили мо тифлаки бедарду доғ,*
*Дардро дар ҳавлии бобоӣ меҷӯям ҳанӯз.*
*Қиссаи буду набуди олами андешаро*
*Аз ҷаҳони баччагии лоӣ меҷӯям ҳанӯз.*
*Гуфтугӯи мурғакони дар қафас ғунҷидаро*
*Аз нигоҳи дарди бепарвоӣ меҷӯям ҳанӯз.*
*Шоми ғам дорад чу бо ман улфатӣ садсолаҳо,*
*Улфатӣ бо нахли побарҷоӣ меҷӯям ҳанӯз.*

*3 феврали 2010*



https://bikhon.tj/

*Симурғи зиндагонӣ ҳар субҳ дона-дона,*
*Аз дарду доғи кӯҳна гӯяд ба мо фасона.*
*Шоми шаби сиёҳам аз равзани нигоҳам*
*Бо шӯхию ба бозӣ ояд ба сад баҳона.*
*Бо дардҳо муросо амри маҳол бошад,*
*Хоҳам биёяд ошиқ бо чангу бо чағона.*
*Савти ҳазор ояд, гул дар канор ояд,*
*Шаббодаи лаби ҷӯ хонад ба мо тарона.*
*Шайтони ноумедӣ падруд гӯяд, уммед*
*Созад барои фардо аз меҳр ошёна.*
*Аз дур пири Тӯсӣ аз баҳри пойбӯсӣ*
*Ояд ба хилвати дил чун нусхаи нишона.*
*Бар Нории нисояш илҳом гар шавад ёр,*
*Орад паёми тоза аз хонае ба хона.*

*4.01.2010.*

*Сабзаи зери хок зиндонӣ,*
*Кори мо ҳар нафас пушаймонӣ.*
*Осмони хаёл ғам дорад,*
*Аз куҷо инқадар парешонӣ?*
*Дил саҳар нолаи дигар дорад,*
*Ҳамраҳи мурғаки хушилҳоне.*
*Гиря андар бари ҷигар дорад,*
*Сар ниҳода ба абри найсоне.*
*Шом бо субҳ мекунад падруд,*
*Дар канори диёри ҳиҷроне.*
*Субҳ аз ҳаҷр дарди сар дорад,*
*Дар сари ёлаи биёбоне.*
*Ғазали тозаам шунав, ай дӯст,*
*Дар канори ҳавои боронӣ.*

**20.02.2010.**



https://bikhon.tj/

*Сар дар сари дорему зи агёр хабар не,*
*Аз олами беминнати дилдор хабар не.*
*Аз дидаи дил ашк бирезад сари мижгон,*
*Андар сари борему зи бозор хабар не.*
*Дар фасли хазонему сари хоби гаронем,*
*Андар бари маҳ аз маҳи рухсор хабар не.*
*Сарро бари сӯзони муҳаббат наниҳодем,*
*Сад гул ба багал аз хатари хор хабар не.*
*Аз бахт надидем агар ному нишоне,*
*Аз ному нишони гули озор хабар не.*
*Борони баҳорӣ чу бикӯбад дари дилро,*
*Донад, ки дар ин ҷо зи харидор хабар не.*
*Ҳарчанд, ки имрӯз дилам дард гирифта,*
*Афсӯс, ки аз омадани ёр хабар не.*

*8 марти 2010*



https://bikhon.tj/

*Субҳ дорад нусхаи имони ақл,*
*Шом дорад риштаи мижгони ақл.*
*Дар ҳама сахтиву сустиҳои даҳр*
*Сахт медорам ман аз домони ақл.*
*Мезанам худро ба дарёи мурод,*
*Чун наям озод аз зиндони ақл,*
*Дар ҳама вазъи замони зиндагӣ,*
*Ман надидам дидаи гирёни ақл.*
*Неку бадро боз ҳам бармекашам,*
*Ҳар замон бо ченаки мизони ақл.*
*Ошёнам дар баландиҳо бувад,*
*Ризқу рӯзиям зи дастархони ақл.*
*Рав, ту Нории нисо, дигар маҷӯ*
*Бахтро аз суфраи имкони ақл.*

*9 марти 2010*



https://bikhon.tj/

*Сармоядори зиндагӣ аз шеър дур афтодааст,*
*Ё дар мақомоти вафо дар шавқу шӯр афтодааст.*
*Коре намегирад дигар бо мардуми фарҳангдӯст,*
*Дар сафҳаи одамгарӣ дур аз сурур афтодааст.*
*Андар хамӯшиҳои хеш исёни маҳшар мекунад,*
*Ҳарчанд дар базми сухан дури банур афтодааст.*
*Аз зиндагии хештан болида мегӯяд сухан,*
*Гӯё, ки дар сайёраи сабзи ғурур афтодааст.*
*Аз шарми рӯяш лолаҳо гул карда андар ёлаҳо,*
*Доманкашон то бар сари савдои зӯр афтодааст.*
*Дигар надорад тоқати имрӯзу фардоҳо биё,*
*Якбора дар баҳри пур аз туғёни шӯр афтодааст.*
*Овораи имрӯзҳо, дар дил ҳазорон сӯзҳо*
*Аз дардҳо бигрехта банди ғурур афтодааст.*

***4.04.2010***



https://bikhon.tj/

*Сар ба гардун мекашад имрӯзу фардоҳои мо,*
*Шиква аз тақдир дорад олами танҳои мо.*
*Баъд аз ин радду бадалҳое, ки номаш зиндагӣ,*
*Дар сари андеша мирад тифлаки саҳрои мо.*
*Хуни дил хӯрдему ширу шаккараш пиндоштем,*
*Дар сари мӯе парешон зулфи побарҷои мо.*
*Шоҳкориҳои мо бар дӯст гар н-ояд писанд*
*Мерасад то авҷи аъло доду вовайлои мо.*
*Кӯчи худро мурги дил бардошт аз ин остон,*
*Осмон дорад нигаҳ бар шоми ғамполои мо.*
*Сояи тӯбои қисмат ҷилва дорад дар назар,*
*Аз нигоҳи гарми тифли шоми бепарвои мо.*
*Мерасад бар гӯши дил оҳангҳои дилнишин*
*Аз дили Норинисои дар ҷаҳон яктои мо.*

*22 апрели 2010*



https://bikhon.tj/

*Собитқадамам дар ҳамаи фикру ақида.*
*Дурам зи ғаму дард чу оҳуи рамида.*
*Дар орази ман нест дигар ному нишоне,*
*Аз ғуссаи дирӯзаву аз ашки чакида.*
*Дард аст агар, доруву дармони шумо бод,*
*Мотамкадаи даҳр наояд бари дида.*
*Ғайр аз ману маҳтоби шаби рӯзнадида*
*Хандидани маҳтоби дили дӯст кӣ дида?*
*Мӯҳтоҷ набудему набошем, илоҳӣ,*
*Бар бандаи хокии ғаму дард надида.*
*Меҳмони ду-серӯзаи даҳри куҳанастем,*
*Имрӯз ҷавонему паго қадди хамида.*
*Аз ман наравад хотираи неки азизон.*
*Бо хотираи нек манам дар дилу дида.*

*2 майи 2010*



https://bikhon.tj/

*Саломи гарму ҷӯшони маро ёрон пазироед,*
*Чу як инсони поки бандаи Яздон пазироед.*
*Агар тӯфони ғам дар дидаву дил ҷонишин гардад,*
*Зи шодӣ ҳайкале созеду бовиҷдон пазироед.*
*Таҳаммулро миёни панҷаҳои худ нигаҳ доред,*
*Тавозӯъро чу мӯҳри ҳазрати инсон пазироед.*
*Набикшоед дарвоза ба ҳар як ҳарфу овоза,*
*Фақат ҳарфи муҳаббатро ба ҷои ҷон пазироед.*
*Бинӯшед аз пушаймонӣ шароби шаҳдрезашро,*
*Ғаму шодии ин дунёи пурармон пазироед.*
*Барои дӯстони ҷонии худ як ҷаҳон бахшед,*
*Ба меҳру меҳрубониҳои сад чандон пазироед.*
*Хати тақдири Норин нисо донистанӣ бошед,*
*Ба ҳар ҳарфу ҳиҷояш ҳазрати Қуръон пазироед.*

***2 майи соли 2010***



https://bikhon.tj/

*Суханро бар сари савдо биёред,*
*Адолатро бари боло биёред.*
*Миёни шӯру гавгоҳои бисёр*
*Муҳаббатро чу ганҷи мо биёред.*
*Хати тақдирро таҳрир карда,*
*Тавонед ар, хати хоно биёред.*
*Ба гӯши дилбари деринаи хеш,*
*Шумо як ҳалқаи тилло биёред.*
*Зи дарёи пурасрори муҳаббат*
*Шароби ноб дар маъно биёред.*
*Харобиҳои дил рупӯш карда,*
*Суруди олами фардо биёред*
*Ба Нории нисои зиндагонӣ,*
*Ғазалҳои дили шайдо биёред.*

*10 июли 2011*



https://bikhon.tj/

*Сару савдои мо имрӯз савдои дигар дорад,*
*Суруди зиндагонӣ тарзу маънои дигар дорад.*
*Шабу рӯзам ба танҳоӣ надорад маҳфилоройӣ,*
*Агарчӣ дар диёри шеър раънои дигар дорад.*
*Ба чатри сап-сафеди орзу печида меояд,*
*Чу дар андешаҳои хеш колои дигар дорад.*
*Сапедиҳои мӯяш ҳусни ӯро мекунад даҳчанд,*
*Чу дар кошонаи дил шӯру гавгои дигар дорад.*
*Шаби маҳтоб баҳри мо шабе аз Лайлатулқадр аст,*
*Ки қадру манзалат аз мушкилиҳои дигар дорад.*
*Азобу роҳати дунё барояш нест бегона,*
*Ки аз модар-падар бар худ дуъоҳои дигар дорад.*
*Садои ошнояш мерасад аз дури дуриҳо*
*Ки Норӣ нисо дар шеър таҳҷои дигар дорад.*

*23-09-2012*



https://bikhon.tj/

*Сухани дард ба бедард магӯ,*
*Оби чашми тари мо сард магӯ.*
*Дида бар олами дил накшода,*
*Олами холиву бевард магӯ.*
*Субҳдам домани хуршед магир,*
*Кӯҳро ченаки як гард магӯ.*
*Зиндагӣ аз бари мо мегузарад,*
*Зиндагиро дига номард магӯ.*
*Меҳрубонон ҳама рафтанд зи мо*
*Меҳрро ченаки як гард магӯ.*
*То Сурайё мабар эҳсоси дил,*
*Ранги рухсораи мо зард магӯ.*
*То дили Норинисо раҳ ёбӣ.*
*Дили ӯ лаб ба лаби дард магӯ.*



https://bikhon.tj/

*Соли нави милодӣ, ай дӯст, муборак бод,*
*Исонафаси шодӣ, ай дӯст, муборак бод.*
*Бар домани дил тифли уммед занад панҷа,*
*Уммед ба озодӣ, ай дӯст, муборак бод.*
*Шоҳаншаҳи пирӯзӣ омад ба дари хона,*
*Афсона дар ин водӣ, ай дӯст, муборак бод.*
*Аз уфқ тулӯъ карда, чун сабза нумӯ карда,*
*Дар умқи хаёли ту хуршед муборак бод.*
*Дар баҳри парешонӣ, дарёи пушаймонӣ,*
*Ғарқид ғами дунё, шодоб муборак бод.*
*Бо Барфаку бо Бобо рақсид хиромида,*
*Зебосанами дилҳо, фаршед муборак бод.*
*Соли нави милодӣ боз омаду боз омад,*
*Соли нави милодӣ, ай дӯст, муборак бод.*



https://bikhon.tj/

*Сад шукр, ба ман ҳар чӣ худодод, Худо дод,*
*Рӯҳи қавию хонаи обод Худо дод.*
*Як гул агар аз боғи дили дӯст начидем,*
*Аз фазлу ҳунар тоҷ ба сар дод, Худо дод.*
*Бар домани дил ёсумани бахт нарӯид,*
*Ҳарчанд қаду қомати шамшод Худо дод.*
*Ширини замонему надонем, ки аз чӣ*
*Ҷабре зи дами тешаи Фарҳод Худо дод.*
*Абри сияҳи қаҳр зи болои сари мо,*
*Бигзашту фазои тарабобод Худо дод.*
*Бар мову ту аз мулки хирад тӯҳфа фиристод,*
*Бар хасм агар қисмати Шаддод Худо дод.*
*Султони ҷаҳонам, ки басо банданавоз аст,*
*Бар Норинисо килки худодод Худо дод.*



https://bikhon.tj/

***Тоҷикону Тоҷикистон зинда бод,***
***Ақли модарзоди инсон зинда бод.***
***Мекушоянд уқдаҳои розро,***
***Роздону роздорон зинда бод.***
***Ашки модарҳо марезад, ай Ҳудо.***
***Хотири ҷамъу парешон зинда бод.***
***Ҳамрадифи сулҳу шодию умед***
***Шӯълаи хуршеди тобон зинда бод.***
***Бахт гардад то Зулайхоро насиб.***
***Юсуфи Яъқуби Канъон зинда бод.***
***Баҳри талқини накӯиву хирад,***
***Сафҳа-сафҳа ҳарфи Қуръон зинда бод.***
***То нависад номае Норинисо,***
***Ишқ дар мағзи дилу ҷон зинда бод.***



https://bikhon.tj/

*Ту, ки боз омадаӣ бар дили мо, зуд марав,*
*Зи ҳама буд гузар карда, ба нобуд марав.*
*Сари ҳар мижжа задан гӯш кун оҳанги видоъ*
*Ба паёму ба саломе сари ҳар ҷуд марав.*
*Марав аз хеш бурун баъди табу тоби зиёд,*
*Худ ба худ то ба дили оташи Намруд марав.*
*Дашту саҳро ҳама имрӯз ба пироҳани сабз*
*Гар ба пеши ту биёянд, паи суд марав.*
*Хотири ҷамъ туро роҳнамоӣ бикунад,*
*Сари савдои сухан дар ҳаваси дуд марав.*
*Ҳар қадар мурғаки уммед кунад нағмагарӣ,*
*Нағмаи дил бишунав, то ба варорӯд марав.*
*Чашмаи меҳру муҳаббат, чу бувад побарҷо,*
*Бедуъо, Норинисо, аз дари мақсуд марав.*

*То ба даргоҳи сухан ҳар бесухан раҳ ёфта,*
*Носипосе, бедиле дар анҷуман раҳ ёфта.*
*Нестӣ моро ба сӯяш мекашад чун аждаҳо,*
*Чун бубинам беватан то бар Ватан раҳ ёфта.*
*Ростқавлу росткору растагорӣ як тараф,*
*Базлагӯ то бар дили аҳли сухан раҳ ёфта.*
*Нола дорад булбули шӯрида дар кунҷу канор,*
*Дар миёни аҳли дил зогу заган раҳ ёфта.*
*Хотири ҷамъу дили бегам надорад оқиле.*
*Ҷоҳиле бо ӯ ба ҷанги тан ба тан раҳ ёфта.*
*Осиёи зиндагонӣ гирдгардон будааст,*
*Беҳунар то бар хиёбони чаман раҳ ёфта.*
*Беҳаёиро бубин, Норинисо, бо чашми дил,*
*Хор дар оғӯши ҳар гулпираҳан раҳ ёфта…*



https://bikhon.tj/

*То ба сақфи осмон мо осмонӣ меравем,*
*То диёри ҳазрати дуррул-маонӣ меравем.*
*Аз барои чидани дурдонаҳои Мавлавӣ,*
*З-олами имрӯз то мулки каёнӣ меравем.*
*Бандаи миранда дар дунёи чандинрӯзаем.*
*Аз замин то бар само бо нимҷоне меравем.*
*Дидаи дилро барои дӯстон бикшодаем,*
*Зери чатри бори ғам бар ломаконе меравем.*
*Офтоби оламоро кокулони хешро,*
*Паҳн месозад агар бо меҳрубонӣ, меравем.*
*Шоми ҳиҷрон зарбаи сахтест бар субҳи висол,*
*Зарбаҳо дар ҷони худ бар имтиҳоне меравем.*
*Аз чӣ ранги рӯи ту зард аст мепурсӣ зи ман,*
*Бори вазнини Замин то Каҳкашоне меравем.*

*8 феврали 2009*



https://bikhon.tj/

*То ба кай дар ғами дил сӯзаму Наврӯз кунам?*
*Шаби ялдои зимистон ба ғамат рӯз кунам?*
*Мебарад то ба куҷо печу хами зиндагиям?*
*Дидаро дар раҳи ту шамъи шабафрӯз кунам.*
*Мулки андеша кунам забт ба тири нигаҳам,*
*Шаб ба шаб дар ғами ту оҳи ҷигарсӯз кунам.*
*Қиссаи ишқи заминӣ ба само мекашадам,*
*Дар самои ҳавасам базми дилафрӯз кунам.*
*Дигар аз ишқ сухан гуфтани ман бехирадӣ,*
*Агар аз олами дил қисса ба сад сӯз кунам.*
*Шаби ман бо ману ту ҳеҷ муросо накунад.*
*Агар аз шавқи шару шӯр кафандӯз кунам.*
*Ту ки бар равзанаи нур паёме бибарӣ,*
*Ҳама ҷо ёд аз он ошиқи дилсӯз кунам.*



https://bikhon.tj/

*Таргибгари олами асрор шумоед,*
*Шамсу қамари шоми шаби тор шумоед.*
*Аз мо ба куҷо рафтаву машгули чӣ коред?*
*Дар даҳр ба мо ёр, ҳам агёр шумоед.*
*Аз зарбаи пай дар пайи тақдир ҷароҳат*
*Бардоштаву дар сари бозор шумоед.*
*Моиндари қисмат сари ҳар ҳарфу ҳиҷое*
*Гирад ба шумо кор, мададгор шумоед.*
*Дар кӯҳи мугон ё сари гесӯи биёбон*
*Саргаштаву сарриштаи зуннор шумоед.*
*Аз савмаа берун набароед, ки дигар*
*Ошуфтаву шоиставу пуркор шумоед.*
*Норин нисоро, ки шуморо написандид,*
*Дар панҷаи гам карда гирифтор шумоед.*

*8 марти 2009*



https://bikhon.tj/

*Ту дигарбора ба ин ҷову ба он ҷо наравӣ,*
*Аз замин то ба само, то ба Сурайё наравӣ.*
*Бар баду неки ҷаҳон гирякунон, хандазанон,*
*Ба суроғи самари мурғаки Анқо наравӣ.*
*Ба қазову ба қадар сафҳаи дил пур накунӣ,*
*Ҷои худ дониву бар олами беҷо наравӣ.*
*Сухани мост, ки бар ғуссаву ғам олуда*
*Бе ҳамин неъмати дил бар сари саҳро наравӣ.*
*Аз дарахти лаби ҷӯ мева бичинӣ сари субҳ,*
*Ба тавозӯъи дили сӯхтаи мо наравӣ.*
*Нестӣ баҳравар аз шодию дарди дигарон,*
*Тоҳире бошиву бар олами Зӯҳро наравӣ.*
*Ба дили Норинисо аз аламат чанд рақам*
*Чу кашиданд ба ҳар ҷой, ту бе мо наравӣ.*



https://bikhon.tj/

***Ту аз ман меравию ашки ман дар дида мемонад,***
***Гули уммеди ман дар нимараҳ ночида мемонад.***
***Садои оби обанбори дил хомӯш мегардад,***
***Даруни чашми ман баҳре зи оби дида мемонад.***
***Намешӯяд губори роҳи дилро панҷаҳои ман***
***Зи беобӣ гули рухсори ман хушкида мемонад.***
***Ҳамон ишқе, ки дода баҳри ман Парвардигори ман***
***Зи сустиҳои мо дар байн новарзида мемонад.***
***Қабои ранг-ранги фикр чун падруд мегӯяд,***
***Ниҳоли орзу чун риштаи бибрида мемонад.***
***Ибодат мекунад бар қиблаи марде, ки мехоҳам,***
***Хаёли ранг-рангам ҳар қадар шармида мемонад.***
***Зи сардиҳо дили дарёиям чун бед меларзад,***
***Сари андешаи фардо агар озурда мемонад.***



https://bikhon.tj/

*Ту аз ман меравию ашки ман дар дида мемонад,*
*Гули уммеди ман дар нимараҳ ночида мемонад.*
*Самои хотирам гирад ғубор аз дарди танҳоӣ,*
*Ба саҳрои умедам ишқ ноғунҷида мемонад.*
*Қалам бар даст мегирам, ки шеъри тоза бинвисам,*
*Хаёлам дар биёбони ғамат ғалтида мемонад.*
*Садои ошно дигар намекӯбад дари дилро,*
*Дари дил дар бари андеша нокӯбида мемонад.*
*Умеду орзуи ман бувад дидори рӯи дӯст,*
*Наёбам гар калидашро, дари накшода мемонад.*
*Шукӯҳи зиндагӣ аз лутфу эҳсони Худованд аст,*
*Худо донад, ки бар мо ишқи новарзида мемонад.*
*Биё, Норинисо, худро маҷӯ дар ғурбати дунё,*
*Аҷаб не, ошиқе дилро даруни дида мемонад.*

*5 июли 2009*



https://bikhon.tj/

*Ту аз канори мани нотавон канора маҷӯ,*
*Дар осмони замину замон ситора маҷӯ.*
*Агар наёфтаӣ ҷуфти худ дар ин дунё,*
*Зи чашми чашмаи дил лаъли пора-пора маҷӯ.*
*Ба мижжаи маҳи шаб оварӣ сари таъзим,*
*Сари намози пагоҳӣ зи дард чора маҷӯ.*
*Сабо ба вақти саҳар гар ба лутф бинвозад,*
*Зи лутфи боди сабо сангу лаълпора маҷӯ.*
*Хамӯшиҳои нигоҳам чӣ нолаҳо дорад?*
*Зи нолаҳои мурғи саҳар ту санги хора маҷӯ.*
*Сабо зи олами ҳастӣ салом бифристад,*
*Саломи пайки муҳаббат зи гоҳвора маҷӯ.*
*Худои олами ҳастӣ нигоҳбони ту бод,*
*Биё, зи бистари дил ҳусни моҳвора маҷӯ.*

*25 октябри 2009*



https://bikhon.tj/

*То дар нигаҳи мову шумо қолу бало ҳаст,*
*То бар дили мо нури хирад роҳнамо ҳаст.*
*То гул ба бари хор харидор надорад,*
*То ғунчаи дил во шуда дар нашъунамо ҳаст.*
*Дил дар қафаси синаи мо зиндагӣ дорад,*
*То чанд тан аз аҳли ҳунар, аҳли зиё ҳаст.*
*То ғунчаи уммед кунад майли шукуфтан,*
*Дорад ба сару чанди дигар монеаҳо ҳаст,*
*То булбулакон чаҳ-чаҳа доранд баҳорон*
*То шодию ғам ҳам дилу ҳам дарду даво ҳаст.*
*То булбули шӯрида бувад масту ғазалхон*
*То душмани дил, душмани аҳли фузало ҳаст.*
*То қуръакаши ҳастии мо ҳаст муҳаббат,*
*Донед, ки дар кишвари дил Норинисо ҳаст.*

***23.01.2010***



https://bikhon.tj/

*Ту рафтию намеойӣ, Худо раҳмат кунад, модар,*
*Сароби орзуҳойӣ, Худо раҳмат кунад, модар.*
*Надонам то кучоҳо мебарам бори ятимиро,*
*Рафиқам бори танҳойӣ, Худо раҳмат кунад, модар.*
*Дигар андар дами дарвозаи дил раҳ намепойӣ,*
*Ман ин чову ту бечойӣ, Худо раҳмат кунад, модар.*
*Чаҳони гирдгардон то ҳанӯзам гирд мегардад,*
*Вале ту дар қадамчойӣ, Худо раҳмат кунад, модар.*
*Хумори рӯи ту гирад, рафиқам гиря хоҳад буд,*
*Хаёлан дар барам чойӣ, худо раҳмат кунад, модар.*
*Барои мо чигарбандони дунёи пур аз таззод.*
*Чанори пойбарчойӣ, Худо раҳмат кунад, модар.*
*Маро, Норинисоро, аз Худо талбидаи худро*
*Супоридӣ ба танҳойӣ, Худо раҳмат кунад, модар.*

*26.01. 2010*



https://bikhon.tj/

*То бар дили мо дилбару дилдор наомад,*
*Нуре ба дили шоми шаби тор наомад.*
*Хокистари уммеди маро боди сабо бурд,*
*Бо боди сабо лутф ба агёр наомад.*
*Бар лӯъбатакони сари бозори муҳаббат,*
*Аз мардуми шоиста харидор наомад.*
*Он қисса, ки дар кисаи момои Ҳаво буд,*
*Бар бод бирафту дига як бор наомад.*
*Бар чанбараки хилвати сандуқчаи гетӣ,*
*Аз авҷи само фотиҳаи кор наомад.*
*Озурдагии мо зи ягон ҳарфи шумо буд,*
*Маънии нав аз гуфтани бисёр наомад.*
*Хомем, агарчанд ки дар кӯраи роҳем,*
*Нории нисо то ба бари ёр наомад.*

**8.02.2010.**



https://bikhon.tj/

*Такягоҳи олами имрӯзу фардоям, Ватан,*
*Ҳамчу модар яккаву якрӯю танҳоям, Ватан.*
*Хотири болидаам озурда мегардад, агар*
*Пеши хоки поки ту таъзим нанмоям, Ватан.*
*Дар канорат дидаву санҷида мемонам қадам*
*Дар сарои зиндагонӣ пиру барноям, Ватан.*
*Меҳри ту як қувваи дигар бубахшояд ба ман,*
*Дар сари пастӣ-баландиҳо тавоноям, Ватан.*
*Бе ту берӯҳу равонам дар ҳама асру замон,*
*Дар заминат нахли сабзи пойбарҷоям, Ватан.*
*Ком ширин карда ман бо номи покат ҳар куҷо,*
*Сар ба рӯи ҷонамози меҳр месоям, Ватан.*
*Як нафар фарзанди бономусу бонанги туям,*
*Сарфарозу сарбаланд аз фазли волоям, Ватан.*

*4.03.2010*



https://bikhon.tj/

*Теша ба решаам мазан, зору низор мешавӣ,*
*Оқибат аз рӯи раҳам канда чу хор мешавӣ.*
*Аз бағали гарми саҳар ҳеҷ надорӣ гар хабар,*
*Бехабар аз гармии дил чашм ба ёр мешавӣ.*
*Рӯҳи бузурги ман дигар бо раҳи дил намеравад,*
*Дил бубарӣ, ё набарӣ, дида фигор мешавӣ.*
*Хандаи мастонаи ман гиряи рӯзи маҳшар аст,*
*Маҳшари хештан маҷӯ, даст ба кор мешавӣ.*
*Олиҳаи умеди ман, кафтараки сапеди ман,*
*Гар ба ту ҳамраҳӣ кунад, масти хумор мешавӣ.*
*Гул ба бару гул ба сарам, зодаи хуни ҷигарам,*
*Зуд бирав аз назарам, майл ба нор мешавӣ.*
*Аз бадани сафеди ман канда бишуд умеди ман,*
*Дур бирав, сари қарор чу беқарор мешавӣ.*

*12 марти 2010*



https://bikhon.tj/

*Ту магӯ аз ину аз онем мо,*
*Зодагони пири Канъонем мо.*
*Нест байни мову ту бегонагӣ,*
*Аз Хуҷанду Рашту Хатлонем мо.*
*Дар сабуриву адолатпарварӣ,*
*Пораи лаъли Бадахшонем мо.*
*Сарфарозиҳои мо аҷдодияст,*
*Гоҳ ҷамъу гаҳ парешонем мо.*
*Бо ҳама дарёдиливу соҳирӣ,*
*Ташнаи оби Зарафшонем мо.*
*Шаҳрзоди ҳиммату мардонагӣ,*
*Ворисони Оли Сомонем мо.*
*Дар ҳама пастӣ-баландиҳои даҳр,*
*Шукр, фарзанди мусулмонем мо.*
*Решапайванди ҳамин обу замин,*
*Тоҷикем, аз Тоҷикистонем мо.*



https://bikhon.tj/

*Ту бигӯ, дар ғами дил гиря кунам, ё накунам?*
*Дар шаби мотами дил гиря кунам, ё накунам?*
*Мебарад то ба куҷо ҳушу хаёлам шабу рӯз,*
*Нашудам ҳамдами дил гиря кунам, ё накунам?*
*Дӯстдорони сухан титу пароканда шуданд,*
*Ку ягон маҳрами дил, гиря кунам, ё накунам?*
*Ҳар куҷо аз бадиву бухлу адоват пайдо,*
*Доғи пайдарҳами дил, гиря кунам, ё накунам?*
*Даст бар қофилаи умр задан натвонист,*
*Дида печу хами дил, гиря кунам, ё накунам?*
*Ҳар кӣ омад ба ҷаҳон, боз бурун хоҳад рафт,*
*Ғарқ дар олами дил, гиря кунам, ё накунам?*
*Субҳ дар бистари урёни замин хобида,*
*Баҳри чашми нами дил гиря кунам, ё накунам?*
*Ҳар куҷо кофта, ноёфта, дилгир шудам,*
*Як қадар марҳами дил, гиря кунам, ё накунам?*



https://bikhon.tj/

***Ту дигар аз дили ман дур марав, дур марав,***
***Бедилу бенасабу бекасу ранҷур марав.***
***Соати васлу ҷудоӣ ба ман инъом макун,***
***Ба сари пуштаи холӣ зи ману нур марав.***
***Ҷабраили суханам аз хабари сӯхтанам***
***Ояте хонд агар, бемағалу шӯр марав.***
***Осмони дили ман мулки хаёлии ту бод,***
***То ба ин мулк дилозурдаву ноҷӯр марав.***
***Ҳама умрам ба туву бе ту гузаштаст, дарег,***
***Аз вафо ҳарф магӯ, қайсару мағрур марав.***
***Ба сари зулфи сухан шона задан кори ту не,***
***Шона зар бар сари бемағзу чу занбӯр марав.***
***Муждаи ҳақ бирасонад ба ту Нории нисо,***
***Ба суроғи сухани мурда лаби гӯр марав.***



https://bikhon.tj/

*Тӯфони бало баччаи бисёри ту бошад,*
*Сад ҷабру ҷафо душмани ғаддори ту бошад.*
*Бедардиву осудагӣ падруд бигӯяд,*
*Ҳастии туро, доду фиғон кори ту бошад.*
*Дар олами рӯшан дигар ором надорӣ,*
*Ҳар лаҳзаи умри ту шаби тори ту бошад.*
*Аз рафти саҳар, омадани шом хабар не,*
*Пайваста ғаму дард харидори ту бошад.*
*Бо чанд нафар баччаи бетарбия сарсон,*
*Ҳар ҷо, ки равӣ, паҳлӯи ағёри ту бошад.*
*То зиндаӣ дар рӯи ҷаҳон, роҳати дунё,*
*Ҳаргиз ту набинӣ, ҳама озори ту бошад.*
*Аз тарфи Худо тири қазо мекушад охир,*
*Ҳар сӯ нигарӣ, дӯзахи тайёри ту бошад.*
*Нории нисо номаи пурдард фиристод,*
*Э кош, хирад ёру мададгори ту бошад.*



https://bikhon.tj/

***Тӯҳфаи қиматбаҳои зиндагонӣ, зинда бош,***
***Кони лутфу сидқу шавқу меҳрубонӣ, зинда бош.***
***Дар ниҳодат нест ҷо бар кинаву рашку ҳасад,***
***Дилбару дилошнову дилситонӣ, зинда бош.***
***Як ҷаҳон асрор дорад қалби пурэҳсоси ту,***
***Бо дили саршор аз нури маонӣ, зинда бош.***
***Такягоҳи боварибахши ту Раҳмонур-Раҳим,***
***Соҳиби фазлу ҳунар, соҳибқиронӣ, зинда бош.***
***Меҳрро андар замини қалби худ парвардаӣ,***
***Баҳри ёру дӯстонат сад ҷаҳонӣ, зинда бош.***
***Рӯҳу арвоҳи азизон дастгиру ёварат,***
***Дар хиёбони хирад дурри гаронӣ, зинда бош.***
***Ҳар чӣ мегӯем дар васфат сухан, арзандаӣ,***
***Лоиқи сад достонӣ, ҷовидонӣ зинда бош.***

***Умри ман дар олами сарди парешонӣ гузашт,***
***Дар адои ҳифзи нангу қарзи инсонӣ гузашт.***
***Меҳр дар пиндори ман як олами афсона буд,***
***Ақл дар ҳастии ман гӯё, ки зиндонӣ гузашт.***
***Буд дар огози ҳастӣ зиндагӣ бозичае,***
***То шиносам хештанро, олами сонӣ гузашт.***
***Рӯҳи исёнкори ман аз дарду гам бегона буд,***
***Субҳу шомам дар суроги марди рӯҳонӣ гузашт.***
***Ҳар қадар маҳкам бубастам риштаи аҳду вафо,***
***Ҳайф, умри қиматам бо сустпаймоне гузашт.***
***Дар канори қитъаи андешаҳои хештан,***
***Дар сари авроқи дил бо луқмаи ноне гузашт.***
***Аз дили Норинисо гар ту хабар медоштӣ,***
***Дарк мекардӣ, ки бе мо умри тӯлонӣ гузашт.***



https://bikhon.tj/

*Ӯ рафту дигар хонаи ман нур надорад,*
*Шаҳбози хаёлам сафари дур надорад.*
*Ин дил, ки зи танҳоӣ ба танг омада имрӯз,*
*Чун дӯш такопӯву шару шӯр надорад.*
*Ҳарчанд гизоям шуда хунобаи ҳиҷрон,*
*Ҳоли мани савдозада Мансур надорад.*
*Ин дил, ки лаболаб зи майи талхи ҷудоист,*
*Сад шукр, дилу дидаи махмур надорад.*
*Мероси ман аз моли падар чанд китоб аст,*
*Боигариям ҳар каси мағрур надорад.*
*Бо ин ҳама дарду ғаму андӯҳи зиёда,*
*Ҳастии ман оинаи фағфур надорад.*
*Нории нисо бо ҳама афсонаву афсун,*
*Сад шукри Худо, дидаи ранҷур надорад.*

*12 марти 2010*



https://bikhon.tj/

*Фасли сармо муждаи нуру зиё омад ба мо,*
*Аз бузургони ҷаҳон дасти дуъо омад ба мо.*
*Субҳ бар ҳастии мо бахшид нерӯи дигар,*
*Қудрате бар қувваи бозу баҷо омад ба мо.*
*Халқ аз иқдоми неки сарвараш гардид шод,*
*Оламе аз олами шамсуз-зуҳо омад ба мо.*
*Рӯшноӣ мерасад аз рӯшноиҳои дил,*
*Аз баландиҳо суруди ошно омад ба мо.*
*Ҳамдиёрони азизам шаҳсавори гайратанд,*
*Шаҳрзоди меҳр ҳамчун муттако омад ба мо.*
*Нангу номуси ватандорӣ бувад мероси мо,*
*Нангбардоре зи дунёи вафо омад ба мо.*
*Шукри Эзид бо газалҳои пур аз маънои хеш*
*Аз диёри нур Нории нисо омад ба мо.*

*14 декабри 2009*



https://bikhon.tj/

*Фазои орзуҳо бекарона,*
*Дилам дорад ҳазору як тарона.*
*Намедонам куҷо бигрезам аз дард,*
*Нависам қиссаҳои ошиқона.*
*Сару савдои дил имрӯзу фардо,*
*Надорад шиква дар беруни хона.*
*Муҳаббат кунҷи узлат пир гашта,*
*Намеояд дигар бо ҳар баҳона.*
*Биё, дастобадасти ҳам бигирем,*
*Миёни даштҳои бекарона.*
*Сари ҳар бутта дар таъзим бошем,*
*Нишоне аз ҷаҳони бенишона.*
*Чу Нории нисои фазлу идрок,*
*Ғами дилро бигирем аз миёна.*

*17.02.2010*



https://bikhon.tj/

*Хонаи мо бо сари боло биё,*
*Аз дили имрӯзу фардоҳо биё.*
*Кӯлбори пур зи дарди хешро,*
*Пур кун аз ашъори Мавлоно, биё.*
*Дар замину осмони зиндагӣ.*
*Гар намеёбӣ ба худ маъво, биё.*
*Бо сапедиҳои субҳи орзу,*
*Ҳамдилу ҳамдарду ҳаммаъно биё.*
*Дар китоби зиндагонӣ барғалат,*
*Сабт ногардид номи мо, биё.*
*Аз нисоиҳои мо гар бехабар*
*Нестӣ, бо шоҳроҳи мо биё.*
*Чуну чанди зиндагӣ, Норинисо*
*Гар ту медонӣ, биё, бо мо биё.*

***Худоро шукр гуфтанҳо маро бар мулки ҷон овард,***
***Ба рағми душманони ман сари кавну макон овард.***
***Ба дилҳо роҳ пайдо шуд, зи дил огоҳ пайдо шуд,***
***Маро Парвардигори ман ба сақфи осмон овард.***
***Заминам, модарам баҳри дуо дасти саxо бикшод,***
***Дуои модари пири батадбирам гарон омад.***
***Ғиреву нолаи ман рафт бар сайёраи дигар,***
***Суруру шодмонӣ аз диёри Каҳкашон омад.***
***Дар ин водӣ дигар Юсуф Зулайхоро намекобад,***
***Зулайхо аз ниҳоди асрҳо аз нав ҷавон омад.***
***Хабар доред, Вомиқ ёфт Узрои хаёлашро,***
***Ба Тоҳир муждаи дидори Зӯҳро ин замон омад.***
***Магӯедам, ки Нории нисо бедард механдад,***
***Шуморо дида дардаш рафту шодӣ меҳмон омад.***

*Хуш бош, ки дар ҳошияи дафтари моӣ,*
*Дар дафтари мо аз ғаму аз ғусса раҳоӣ.*
*Оҳанги дигар дорад агар мурғи саҳархез,*
*Аз мурғи саҳархез шунав ҳарфи баҷоӣ.*
*Аз хотираи хеш зудо ҳарфи маломат,*
*Бо лутфи худодод азизи ҳамаҷоӣ.*
*Искандари Мақдунӣ ба ту дасти дуо дод,*
*Бо дасти дуо ҳар нафас эмин зи балоӣ.*
*Зинҳор, ки дар сӯҳбати мардони мусофир*
*Бар ғунчаи гул ғунчаи лабро накушоӣ.*
*Гул хандазанон меравад у гиря надорад*
*Мегӯиву донӣ зи куҷо ашкбаҷоӣ.*
*Дар когази мо ҳарфи дагал нест, азизон,*
*Чун Норинисоему мунаққаш ба нисоӣ.*



https://bikhon.tj/

*Хўшачини боги ҳикмат будаму ҳастам ханўз,*
*Бо ғаму шодии миллат будаму ҳастам ҳанўз.*
*Дар баландӣ-пастиҳои тангнои рўзгор,*
*Шукргўи роҳи қисмат будаму ҳастам ҳанўз.*
*Парварида дар канори хеш охир мекушад,*
*Пайрави роҳи тариқат будаму ҳастам ханўз.*
*Оҳи ногоҳам ба авҷи чархи гардун мерасад,*
*Зинда дар зиндони гурбат будаму ҳастам ҳанўз.*
*Шодии мо, дарди мо дунёи дунро забт кард,*
*Банд дар занҷири ғафлат будаму ҳастам ҳанўз.*
*Аз ҷавонмарде, ки дорад кўлбори пур зи ишқ,*
*Интизори меҳру шафқат будаму ҳастам ҳанўз.*
*Субҳи содиқ медамад, субҳи умеди мо куҷо?*
*Шаҳрзоди мулки тоқат будаму ҳастам ҳанўз.*



https://bikhon.tj/

*Хонашероне, ки дар майдон ғариб афтодаанд,*
*Аз ҳунар, аз фазл войе, бенасиб афтодаанд.*
*Ҳар куҷо даркору нодаркор лаб во мекунанд,*
*Гӯӣ чуғзе дар миёни андалеб афтодаанд.*
*Носеҳи давру замонанду насиҳат мекунанд,*
*Ҳар қадар аз ақли кулл бас бенасиб афтодаанд.*
*Гӯиё шоҳаншаҳи бозори давронанду бас,*
*Дар диёри даври гардун дилфиреб афтодаанд.*
*Ҳар қадар аз шом бар мо мерасад таъсири бад,*
*Зери таъсири бадон бо ғам қариб афтодаанд.*
*Субҳ пеши чашмашон гар рӯшноӣ мекунад,*
*Дар ҷилои рӯшноӣ бас базеб афтодаанд.*
*Меравад Норинисо то бар диёри орзу*
*То бубинад моҳрӯёне наҷиб афтодаанд.*

*Хуме дар оташастем, хотирмушаввашастем,*
*Аз хотири мушавваш бе ҷом ҳам Ҷамастем.*
*Аз қудрати илоҳӣ дар дасти мо суроҳӣ,*
*Бо ақли кул ба ҳар ҷо босабру сархамастем.*
*Афлотуни замонем, ҳамранги осмонем,*
*Андар замини уммед як қатра шабнамастем.*
*Аз дуди дил сиёҳем, дар мулки шеър моҳем,*
*Дар олами маъонӣ соҳибмукаррамастем.*
*Халқи Худои ҷаббор шеъри маро парастанд,*
*Шукрона мекунам боз аз он, ки хуррамастем.*
*Нурем ё ки норем, аз решаи анорем,*
*Аз ваҳми рӯзи пурсиш бо дидаи намастем.*
*Норинисо ба оҳе, ду даст бар дуое*
*Эмин бидорад аз ғам моро, ки боҳамастем*

***21.06.2009***



https://bikhon.tj/

*Халқи ман бо кӯҳсори хеш дорад ифтихор,*
*Бо навои обшори хеш дорад ифтихор.*
*Бо ҷавонмардони боору баномуси Ватан,*
*Бо сари боло, виқори хеш дорад ифтихор.*
*Роғунаш моро ба мулки рӯшноӣ мебарад,*
*Рӯшании дил зи кори хеш дорад ифтихор.*
*Сарбаландияш бувад хуршеди болои сараш,*
*Бо ҷилои нуру нори хеш дорад ифтихор.*
*Сар ба боло мекашад нахли ба ҷон парвардааш,*
*Бо дарахти пур зи бори хеш дорад ифтихор.*
*Меҳнати беминнати мардони боораш бубин,*
*Дар сари номусу ори хеш дорад ифтихор.*
*Эй биё, Норинисо як достони тоза гӯ,*
*То бигӯянд, аз барори хеш дорад ифтихор.*

*9 январи 2010*



https://bikhon.tj/

*Хати тақдир беозору мо дар банди озорем,*
*На пасту не баландастему не мастему ҳушёрем.*
*Ғами беҳуда моро мекунад абгор беҳуда,*
*Сипаҳсолори мулки меҳр андар гирди бозорем.*
*Шароби шоми навмедӣ, ки таъсири дигар дорад,*
*Ба сӯи субҳ гар роҳе кушояд, баҳрабардорем.*
*Зи тири оҳи мо сайёра дорад ноумедиҳо,*
*Умеди ноумедиҳои гардунро ба бар дорем.*
*Шуои офтоби дил зи доғи ҳаҷр агар сӯзад*
*Насӯзад ҷисми мо чун дар ғаму озори бисёрем.*
*Самои зиндагӣ аз кавкаби дидори мо равшан,*
*Вале мо ташналаб дар соҳили дарёи дидорем.*
*Агарчанде, ки Нории нисои зиндагӣ ҳастем.*
*Ҳанӯзам аз гузашти ҳафт пушти хеш беморем.*

*14.01.2010*



https://bikhon.tj/

*Хонаи вайрона дорам дар канор,*
*Олами афсона дорам дар канор.*
*Субҳи шодӣ бурд то бар шоми ғам*
*Хилвати шоҳона дорам дар канор.*
*Орзуҳо боли парвози мананд,*
*Шӯриши мастона дорам дар канор.*
*Талхкомам аз шароби зиндагӣ,*
*Рӯзии субҳона дорам дар канор.*
*Аз барои гесувони хештан*
*Аз муҳаббат шона дорам дар канор.*
*Аз барои дӯстдорони сухан,*
*Хирмани дурдона дорам дар канор.*
*Ҳамчу Нории нисои зиндагӣ*
*Гавҳари якдона дорам дар канор.*

*16.01.2010*



https://bikhon.tj/

*Хор дар чашмам занад аз хор-хори зиндагӣ,*
*Чашм рӯшан мешавад аз рангубори зиндагӣ.*
*Хотири болидаам болида медорад маро,*
*Дур н-андозад маро аз кӯлбори зиндагӣ.*
*Субҳи дигар пахш созад шоми торики маро,*
*То барам худро ба даргоҳи баҳори зиндагӣ.*
*Юсуфистон аст роҳам то диёри Каҳкашон,*
*Аз гули рухсораҳои чун анори зиндагӣ.*
*Нуқтаи холи нигоҳи олами сайёраам,*
*Ҳар қадар берун набошам аз қатори зиндагӣ.*
*Шоҳроҳи олами афсона дигар банд шуд,*
*Бурд ҳушам оби чашми шашқатори зиндагӣ.*
*Бори вазнини замона бор бар дӯши ман аст,*
*То куҷо бояд барам ман нуру нори зиндагӣ?*

*17.01.2010*



https://bikhon.tj/

*Хати тақдир беозору мо дар банди озорем,*
*Саропо оташему решаи пайванди озорем.*
*Хаёли ёри беозор ҳар дам медиҳад озор,*
*Сари савдои дил дар банди чуну чанди озорем.*
*Каломулло тиловат кардани мо кори оддӣ не,*
*Зи ҳар ҳарфу ҳиҷояш талхком аз қанди озорем.*
*Сукути шаб даруни парда сад афсонаҳо дорад,*
*Зи ҳар афсона дар дил пойбанди фанди озорем.*
*Шаби торик аз файзи саҳар гар бохабар бошад*
*Зи файзи олами маънӣ сари савганди озорем.*
*Парешонии мо дар асл аз рози ниҳонӣ нест,*
*Дар ин дунёи макру ҳила чун побанди озорем?*
*Биё, Норинисо, дигар магӯ афсонаи дилро,*
*Ки мо бегуфтугӯ дар олами лабханди озорем.*

**21.01.2010**



https://bikhon.tj/

*Хоб имшаб хонаи чашми маро падруд гуфт,*
*Бод бар ман қиссаи беохири Намруд гуфт.*
*Хок аз беэътиноиҳои мардум шиква кард,*
*Ҳалқа зад бар дидагонам обу ёди рӯд гуфт.*
*Шом аз шабҳои тори фасли сармо дур шуд,*
*Субҳ дар ҳошияи дил аз зиёну суд гуфт.*
*Соати васлу ҷудоӣ достони ишқро,*
*Дар сари андешаҳои буду ҳам нобуд гуфт.*
*Хирмани дурдонаҳои ашки ман дунё гирифт,*
*Бод аз сахтиву сустӣ ҳарфи дардолуд гуфт.*
*Гиря бар ҳоли замона хандаи мастона зад,*
*Ханда аз воломақомиҳои чангу уд гуфт.*
*Аз сару савдои имрӯзу пагоҳи зиндагӣ*
*Як қадар Норинисо афсона аз Довуд гуфт.*



https://bikhon.tj/

*Хуфтагони хокро бар ёд овардан савоб,*
*Гардиши афлокро бар ёд овардан савоб.*
*Нимараҳ афтодаеро рӯи раҳ бардоштан,*
*Синаҳои чокро бар ёд овардан савоб.*
*Дар миёни роҳ бо сад карру фар бигзашта не,*
*Одамони покро бар ёд овардан савоб.*
*Решаи андешаи мо аз замин то осмон,*
*Қад кашад, мисвокро бар ёд овардан савоб.*
*Сӯи ҳар як одами ноодаме наштофтан,*
*Шахси боидрокро бар ёд овардан савоб.*
*Сеҳркориҳои дунёро надонистан галат,*
*Нахли нимковокро бар ёд овардан савоб.*
*Эй биё, Норинисо, дилро макун дигар хиҷил,*
*Чун ту як бебокро бар ёд овардан савоб.*

*30.012010*



https://bikhon.tj/

*Хубрӯёни ҷаҳон бо хуб ҳамроҳӣ кунед,*
*Зиндагониро ба таври хеш тарроҳӣ кунед.*
*Оламе дар олами дигар агар пайдо шавад,*
*Олами дилро фидои ёри дилхоҳе кунед.*
*Лаълии субҳи муборакро ба каф бардошта,*
*Ҷони худро садқаи ёри худогоҳе кунед.*
*Шоми тори зиндагӣ бо субҳ дорад улфатӣ,*
*Улфатӣ бо мардуми сар бар сари роҳе кунед.*
*Ҷоми дил холӣ мабодо аз шароби орзу,*
*Орзуро то диёри ишқ ҳамроҳӣ кунед.*
*Сабзаҳои рӯи раҳ гарданд пойандозатон,*
*Ҳар нафас шукронаи дарди дилогоҳӣ кунед.*
*Ҳар касе менолад аз имрӯзу фардоҳои худ,*
*То ба дунёи пур аз асрори дил роҳӣ кунед.*

*10.02.2010*



https://bikhon.tj/

*Хоб имшаб дар нигоҳи чашми ман бедор буд,*
*Аз гули хандидаи маҳтоб миннатдор буд.*
*Ошноӣ дошт бо исторaҳои осмон,*
*Аз баҳору аз хазони даҳр бархурдор буд.*
*Рӯймоли шоҳии шабро ба сар андохта,*
*Дар фазои бекарони орзуи ёр буд.*
*Дидаи дилро барои дӯстон бикшода буд,*
*Ошиқи афсонаи марди сари Хосор буд.*
*Дар бари гаҳвораҳои дилбару дилдодагон,*
*Ҳамнишину ҳамдами ёрони нотакрор буд.*
*Хоки пойи дӯстро бар дида мебардоштӣ,*
*Дар гузаргоҳи сарои олами бозор буд.*
*Тарк карда дидагони дидаи Норинисо,*
*Дар кадомин кӯчаи торик хору зор буд…*

**10.02.2010**



https://bikhon.tj/

*Хонаи оинаро барбод додӣ, зинда бош,*
*Орзуҳоям ба дасти бод додӣ,зинда бош.*
*Хилъати шоҳона дар бар рафтаӣ то пушти дар,*
*Аз даре то бар дари имдод рафтӣ, зинда бош.*
*Хобро дар остони маърифат гум кардаӣ*
*Табли бедорӣ ба қалби шод додӣ, зинда бош.*
*Сафҳа-сафҳа дафтари дилро барои сӯхтан,*
*Пеши ноаҳле ба қалби шод додӣ, зинда бош.*
*Орзуҳоят ҳама рафтанд беному нишон,*
*Орзуро дасти Симинбод додӣ, зинда бош.*



https://bikhon.tj/

*Хандаи ман хандаи мастона не,*
*Зиндагиям сар ба сар афсона не.*
*Чиданам аз субҳу шоми рӯзгор*
*Дар бари домони дил дурдона не.*
*Ҳар нафас зулфи парешони маро*
*Панҷаи нарми муҳаббат шона не.*
*Офтоби меҳр болои сарам*
*Бо шуои хештан парвона не.*
*Шаҳсутуни рӯзгори талхи ман,*
*Як нафар марди далери хона не.*
*Шеърҳоям дар радифи зиндагӣ*
*Бар ғаму дарди шумо бегона не.*
*Ҳамчу Нории нисобонуятон*
*Ҳеҷ кас гирди шумо парвона не.*

*10.03.2010*



https://bikhon.tj/

*Хандаи мастона бо ман нест дигар ошно,*
*Гардиши паймона бо ман нест дигар ошно.*
*Шоҳбайти зиндагӣ инсоф ҳамроҳи ман аст,*
*Қиссаи Шоҳона бо ман нест дигар ошно.*
*Гирд мегардад замин дар меҳвари андешаам,*
*Меҳвари дурдона бо ман нест дигар ошно.*
*Базлагӯиҳои чандин бетамизу беҳунар,*
*Лафзи бедардона бо ман нест дигар ошно.*
*Каҷкулоҳи хешро то бар фалак бардошта,*
*Гиряи девона бо ман нест дигар ошно.*
*Шоҳкориҳои даврони ҳунар бор оварад,*
*Нози соҳибхона бо ман нест дигар ошно.*
*Ҳамчу Нории нисо бо нор дорам улфатӣ,*
*Олами парвона бо ман нест дигар ошно*

*6 апрели 2010*



https://bikhon.tj/

*Хамрадифи зиндагонӣ зиндагӣ кардам, нашуд,*
*Дар диёри ормонӣ зиндагӣ кардам, нашуд.*
*Дӯхтам чени тани худ ҷомаи номусро,*
*Бо каси номеҳрубоне зиндагӣ кардам, нашуд.*
*Нангро бардоштам то бар сарои осмон,*
*Бо талоши обу ноне зиндагӣ кардам, нашуд.*
*Хоки раҳ аз буду нобудаш ба ман афсона гуфт,*
*Қиссаашро достони зиндагӣ кардам, нашуд.*
*Аз баду неки ҷаҳон андар дилам садҳо алам,*
*Бо аламҳои ниҳонӣ зиндагӣ кардам, нашуд.*
*Лаҳзае чун ҳамнишини Одаму Ҳавво шудам,*
*З-Одаму Хавво нишоне зииндагӣ кардам, нашуд.*
*Ҳамчу Нории нисои олами афсонавӣ*
*Дар диёри ломаконе зиндагӣ кардам, нашуд.*

*6 июни соли 2011*



https://bikhon.tj/

*Хокро покиза чун тӯмор медорем мо,*
*Ақлро аз хеш бархурдор медорем мо.*
*Дар диёри дарду ғам бекина соҳибхонаем,*
*Дардро дар дида чун паргор медорем мо.*
*Дар хамӯшиҳои мо асрори чандин асрҳост,*
*Гардиши айём пурасрор медорем мо.*
*Нолаҳои мо ба марди беҳунар бегона не,*
*Дар хамӯшӣ ноларо бедор медорем мо.*
*Мӯҳри хомӯшӣ ба лаб кокулпарешонем мо.*
*Меҳр дар оғӯши мо бори маломат мекашад,*
*Меҳрро дар қитъаи хуммор медорем мо.*
*Осмон дар пеши пои ханда чун сар мекашад*
*Сарзамини хешро пурбор медорем мо.*
*Баҳратон Норинисо чун шеър иншо мекунад,*
*Баҳравар ӯро зи нуру нор медорем мо*

*20 сентябри 2012*



https://bikhon.tj/

*Хона рӯшан мешавад аз нури имонам ҳанӯз,*
*Дар хароботи мугон шоиста меҳмонам ҳанӯз.*
*Дидаи ман то ҳанӯз аз гавҳари дил бехабар,*
*Шаҳрванди сарзамини мулки Канъонам ҳанӯз.*
*Ҳар қадар, ки иддае ҷамъанд гирди шеъри ман,*
*Ҳамчу хоби тирамаҳ хотирпарешонам ҳанӯз.*
*Пушти сар кардам агарчӣ роҳи садҳосоларо,*
*Дар раҳи садсолаҳо як тифли нодонам ҳанӯз.*
*Дар хаёли хоми ман дунё пур аз афсона буд,*
*Дар сари афсонаҳо тифли пурармонам ҳанӯз.*
*Модари гетӣ маро бо шири ҷон парвард агар,*
*Шир дар тан, шӯр бар сар, шеър дар ҷонам ҳанӯз.*
*Шаҳрванди олами афсонавии қисматам,*
*Дар дили афсонаҳо духти ғазалхонам ҳанӯз.*



https://bikhon.tj/

*Хоксорони замон хоки раҳи ёр шуданд,*
*Аз ғаму дарди ҷаҳон яксара бемор шуданд.*
*Қуфли дил пеши ду-се аблаҳаке накшоданд,*
*Зи каму беш гузаштанду паи кор шуданд.*
*Осмон бар сарашон рехт агар донаи ғам,*
*Таи дурдонаи шодӣ ба сари дор шуданд.*
*Моҳи зулқаъдаву зулҳиҷҷа накарданд сафар,*
*Сафари олами дилро чу талабгор шуданд.*
*Шаҳри уммед ба рӯшон чу дари хеш набаст,*
*Ҳар нафас пеши Худо толиби дидор шуданд.*
*Зи ҷаҳони гузарон роҳгузорӣ карданд,*
*Раҳи ҳақро ба дилу дида харидор шуданд.*
*Заҳмату меҳнати дунё, ки ба дӯши ҳама бор,*
*Мисли Нории нисо толиби дидор шуданд.*



https://bikhon.tj/

## Ҳадя ба ЗӮҲРАБОНУ

*Сахтгириҳои ман доруву дармони ту бод,*
*Ҷоми ҳастӣ лаб ба лаб аз ишқу армони ту бод.*
*Ними дунёро бигирад ақлу истеъдоди ту,*
*Субҳи ту дар домани хуршеди хандони ту бод.*
*Навниҳоли орзуи ту ба боло қад кашад,*
*Нахли ҳастӣ ҷамъ дар зулфи парешони ту бод.*
*Файз резад осмон бар рӯи дастархони ту,*
*Нармхӯиҳои ту аз файзу эҳсони ту бод.*
*Ҳар нафас озод бошӣ аз ғаму андӯҳу дард,*
*Дарди ту дарди Ватан, дарди ниёгони ту бод.*
*Нур резад зиндагӣ ҳар лаҳза дар рӯи кафат,*
*Сабз аз фазлу ҳунар доим хиёбони ту бод.*
*Даст боло мекунад Норинисо баҳри дуъо*
*Нури рӯи зиндагӣ пайванд бо ҷони ту бод!*



https://bikhon.tj/

*Ҳама рӯзам ба сарсонӣ гузашту рафт, медонӣ?*
*Ба сарсонӣ зи нодонӣ гузашту рафт, медонӣ?*
*Дарахти зиндагониям зи нахли бахт орӣ буд,*
*Зи бадбахтӣ ба армоне гузашту рафт, медонӣ?*
*Харидори матои ишқи ман пайдо нашуд, афсӯс,*
*Харидоре, пушаймоне гузашту рафт, медонӣ?*
*Сари гаҳвораи тифли умедам алла мегуфтам,*
*Дурри ашкам ба пинҳонӣ гузашту рафт, медонӣ?*
*Ду-се рӯзе агар меҳмони ин дунёи дун будем,*
*Ба меҳмониву мизбонӣ гузашту рафт, медонӣ?*
*Саробони сари ман буд ҳар дам тифли уммедам,*
*Сари ман бесаробоне гузашту рафт, медонӣ?*
*Маро, Норинисоро, Шаҳрзоди мулки Дороро,*
*Надида марди рӯҳонӣ гузашту рафт, медонӣ?*

*Ҳамон рӯзу ҳамин рӯзам гузашту рафт, медонӣ?*
*Дуогӯи шабу рӯзам гузашту рафт, медонӣ?*
*Даруни дидаву дил буд, чарогафрӯзи маҳфил буд,*
*Чарогафрӯзи дилсӯзам гузашту рафт, медонӣ?*
*Суруди зиндагонӣ буду пайки навҷавонӣ буд,*
*Суруди рӯзи фирӯзам гузашту рафт, медонӣ?*
*Саробони сари мо буду сар дар арши аъло буд,*
*Шабе шамъи шабафрӯзам гузашту рафт,медонӣ?*
*Саре аз олами болову шӯри қалби Мавлоно*
*Чароғи дидаафрӯзам гузашту рафт, медонӣ?*
*Сипеҳри дидаи мо рӯшноии дигар дорад,*
*Шамими рӯзи Наврӯзам гузашту рафт, медонӣ?*
*Шабе, ки бо ғаму бо ғуссаи дил будам овора,*
*Шаби шоми дилафрӯзам гузашту рафт, медонӣ?*

*20 январи 2009*



https://bikhon.tj/

*Ҳар чӣ дорему боз нодорем,*
*Сухани хубро харидорем.*
*Зери бори гарони танҳоӣ,*
*Олами пурфасонае дорем.*
*Қимати умрро надониста,*
*Ба замин тухми қаҳр мекорем.*
*То куҷо меравем оҳиста,*
*Кай аз ин даҳр баҳра бардорем?*
*Гӯйӣ дунё азони мо бошад,*
*Серкору лагандбардорем.*
*Зиндагӣ марди бовафо хоҳад,*
*Аз вафо кай хату хабар дорем?*
*Бандаи гандаи ту мебошем,*
*Ай Худо, авф кун, гунаҳгорем.*

*10 феврали 2009*



https://bikhon.tj/

*Ҳамсояи мо сояи девори қиёмат,*
*Раҳгумзада дар олами торики ҷаҳолат.*
*Не дасти дуо дораду не тарбиядида,*
*Пур-пур даҳанаш аз гули бадбӯи ҳақорат.*
*Аз лутф Худованд ба ӯ ҳеҷ надода,*
*Ғайр аз дили сангину нигоҳе зи ҳамоқат.*
*Номаш ба ғалат Салтанату тинати ӯро,*
*Оро надиҳад зевари зулфайни муҳаббат.*
*Ҳастии варо деви ғазаб забт намуда,*
*Рӯтурш бувад дар назари аҳли ҷамоат.*
*Аз олами илму ҳунар ӯро хабаре нест,*
*Кардаст ба ҷангу сухани бемаза одат.*
*Э бор Худо, дур кунӣ аз назари мо,*
*Он бандаи худро, ки зи бад ёфт саодат…*



https://bikhon.tj/

*Ҳайратзадаам аз каҷии даҳри дурӯза,*
*Борест ба дӯшам зи куҷо қаҳри дурӯза?*
*Хунёгари мумтоз куҷо рафт, ки бошад,*
*Ошӯбгари ишқ дар ин шаҳри дурӯза.*
*Мероси ману туст ғами талхи ҷудоӣ,*
*То кай бубарам бар нигаҳи баҳри дурӯза.*
*Зиндонии хешам чу дар ин зарфи пур аз ғам,*
*Кай боз расам бар лабаки наҳри дурӯза?*
*Хомӯшии мо нест нишоне зи муросо,*
*Аз ҳарфи муросост ҳамин заҳри дурӯза.*
*Аз мушкилиҳо то ба куҷо арза кунам боз,*
*То боз биёбам бари дил маҳри дурӯза.*
*Шодӣ чу наёмад ба дили дардкашида,*
*Нории нисо рафт ба позаҳри дурӯза.*



https://bikhon.tj/

*Ҳар нафас аз дур меояд садо:*
*Ай азизи дил, куҷо рафтӣ, куҷо?*
*Байни кӯҳистони сабзи орзу*
*Зиндагӣ дорӣ ба танҳоӣ чаро?*
*Шаҳсавори орзуҳои наҷиб,*
*Нестӣ аз ғуссаҳои дил раҳо?*
*Оҳ, аз ин қисса пурсупос нест,*
*Одами афтода кай хезад ба по?*
*Кафтари дил боз ҳам маҷрӯҳ шуд,*
*Зиндагӣ сар то ба по бошад хато.*
*Рафт аз паҳлӯ баҳори зиндагӣ,*
*Ношунида савту оҳангу наво*
*Хотирам дорад ғубори зиндагӣ,*
*Дар диёри ҳаҷри Нории нисо.*

*24 майи 2009*



https://bikhon.tj/

*Ҳастии ман, буду нобудам, Ватан,*
*Гавҳари ман, дурри мақсудам, Ватан.*
*Зиндагонии пур аз файзу шукӯҳ*
*Гӯшаи мулки Варорӯдам, Ватан.*
*Хандаи ман, гиряи ман, оҳи ман*
*Олами асрори мавҷудам, Ватан.*
*Дар канори меҳри ту Шаҳзодаам*
*Шаҳрзоди олами ҷудам, Ватан.*
*Хирмани андешаҳои бикри ман,*
*Ошёни мулки маъбудам, Ватан.*
*Ахтари шабҳои тори зиндагӣ*
*Нури уммеди бари рӯдам, Ватан.*
*Рӯзи ман, шабҳои ширмаҳтоби ман*
*Офтоби кишвари рӯдам, Ватан.*
*Як тан аз шабзиндадорони туям*
*Хандаҳои гиряолудам, Ватан.*
*Ғунчае аз боғи сабзи зиндагӣ*
*Фориғ аз пайғому падрудам, Ватан.*
*Як нафар Норинисобонуи ту*
*Хирмане аз боғи масъудам, Ватан.*

*5 январи соли 2010*



https://bikhon.tj/

*Ҳазар дорам ман аз ёре, ки бо агёр пайваста,*
*Ба бадгӯву ба бадрӯву ба бадкирдор пайваста.*
*Ғуломи ҳалқабаргӯши ду-се тан тирадил буда,*
*Ба дарди бедавои шаҳпари озор пайваста.*
*Зи қайди бехудӣ берун, сари афсонаи Маҷнун*
*Ба Лайлии нигоҳи шоми нотакрор пайваста.*
*Ғуруби офтоби зиндагиро пушти сар карда,*
*Ба хори пуштаи кӯҳи дили бемор пайваста.*
*Харобиҳои рӯзу дидаи шабзиндадорашро*
*Ба қаҳри оруи рӯи гули инкор пайваста.*
*Шароб аз обрӯи оби рӯи хеш нӯшида.*
*Ба оби дидагони дидаи абгор пайваста.*
*Зи боғи шаҳдрези кишвари дил дар ҳазар буда,*
*Ба Нории нисо аз рӯи заҳри мор пайваста…*

*14.01.2010*



https://bikhon.tj/

*Ҳар хандаи лаби мо оҳанги гиря дорад,*
*Садбарги орзуҳо сад ранги гиря дорад.*
*Модар, ки хоб рафта дар зери хоки тира*
*Санги сари мазораш лабчанги гиря дорад.*
*Рафтанд чун азизон аз олами парешон*
*Рӯҳи бузурги эшон рӯ занги гиря дорад.*
*Аз гиряву надомат дар гирди чашмҳоям*
*Пажмурдагӣ зи нақши ожанги гиря дорад.*
*Фарзанди хештанро аз даст дода модар*
*Дар чашм мӯҳрае чанд аз санги гиря дорад.*
*Тору пуди хаёлам дар дафтари саволам*
*Аз нестиву ҳастӣ арҷанги гиря дорад.*
*Аз хонадони уммед Норинисо бурун о,*
*Машнав садои дилро чун чанги гиря дорад.*

*20.01.2010*



https://bikhon.tj/

*Ҳар сухан аз ҷону танам омада,*
*Рӯҳи шикан дар шиканам омада.*
*Аз раҳи дури садафи орзу,*
*Сар ба сари анҷуманам омада.*
*Хори ҷафо санги вафоро шикаст,*
*Санг сари сангканам омада.*
*Мӯъҷизаи ҳазрати Исо куҷо?*
*Булбулаки хушсуханам омада.*
*Аз камари кӯҳи баланди умед,*
*Сабза сари кӯҳканам омада.*
*Гул чу нарӯид дар ин сарзамин,*
*Хок бари пираҳанам омада.*
*Норинисо хандазанон меравад,*
*Аз дили чашме, ки ба нам омада.*

*15.03.2010*



https://bikhon.tj/

*Ҳар кас дар ин замона чун чилчароғи хона,*
*Бо худ нигоҳ дорад ин шеъру ин тарона.*
*Ризқаш фароз бошад, умраш дароз бошад,*
*Роҳаш кушода бошад то бар дили фасона.*
*Чун хору хас набошад, мӯҳтоҷи кас набошад,*
*Хорӣ набинад асло аз хории замона.*
*Ҳар мушкилии дунё гардад барояш осон,*
*Паррандаи умедаш созад зи меҳр лона.*
*Пироҳани сапедаш рамзи сафедии дил,*
*Бар чашми чашмҳояш шодӣ барад нишона.*
*Devори зиндагонӣ чун ҳаст пойбарҷо,*
*Дар мулки дил бино шуд аз меҳр ошёна.*
*То бар диёри сабзи андешаҳои воло,*
*Дасти дуо кушода Норинисо равона.*

*31 октябри соли 2010*



https://bikhon.tj/

*Ҳар нафас бо сад сазову сад ҷазо бигзашту рафт,*
*Киштии умрам бубин, бенохудо бигзашту рафт.*
*Ҳасрати ман дар китоби зиндагонӣ сабт шуд,*
*Орзуҳоям зи дашти Карбало бигзашту рафт.*
*Хоби ман хоби парешонии чандинасра буд,*
*Хоби бехобии ман дар лобало бигзашту рафт.*
*Шарм ҳам дар ин замона гавҳари ноёб шуд,*
*Гавҳари ноёб аз беҷо баҷо бигзашту рафт.*
*Хонашиниҳои ман шӯри дигар бунёд кард,*
*Шӯри дил аз дида берӯю риё бигзашту рафт.*
*Рӯй-рӯи зинаҳои зиндагӣ дасто ба дасти сарнавишт,*
*Зиндагӣ аз пуштаи пушти дуто бигзашту рафт.*
*Тахтасанги роҳи дил бишкаст аз оҳи гарон,*
*Оҳ ҳам аз ин ҷаҳон бемуттако бигзашту рафт.*
*Дар хазони чашми ман бинӣ чу фасли навбаҳор,*
*Хеҷ гаҳ дигар магӯ, Норинисо бигзашту рафт.*

*14 июни соли 2011*



https://bikhon.tj/

*Ҳадяи Парвардигорам шеъри ман,*
*Боиси авҷу барорам шеъри ман.*
*Дар сари пастӣ - баландиҳои даҳр*
*Такягоҳи бовиқорам, шеъри ман.*
*Тӯҳфаи қиматбаҳо бар дӯстон,*
*Шӯълае аз нуру норам, шеъри ман.*
*Ҳини навмедиву дилозурдагӣ*
*Бишканад аз ту хуморам, шеъри ман.*
*Болу пар бикшодаӣ то бар фалак,*
*Эътиборам, ифтихорам шеъри ман*
*Хамчу Нории нисои зиндагӣ*
*Шаб ба шаб шабзиндадорам шеъри ман.*
*Баъди маргам зинда медорӣ маро*
*Дар сари санги мазорам, шеъри ман.*

*22 июни соли 2011*



https://bikhon.tj/

*Ҳафт бурҷи зиндагиро зинда медорем мо,*
*Зиндаву поянда то оянда медорем мо.*
*Қимати ҳар бурҷ бо тилло баробар мекунем,*
*Ҳар яки ҳарфу ҳиҷо оганда медорем мо.*
*Пеши қадду қомати сарваш ибодат мекунем,*
*Сарвро дар пеши пояш банда медорем мо.*
*Хоксориҳои мо андар сарафрозии мост,*
*Осмонро дар сарои ханда медорем мо.*
*Қуфли дилро бо калиди меҳри худ во мекунем,*
*Шармро пеши шумо шарманда медорем мо.*
*Бурди мо дар зиндагӣ аз ҳақталошиҳои мост.*
*Меҳрро дар бурҷи дил оганда медорем мо.*
*Дар қатори мардуми бонангу номуси диёр*
*Хешро бар хизматаш омода медорем мо.*
*Ҳафт бурҷи зиндагиро, бонуи Норинисо,*
*Зиндаву поянда то оянда медорем мо.*



https://bikhon.tj/

*Ҳарчанд ки дурам ман аз дарду ғами дунё,*
*Ҳамрозу ҳамовоям бо чашми нами дунё.*
*Мардони хирадро бин, пайваста пароканда,*
*Боз ой, кунам қисса аз меҳри ками дунё.*
*Шому саҳарам имрӯз дар хоби парешонӣ,*
*Дар хоби парешонӣ ҳар печу хами дунё.*
*Ақлу хиради инсон дар олами сарсонӣ.*
*То кай бикашам бори зебосанами дунё*
*Дар хоби парешонӣ мардум ҳама зиндонӣ,*
*То чанд кунам пинҳон чашми варами дунё?*
*Аз Холиқу аз Ҷаббор уммеди калон дорам,*
*Бо ҳам бикунад якҷо ҷуду карами дунё.*
*Нории нисо дигар афсона намегӯяд,*
*Дар пеши касу нокас аз ҷоми Ҷами дунё.*

***08.10.2012***



https://bikhon.tj/

*Ҳарчанд кори мо нест ҳар ҷой худписандӣ,*
*Болои хори озор афтодам аз баландӣ.*
*Бигзашта меравад зуд умри дурӯзаи ман,*
*Аз чӣ хамӯш, ай дил, биншастаӣ чу бандӣ?*
*Бояд зи обу оташ омӯхт зиндагонӣ,*
*Касро ба ҳайрат орад душворнописандӣ.*
*Пири хирад, ки дида бисёр кам, ҳамегуфт,*
*Ин пастию баландӣ бошад зи бекаландӣ.*
*Мехостам бубинам бо куртаи арӯсӣ,*
*Бошад фариштаи шеър биншаста дар баландӣ.*
*Ғофил зи ҳасрати мо уммеди лутф карданд,*
*Зулфи сиёҳи моро пиндошта каманде.*
*Норинисо шабу рӯз эҷод менамояд,*
*Шояд камол ёбад чун Меҳсити Хуҷандӣ.*



https://bikhon.tj/

*Чу озори дил омад, сабр кардам,*
*Ҳазорон мушкил омад, сабр кардам.*
*Ба ҷои оби софи зиндагонӣ,*
*Фақат лою гил омад, сабр кардам.*
*Ба назди ман ба ҷои Ҳобили давр*
*Ду-се тан Қобил омад, сабр кардам.*
*Заминеро, ки гандум кишт кардам,*
*Агар ҷав ҳосил омад, сабр кардам.*
*Ба меҳроби муҳаббат саҷда кардан*
*Сари қолу қил омад, сабр кардам.*
*Агар буд марди қобил орзуям*
*Сурогам қотил омад, сабр кардам.*
*Агар аз Ҷабраили осмонам*
*Нидое ботил омад, сабр кардам.*
*Ба ҷои мурғаки уммедворӣ*
*Қуи нимбисмил омад, сабр кардам.*
*Зи Нории нисо мепурсӣ чунӣ?*
*Ҳар он чӣ нозил омад, сабр кардам*

*Чу дар мулки муҳаббат аз бароям ошёне нест,*
*Аз ин имрӯзу фардоҳо маро суду зиёне нест.*
*Нигоҳи шаб барои ман дигар шодӣ намебахшад,*
*Чу дар болои боми қисматам як нағмахоне нест.*
*Ғубори рӯи роҳи зиндагониро намерӯбад,*
*Агар ҷорӯби уммедам, чӣ гӯям, ки забоне нест.*
*Заминӣ ҳастаму андар заминам зиндагӣ дорам,*
*Агарчанде бароям такягоҳи осмонӣ нест.*
*Хумори дидани рӯи касе гирад, ки нашносам,*
*Надонам, ки дар ин дунёст, ё ӯ ҳам замонӣ нест.*
*Суроғи кӯдакӣ рафтам сари қишлоқи тиллоӣ,*
*Тилову нуқра ҳасту ҳамзабону ҳаммаконе нест.*
*Биё, ай ошно, ноошноиҳо макун дигар,*
*Ки чун Норинисо дигар бароят ёри ҷонӣ нест.*



https://bikhon.tj/

*Чу шарм аз рӯи духтарҳои мо ҳамчун ҳиҷоб афтод,*
*Хаёлам зиндагӣ дар рӯ ба рӯи изтироб афтод.*
*Сукути санг оҳанги наҷиби резиши борон*
*Таҷассум карду ранги зард рӯи офтоб афтод.*
*Кабӯтарбаччаи дил чун ниҳонӣ дар такопӯ буд,*
*Такопӯ дар бари ишқи илоҳӣ беҳисоб афтод.*
*Ғурури нозарури духтари раз саргаронӣ дошт,*
*Гарониҳои бори нотавонӣ дар ҳисоб афтод.*
*Насими субҳ кокулҳои шабро ошноӣ кард,*
*Суруди ошноӣ дар бари болои об афтод.*
*Ҳар он кас, ки сухан оҳиставу пайваста мегӯяд,*
*Куҷо донад, гиреҳе дар сукути моҳтоб афтод?*
*Барои мову ту баъд аз гирифтан дасти ҳамдигар,*
*Дуои ҳазрати пири тариқат мустаҷоб афтод,*



https://bikhon.tj/

*Чаманзори хаёли ман хаёли дигаре дорад,*
*Чу мургони ҳаво аз орзу болу паре дорад.*
*Қиёмат мекунад бар мо қиёми рӯзи навмедӣ,*
*Зи ҳар як рӯзи навмедӣ дилам чашми таре дорад.*
*Саропои маро месӯзад охир оташи ҳиҷрон,*
*Зи ҳиҷрон дар биёбони алам хокистаре дорад.*
*Ҷаҳони бесаранҷоме, на огозеву анҷоме,*
*Баҳорам аз хазони хеш бар худ бистаре дорад.*
*Сиришту сарнавиштам аз гули пажмурдаи уммед,*
*Чунин пажмурдагиҳое, ки аз гам минбаре дорад.*
*Ба мулки ноумедӣ мебарад симурги андеша,*
*Агарчанде, ки дил аз сабр бар худ ёваре дорад.*
*Магӯ Норинисо бебаҳра аз шӯру шари дунёст,*
*Ки ӯ аз донишу фазлу хирад пайгамбаре дорад.*

*27.08.1009*



https://bikhon.tj/

*Чу ҳар боре тиловат мекунам оёти раббонӣ,*
*Каломулло ба дасташ рӯ ба рӯям пири рӯҳонӣ*
*Нишаста гӯӣ бо ман роз беовоз мегӯяд,*
*Нигоҳаш аз хирад биргифта тобишҳои нуронӣ.*
*Кабӯтарбаччаи фикрам куҷоҳо мекунад парвоз,*
*Сухан андар даҳонам мешавад гӯё, ки зиндонӣ.*
*Садо меояд аз боло, садои пири Мавлоно,*
*Садои рӯҳи поки чанд тан пирони Канъонӣ.*
*Садои орзуҳое, ки дар дил сабз гардида*
*Вале берун нарафта аз ниҳоди набзи инсонӣ.*
*Агарчанде ки мехоҳанд шодӣ ҳамнишин бошад,*
*Ҳамеша дарк месозанд бо хотирпарешонӣ:*
*Кушода қуфли дилро бо калиди лутфи яздонӣ,*
*Ба даргоҳи дили мо дард меояд ба меҳмонӣ.*

***4.01.2010***



https://bikhon.tj/

*Чанд қатра оби дида рехт аз чашмони дил,*
*Рафт аз пеши назар ҳар қиссаи пинҳони дил.*
*Нола кардам аз хамӯшиҳои мурғи орзу,*
*Мужда омад нав ба нав аз аҳду аз паймони дил.*
*Хоки роҳи мардуми болоназар шуд тӯтиё*
*Дар ҳарими орзуҳои пур аз армони дил.*
*Хомии мо ҳар замон бар ларза орад пухтаро*
*Пухтагиҳои ҷаҳон банд аст дар паймони дил.*
*Хоб аз чашмони ман ҳар нимашаб бигрехта,*
*Мекунад обод чандин хонаи урёни дил.*
*Тифли пурнози хаёлам тарки дунё мекунад,*
*То бубардорад тамоми бори пурармони дил.*
*То даме, ки реша дорад нахли ғам дар ҳастияш,*
*Бонуи Норинисо бигрезад аз зиндони дил.*

*17.01.2010*



https://bikhon.tj/

*Чор девори сухан аз чор унсури Худо,*
*Мерасад аз чор унсури Худо нури Худо.*
*Обу хоку боду борон сабзаи тар мешавад,*
*Даст дар ин ҷода дорад рӯҳи Мансури Худо.*
*Осмон то бар замин моро мададгорӣ кунад,*
*То ба дил наздик бошад дидаи дури Худо.*
*Субҳу шомам мешавад тавлид дар андешаҳо,*
*Дастгири мост, ҳар кӣ гашт манзури Худо.*
*Оби обанбори Роғун рӯшноӣ оварад,*
*Тоҷикистон дур не аз чашми масрури Худо.*
*Сар ба ҷайби олами афсона дорад халқи ман,*
*Кӯҳ талқон мекунад бо амри дилпури Худо.*
*Баҳри халқу кишвараш шоиста хизмат мекунад*
*Ҳоҷии Норинисо, шоири машҳури Худо.*

***20.01.2010***



https://bikhon.tj/

*Чу як ҳамсояи дар фазлу дониш камбағал дорам,*
*Зи ошӯби замона хори ғам андар бағал дорам.*
*Зи фазлу меҳрубонӣ дар вуҷудаш нест осоре,*
*Зи рӯи турши ӯ сад қиссаи дарди дағал дорам.*
*Чу тӯфони балохезе забонаш заҳр мерезад,*
*Зи дарди бедавои хеш сад шӯру мағал дорам.*
*Ба қуфли оҳанини қалби ӯ дигар калиде нест,*
*Агарчӣ дар калиди зиндагӣ акси ҳамал дорам.*
*Зи бадкирдор ҳар касро, Худовандам, нигаҳ дорӣ*
*Якумрӣ дард болои ҳамин радду бадал дорам.*
*Хатои одамӣ ё хоҳиши Яздони олам буд,*
*Ки аз имрӯзу фардои замон хори халал дорам.*
*Худо гирад чунин як бандаи рӯисиёҳашро,*
*Ки аз рӯи сиёҳаш захми занбӯри асал дорам.*

*7 апрели 2010*



https://bikhon.tj/

***Чанд гул дар миёни хор афтод,***
***Дар дили мову ту ғубор афтод.***
***Аз дили осмони андеша,***
***Рӯсиёҳӣ зи шоми тор афтод.***
***Бурҷи ғам дар сари варам печид,***
***Чашм бар чашми интизор афтод.***
***Хотири ҷамъ дар парешонӣ,***
***Аз канори дили баҳор афтод.***
***Хуррамӣ дар канори деви дард,***
***Аз ҷилои гули узор афтод.***
***Ғами дил хайрбоди шодӣ буд,***
***Шодии дил зи эътибор афтод.***
***Аз дили Нории нисои ту***
***Меҳр андар канори нор афтод.***

***2 апрели 2010***

*Чандбора дардро Парвардигорам дод, шукр,*
*Ҳам дари уммед бар ояндаро бикшод, шукр.*
*Вақти тифлӣ бар сарам борони раҳмат рехта,*
*Тоҷи заррин аз "Алифбо"-и хирад бинҳод, шукр.*
*Хотири моро парешон кард боди субҳгоҳ,*
*Мавҷи кокулҳои моро панҷаи барбод, шукр.*
*Ранҷу озору аламро чун дугоникҳои мо,*
*Модари гетӣ барои ҳар яки мо зод, шукр.*
*Аз парешонии рӯзу рӯзгори аҳли дил,*
*Дар бари рухсори мо ожангҳо афтод, шукр.*
*Бо ҳама дарёдилӣ фарзанди дарё нестем,*
*Аз гаму шодии мардум нестем озод, шукр.*
*Бо ливои ваҳдати миллат ба фардо меравем,*
*Шукри мулки Тоҷикистон, мешавад обод, шукр.*



https://bikhon.tj/

*Чун зиндакушу мурдапарастед, чӣ гӯем?*
*Аз вартаи навмедӣ нарастед, чӣ гӯем?*
*Ҷуз бухс даруни дилатон нест матое,*
*Рӯмоли муҳаббат, ки набастед, чӣ гӯем?*
*Бар савти вафо тоза навое нанавиштед,*
*Бо душмани дил боз нишастед, чӣ гӯем?*
*Аз қаҳр ҷаҳоне тарафи хеш кушодед,*
*Бо дӯст агар аҳд шикастед, чӣ гӯем?*
*Султони ҳақиқат ба шумо ёр нагардид,*
*Аз кизбу гунаҳ силсила бастед, чӣ гӯем?*
*Болои сари хеш, ки хуршед надоред,*
*Аз партави ҳақ бехабар астед, чӣ гӯем?*
*Нории нисоро, ки ҳанӯзам нашиносед,*
*Аз ҳабси даду дев нарастед, чӣ гӯем?*



https://bikhon.tj/

*Чаро курсинишинон гунгу кар гаштанд, ё Раббӣ?*
*Чаро бечораҳо зеру забар гаштанд, ё Раббӣ?*
*Биё, бар ақли солим ҳукмронии ҷаҳолат бин,*
*{ақиқатҷӯйҳо аз дар ба дар гаштанд, ё Раббӣ?*
*Хушомадгӯву маддоҳони дунёро бубин, имрӯз,*
*Ба чашми тирадилҳо тоҷи сар гаштанд, ё Раббӣ?*
*Сутуни зиндагонӣ аҳли илму маърифат буда,*
*Чаро аҳли маонӣ "беҳунар" гаштанд, ё Раббӣ?*
*Замину осмон бо ҳам намеоянд, садҳо шукр,*
*Чаро як идда аз худ бехабар гаштанд, ё Раббӣ?*
*Сари болои мо хам шуд аз он ноошноиҳо,*
*Чаро мардони майдон дарди сар гаштанд,ё Раббӣ?*
*Нигар, Норинисо, бо чашми дил ақсои оламро,*
*Чаро аҳли ҳунар аз худ бадар гаштанд, ё Раббӣ?*



https://bikhon.tj/

*Ҷавонӣ бо раҳи пурпечутоби зиндагонӣ рафт,*
*Нишоне монда аз худ бар диёри бенишонӣ рафт.*
*Гуле буду баҳори зиндагиро гулфишонӣ дошт,*
*Чу мурғи ломаконе аз маконе бар маконе рафт.*
*Харидорони ҳусни ӯ харидорӣ накардандаш,*
*Дили ойинаи ғамро шикасту ормонӣ рафт.*
*Гулистони нигоҳаш сабз аз уммеди фардо буд,*
*Ба фардои дурахшон бо нигоҳи осмонӣ рафт.*
*Хаёлаш дар назарҳо рангрезиҳои дигар дошт,*
*Зи ҳар як ранг бар худ нусхае, то ҷовидонӣ рафт.*
*Зи дарду доғи мо бар оламе афсонаҳо гуфта,*
*Ба дунёи умеду орзуҳои ниҳонӣ рафт.*
*Зи ғурбатхонаи дунё, ба соҳилҳои Сирдарё*
*Ҷавонии ману ту то ба дунёи ҷавонӣ рафт.*



https://bikhon.tj/

*Ҷаҳон ҷуз буду нобуде набошад,*
*Зи ноором`ият суде набошад.*
*Даруни хонаи вайронаи дил,*
*Ба ҷуз ишқи ту мавҷуде набошад.*
*Суруди зиндагонӣ ҳузнангез,*
*Агар аз дур маъбуде набошад.*
*Ғуломи олами андеша ҳастам,*
*Ки оташ бошаду дуде набошад.*
*Бадӣ кардан зи дасти ман наояд,*
*Бадиро шаҳри ободе набошад.*
*Зи ақли хештан бегона гардад,*
*Ҳар он касро, сари рӯде набошад.*
*Бигӯяд тарк Нории нисоро,*
*Ғаму дардеву навмедӣ набошад.*

*14 марти 2010*



https://bikhon.tj/

*Ҷавониҳои дунё аз ҷавонии ту мебошад,*
*Ҷилои рангҳо аз меҳрубонии ту мебошад.*
*Хати тақдири пешонӣ хати толеи мо мебуд,*
*Намегуфтам шикасти осмонии ту мебошад.*
*Нафас аз хонақоҳи худ бурун рафтан наметонад,*
*Чу андар омаду рафташ нишонии ту мебошад.*
*Камоли сарбаландӣ эмин аз ҳар гуна пастиҳост,*
*Сари савдоям аз рози ниҳонии ту мебошад.*
*Чӣ ранге буд, ранги соати васлу ҷудоиҳо,*
*Ҳама он рангҳо аз ранги сонии ту мебошад.*
*Хамӯшиҳои ман фарёди дунёгир мегардад,*
*Агар ҳарфу ҳиҷои ҷовидонии ту мебошад.*
*Сафо бар рӯзгори ман агар овардані бошӣ,*
*Магӯ Норинисо ёри забонии ту мебошад.*

*18.03.2010.*



https://bikhon.tj/

*Ҷомаи ғам дарида бошад беҳ,*
*Мурғи мотам рамида бошад беҳ.*
*Қадри худ ҳар касе намедонад,*
*Меҳрубонӣ надида бошад беҳ.*
*Аз гули орзуи худ мева,*
*Бо машаққат начида бошад беҳ.*
*Бигзарад шоми ноумедиҳо,*
*Субҳи шодӣ дамида бошад беҳ.*
*Бари бухсу адовату кина,*
*То куҷо норасида бошад беҳ.*
*Сар-сари маргзори андеша,*
*Оҳуи дил чарида бошад беҳ.*
*Эй Худо, Нории нисои ту,*
*Заҳри ғам ночашида бошад беҳ.*



https://bikhon.tj/

*Шӯре, ки даруни дили мо буд, куҷо шуд?*
*Шавқе, ки ба мо роҳнамо буд, куҷо шуд?*
*Ишқу ҳаваси дидаи мо рафт ба яғмо*
*Яғмогари айёр куҷо буд, куҷо шуд?*
*Бар домани мо ғурбату ғам буд кашола,*
*Домони пур аз санги ҷафо буд, куҷо шуд?*
*Дар кӯчаву паскӯчаи ахлоқи ҳамида*
*Кафтарбачаи шарму ҳаё буд, куҷо шуд?*
*Аз ишқ бигуфтанд агар аҳли нубуввват*
*Бар аҳли нубуввват ҳама ҷо буд, куҷо шуд?*
*Симурғи саодат дигар овоз надорад,*
*Овозааш арчанд ба ҷо буд, куҷо шуд?*
*Ай дӯст, биёӣ ба сурогеву бипурсӣ:*
*Дар кишвари дил Норинисо буд, куҷо шуд?*



https://bikhon.tj/

*Шаб ба шаб фарёди дил моро ба ҳам меоварад*
*Гоҳ шодиву гаҳе борони ғам меоварад.*
*Қатра-қатра ашк мерезад ба дарёи хаёл,*
*Зиндагӣ имрӯзу фардо бешу кам меоварад.*
*Осмони лутф бар мо нест дигар дастрас,*
*Дасткӯтоҳӣ сари болора хам меоварад.*
*Шоми ҳиҷрон дуру рӯзи васли мо наздик буд.*
*Дуриву наздикии мо чашми нам меоварад.*
*Хизр дар хоби шабам мегуфт: духтарҷони ман*
*Покию некии ту лутфу карам меоварад.*
*Гирд гардӣ ҳар кадар бо меҳр, мебинӣ, ки боз*
*Зиндагӣ ҳар лаҳза садҳо печу хам меоварад.*
*Ҳар қадар, ки заҳмати дунёи дунро мекашем,*
*Боз бар дунёи мо лавҳу қалам меоварад.*

*5 январи 2009*



https://bikhon.tj/

*Шудам дилгир аз ғавғои дунё,*
*Гирифтам роҳ то бар сӯи саҳро.*
*Дарахти пирро бигрифта оғӯш,*
*Бигуфтам рози худ танҳо ба танҳо.*
*Зи бозиҳои қисмат шиква кардам,*
*Бурун кардам зи сар имрӯзу фардо.*
*Замони баччагиро ёд кардам.*
*Биистодам сари ҳар як муаммо.*
*Насиби хештан донистам аз нав.*
*Суруди дилнавози оби дарё.*
*Ба қадру қимати худ то расидам,*
*Зимоми вақтро додам ба яғмо.*
*Чу Нории нисоям, саҳв карда,*
*Ҷавонӣ кардаам гум дар сари роҳ.*



https://bikhon.tj/

*Шумо нури сароби зиндагонӣ,*
*Шумо Афросиёби зиндагонӣ.*
*Чарогафрӯзи меҳру сидқу ихлос,*
*Ҷилобахши китоби зиндагонӣ.*
*Сухансанҷу суханпарварда ҳастед,*
*Бинӯшед аз шароби зиндагонӣ.*
*Ба рағми саргарониҳои бисёр,*
*Шифобахшанда оби зиндагонӣ.*
*Сафои рӯзгори мо шумоед,*
*Саволу ҳам ҷавоби зиндагонӣ.*
*Суханҳои шумо ширину шево*
*Бувад чун дурри ноби зиндагонӣ.*
*Ҳикоёте ба мо тақдим доред*
*Зи ҳар як фаслу боби зиндагонӣ.*



https://bikhon.tj/

*Шумо аз хонаи дил меравед, охир куҷо меред?*
*Ба дарди бедавои хештан баҳри даво меред?*
*Намегунҷед дигар дар миёни панҷаҳои бод,*
*Канори боди саргардони навмедӣ чаро меред?*
*Суруди ошноиҳо намехонанд бедардон,*
*Зи бедардони дунё як қадам боло чаро меред?*
*Сари сабзи замини зиндагӣ имрӯз махмалпӯш,*
*Шумо аз махмали андеша берун бесадо меред?*
*Паси сар карда беинсофиҳои аҳли бидъатро,*
*Паси ҳар пардаи имрӯзу фардоҳо куҷо меред?*
*Дигар дар хонаи мо шӯру гавгои зиёде нест,*
*Шумо бо пои худ бар шаҳраки ҷабру ҷафо меред?*
*Гузашта бодҳои сарду боронҳои пай дар пай*
*Ба сӯи кулбаи вайронаи Норинисо меред?*



https://bikhon.tj/

*Шеъри ман дар олами дил шӯри нав ангехта,*
*Оби чашми ошиқи шеъру суханро рехта.*
*Чун парасту мекушояд болу пар то осмон.*
*Дардро бо элаки имрӯзу фардо бехта.*
*Мекушояд роҳи нав то Каҳкашони зиндагӣ,*
*Аз ҳама шӯру ҷунуни зиндагӣ бигрехта.*
*Ҷо намегирад миёни мардуми ноаҳли даҳр,*
*То куҷоҳо, то куҷоҳо меравад паррехта.*
*Аз азоби зиндагӣ боло шикоят мекунад,*
*Дарду шодиро даруни дил ба ҳам омехта.*
*Орзуро дар макони хештан дарёфта*
*Мебарад то мулки бобойӣ зи ҷо бархеста.*
*Сар фурӯ меоварад аз баҳри таъзими шумо*
*Шеъри Нории нисо шӯри дигар ангехта…*



https://bikhon.tj/

*Шӯре ба дилу шавқ ба сар будаву бошед,*
*Бо иффати худ мадди назар будаву бошед.*
*Аз меҳр сухан гуфтанӣ бошед, бигӯед,*
*Шомеву шабе дар паси дар будаву бошед.*
*Ёрони шумо меҳр ба дил омада бошанд,*
*Бомеҳр ба онҳо чу хоҳар будаву бошед.*
*Шамъи шаби дилдори дилозор магардед,*
*Бар ҳар гаму ҳар гусса сипар будаву бошед.*
*Афлотун агар баҳри шумо дарс бигӯяд,*
*Соҳиб ба сари илму ҳунар будаву бошед.*
*Бо меҳр сухан гуфтанатон бод муборак,*
*Эмин зи ҳама хавфу хатар будаву бошед.*
*Бо ақли худодода миёни ҳамаи мо,*
*Чун Норинисо даст ба бар будаву бошед.*



https://bikhon.tj/

***Шӯре ба дилу шавқ ба сар будаву бошед.***
***Дар фазлу ҳунар мадди назар будаву бошед.***
***Сад ҳайф, ки имрӯзи шумо рафт ба ягмо,***
***Фардо сари савдои ҳунар будаву бошед.***
***Шоме ба дили субҳ агар роҳ биёбад,***
***Бо шеъру ғазал то ба саҳар будаву бошед.***
***Дар кунҷи дили нозукатон ҷой гирифта,***
***Ҳар лаҳза бари шамсу қамар будаву бошед.***
***Аз ранҷу алам қалбатон озор набинад,***
***Эмин зи ҳама хавфу хатар будаву бошед.***
***Осеб набинад дили бемор, илоҳӣ,***
***Бо ёр бари шамсу қамар будаву бошед.***
***Нории нисо баҳри шумо ҳадя фиристод,***
***Мақбули дили аҳли башар будаву бошед.***



https://bikhon.tj/

*Шабу рӯз аз Худо хоҳам, ки оламро нигаҳ дорад,*
*Ҳама фарзанду пайвандони Одамро нигаҳ дорад.*
*Шару шӯреву дунёе, талотумҳои дарёе*
*Ҳамеша бошаду дар дуриҳо ғамро нигаҳ дорад.*
*Сари мо сабз бошад дар диёри бегазанди ишқ,*
*Худои сабр аз мо дур мотамро нигаҳ дорад.*
*Сапедиҳои мӯи мо нишони сарсафедӣ нест,*
*Замину осмони дур аз ҳамро нигаҳ дорад.*
*Суруди орзуи мо кунад то бар фалак парвоз,*
*Худо аз ҳар бало ҷамъияти Ҷамро нигаҳ дорад.*
*Барои умматони пургуноҳи мулки пайғамбар,*
*Ҳамеша дар паноҳи худ ҳамин дамро нигаҳ дорад.*
*Худовандам қатори мардуми бисёри Сайёра*
*Ҳамин мулки биҳиштосову хуррамро нигаҳ дорад.*

*17 майи 2009*



https://bikhon.tj/

*Шифо мехоҳам аз дарду ғаму озори танҳоӣ,*
*Зи шабҳои пур аз маҳтобу ноҳинҷори танҳоӣ.*
*Агарчӣ гоҳ-гоҳе бо ситора анҷуман дорам,*
*Азобам мерасад ҳар дам зи подевори танҳоӣ.*
*Суруди оби ҷӯ имрӯз оҳанги дигар дорад,*
*Вале ҳарфе намегӯяд зи вазни бори танҳоӣ.*
*Гули ҳарранг рӯидаст дар гулзори уммедам,*
*Сари раҳ дорам озору алам аз хори танҳоӣ.*
*Мусибатро, Худовандо, бикун дур аз сари роҳам,*
*Нахоҳам кашф кардан олами асрори танҳоӣ.*
*Сарамро мезанам бар сарзамини ноумедиҳо,*
*Ки ӯ ҳам аз азал будаст бо агёри танҳоӣ*
*Биё, Норинисо, дигар магӯ афсонаи тақдир,*
*Ба он кас, ки набуда ҳеҷ гоҳе ёри танҳоӣ.*

*Июни 2009*



https://bikhon.tj/

*Шаҳрзоди олами шеъри дарӣ ҳастам ханӯз,*
*Дар диёри навбаҳори дилбарӣ ҳастам ҳанӯз.*
*Дар раҳи пурпечутоби орзуи зиндагӣ,*
*Шаҳсавори бовиқори сафдарӣ ҳастам ҳанӯз.*
*Дар хамӯшиҳои ман маҳфуз садҳо ғулғула,*
*Ғулғуландозе сари навоварӣ ҳастам ҳанӯз.*
*Бо диле саршор аз меҳру мурувват зиндаам,*
*Зинда дар зиндони шоми сарварӣ ҳастам ҳанӯз.*
*Шоҳкориҳои эҳсоси дилам бодо нисор,*
*Ёратон аз давраи Искандарӣ ҳастам ҳанӯз.*
*Шоми ман бо ғурбати танҳоӣ дорад моҷаро,*
*Шаҳсавори аспи бахту боварӣ ҳастам ҳанӯз.*
*Дарди дунёро ба дӯши хештан бардошта*
*Раҳсипори кишвари пайғамбарӣ ҳастам ҳанӯз.*

*25 июни 2009*



https://bikhon.tj/

*Шеъри ман огоз шуд аз шеъри рӯи зиндагӣ,*
*Аз гули рухсораҳои рангу бӯи зиндагӣ.*
*Олами асрор дар болои боло кашф кард,*
*Рафт бар умқи нигоҳи гуфтугӯи зиндагӣ.*
*Осмони дидаро то мулки Мавлоно кашид,*
*Ёфт баҳри хеш ганҷ аз обрӯи зиндагӣ.*
*Хотири болида аз илми маъонӣ ёфт ӯ,*
*Нури рӯяш кард рӯшан чор сӯи зиндагӣ.*
*Офтоби хотираш нури таҷаллӣ офарид,*
*Нури рӯяш чашми моро бурд кӯи зиндагӣ.*
*Рӯихотирбинии аҳли ҳунар шуд коста*
*То ба гардун рафт дил баҳри нумӯи зиндагӣ.*
*Беҳунар чун хешро дар баҳс бо доно кашид.*
*Рафт Нории нисо бар ҷустуҷӯи зиндагӣ.*

*9 январи 2010*



https://bikhon.tj/

*Шаҳаншоҳи диёри мо шукӯҳи дигаре дорад,*
*Зи ақлу фазл бар худ рутбаи пайғамбарӣ дорад.*
*Калиди адл дар дасташ, шароби нур дар рӯяш,*
*Зи зоти поки Ӯ дасту дуойи дигаре дорад.*
*На рӯҳониву муллову на шайхи олами ислом,*
*На андар осмони зиндагонӣ ахтаре дорад.*
*Харобиҳову ночӯрӣ барояш сирф бегона*
*Зи дарёи муҳаббат чанд дурру гавҳаре дорад.*
*Ба роҳи хештан аз Одаму Момоҳаво тӯмор*
*Нигаҳбони сари болои худ шамсу қамар дорад*
*Ба субҳу шом ӯ аз шукргӯиҳои бисёраш*
*Ба дасташ аз Сулаймони замон ангуштарӣ дорад.*
*Ба нуру нор пайваста, ба халқи хеш дилбаста*
*Саробони сари мо зебу фарри сарварӣ дорад.*
*Дуогӯяш бувад Норинисои олами маъно,*
*Худовандаш илоҳӣ аз балоҳояш барӣ дорад.*

*10 январи 2010*



https://bikhon.tj/

*Шамъ рӯшан кард роҳи хонаи тори маро,*
*Шӯъла пинҳон дошт дар худ хори озори маро.*
*Олами андеша дар андешаҳо барбод рафт,*
*Шӯри дил нагзошт дар бероҳа бозори маро.*
*Ғурбати дунёи нооромм оромам рабуд,*
*Дар камиву костӣ андохт бисёри маро.*
*Сар ба савдои дигар оварда будам борҳо,*
*Дигаре аз хештан пиндошт анбори маро.*
*Лутф аз дунёи мо кайҳо ба хубӣ кӯч баст,*
*То набинад бори дигар ёри хунхори маро.*
*То намирад дар миёни дарду озору алам,*
*Хоб дар оина бинад чашми бедори маро.*
*Ман, ки Нории нисои олами андешаам*
*Нури ҳақ дар худ таҷассум кард рухсори маро.*

*27.01.2010*



https://bikhon.tj/

*Шайтонароба дорад шайтони зиндагонӣ,*
*Аз мо барад ба ҳила имони зиндагонӣ*
*Хори ҷафо надида, садбарги гам начида,*
*Дорад шитоб ҳар рӯз то кишвари ҷавонӣ.*
*Меҳру вафо надорад, шарму ҳаё надорад,*
*Аз марқади гами хеш меҷӯяд ӯ нишоне.*
*Гул дар канор дорад, фасли баҳор дорад,*
*Бебаҳра аз биҳишти аълои ҷовидонӣ.*
*Хори ҷафои ёре, бебаҳра аз баҳоре,*
*Найрангу ҳила дорад бо ишқу ормоне.*
*Паҳлӯш гул кунад хор, аз зарби санги озор*
*Бар хештан надорад аз меҳр ошёне.*
*Қаҳри Худост бо ӯ, сад моҷарост бо ӯ*
*Садҳо ҳазор тавба дорем дар ниҳонӣ.*

*1.02.2010*



https://bikhon.tj/

*Шармсорам мекунад, дил мекунад,*
*Сангсорам мекунад, дил мекунад.*
*Дар миёни дӯстонам душманӣ,*
*Беқарорам мекунад, дил мекунад.*
*Офати дунёи чандинрӯзааст,*
*Хору зорам мекунад, дил мекунад.*
*Мебарам бори маломатро ба дӯш,*
*Бахтёрам мекунад, дил мекунад.*
*Шомро дар кӯлбори зиндагӣ,*
*Боз борам мекунад, дил мекунад.*
*Зиндагиро аз замин бардошта*
*Чун шиорам мекунад, дил мекунад.*
*Дар ҷаҳони сабзаи андешаҳо,*
*Дилфигорам мекунад, дил мекунад.*

***8.02.2010***



https://bikhon.tj/

*Шаҳрзоди кишвари андешаи мо дар куҷо?*
*Ҳамдиёру ҳамдилу ҳампешаи мо дар куҷо?*
*Осмони дил фурӯ рафтаст дар рӯди равон,*
*Рӯди кӯҳӣ донад оё решаи мо дар куҷо?*
*Ормонҳо ношикаста ормонӣ меравем,*
*Сабзрангу сабздоман бешаи мо дар куҷо?*
*Дар замини санглохи роҳи душвори ҳаёт,*
*Ай азизони замона, тешаи мо дар куҷо?*
*Дар лаби оби равонему намедонем боз,*
*Ношикаста, ё шикаста шишаи мо дар куҷо?*
*Ақли модарзод мегӯяд, ки умри рафтаро*
*Ҳеҷ пурсидӣ, ки хуни бошаи мо дар куҷо?*
*Ҳоҷии Норинисо дигар мапурс аз пири мо,*
*Ҳамдаму ҳамрози мо Ойшаи мо дар куҷо?*

*20.02.2010*



https://bikhon.tj/

*Шоми ғам рафт чун ба панҷаи бод,*
*Субҳи содиқ туро бикардам ёд.*
*Гуфтамаш ёри гори мо чунӣ?*
*Аз чӣ рӯ нестӣ зи ғам озод?*
*Хотири ту ғубори раҳ дорад,*
*Нестӣ хубрӯю хурраму шод?*
*Бо ҷилои базеби нуронӣ*
*Ёдам омад нигоҳи Фаррухзод.*
*Чанд шеъраш расид бар хотир,*
*Хонаи меҳр шуд зи нав обод.*
*Аз дили дардноки андеша*
*Шодии дил расид беимдод.*
*Гуфтамаш Нории нисо имрӯз,*
*Мекунӣ хешро муборакбод.*

*20.02.2010.*



https://bikhon.tj/

*Шаҳре канори шомем, дар панҷаи мақомем,*
*Дар мулки устуворӣ марди бузурги номем.*
*Дурем аз хиёнат, ҳамшираи муҳаббат,*
*Дар дафтари садоқат машғули сабти номем.*
*Ҳарчанд решапайванд бо дардҳои даҳрем,*
*Дар кишвари садоқат пайваста талхкомем.*
*Осори ноумедӣ дар рӯи мо маҷӯед,*
*Уммедвори фарди хушрӯю хушкаломем.*
*Сар бар сари намозем, дар меҳр бениёзем,*
*Андар сарои қисмат субҳе миёни шомем.*
*Гунҷишкбачаи дил дорад фиғону нола,*
*Аз он, ки дар миёни қавми бузургномем.*
*Аз дарду ғам раҳоем, бо Нории нисоем,*
*Дар бурҷи меҳрубонӣ пайванди чанд ҷомем.*

*26.02.2010.*



https://bikhon.tj/

*Шом бетобӣ кашад андар намози бомдод,*
*Субҳ бехобӣ кашад андар намози бомдод.*
*Дидаи дил во шавад аз шукргӯиҳои мо,*
*Сабр беобӣ кашад андар намози бомдод.*
*Қатраҳои нарми борон бӯсаборон мекунад,*
*Чун ба гирдобе кашад андар намози бомдод.*
*Пири коре гар кушояд бар писар дасти дуо,*
*Дурри нобе мекашад андар намози бомдод.*
*Носипосӣ мебарад моро ба дунёи вафо,*
*Гар саробе мекашад андар намози бомдод.*
*Ҳар суолеро ҷавобе ҳаст андар рӯзгор,*
*Гар ҷавобе мекашад андар намози бомдод.*
*Гиряи Норинисоро ханда мепиндоштӣ*
*Изтиробе чун кашад андар намози бомдод.*

*5 марти соли 2010*



https://bikhon.tj/

*Шӯреву исёнам куҷо?*
*Шабҳои ҳиҷронам куҷо?*
*Абри сари кӯҳи баланд,*
*Борони найсонам куҷо?*
*Баҳри шифои дардҳо,*
*Синои давронам куҷо?*
*Юсуфи дар раҳ мондаам,*
*Яъқуби Канъонам куҷо?*
*Аз номусулмонӣ магӯ,*
*Фарди мусулмонам куҷо?*
*Монанди Нории нисо*
*Дилсӯзи давронам куҷо?*
*Якрӯй дар як ҷону тан*
*Фарзанди инсонам куҷо?*

*14.03.2910*



https://bikhon.tj/

*Шеъру суханам имрӯз маънии дигар дорад,*
*Дарду аламу ранҷу шодии башар дорад.*
*Шаҳкосаи зарринаш аз ашк шуда лабрез,*
*Аз сӯхтани ин дил гӯё ки хабар дорад.*
*Ҳар рӯз биёвезад бар чанбари зулфи хеш,*
*Аз қуттии атторащ ҳар дурру гуҳар дорад.*
*Аз меҳру самимият и ялдо боз о, ки саҳар дорад.*
*Дар олами танҳоӣ, дар тахти мубарроӣ,*
*Ҳамқисматии маҳтоб, заррина камар дорад.*
*Аз шом бипарҳезад, бо субҳ даромезад,*
*Зеро ки ба дӯши хеш анбори ҳунар дорад.*
*Норииі нисо, бингар, аз ғайб садо омад,*
*Яздони бузург аз мо ҳар лаҳза хабар дорад.*



https://bikhon.tj/

*Шаб рафту саҳар аз гули дидор хабар дод,*
*Аз мардумаки дидаи бедор хабар дод.*
*Субҳона биёвард насими лаби дарё,*
*Мурғи чаман аз омадани ёр хабар дод.*
*Имрӯз агар як сухани тоза нагуфтем,*
*Фардо зи ба ҳам омадани кор хабар дод.*
*Аз меҳр буридему бирафтем ба моҳӣ,*
*Моҳии тило аз каму бисёр хабар дод.*
*Овозаи озори дили мо ба фалак рафт,*
*Чархи фалак аз шоми шаби тор хабар дод.*
*Ҳарчанд ки то сояи Тӯбо нарасидем,*
*Нахли сухан аз меваи пурбор хабар дод.*
*Нории нисо рафт чу бар боғи пур аз гул,*
*Ҳар як гули худрӯй зи озор хабар дод.*

***Шаҳри афсонаи дил шаҳри ману шаҳри шумо,***
***Ҳусни кошонаи дил шаҳри ману шаҳри шумо.***
***Ҳар кучҷое биравам, ёди Душанбе бикунам,***
***Шаҳри меҳронаи дил шаҳри ману шаҳри шумо.***
***Бахт хандида биёяд ба канораш, чӣ аҷаб,***
***Тахти шоҳонаи дил шаҳри ману шаҳри шумо.***
***Рӯҳи Фирдавсии Тӯсӣ чу мададгор шавад,***
***Бод ҳамхонаи дил шаҳри ману шаҳри шумо.***
***Баски мардони хирад хаймаи Хайём раванд,***
***Шуда паймонаи дил шаҳри ману шаҳри шумо.***
***Он қадар хурраму хандону дилоро шудааст,***
***Дурри якдонаи дил шаҳри ману шаҳри шумо.***
***Ғазале чанд зи Нории нисо бод нисор,***
***Ба дари хонаи дил шаҳри ману шаҳри шумо.***



https://bikhon.tj/

***Э кош дар ин хона дигар хона набошад,***
***Оқил ҳама ҷо бошаду девона набошад.***
***Мастӣ зи шароби нигаҳи хеш биронад,***
***Дар олами афсонааш афсона набошад.***
***Мурғи чамани бахт нишинад ба сари бом,***
***Дар боми умедаш каси бегона набошад.***
***Субҳеву садоеву саманди нигаҳи мо***
***Ҳамсӯҳбати маҳ бошаду ҳамхона набошад.***
***Дар даст маро хилвати шабҳои зимистон,***
***Гармии сухан бошаду паймона набошад.***
***То субҳ бигӯям ҳама шаб роз ба Аллоҳ,***
***Гар зулфи сухан то ба сари шона набошад.***
***Нории нисо роҳ кушо то ба ҷаҳоне,***
***К-аз нуру зиё бошаду вайрона набошад.***

*Э войи ҳастии мо, мансабпарастии мо,*
*Дар олами дурӯза бебода мастии мо.*
*Субҳе асири шомем, дилгиру талхкомем,*
*Аз баҳри чизу ночиз ҳар лаҳза пастии мо.*
*Барги гули умедем, себаргаи сафедем,*
*Дорад замона ҷое дар қаъри ҳастии мо.*
*Шоми умед дорем, роҳи сафед дорем,*
*Аз оташи дили мо бошад Маҳастии мо.*
*Сар дар сарои ҷонем, алломаи замонем,*
*Э хок бар сари мо аз шӯрдастии мо.*
*Нахли таҳаммули мо гулгунча баста бошад,*
*Гулгунча мекунад гул аз худпарастии мо.*
*Норинисо магӯед дар даҳр талхком аст,*
*Бо шаҳду шаккари шеър пайваста ҳастии мо.*

*21 июни 2009*



https://bikhon.tj/

*Эй дӯст биё бо мо, то қуллаи кӯҳистон,*
*То саршавии бозор, то саргаҳи Регистон.*
*Ин ҷо ҳама чӣ арзон, ғайр аз сухани инсон,*
*Ғайр аз сухани инсон ин ҷо ҳама чӣ арзон.*
*Бо нимпуле коло хоҳӣ бихарид ин ҷо,*
*Ё пираҳани гулдор, гулҳо тарафи домон.*
*Садбарги сафед ин ҷо, дунёи умед ин ҷо,*
*Ҳам хандаи мастона, ҳам иффату ҳам имон.*
*Ҳам кишвари афсона, ҷамъияти шоҳона,*
*Ҳам рӯи мурод ин ҷо, ҳам иззати ҳар меҳмон.*
*Хурсандиву ғам ин ҷо, ҳам дидаи нам ин ҷо,*
*Ҳам хотираи хуби чандин нафари меҳмон.*

*21 июни соли 2009*



https://bikhon.tj/

*Э войи умри рафта аз манзилу маконе,*
*Бар худ нишона ҷӯям аз шаҳри бенишонӣ.*
*Танҳоӣ забт карда мулки ниҳоди моро,*
*Ғам ошёна дорад дар байни обу ноне.*
*Ҳар бандаро ба ченаш Раззоқ ризқ дода,*
*Дунё вафо надорад чун рӯзгори Монӣ.*
*Як соати фарогат меёфтам агар ман,*
*Мерафтамаш суроғи дунёи меҳрубонӣ.*
*Дунёи дигареро, девону дафтареро*
*Аз кунҷи узлати хеш меёфтам ҷаҳоне.*
*Дар махмали муҳаббат мекофтам ба ғайрат*
*Тифли хаёли дарду озору ормонӣ.*
*Парпеч менамудам дар докаи сафедам*
*Норинисои худро бо риштаи ҷавонӣ.*

*2 апрели 2010*



https://bikhon.tj/

*Эй хоҳарони ҷонӣ, иди шумо муборак,*
*Сарчашмаи маонӣ, иди шумо муборак.*
*Аз хандаи шумоён гулзор ҳар биёбон,*
*Сармашқи меҳрубонӣ, иди шумо муборак.*
*Аз меҳру аз муҳаббат лабрез ҷоми ҳастӣ,*
*Огози зиндагонӣ, иди шумо муборак.*
*Аз ғусса дур рафта, то мулки нур рафта,*
*Эй олами ҷавонӣ, иди шумо муборак.*
*Дар осмони қисмат моҳи ягона ҳастед,*
*Момоҳавои сонӣ, иди шумо муборак.*
*Яздони ҳар ду олам эмин бидорад аз ғам,*
*Дар панҷаи амонӣ, иди шумо муборак.*
*Норинисои даврон баҳри шумо, азизон,*
*Бинвишт достоне, иди шумо муборак!*



https://bikhon.tj/

*Эй рафиқи меҳрубон, ҳар ҷо, ки бошӣ, зинда бош,*
*Ай азизи рӯҳу ҷон, ҳар ҷо, ки бошӣ, зинда бош.*
*Нахли ҳастӣ аз нигоҳи меҳрборат гул кунад,*
*Ай гули рӯи ҷаҳон, ҳар ҷо, ки бошӣ, зинда бош.*
*Маскани ту қуллаи болои кӯҳи Нур бод,*
*Ай чароғи хонадон, ҳар ҷо, ки бошӣ, зинда бош.*
*Маҷлиси мо шуд гулафшон аз нигоҳи гарми ту,*
*Гулнигоҳу гулситон, ҳар ҷо, ки бошӣ, зинда бош.*
*Аз ҳақиқат, ростиву дӯстӣ гуфтӣ сухан,*
*Ай сухандони замон, ҳар ҷо, ки бошӣ, зинда бош.*
*Марди майдони фасона, омадӣ бо сад тарона,*
*Лоиқи сад достон, ҳар ҷо, ки бошӣ, зинда бош.*
*Мерасонад эҳтироми дӯстро Норинисо,*
*Бо дуои дӯстон, ҳар ҷо, ки бошӣ, зинда бош.*



https://bikhon.tj/

*Э кош, дар ин дунё не шоҳу гадо бошад,*
*Мардум ҳама сар то по аз ғусса раҳо бошад.*
*Аз меҳру самимият нахли басамар рӯяд,*
*Дарду алами моро ҳар лаҳза даво бошад.*
*Ақлу хирад аз зиндон озод шавад осон,*
*Бобои навадсола дастон ба дуо бошад.*
*Аз кофиру аз муслим дигар назанад ҳарфе,*
*Боз омадану рафтан бо амри Худо бошад.*
*Аз роҳи худогоҳӣ ҳар кас биравад роҳе,*
*Роҳаш ҳама дам рӯшан аз нури Худо бошад.*
*Аз махдуму аз мазлум инсоф набошад гум,*
*{ар ҷой, ки мебошад, аз ғусса ҷудо бошад.*
*Бишнида ғазалҳояш, гуфтанд азизонаш,*
*Дар маҷлису маҳфилҳо Норин нисо бошад.*



https://bikhon.tj/

*Як қатраи об аз дили маҳтоб биёред,*
*Аз мардумаки дидаи гирдоб биёред.*
*Дар бодияи яъс ба худ хона насозед,*
*Аз хонаи оина табу тоб биёред.*
*Ғарқед ба дарёи муҳаббат, наҳаросед,*
*Субҳе ба сари тор ба мизроб биёред.*
*Шаббодаи шаб гар бикунад дастдарозӣ,*
*Афсонаи шабро ба сари хоб биёред.*
*Андар қафаси шарм чу мо гӯшанишинем,*
*Аз гӯшаи андеша майи ноб биёред.*
*Қурбони шумоем дар ин базм, азизон,*
*Дар базми сухан ҳарф зи ҳар боб биёред.*
*Дар олами шеъри дили мо сайр намуда*
*Бар Норинисо гавҳари ноёб биёред.*

*5 июни соли 2010*



https://bikhon.tj/

*Як бор агар дар лабаки об нишинӣ,*
*Ё дар бағали духтари махтоб нишинӣ.*
*Аз хеш бурун омада бо даҳр ситезӣ,*
*Дар сӯҳбати беминнати аҳбоб нишинӣ.*
*Шӯре ба дилу шеър ба сар хона даройӣ,*
*Дар хонаи шаб бо сари бехоб нишинй.*
*Бар тифлаки уммеди дил афсона нагӯйӣ,*
*Дар олами афсонайи гирдоб нишинӣ.*
*Сад қиссаи ногуфта бигӯяд ба ту дарё,*
*З-афсонайи дарё ба табу тоб нишинӣ.*
*Бояд биравӣ то ба диёри дилу дида,*
*Бо дидаву дил дар сари меҳроб нишинӣ.*
*Дарёб даме сӯҳбати Фирдавсии Тӯсӣ,*
*То дар мижаи Рустаму Сӯҳроб нишинӣ.*
*Ободию барбодии дунё ҳама ҳеҷ аст,*
*Гар Норинисо соҳили шодоб нишинӣ.*



https://bikhon.tj/

*Як даста гули худрӯ аз боғи дил овардам,*
*Меҳру ҳаваси гесӯ аз боғи дил овардам.*
*Ранҷ аз паи ранҷ омад, ганҷ аз паи ганҷ омад,*
*Печу хами ду абрӯ аз боғи дил овардам.*
*Саргаштаи мулки рӯз, саррриштаи гавҳарсӯз,*
*Дурру гуҳари дилҷӯ аз мулки дил овардам.*
*Бар ғамкадаи қисмат гаштем агар соҳиб,*
*Ҷоме зи шароби рӯ аз мулки дил овардам.*
*Беҷо буду барҷо шуд, сад валвала барпо шуд,*
*Дурдона канори ҷӯ аз боғи дил овардам.*
*Симинбадане будӣ, дурри Адане будӣ,*
*Дурри Адане ин сӯ аз боғи дил овардам.*
*Ҷону дили худ бар ту сад бор фидо кардам,*
*Як даста гули хушбӯ аз боғи дил овардам.*



https://bikhon.tj/

*Як лаҳза, фақат лаҳзаяке шод кӣ бошад?*
*Аз ғусса ба якборагӣ озод кӣ бошад?*
*Сар бар сари хуршеди ҷаҳонтоб ниҳода,*
*Аз шарбати шодӣ дилаш обод кӣ бошад?*
*Аз хеш бурун рафта, ба мақсад нарасида,*
*Дар банди ғами ишқи худодод кӣ бошад?*
*Дар шоҳраҳи қисмати бераҳм нишаста*
*Барбод дар ин олами обод кӣ бошад?*
*Субҳе ба сари шом ниҳодаст кулоҳе.*
*Шомеву шаробеву шакарзод кӣ бошад?*
*Пӯшида ба тан куртаи фарҳанги бузургон,*
*Ҳар шаб сари сарчашмаи имдод кӣ бошад?*
*Чун Норинисо сар ба сари олами боло*
*Пайвандгари ҷумлаи авлод кӣ бошад?*

*7 феврали 2009*



https://bikhon.tj/

*Яке машҳур бо унвон, дигар манзур бе унвон,*
*Яке чун ғунчаи хандон, дигар сарсону саргардон.*
*Якеро бахт бедор асту ақлу ҳуш дар хоб аст,*
*Дигар ақлу хирад дорад, вале дар зиндагӣ сарсон.*
*Якеро бахт баргашта, дигар сарсону саргашта,*
*Яке илму амал дорад, дигар шерест дар майдон.*
*Яке дар ҷои худ монда, дигар меҳмони нохонда,*
*Яке бедасту поясту дигар тифлеву қабристон.*
*Ба ҳукми як нафар инсон якеро роҳ то кайҳон,*
*Дигар бармекашад неку бади дунё ба як мизон.*
*Хумори ишқ мехоҳад агар ошиқнамои ман,*
*Чӣ гӯям ман ба ӯ аҳволи ин дунёи бесомон.*
*Чу Норин нисои сарзамини фазлу эҳсонам,*
*Ба ҳар фарзанди инсон бахту шодӣ хоҳам аз Яздон.*



https://bikhon.tj/

*Як ҷаҳон асрор дорад ёри мо,*
*Ваъдаи бисёр дорад ёри мо.*
*Хешро ин сӯву он сӯ мезанад,*
*Бо ҳама кас кор дорад ёри мо.*
*Ёрро агёри худ пиндошта,*
*Айш бо агёр дорад ёри мо.*
*Гӯиё дилдору дилбардор ӯ,*
*Хислати паргор дорад ёри мо.*
*Нуктадону нуктасанҷу нуктагӯ,*
*Ҳарфи беозор дорад ёри мо.*
*Беибо лофи муҳаббат мезанад,*
*Гул миёни хор дорад ёри мо.*
*Ту чӣ мепурсӣ зи Нории нисо,*
*Ёр дорад, ё надорад ёри мо.*

*Як рӯзи дарози ман бекор гузашту рафт,*
*Умри гузарони ман бе ёр гузашту рафт.*
*Дар даст матои меҳр истодаву истода,*
*То мижжа задам як дам, бозор гузашту рафт.*
*То дарди Ватан гуфтам, афсонаи зан гуфтам,*
*Аз дидаи хушки ман анҳор гузашту рафт.*
*То меҳру вафо ҷустам, то сидқу сафо ҷустам,*
*Аз нозу нузи бисёр дилдор гузашту рафт.*
*Дуздона назар кардам бар чеҳраи нуронӣ,*
*Нуре зи сари сабзи девор гузашту рафт.*
*Имрӯз, ки раҳ дорем, дар даст қадаҳ дорем,*
*Биштоб, ки аз паҳлӯ агёр гузашту рафт.*
*Бо ҳадяи наврӯзӣ, бо ҳусни дилафрӯзӣ,*
*Нории нисо дар лаб ашъор гузашту рафт.*



https://bikhon.tj/

*Як даста гулам аз гули озор биёред,*
*Аз сеҳри сухан доруи бемор биёред.*
*Берун набароед дигар аз хати тақдир,*
*Шаҳду шакар аз ғурбати ағёр биёред.*
*Дар байни раҳи зиндагиву марги муфоҷот,*
*Як хушхабар аз ҳоли дили зор биёред.*
*Бисёр магӯед зи бешу ками дунё,*
*Аз олами боло сухани ёр биёред.*
*Дилро мафурӯшед ба ҳар бедили дунё,*
*Шамсу қамар аз олами асрор биёред.*
*Аз кӯчаи танҳоиву торик гурезед,*
*Ақлу хиради синаи абгор биёред.*
*Аз Норинисое, ки дилаш соф чу дарёст,*
*Пайғоми наву тозаи дилдор биёред.*



https://bikhon.tj/

# РАНГОРАНГ

*(Ашъори гуногун)*

***Ватан, сарчашмаи илҳоми моӣ,***
***Зи Яздони бузург инъоми моӣ.***
***Ватан сарчашмаи оби ҳаётӣ,***
***Ватан ҳам нони мо, ҳам номи моӣ.***



https://bikhon.tj/

*Аз китоби*
## *ЛАҲЗАИ ДИДОР*

***Модари ҷонам чу аз дунё гузашт,***
***Гавҳари дубора нопайдо гузашт.***
***Шаҳсутуни сабрро селоб бурд,***
***Шодиям чун олами рӯъё гузашт.***
***Мебарам бар ҳар куҷо бо нешу нӯш,***
***Бори вазнини ятимиро ба дӯш.***

* **

***Зи дунё рафтаиву ёд монда,***
***Ба дил ғам, дар гулӯ фарёд монда.***
***Хаёлам мурғаки уммедворӣ,***
***Миёни роҳ беимдод монда.***
***Муҳаммадҷон, азизам, додари ман,***
***Бувад ҷои ту холӣ дар бари ман…***

## ИБТИДОИ РОҲИ МАН

*Кӯчаҳои тангу пурчангу ғубору печ-печ,*
*Бо ман аз айёми хурдӣ ҳамдами деринаед.*
*Бар сарам ёди диёру дӯст аз дур омадам,*
*Лек ҳоло ҳам шумо монанд бар пешинаед.*

*Омадам, то ёд орам баччагии хешро,*
*Роҳгардиҳоям аз домони модар дошта.*
*Аз саҳар ӯ бо парастории ман овора буд,*
*Корҳои хонаро бар як тараф бигзошта.*

*Дар ҳамин ҷо хайрухуш нокарда гум кардам, дареғ,*
*Баччагию бегамиро ҳамчу як хобу хаёл.*
*Боиси як лаҳза хурсандии мо - духтарчаҳо,*
*Ман намедонам куҷо шуд зочаи соҳибҷамол.*

*Олами равшан ба ман гӯё ҳамин Раззоқ буд,*
*Хонаҳои хурдаки аз дуди оташдон сиёҳ.*
*Бо ҳама он хоксорӣ, ноаёниҳои худ,*
*То ба ҳоло мебарад беихтиёр аз ман нигоҳ.*

*Чунки ман андар дили ин кӯчаҳои хурди деҳ,*
*Ханда кардам, гиря кардам, хешро бишнохтам.*
*Дар сари ҳар печутобе баччагиро бохта,*
*Раҳ ба сӯи шоҳроҳи зиндагонӣ ёфтам.*



https://bikhon.tj/

## ПАЙВАНД БО ИНСОН

***Шумо эй соҳибони вақт,***
***Шумо, эй доварони бахт.***
***Намедонед, ҳар чӣ ибтидову интиҳо дорад,***
***Ва ҳар коре, ки мо имрӯз ё фардо***
***Набитвонем кардан бармаҳал иҷро***
***Барои мо гаронӣ мекунад фардо.***
***Чӣ вазнин аст бори дил,***
***Чӣ сангин аст, кори дил.***
***Пас аз афтодану бархостан***
***Дар роҳи ноҳамвор.***
***Ки ҳар як печутоби он***
***Ба таври хеш нотакрор.***
***Бубояд ҳар яки мо баҳри худ***
***Роҳи наверо фатҳ бинмоем.***
***Раҳе, ки зиндагиро мекунад илқо***
***Раҳе, ки мурдаҳоро мекунад эҳё.***
***Раҳе то Каҳкашон бошад,***
***Раҳе то ҷовидон бошад.***
***Раҳе, ки бахт чун одамгарӣ арзон,***
***Раҳе, ки зиндагиро мекунад пайванд бо Инсон.***



https://bikhon.tj/

## АСРИ МАН

**Асри мо донандаи асрор нест,**
**Юсуфи мо баҳри ин бозор нест.**
**ИҚБОЛ**

***Асри ман,***
***Асри пур аз пиндорҳо,***
***Асри ғам,***
***Асри алам,***
***Озорҳо.***
***Асри ман,***
***Асре, ки бемеҳрӣ қиёмат мекунад,***
***Шишаи дилро шикаста,***
***"Аз ҷудоиҳо шикоят мекунад".***
***Асри ман,***
***Баҳри гурӯҳе***
***Гар бувад майдони гирудорҳо,***
***Ҷои бурду бохт***
***Баҳри иддае тарроҳо.***
***Во накарда ҳамчу марди сеҳргар,***
***Банд-банди риштаҳои розро,***
***Асри ман бар арсаи дунё надод***
***Рӯдакӣ ё Ҳофизи Шерозро.***
***Асри ман,***
***Асри фиребу шикваву фарёдҳо,***
***Асри вайронкориву бунёдҳо.***
***Асри ман Иқбол доду шайх Мавлоно надод,***



https://bikhon.tj/

*Ё ки баҳри дафъи кулли дардҳову ранҷҳо*
*Бӯалӣ Сино надод.*
*Ҳаққи ҳар касро ба дасташ*
*Чун хати хоно надод.*
*Ғолибиятро ба дасти мардуми доно надод.*
*Асри ман,*
*Асре, ки истеъдодро*
*Мисли он, ки тифли батни хешро*
*Бе ягон андешаву фикру хаёл*
*Модари маккора берун мекунад,*
*Барбод дод.*
*Баъд аз он чун хост фарзанде ба дунё оварад,*
*Чанд мулло зоду пайғамбар назод.*
*Асри бӯрон,*
*Асри тӯфон,*
*Асри ман.*
*Гоҳ ҷамъу гаҳ парешон асри ман.*
*Дар лабонаш заҳрханда,*
*Гоҳ шоҳу гоҳ банда,*
*Баъди чандин рӯзи дигар,*
*Аз каманди вақт берун меравад.*
*Меравад то асри дигар боз ояд,*
*Ҳамраҳаш мурғи ҳумои бахт*
*Дар парвоз ояд.*
*Зиндагӣ дар асри нав бо тарзи нав барпо кунем,*
*Дар замири хеш аз нав,*
*Хешро пайдо кунем.*



https://bikhon.tj/

## ДАСТОВЕЗ

*Зиндагиро бо баду некаш агарчанде, ки ман,*
*Чун "Алифбо" гаштаву баргашта аз бар мекунам.*
*Ҳар нафас панди наве, дарси наве омӯхта,*
*Рӯзи дигар як хатои дигаре сар мекунам.*

*Душманонам курта-курта гӯшт мегиранд боз,*
*Чун ҳамебинанд як ҷурми назарногири ман.*
*Дӯстони бошумори ман вале ғам мехӯранд,*
*Чораву тадбир меҷӯянд дар тақсири ман.*

*Ашки ман гӯё, ки марҷони баёзи гарданам,*
*Хешро чун тифли нодоне тасалло медиҳам.*
*Заҳрхандеро чу қанде мехӯрам бе оҳу воҳ,*
*Дидаву дониста рӯи хору хас по мениҳам.*

*Ман намехоҳам, ки пиндоранд, ғолиб омаданд,*
*Қотилони ҳисси ман андар набарди зиндагӣ.*
*Чун умеду орзуи бесару сомони худ,*
*Мебарам бар ҳар куҷо шодию дарди зиндагӣ.*



https://bikhon.tj/

## ИМДОД

*Шудам дилгир аз макру фиреби даҳри бесомон,*
*Бишуд пур косаи дил аз дури ашки сари мижгон.*
*Бубин, баъд аз ба чашми хеш дидан нобарориҳо,*
*Ҷиҳозам барги зарди ноумедию гули армон.*

*Фиреби дӯст ин ҷо ҳеҷ нанговар наметобад,*
*Надорад дастгире кас, ба боло раҳ намеёбад.*
*Саробони сари худ нокасе бар хок наспурда,*
*Сари тақсими мероси падар шабҳо намехобад.*

*Хаёлан баъд аз ин то арши аъло роҳ мегирам,*
*Суруди охиринамро ба худ ҳамроҳ мегирам.*
*Агарчӣ бохтам бисёри худ, аз бурди ночизам,*
*Фақат девони Ҳофизро аз ин даргоҳ мегирам.*

*Ба ҳаққи ҳурмати шири сапеди модари пирам,*
*Ба ҳаққи гӯрамаргоне, ки меҷустанд тадбирам.*
*Ба ҳаққи ҳурмати покизагии тифли навзоде,*
*Надонад аз чӣ бошад растагорӣ ё ки тақсирам.*

*Барои ҷабрдида миллати худ дод мехоҳам,*
*Барои рафъи бепарвоӣ истеъдод мехоҳам.*
*Барои аз сари нав сохтан имрӯзу фардоро,*
*Ман аз модархудои зиндагӣ имдод мехоҳам.*



https://bikhon.tj/

## МАРЕЗОН АШК, ЭЙ МОДАР

*Агарчанде ба ҳоли ту замину осмон гиряд,*
*Агарчанде, ки дида ашки ту пиру ҷавон гиряд.*
*Ба тори кӯҳсорон мурғи шодӣ бо фиғон гиряд,*
*Сари ҳар як қадам абри гузар, оби равон гиряд.*
*Марезон ашк, эй модар!*

*Зи дасти нобакори бедилу беҳиссу бевиҷдон,*
*Зи дастони табибони ба дарди хеш бедармон.*
*Зи дасти нокасе, ноодаме, ношукр фарзанде*
*Бишуд яктои беҳамтои ту бо хоки раҳ яксон.*
*Марезон ашк, эй модар!*

*Ҳанӯз аз меҳрубонию навозиш сер ногашта*
*Агарчанде, ки фарзандони ӯ дар нимараҳ монданд.*
*Начида як гули мақсуд ҳамроҳи падар, модар,*
*Ба мисли мурғакони шохсорон бегунаҳ монданд.*
*Марезон ашк, эй модар!*

*Марезон ашк, эй модар, ки фарзанди барӯмандат*
*Агарчӣ рафт аз дунё, аз ӯ ному нишоне монд.*
*Бубин, фарзандҳояш ин замон гирди ту парвона*
*Ба ёди дӯстонаш номи некаш ҷовидонӣ монд.*
*Марезон ашк, эй модар!*
*Марезон ашк, эй модар!*



https://bikhon.tj/

## ДОМАНГИР

*Пас аз сарсониҳои беҳисоби дил,*
*Пас аз чандин суоли беҷавоби дил.*
*Пас аз афтодану бархостанҳояш*
*Пас аз дар худ нагунҷида*
*Миёни мавҷҳои зиндагӣ*
*Аз беқарорӣ костанҳояш.*
*Дили зебои ман рӯзе*
*Агар маҷрӯҳ мегардад.*
*Ва ҳар як ҷузъиёти нобарорӣ*
*Баҳри ӯ чун кӯҳ мегардад.*
*Намедонам чӣ гуна*
*Метавонам зист баъд аз он.*
*Намедонам чӣ гуна медиҳам*
*Худро нишон*
*Чун мард дар майдон.*
*Намедонам чӣ сон ёбам тасалло*
*Ашки чашмамро кунам пинҳон.*
*Агар ин кор аз дастам наояд*
*Сиришки дидагонамро чу марҷон*
*Авезон мекунам бар гардани тақдир*
*Ва мегӯям*
*Ки ҳастам аз ту ман як умр домангир.*



https://bikhon.tj/

## ТӮЁНА

*Муборак тӯятон келину домод,*
*Муборак хонаи аз меҳр обод.*
*Тамоми умр бо ҳам шод бошед,*
*Зи ҳабси дарду ғам озод бошед.*
*Чароғи бахтатон бошад фурӯзон,*
*Шавад ишқи шумо машҳури даврон.*
*Ба ҳам бошед чун Фарҳоду Ширин,*
*Шуморо бахт хоҳам, бахт, омин.*
*Сухан аз "Вомиқу Узро" бигӯед,*
*Зи баҳри ошиқӣ дурдона ҷӯед.*
*Ба мисли арчаҳо сарсабз бошед,*
*Ба як бодом чун ду мағз бошед.*
*Ҳамехоҳем андар соли дигар,*
*Арӯси мо шавад дилбанд модар.*
*Падар гардад шаҳи имрӯзаи мо,*
*Дар ин ҷо боз гардад тӯй барпо.*
*Ҳама баҳри муборакбод оем,*
*Бирақсему бинӯшему сароем.*



https://bikhon.tj/

## НАМЕМИРЕМ

*Ту аз дур омадӣ имрӯз,*
*Ки мо чанде ба ҳам бошем.*
*Ба рӯи роҳи якдигар,*
*Ба ҷои хор гул пошем.*
*Ту аз дур омадӣ имрӯз*
*Ки овезӣ ба гӯшам гӯшвора*
*Аз тилои меҳр.*
*Намуда пушти по*
*Бешу ками айёми ҳастиро.*
*Маро бо худ барӣ бо сеҳр*
*Ба мулки дури афсона,*
*Ба мулки дури афсона*
*Ва ҳарду ҳамчу пешина*
*Бичинем аз лаби ҷӯбор пудина.*
*Бисозӣ аз бароям ҳамчунон дар баччагӣ*
*Завраќчаи зебо.*
*Ба паҳлӯям нишинию барӣ ҳамроҳ*
*Ба мулки дури афсона,*
*Ба мулки дури афсона*
*Шавам шамъу ту гардӣ гирди ман*
*Монанди парвона.*
*Насими шӯхи дарё гесӯвонамро*
*Занад шона.*
*Ту аз дур омадӣ имрӯз,*
*Биё, ҷонам фидои ту,*
*Биё гулҳои рангоранг пошам*
*Зери пои ту.*



https://bikhon.tj/

*Дари дилро кушоям*
*Хонаатро аз ҷиҳози меҳр ороям.*
*Биё, ки субҳро*
*Дар бистари андеша*
*Истиқбол мегирем.*
*Ба қасди нобарориҳо,*
*Ба қасди хорузориҳо*
*Ба қасди дергоҳе интизориҳо*
*Намемирем,*
*Қасоси хешро аз зиндагӣ*
*Албатта мегирем.*

## ДОСТОН

*Баҳри худ инсони комилро агар меёфтам,*
*Соҳиби аслии ин дилро агар меёфтам.*
*Ҷуста-ҷуста ошёни бахтро дар қуллаҳо,*
*Ними раҳ як фарди оқилро агар меёфтам.*

*Ормони ман дар ин дунё ҳама бишкаста буд,*
*Ҳастии ман аз азоби чандсола раста буд.*
*Доги ҳиҷрон дур карда Шаҳрбози ишқи ман,*
*То ба манзилҳои дигар бори худро баста буд.*

*Мекушоям дафтари аъмоли худро гоҳ-гоҳ,*
*Нахли сабзи орзуро мешавам пушту паноҳ.*
*Аз дили афсонаҳои талху ширини ҳаёт,*
*Пешвозам ханда карда бахт меояд зи роҳ.*

*Оҳ, пайдо баҳри ман дигар ҷаҳоне мешавад,*
*Пур варақ бо хатти сурхи зиндагонӣ мешавад.*
*Кишвари дил тахти шоҳи меҳрубонӣ мешавад,*
*Қиссаи ӯ, ғуссаи ӯ достоне мешавад.*



https://bikhon.tj/

## БАРОИ ТУ

*Шаби хомӯш, дил пурҷӯш, аз барқи нигоҳи ман,*
*Аёнат нест оё ин, ки сар то пои ман роз аст.*
*Дили ман бо ҳазорон лутфу эҳсонҳои бепоён,*
*Бароят ҳамчу дастархони мардони сахӣ боз аст.*

*Биё, биншин дамеву гӯш кун оҳанги торашро,*
*Ки дар ҳар як садояш номи ту такрор мегардад.*
*Бароям рози пинҳони дилатро бесадо бикшо,*
*Ки аз гуфтори мо мурғи саҳар бедор мегардад.*

*Чӣ асроре дар ин хомӯшии шабҳои бехобӣ,*
*Ки ман дар хонаи танҳову тангам оламе дорам.*
*Барои ту, барои бахти ту ҳар лаҳза тайёрам,*
*Ғаму шодии дунёро ба дӯши хеш бардорам.*

## ОБУТОБ

*Лашкари ғам дар ниҳодам ошён бигзошта,*
*Хоҳадам дар соҳили умед навмедам кунад.*
*Ҳастиямро дар азобу изтироб андохта,*
*Дур аз дунёву аз гармии хуршедам кунад.*

*Субҳи шодиям вале бигрифта дар оғӯши худ,*
*Аз суруру шавқ то бар арши аъло мебарад.*
*Аз дилу аз дидаам мурғи хаёлу орзу,*
*Пардаҳои ноумедиро саросар медарад.*

*Дар миёни моҳу солу рӯзу шаб, бисёру кам,*
*Дар миёни обу оташ, офтобу моҳтоб.*
*Гоҳ хандида зи шодӣ, гоҳ гирён аз алам,*
*Дар канори зиндагӣ оҳиста ёбам обутоб.*



https://bikhon.tj/

## МАСТӢ

*Ту агар маст мешавӣ минбаъд*
*Маст шав шаб зи нури ахтарҳо.*
*Маст шав аз навозиши дилбар,*
*Маст шав аз нигоҳи духтарҳо.*

*Ту агар маст мешавӣ минбаъд,*
*Маст шав аз баҳори кӯҳистон.*
*Маст шав аз сафои хушбахтӣ,*
*Маст шав аз насиҳати пирон.*

*Ҳар саҳар нӯш аз сари чашма,*
*Оби покизаву зулолашро.*
*Дардманде агар дучор ояд,*
*Меҳрубон гашта пурс ҳолашро.*

*Бош ҳушёр вақти мастӣ ҳам,*
*Хешро то набинӣ бегона.*
*Ту агар маст мешавӣ минбаъд,*
*Маст шав бешаробу паймона.*



https://bikhon.tj/

## НАВРӮЗ

*Он рӯз, ки аз баҳори рӯям,*
*Садбарги умед чида будӣ.*
*Аз гунчаи нозуки лабонам,*
*Оё сухане шунида будӣ?*

*Аз шарм чу лола сурх гашта,*
*Бигрехтам аз нигоҳи нармат.*
*Гуфтӣ, ки: -Биё кунам навозиш,*
*Рухсораи чун алов гармат".*

*Наздик бирафта гӯш додам,*
*Оҳанги наҷиби ҷӯйборон.*
*Мегуфт ба ман: - Бирақс духтар,*
*Дар зери навои резаборон".*

*Як даста гул аз гули кӯҳистон,*
*Оварда ба ман бигуфтӣ он рӯз:*
*Бодо гули ман, туро муборак,*
*Ин рӯзи пур аз нишоти Наврӯз!*



https://bikhon.tj/

## МАРАВ АСЛО

*Ман имшаб бори дигар хуб фаҳмидам,*
*Ки танҳоӣ чӣ сон мушкил.*
*Валекин бо каси ноошно ҳамхона будан*
*Боз мушкилтар.*
*Аз ин рӯ дар миёни ин ҳама*
*Неку бади дунё,*
*Маро бигзошта танҳо,*
*Тавалло мекунам,*
*Аз ман марав асло.*
*Ки бе ту дар фазои толеи ман*
*Мегурубад субҳдам хуршед.*
*Зи дасту домани ман*
*Чун фаришта,*
*Болу пар бикшода охир,*
*Меравад истораи уммед.*
*Равӣ гар ҳамчу мурғи ваҳшии*
*Беболу пар монам.*
*Миёни ҷангали андӯҳ дар монам.*
*Ба пешам кӯҳи ғамро*
*Дида гардад хушк дармонам.*
*Ту яктои манӣ,*
*Ҳаргиз намехоҳам, ки бинам*
*Дар дилам ҷои туро холӣ.*
*Намонам то тамоми умр*
*Дар байни замину осмон танҳо.*
*Азизи ман,*
*Марав асло!*



https://bikhon.tj/

## НАВОЗИШ

*Ман имшаб то саҳар бехобу бехоб,*
*Дилам тангасту чашмам ҳавзаи об.*
*Касе гӯё, ки бо овози шево*
*Бигӯяд умр кӯтоҳ аст, кӯтоҳ.*
*Чаро биншастаӣ хомӯшу маҳзун,*
*Дил аз озурдагият мешавад хун.*
*Чӣ мешуд, ки лабат пурханда бошад,*
*Ки кас умре ба ҳуснат банда бошад?*
*-Намонад гар тамоми умр содиқ*
*Чӣ лозим баҳри ман дурӯза ошиқ?*
*Ба чанде дилбарӣ омӯхтам ман,*
*Вале рӯзе зи қаҳре сӯхтам ман.*
*Кунун дар гӯшае танҳо нишаста*
*Ба ёдаш менавозам ҷони хаста.*



https://bikhon.tj/

## АНДӮҲУ ДАРД

*Маҳтоби зарандуд ҳанӯз аз нигаҳи субҳ,*
*Бо замзамаю ҳамҳамаҳо дур нарафта.*
*Аз мулки само субҳдаме ҷумла кавокиб,*
*Чун духтари бесоҳиби мағрур нарафта.*
*Меоӣ ту аз дур.*

*Меоӣ, ки андар нигаҳи сарду хамӯшам,*
*Бо як нигоҳат гулхани уммед фурӯзӣ.*
*Ҳастии маро к-аз ватани меҳр бикӯчид,*
*Дар хирмани оташкадаи ишқ бисӯзӣ.*
*Меоӣ ту мағрур.*

*Меоӣ, ки аз вартаи танҳоӣ гирифта*
*Ҳамроҳ барӣ қалби маро боз ба найранг.*
*Ту ғофилӣ аз он, ки дигар баъди ҷудоӣ,*
*Мулки дили ман аз бари ту танг бувад, танг.*
*Меоӣ ту пуршӯр.*

*Меоӣ, ки аз сӯхтану сохтани зан*
*Гӯё, ки хабар дориву пайваста бисӯзӣ.*
*Бар чодари садпораи шавқу ҳаваси ман,*
*Дарбеҳи нав аз шоҳии хушранг бидӯзӣ.*
*Оӣ ба дили пур.*

*Чун дӯш бупиндорӣ, ки пайваста бихоҳам*
*Ҳамсӯҳбату ҳамбистару ҳамрози ту бошам.*
*Сад бор сари сабзи туро садқа шавам ман,*



https://bikhon.tj/

*Зери қадамат дастагули шавқ бипошам.*
*Аз атру гулу нур.*

*Афсӯс, ки ҳастии маро лаззати дидор*
*Донам, ки дар оташкадаи хеш насӯзад.*
*Дар қаъри дили ман, ки чу як марқади зебост*
*Меҳру ҳавасу ишқ чароғаш нафурӯзад.*
*Войи мани ранҷур.*

*Бо айби туву ман-маниҳои каму бешам,*
*Падруд бигуфто зи ҷаҳони ману ту ишқ.*
*Чандин сари сол аст, баҳор ояду аммо*
*Ҳамчун гули худрӯ накунад боз нумӯ ишқ.*
*Падруд шару шӯр,*
*Падруд ғаму ишқ.*

*Эй дил,*
*Чу намудаст дар оғӯши ту манзил*
*Андӯҳи наву дарди нави ҳаҷр муборак!*



https://bikhon.tj/

## МУБОРАКБОДИИ
**модари мушфиқ, зани меҳрубон**
## САДБАРГ НАЗАРОВНА

***Шумо ҷону шумо Ҷонона ҳастед,***
***Барои қалби мо як дона ҳастед.***
***Шумо Садбарги сурхи зиндагонӣ,***
***Зи гулзори умеду ормоне.***

***Шуморо баҳри мо дода Худованд,***
***Даре аз меҳр бикшода Худованд.***
***Шуморо сабз бошад нахли уммед,***
***Шавад пур хонатон аз хони хуршед.***

***Худо гулзори меҳри худ кушода,***
***Дили гарму нигоҳи нарм дода.***
***Сари болову мушкилнописандӣ,***
***Далели ин азизу арҷмандӣ.***

***Шумо Садбарг, садбарги дили мо,***
***Чароғи ҳусн андар маҳфили мо.***
***Ҳамеша зиндаву поянда бошед,***
***Чу хуршеди ҷаҳон тобанда бошед.***

***Шумо Садбарги мо, садбарги моед,***
***Ба ҳукми эзидӣ дур аз балоед.***



https://bikhon.tj/

*Мо субҳ ба сар дорем,*
*Аз меҳр Назар дорем.*
*Аз меҳру вафову ишқ,*
*Гулдаста ба бар дорем.*
*Садбарги Назар дорем,*
*Садбарги Назар дорем.*

*Дилро рабуда ҳар дам ақли расои Садбарг,*
*Хуш мерасад ба гӯшам форам садои Садбарг.*
*Бо меҳр чида-чида аз боғи зиндагонӣ,*
*Овардаам гули тар ман аз барои Садбарг.*



https://bikhon.tj/

## ҲОКИМ

*Илтиҷо мекунӣ ту пайваста,*
*Ки биё, соате ба ҳам бошем.*
*Баҳравар аз канори якдигар,*
*Бехабар лаҳзае зи ғам бошем.*

*Оҳ, гар духтаре будам, шояд,*
*Гарму сарди замона нодида.*
*Хори озорҳои пай дар пай,*
*Аз таи пои хеш ночида.*

*Дари ганҷинаи дили худро,*
*Мекушодам ба рӯи ту бо меҳр.*
*Ҳамчу ту чанд марди дигарро,*
*Менамудам ба меҳрубониям сеҳр.*

*Лек имрӯзҳо, ки хуншор аст,*
*Дилам аз бевафоии марде.*
*Ҳамраҳи хеш мебарам ҳар ҷо,*
*Ранги зарду дили пур аз дарде.*

*Бо чунин ҳол худ бигӯ охир*
*Ман куҷову ба ту ҳамоғӯшӣ.*
*Рав зи наздам, ки баъд аз ин ҳастам,*
*Ҳокими кишвари фаромӯшӣ.*



https://bikhon.tj/

## *МЕРАВАМ*

***Имшаб ба кӯят, эй азиз,***
***Бедарду армон меравам.***
***Аз гунчаҳои орзу,***
***Пур карда домон меравам.***

***То дар ниҳоди сарди ту,***
***Оташ фурӯзонам зи ишқ.***
***Бунёди бемеҳри туро,***
***Як лаҳза сӯзонам зи ишқ.***

***То ин ки як шаб то саҳар,***
***Бо шеър афсунат кунам.***
***Лайливаше бошам агар,***
***Дар ишқ Маҷнунат кунам.***

***Имшаб ба кӯят, эй азиз,***
***Бедарду армон меравам.***
***Аз гунчаҳои орзу,***
***Пур карда домон меравам.***



https://bikhon.tj/

## ДОМОДИ ШЕЪР

*Дар дили вайронаи ман ошён бигзоштан,*
*Ғайриимкон аст, баъд аз ин ту аз ман дур бош.*
*Карда тақ-тақ бемаҳал дарвозаи қуфли дилам,*
*Рав, намак рӯи ҷароҳатҳои сахти дил мапош.*

*Баъди он, ки солҳо озорҳо дидам зи ӯ,*
*Аз барору нобарорӣ боли парвозам шикаст.*
*Ғунчаи ишқи маро помол кардӣ, ҳай дарег,*
*Бори дигар ман набитвонам ба марде меҳр баст.*

*Бо хаёли рӯзҳои рафтаи умрам кунун,*
*Ошиқеро раҳнамоӣ мекунам то мулки шеър.*
*Дар дили шабҳои ҳузнангезу пурасрори дай,*
*Гоҳ-гоҳе мешавам ҳамсӯҳбати домоди шеър.*



https://bikhon.tj/

## БИҲИШТ

*Шеърҳои пурэҳтироси ман,*
*Зодаи шодию ғамам ҳастед.*
*Ҳамдами базмҳои нотакрор,*
*Шоҳиди чанд мотамам ҳастед.*

*Гоҳ гар оҳ мекашам, ногаҳ,*
*Гоҳ ман ноилоҷ механдам.*
*Гоҳ навмед мешавам гӯё,*
*Гоҳи дигар умед мебандам.*

*Зиндагӣ гоҳ баҳри ман зиндон,*
*Гоҳ ҳамчун биҳишти ҷовидон.*
*Гоҳ ободд мекунам дилро,*
*Гоҳ аз қаҳр мекунам вайрон.*



https://bikhon.tj/

## МАРО ОРОМ БИГЗОРЕД

**Ҳайфи авқоте, ки дар ҳарфи лаимон бигзарад,**
**З-ин ҳикоят бигзару қавли дигар оғоз кун.**

*Халқ*

***Ало, эй одамони нохалаф, бадтинату нодон,***
***Шумо бар дарди бадгӯӣ гирифторед.***
***Ба ҷои он, ки бо як ҳарфи ширин,***
***Бо нигоҳи беғашу бекин,***
***Каси афтодаро аз роҳ бардоред.***
***Шумо аз байни нохун чирк мекобед.***
***Ба кори нек,***
***Кори судманде***
***Умри худро сарф нокарда,***
***Ба ғайбат кардану***
***Хатҳои беимзо навиштан вақт меёбед.***
***Ва аз ин кори худ оё***
***Шумо дар назди виҷдон шарм медоред?***
***Намедонед,***
***Умри одамӣ аз ҳар чӣ кӯтоҳ аст.***
***Ва онро сарф бояд кард андар хизмати мардум.***
***Ба ҷои он, ки дарояндаи наздик,***
***Аламбардори номи поки аҷдодони худ бошед,***
***Ба дасти хештан***
***Бар рӯи худ***
***Ранги сиёҳиро чӣ мепошед?***
***Раведу аз қафои кори худ бошед.***
***Маро ором бигзоред!***
***Маро ором бигзоред!***



https://bikhon.tj/

## ФАРЁДИ ДИЛ

*Зи манзил то ба манзил мерасад хомӯш фарёде,*
*Ки эй фарзандҳои Одаму Ҳаво чӣ хомӯшед?*
*Чаро бар рағми беинсофию беэътиноиҳо,*
*Либос аз ростию дӯстӣ бар тан намепӯшед?*

*Ба ҷои он, ки як афтодаро аз роҳ бардоред,*
*Ба тири ногаҳонӣ боз ҳам маҷрӯҳ месозед.*
*Дили фарзандҳову дӯстону ақрабояшро,*
*Натарсида шумо лабрез аз андӯҳ месозед.*

*Наметарсед аз он, ки муддате нагзашта бешубҳа,*
*Ҷавоби кардаҳои хештанро боз мегиред.*
*Ҷазо аз баҳри бадкирдориҳои худ набигрифта,*
*Ба мисли мардуми равшанзамир осон намемиред.*

*На бо тиру на бо шамшери сайқалдидаи ақлаш,*
*Шуморо бо дуояш сангборон мекунад Инсон.*
*Чу қотил, душмани дил ё ки як фарзанди ноқобил,*
*Ба дасти хеш рӯзе беҷаҳолат мекушад Виҷдон.*



https://bikhon.tj/

## МАҲБАСИ ВИҶДОН

*Гулро агар аз хор ҷудо карда натонӣ,*
*Неку бади дунёи дили хеш надонӣ.*
*Раҳгумзадаеро ба раҳи рост намонӣ,*
*Ку з-одаму одамгарият ному нишоне?*

*Дар умқи нигоҳи ту чаро шӯру шарар нест?*
*Дар олами меҳри ту чаро абри гузар нест?*
*Гардид яқинам, ки ту чун санг хамӯшӣ,*
*Дар кунҷи дили ту зи вафо дурру гуҳар нест.*

*Ҳарчанд бигӯӣ марав, эй оташи сӯзон,*
*Аз рафтани худ мешавӣ албатта пушаймон.*
*Дар домани ман тифлаки ишқам шуда гирён,*
*Ман ханда ба лаб меравам аз маҳбаси виҷдон.*



https://bikhon.tj/

## ҒАВҒО МАКУН

*Эй дил, ту дар дунёи худ,*
*Ғавғои нав барпо макун.*
*Буду набуди зиндагӣ,*
*Ҳар хору хасро ҷо макун.*

*Дунё намеарзад ба ҷав,*
*Аз кори бад парҳез кун.*
*Бигрез аз қаҳру ғазаб,*
*Ояндаро гулрез кун.*

*Имрӯз бар ту қимат аст,*
*Андешаи фардо макун.*
*Асрори дилро бемалол,*
*Чун писта ҳар ҷо во макун.*

*Аз нобарорию барор,*
*Эй дил, дигар парво макун.*
*Курсинишинон гунгу кар,*
*Беҳуда ту ғавғо макун.*



https://bikhon.tj/

## ҒУРУР

*Ту хушбахтию ман бадбахт,*
*Ту сарсабзию ман сарсахт.*
*Ту дорӣ сарвати бисёр,*
*Ман аз озор бархурдор.*
*Зи таҳти дил чу механдӣ,*
*Най дар ҳабси ғам бандӣ.*
*Намедонӣ азоби дил,*
*Намехонӣ китоби дил.*
*Суруди беҳтарини дил,*
*Надорад дар дилат манзил.*
*Ту бисёрастию ман кам,*
*Ту чун заҳрию ман марҳам.*
*Ту метарсӣ зи ҳар дарде,*
*Битарсам ман зи бедардӣ.*
*Най мӯҳтоҷи ину он,*
*Бароят зиндагӣ осон.*
*Вале ман дорам андеша,*
*Ки мисли нахли береша.*
*Зи боди сард меларзӣ,*
*Зи чангу гард метарсӣ.*
*Ту дорӣ айшу ман сарсон,*
*Ту механдию ман гирён.*
*Вале ман аз ту дороям,*
*Ба ҳар бобат тавоноям.*
*Ки вақти хорию зорӣ,*
*Напурсидам зи ту ёрӣ.*



https://bikhon.tj/

## ХИЁНАТ

*Қасри дили ободи ман,*
*Он шаб, ки нообод буд.*
*Дунёи ноободи васл,*
*Аз шавқи ту обод буд.*

*Дар зери поям ҷои хор,*
*Гӯё, ки гул рӯида буд.*
*Атри нафасҳои туро,*
*Бегонае бӯида буд.*

*Аз меҳрубониҳои ман,*
*Мекофтӣ ному нишон.*
*Будӣ валекин рӯҳи ту,*
*Андар азоби ҷовидон.*

*Ёди мани шӯридаро,*
*Аз ёд агар хоҳӣ барӣ.*
*Дарҳол пайдо мешудам,*
*Бо дилбарӣ, афсунгарӣ.*

*Гӯё, ки мегуфтам ба ту,*
*Аҳду вафои ту куҷо?*
*Ёди зани покизаро,*
*Аз хотират бурдӣ чаро?*

*То он замон ишқи маро,*
*Бозича мепиндоштӣ.*

*Андар дилат монанди ман,*
*Оташ намебардоштӣ.*

*Он дам бифаҳмидӣ, ки зан,*
*Бар ҳар чӣ қодир будааст.*
*Бар ӯ хиёнат гар кунӣ,*
*Рӯҳат намеосудааст.*

*Ҳастии хоболуди ту,*
*Дар лаҳзае бедор шуд.*
*Бори нахустин чашми ту,*
*Дарёчаи пуроб шуд.*



https://bikhon.tj/

## ОШЁН

*Тобам агар бар чашми ту,*
*Чун зочаи шабзиндадор.*
*Аз шеърҳои ман маҷӯ,*
*Оромию сабру қарор.*

*Рав аз барам, гар баъд аз ин,*
*Бо ҷон баробар нестам.*
*Андар тарозуи хирад,*
*Болотар аз зар нестам.*

*Донам дар ин дунёи дун,*
*Нокас зи кас болонишин.*
*Гар бо раҳи худ меравӣ,*
*Бофанд сад бӯҳтону кин.*

*Эй дӯстам, инсоф кун,*
*Магзар зи дунё бенишон.*
*Андар дили хурду калон,*
*Аз меҳр бигзор ошён.*



https://bikhon.tj/

## ҲАМХОНАИ БЕГОНА

*Чӣ мегӯӣ ки беҳиссам, ба ҳукми пораи сангам,*
*Чӣ меҷӯӣ нишони хешро дар синаи тангам?*
*Чаро ой, шиновар нестӣ гар, соҳили дарё?*
*Чаро ман айбдорам, гар намедонӣ чӣ оҳангам?*

*Чу рӯди кӯҳсорон карда тай шебу фарозиҳо,*
*Барои хеш дар бероҳаҳо ман роҳ меҷӯям.*
*Ягон фарди бузургу босахоеро, ки пайваста,*
*Зи дарду шодии соҳибдилон огоҳ меҷӯям.*

*Чу бар во кардани қуфли дили ман нестӣ қодир,*
*Чаро ҳар гоҳу бегаҳ ҳадя месозӣ гули озор?*
*Ту, эй ҳамхонаи бегона аз рози ниҳони ман,*
*Пас аз ин илтиҷо дорам, маро бар ҳоли худ бигзор.*



https://bikhon.tj/

## РОҲИ ДИЛ

*Дар нигоҳи сарду бепарвои ман,*
*Ишқ ё уммедро ҷӯё машав.*
*Гоҳу бегаҳ дар сари роҳам дигар,*
*Бо хаёли дилбарӣ пайдо машав.*

*Бо ту ман дар шоҳроҳи зиндагӣ,*
*Ҳамсафар, ҳамроҳу ҳамтақдир не.*
*Покдомонӣ барои кас шараф,*
*Одамӣ ҳарчанд бетақсир не.*

*Ишқи марде ошён бигзошта,*
*Дар ниҳоди аз вафо саршори ман.*
*Зиндагониям пур аз афсона аст,*
*Қаҳрамонаш ёри нотакрори ман.*

*Меҳрубониҳош беҳадду ҳисоб,*
*Бевафоӣ нест дар бунёди ӯ.*
*Баҳри ман ҳар лаҳза ширин мешавад,*
*Талхиҳои зиндагӣ бо ёди ӯ.*

*Гарчӣ аз рӯзи азал омехта,*
*Ҳам вафо, ҳам меҳр бо обу гилам.*
*Бо ҳама ин роҳпоиҳои худ,*
*Раҳ намеёбӣ ба дунёи дилам.*

*Дар нигоҳи сарду бепарвои ман,*
*Ишқ ё уммедро ҷӯё машав.*
*Гоҳу бегаҳ дар сари роҳам дигар,*
*Бо хаёли ботиле пайдо машав.*



https://bikhon.tj/

## ШЕЪР

*Ғуруби офтобу шоми тира,*
*Зи нав дар манзилам манзил намуда.*
*Ҷаҳони ранг-ранги орзуҳо,*
*Дару дарвозаи худро кушода.*

*Чунин шабҳои орому пурасрор,*
*Ҳамехоҳам, ки бошӣ дар бари ман.*
*Сарамро сила карда бо навозиш,*
*Бигӯӣ: "Дилбарам, тоҷи сари ман".*

*Чӣ эъҷози баланди соҳили бахт,*
*Насибат гашт, аз наздик донӣ.*
*Кушода дафтари пинҳони дилро,*
*Ба осонӣ ту ҳарфоҳарф хонӣ.*

*Биёмезад нигоҳат бо нигоҳам,*
*Хаёлам, дар паноҳи он шаби тор.*
*Шавад тавлид тифли дӯстрӯе,*
*Ту гӯӣ, номи ӯро Шеър бигзор.*

*Рухаш бо қатраҳои поки шабнам,*
*Бишӯям дар шаби маҳтоб бо меҳр.*
*Ба баҳри орзуҳо ғарқ гашта,*
*Нишинам дар сари гаҳвораи шеър.*



https://bikhon.tj/

## ЭЙ НОХУДО

*Эй нохудои ишқи ман,*
*Киштӣ ба хушкиҳо марон.*
*Бо шӯхию бозӣ макун,*
*Беҳуда ашкамро равон.*

*Парҳез кун,*
*Парҳез кун,*
*Аз рӯҳи исёнкори ман.*
*Аз боди саргардони қаҳр,*
*Аз сӯхтан дар нори ман.*

*Аз баҳри ман дурии ту,*
*Худ як мукофоти бад аст.*
*Байни ҷаҳони ишқи мо,*
*Ҳарфи муросо сарҳад аст.*

*То кай бигардам пойлуч,*
*Дар байни оташпораҳо.*
*Хоҳам, ки аз завлонаҳо,*
*Ман хешро созам раҳо.*

*Эй нохудои ишқи ман,*
*Киштӣ ба хушкиҳо марон.*
*Бо шӯхию бозӣ макун,*
*Беҳуда ашкамро равон.*



https://bikhon.tj/

## ТИФЛАКИ ИШҚ

*Аз ниҳонхонаи ниҳоди ман,*
*Ноаёну аён чӣ меҷӯӣ?*
*Бо нигоҳи пур аз ғиреву дард,*
*"Ман пушаймон" - хамӯш мегӯӣ.*

*Ҷони ширин, ту нағз медонӣ,*
*Ки пушаймониҳо надорад суд.*
*Байни мо ҳар чӣ буд, дигар нест,*
*Тифлаки ишқи мо бишуд нобуд.*

*Ҳар кӣ созад ҷинояте содир,*
*Бояд, албатта, ӯ ҷазо бинад.*
*Бинишаста даруни маҳбаси тор,*
*Хори афсӯс дар бағал чинад.*

*Лек аз нобарорӣ гоҳе,*
*Мешавам ман ба таври худ дилтанг.*
*Аз чӣ бошад ҷазо намебинад,*
*Он касе, ки занад ба бахтат чанг.*

*З-они ту будаму надонистам,*
*Ки барои ту сӯхтам умре.*
*Пораҳои дили латифамро,*
*Бо нахи меҳр дӯхтам умре.*

*Манишин назди ман ту беҳуда,*
*Ки пушаймониҳо надорад суд.*
*Байни мо ҳар чӣ буд, дигар нест,*
*Тифлаки ишқи мо бишуд нобуд.*



https://bikhon.tj/

## ҲУКМФАРМОӢ

*Муддате чанд орзу дорам,*
*Ки зи қасри дилам бурун оӣ.*
*То насозам ба мисли пешина,*
*Умри худ сарф ман ба раҳпоӣ.*

*Гӯиё аз ҷудоӣ бепарво,*
*Сар фарозам ба қуллаҳо бебок.*
*Хешро бар ҷаҳон шиносонам,*
*Бо дилу нияту ниҳоди пок.*

*Гӯям, эй мардуми адолатхоҳ,*
*Дар дили ман сиёҳии ғам нест.*
*Бар дари хонае, ки по мондам,*
*Шодӣ ҳасту ғубори мотам нест.*

*Дари дил во кунед, гулдаста*
*Ман зи боғи баҳор меорам.*
*Меҳру сеҳру ҷавонии дунё,*
*Нағмаҳои ҳазор меорам.*

*Муддате чанд орзу дорам,*
*Ки зи қасри дилам бурун оӣ.*
*Баъд аз он, баъд аз он ҳамехоҳам,*
*Бар ҷаҳони ту ҳукмфармоӣ.*



https://bikhon.tj/

## *НАВБАҲОРИ УМР*

*Чӣ ҳақ дорӣ, ки бо қаҳру ситеза,*
*Фишорӣ ҳастиям чун донаи нор.*
*Гаҳе гӯӣ, ки аз ту меравам ман,*
*Гаҳе гӯӣ, ки баҳри ман ту даркор.*

*Набудӣ устувор ар бар гапи худ,*
*Диламро аз чӣ рӯ ту ром кардӣ.*
*Мани оромро дар зиндагонӣ,*
*Чаро беҳуда нооॗром кардӣ.*

*Дили зори ман акнун нола дорад,*
*Ба ёди ошиқиҳои гузашта.*
*Барои навбаҳори рафтаи умр,*
*Барои оташи хомӯшгашта…*



https://bikhon.tj/

## САРҲАДИ САБР

*Дарди ман аз дурии ту нест, нест,*
*Шодиям аз омаданҳоят набуд.*
*Сабру тоқатро бубояд сарҳаде,*
*Одамӣ бояд бидонад қадри худ.*

*Аҳди худ бишкастаму болои чаҳл,*
*Пора кардам риштаи уммедро.*
*Ман намехоҳам кунун ҳамроҳи ту,*
*Дидани рухсораи хуршедро.*

*Баҳри ман ҳамхонагиҳоят кам аст,*
*Ҳамдилӣ меҷустам аз ту, ҳамдилӣ.*
*Лек бин таззодро, дар баҳри ишқ,*
*Ман миёни мавҷу ту дар соҳилӣ.*

*Садқаи рӯят шавам, эй ишқи ман,*
*Меҳрубониҳои ман бодат ҳалол.*
*Бе ту, бо ёди ту сӯи қуллаҳо,*
*Мон, ки болу пар кушоям бемалол.*

*Дарди ман аз дурии ту нест, нест,*
*Шодиям аз омаданҳоят набуд.*
*Сабру тоқатро бубояд сарҳаде,*
*Одамӣ бояд бидонад қадри худ.*



https://bikhon.tj/

## ЗАХМИ ИШҚ

*Меравам гуфтию дар чашмони ман,*
*Ашк ҷорӣ гашт шаб беихтиёр.*
*Рафт гӯё аз барам бехайрухуш,*
*Корвони сабру тамкину қарор.*

*Рафт аз ман, ҳар чӣ бо худ доштам,*
*Ҷуғзи навмедӣ ба қалбам хона кард.*
*Сарвазири кишвари андешаҳо,*
*Ҳастиямро ҳукм бар вайрона кард.*

*Давлати ман, сарвати ман рафт, рафт,*
*Ҳамраҳаш танҳо хаёли хом монд.*
*Не чароге, не баҳоре, не гуле,*
*Захмҳо аз ишқи бадфарҷом монд.*



https://bikhon.tj/

## АЛАНГАИ ШАРМ

*Чаро дубора бингарӣ*
*Ба сӯи ман, ба мӯи ман?*
*Надидаӣ, ки мезанад,*
*Аланга шарми рӯи ман.*

*Ман аз гули нигоҳи ту,*
*Ғубори роҳ мекашам.*
*Гаҳе зи ханда бишкуфам,*
*Гаҳе як оҳ мекашам.*

*Чу зодаи ҳақиқатам,*
*Ман аз фиреб бенасиб.*
*Чӣ тарс дар ниҳоди ман,*
*Зи бадгумонии рақиб.*

*Агар зи ишқу ошиқӣ,*
*Ҷаҳони нав кушодаам.*
*Гул аз баҳори рӯи худ,*
*Ба нокасе надодаам.*

*Чаро ба шубҳа бингарӣ*
*Ту эй рафиқ сӯи ман?*
*Надидаӣ, ки мезанад*
*Аланга шарми рӯи ман.*



https://bikhon.tj/

## ШАҲСАВОР

*Аз гапу аз калочаи мардум,*
*Меҳаросӣ агар, чӣ меоӣ?*
*Укдаи розҳои пинҳонат,*
*Аз чӣ бар ман ба шавқ бикшоӣ?*

*Ҳеҷ кас ҳеҷ гаҳ намеёбад,*
*Дар ниҳодам асар зи нопокӣ.*
*З-ин сабаб аз маломати мардум,*
*Заррае нест дар дилам боке.*

*Аз раҳи пурхатар натарсида,*
*Ҳамчу рӯде ҳаме равонастам.*
*Розиям гар илова нокарда,*
*Шарҳ бидҳанд, ки чунонастам.*

*Нигаҳи пур зи эътирози ман,*
*Нест ҳаргиз ба зиндагӣ якранг.*
*Аз сияҳдил канора меҷӯям,*
*То насозад ҳазору як найранг.*

*Одамоне, ки аз хирад дуранд,*
*Сарфи ғайбат кунанд умри худ.*
*Охири корашон намедонанд,*
*Аз чӣ бошад зиёну аз чӣ суд.*

*Нест андар дили бузурги ман,*
*Заррае ҷо барои нопокӣ.*
*Меравам ҳамчу Сир ботамкин,*
*Шаҳсавори саманди бебоке.*



https://bikhon.tj/

## ОСУДА

*Маро дилгир бинмуда,*
*Ту бо афсонаҳои хеш.*
*Тасаллои дилам ҳаргиз,*
*Магӯ, ки зиндагӣ дар пеш.*

*Магӯ имрӯз ё фардо,*
*Дарамро бахт мекӯбад.*
*Хазони рӯи роҳамро,*
*Шамоли сахт мерӯбад.*

*Гузашта нимаи умрам,*
*Паи ночиз ё чизе.*
*Надида навбаҳори умр,*
*Расидам то ба гулрезӣ.*

*Биё, баҳри тасаллоям,*
*Макӯш инқадр беҳуда.*
*Агарчӣ даҳр пургавгост,*
*Бимон як лаҳза осуда.*



https://bikhon.tj/

## ПАЙҒОМИ ДӮСТ

*Як дақиқа фориғ аз ташвишҳо,*
*Гар тавонӣ ту, маро бар ёд ор.-*
*Як зани соҳибдилу соҳибҳунар,*
*Шишта умре дар сари раҳ интизор.*

*То ҳанӯз аз дурии дидори ту,*
*Махмали сабзи умедаш зард нест.*
*Бенасиб аз меҳрубониҳои ту,*
*Дар ниҳодаш лек ҳаргиз дард нест.*

*Ӯ барои хештан бо ёди ту,*
*Боғи зебои хаёлӣ сохтаст.*
*Мисли моме, ки парастад тифлро,*
*Дил ба ҳар як навниҳоле бохтаст.*

*Ғунчае, ки мешукуфад субҳдам,*
*Гӯиё гулгунчаи уммеди ӯст.*
*Боварӣ дорам, ки рӯзе бӯйи гул,*
*Бар ту меорад аз ӯ пайғоми дӯст.*



https://bikhon.tj/

## ДУНЁИ БЕКАРОН

***Дар як шаби сиёҳ,***
***Бе ҳеҷ иштибоҳ.***
***Аз як нигоҳи сард,***
***Аз оҳи пур зи дард.***
***Аз нобаробарӣ,***
***Аз нобародарӣ.***
***Аз нолаҳои дил,***
***Чун риштаи ҳамел.***
***Аз он, ки хору хас,***
***Дар рӯи обу бас.***
***Аз он, ки беҳунар,***
***Шод аст он қадар.***
***Дар як шаби сиёҳ,***
***Аз доғу дарду оҳ.***
***Мӯи сарам сафед,***
***Гардиду ӯ надид.***
***Гуфтам ба худ аҷаб,***
***Як кас ба тобу таб***
***Сӯзад. Вале дигар,***
***Аз даҳр бехабар.***
***Машғули айшу нӯш,***
***Аз дард пардапӯш.***
***Бар қасди нокасе,***
***Бевазнии хасе.***
***Чун рӯд мо равон,***
***Дунёст бекарон.***



https://bikhon.tj/

## БОБИ САРНАВИШТ

*Ёрон, агар бихонед,*
*Бобе зи сарнавиштам.*
*Огаҳ шавед охир,*
*Аз покии сириштам.*

*Умре накардаам ман,*
*Бар дӯстӣ хиёнат.*
*Бар дӯши ман гарон аст,*
*Бори ғами муҳаббат.*

*Бар остонаи дӯст,*
*Ман гарди роҳ мондам.*
*Раҳтӯшаи садоқат,*
*Тоби нигоҳ мондам.*

*Бар остони фардо,*
*Истода боирода.*
*Бар халқу кишвари худ,*
*Меҳрам зи ҳад зиёда.*

*Ман бахтномаамро,*
*Бо дасти худ навиштам.*
*Хоҳед агар бихонед,*
*Бобе зи сарнавиштам.*



https://bikhon.tj/

## МЕҲМОН

*Носеҳо, хомӯш бошу баъд аз ин,*
*Бо насиҳатҳот дилгирам макун.*
*Чандрӯза меҳмонам дар ҷаҳон,*
*Инқадар охир зи ҷон серам макун.*

*Устоди аввалину охирин,*
*Зиндагии пурмуаммои ман аст.*
*Ҳар қадар, ки мекушоям роҳи худ,*
*Аз ҳаё занҷир дар пои ман аст.*

*Ҳар куҷое рафтам ар, беихтиёр,*
*Ашк зери ханда пинҳон кардаам.*
*Дар баҳори бехазони умри худ,*
*Ёд аз фасли зимистон кардаам.*

*Бар сари сахтам гаҳе аз ҷоҳилӣ,*
*Дӯстон санги маломат мезананд.*
*Гоҳи дигар душманони ҷони ман,*
*Лоҷарам лофи муҳаббат мезананд.*

*Сафҳаҳои зиндагии хешро,*
*Пора-пора то парешон кардаам.*
*Ҳам ба шеъру ҳам ба ақлу ҳам ба панд,*
*Мушкили чандин кас осон кардаам.*

*Носеҳо, хомӯш бошу баъд аз ин,*
*Аз насиҳатҳот дилгирам макун.*
*Чандрӯза меҳмонам дар ҷаҳон,*
*Инқадар охир зи ҷон серам макун.*

## БАС АСТ

*Не-не бас аст дигар*
*Дур аз ту зистанҳо.*
*Пинҳон зи душману дӯст,*
*Танҳо гиристанҳо.*

*Аз зарбаҳои тақдир,*
*Сад доғ дар дили ман.*
*Бе гармии нигоҳат,*
*Сард аст манзили ман.*

*Ҳар субҳу шом хоҳам,*
*Паҳлӯи ман ту бошӣ.*
*Сар то ба поям аз меҳр,*
*Дурдонаҳо бипошӣ.*

*Дар пастиҳо наҷӯям,*
*Не ному не нишоне.*
*Сарват намепарастам,*
*Ман зори меҳрубонӣ.*

*Ҳамчун уқоб хоҳам,*
*Бебок сарфарозӣ.*
*Бе ту наметавон буд,*
*Аз зиндагонӣ розӣ.*

*Ман то ба кай нишинам*
*Зору низору танҳо?*
*Не-не, бас аст дигар,*
*Дур аз ту зистанҳо.*



https://bikhon.tj/

## ИНСОФ

*Эй дӯст, эй душман, каме*
*Оинаи дил соф кун.*
*Моро ба чашми кам мабин,*
*Инсоф кун, инсоф кун.*

*Ҳарчанд андар зиндагӣ,*
*Бедарду бегам нестем.*
*Дар одаму одамгарӣ,*
*Аз ҳеҷ кас кам нестем.*

*Ғам нест дар дил заррае,*
*Гарчӣ баҳори мо гузашт.*
*Аз соҳили дарёи дил,*
*Лайлу наҳори мо гузашт.*

*Бо ин ҳама навмедиҳо,*
*Уммеди фардо мекунем.*
*Ганҷинаи дилро гаҳе,*
*Бар ҳамдиле во мекунем.*

*Бо ин ҳама нодориҳо,*
*Мардони дороем мо.*
*Аз чанд донохо чу ту,*
*Сад шукр донoем мо.*

*Эй дӯст, эй душман, каме*
*Оинаи дил соф кун.*
*Моро ба чашми кам мабин,*
*Инсоф кун, инсоф кун.*



https://bikhon.tj/

## ОҲАНИ САРД

*Агар бошад дили ту оҳани сард,*
*Ман оташпораи ҷаззобу сӯзон.*
*Зи ман гоҳе харобиҳои дунё,*
*Кунам кошонае гоҳе фурӯзон.*

*Надорам қудрате бар макру ҳила,*
*Ҳақиқатгӯ, ҳақиқатҷӯй фардам.*
*Агарчанде, ки зан гӯянд манро,*
*Дар оини вафо якрӯй мардам.*

*Агарчанде маро озор доданд,*
*Ба озори касе ҳаргиз накӯшам.*
*Ман он тифлам, ба чашми ашкборам,*
*Ниқобе аз ҳарири ханда пӯшам.*

*Зи ман дурӣ маҷӯ дар зиндагонӣ,*
*Гаҳе бо ту ситезам, гаҳ навозам.*
*Дили ту оҳани сард аст, эй мард,*
*Варо бояд, ки дар оташ гудозам.*

## ИНТИЗОРӢ

*Чаро ман ашк мерезам?*
*Чаро ҳар шаб зи хоби нози худ*
*Тарсида мехезам?*
*Ва аз теғи нигоҳи нохалаф*
*Пайваста бигрезам?*
*Чаро ғайр аз ту дар дунё*
*Дигар марде намехоҳам?*
*Ба сӯи дард дорам майл*
*Бедардӣ намехоҳам.*
*Ҳама шаб бо хаёли ранг-рангат,*
*Мекунам таъмир*
*Дару деворҳои қалби бишкаста*
*Барои он, ки аз ту дураму аммо*
*Тамоми ҳастиям бо туст пайваста.*
*Аз ин рӯ, мебиёӣ*
*Ё намеоӣ,*
*Нишинам интизори ту*
*Ман аз гулғунчаҳои шеъри худ*
*Гулдастаҳо баста.*



https://bikhon.tj/

## ҚИМАТИ УМР

*Тифли умед дар бар*
*Шавқу нишот бар сар.*
*Аз атри субҳ карда*
*Ҳастии худ муаттар.*

*Нокарда қуфли дил во*
*Бигрехтам зи гавго.*
*Гуфто ба лаҳни шево*
*Оҳанги шӯхи дарё:*

*Дурӣ биҷӯй аз дард*
*Аз нокасони дилсард.*
*Дунёи бесаранҷом*
*Дорад ҳазор номард.*

*Дар даст хома дорӣ,*
*Чандин чакома дорӣ.*
*Аз ҳодисоти имрӯз*
*Нанвишта нома дорӣ.*

*Биншину бо худ омез,*
*Аз носипосӣ бигрез.*
*Дар сафҳа шеъри тарро,*
*Чун абри даргузар рез.*

*Аз карда то пушаймон*
*Дар нимараҳ намонӣ.*
*Бояд, ки қимати умр,*
*Аз ҳар кӣ хуб донӣ…*



https://bikhon.tj/

## ДАЪВО

*Намехоҳам, ки рӯзе дар канори баҳри андеша,*
*Зи ҳар буду набуди зиндагонӣ бехабар мирам.*
*Ва ё сатре намонда аз барои насли оянда,*
*Ба монанди чаноре шоха ронда бесамар мирам.*

*Намехоҳам, ки дар дунёи нотакрори эҳсосам,*
*Баногаҳ раҳ кушода ҳукмрониҳо кунад Шайтон.*
*Ба фарқи сар ниҳода шохи тиллоии шоҳона,*
*Кунад васвос баҳри забти ору номусу виҷдон.*

*Намехоҳам, ки рӯҳи рафтагони ман шавад ношод,*
*Зи заҳри ҳарфи беҷое, зи ифшои муаммое.*
*На бо симу зари бисёру на бо ҳусни нотакрор,*
*Кунам бо илму дониш дар ҷаҳон даъвои доро̄ӣ.*



https://bikhon.tj/

## ДОРУЛФУНУН

*Зи мадду ҷазри дунёи ҷавонӣ бехуду беёд,*
*Шабе дар осмони бахти ман маҳтоб механдид.*
*Ба роҳат аз матои меҳр пойандоз густурда,*
*Барои ту хаёлам гул зи боғи Мевагул мечид.*

*Ба нури хеш равшан карда роҳи зиндагониро,*
*Даруни хонаам месӯхт хира шамъи бобоӣ.*
*Ба айшу нӯши айёми ҷавонӣ будам овора,*
*Куҷо донистаме он дам азоби талхи раҳпоӣ.*

*Надонистам, ки ҳамчун рӯди кӯҳӣ меравад дартоз,*
*Ҷавонӣ - давлати нопойдори умри инсон аст.*
*Якеро гар муяссар мешавад ифшои боби даҳр,*
*Басо касҳо, ки аз нокардаҳои худ пушаймон аст.*

*Тавaққуф карда андар нимароҳе дарк бинмудам,*
*Чу ман шогирди беустод андар зиндагӣ бисёр.*
*Пас аз итмоми ин дорулфунуни фазлу андеша,*
*Яке бо дасти холӣ меравад фардо, дигар пурбор.*



https://bikhon.tj/

## НАВРӮЗ

*Наврӯзи дилафрӯз шунидем, ки имрӯз,*
*Ҳарчанд дили мардуми мо бар ту кашол аст.*
*Бо шодию бо тантана чун соли гузашта,*
*Бар кишвари мо омаданат амри маҳол аст.*

*Донистаӣ, имрӯз даруни дили мардум,*
*Зоги сияҳи мотаму гам лона ниҳода.*
*Гӯӣ, ки бародаркушиву рехтани хун,*
*Бошад бари тоҷик як афсонаи содда.*

*Ҳарчанд, ки бефитратӣ аз ҳад бигузашта,*
*Бемеҳриву бераҳмии як идда фузун аст.*
*На-на, ту хато мекунӣ, ай духтари зебо,*
*Ин ҷо на ҳама марди Худо ташнаи хун аст.*

*Наврӯзи дилафрӯз ба сар тоҷи арӯсӣ,*
*Бошад, ки биёиву гами дил бизудоӣ.*
*Шояд, ки даме бо ту нишинему биёбем,*
*Аз маҳбаси навмедии торик раҳоӣ.*

*Боз о, қадамат нек шавад, модари тоҷик,*
*Ашки гаму андӯҳ бари рӯй нарезад.*
*Ҳамчун гули бобунаву қоқуву сияҳгӯш,*
*Аз шаршараи рӯди дилаш ханда бихезад.*

*Наврӯзи дилафрӯз умедам ҳама бар туст,*
*Меоӣ, ки дар ҳастии мо кина намонад.*
*Тоҷик раҳо карда замираш зи гаму дард,*
*Дар боги дилаш нахли пур аз меҳр шинонад.*



https://bikhon.tj/

## ОТАШПОРА

*Оташниҳоди ман чаро*
*Инқадр сардӣ мекунӣ?*
*Дар осмони дарди ман*
*Кайҳоннавардӣ мекунӣ.*

*Дар базми наврӯзӣ чаро,*
*Ту нестӣ ҳамроҳи ман?*
*Нодидаву нашнидаӣ,*
*Марҷони ашку оҳи ман?*

*Бо торҳои қалби ман,*
*Чун тифл бозӣ мекунӣ.*
*Инқадр бепарвоӣ гар,*
*Кай дилнавозӣ мекунӣ.*

*Андар ниҳоди гарми худ*
*Аз меҳр дорам ошён.*
*Хомӯшии лабҳои ман,*
*Доранд садҳо достон.*

*Гаҳ соддаву гоҳи дигар,*
*Афсунгару маккора ман.*
*Санги сари роҳи ту не,*
*Як зарра оташпора ман.*



https://bikhon.tj/

## СОЯИ САБР

*Дар сояи нахли сабр,*
*То кай бинишинам ман?*
*Аз боги тараб бо шавқ,*
*Гулдаста начинам ман?*

*Маҳтоби нигоҳи шаб,*
*Анвори гуҳар резад.*
*Дар базми дилу дида*
*Шӯри дигар ангезад.*

*Боди саҳарӣ к-омад,*
*Аз тарфи кӯҳистон аст.*
*Аз дарди ҷудоиҳо,*
*Сад санг ба домон аст.*

*Хуршед ба он гармӣ,*
*Хомӯш кунад фарёд.*
*Гармии дили мардум,*
*Аз чист шуда барбод.*

*Хокистари навмедӣ*
*Азбаски макон дорад.*
*Аз дидаи ҳар инсон*
*Борони газаб борад.*

*Ку меҳр? Чаро имрӯз*
*Мо ҳайкали хомӯшем?*
*Баҳри мадади инсон*
*Пайваста намекӯшем?*



https://bikhon.tj/

## МЕШАВАМ ДИЛГИР

*Чун ҳадиси ишқи ту*
*Бар касе намехонам.*
*Ин қадар ғаму шодӣ*
*Аз куҷо? Намедонам.*

*Гоҳ бинӣ сар то по*
*Оташам, ҷаҳон сӯзам.*
*Гоҳ базми ҷамшедӣ,*
*Ман ба шеър афрӯзам.*

*Нисфи роҳи умри худ*
*Тай накардаам ҳоло.*
*Мешавам чу мавҷи об,*
*Гоҳ пасту гаҳ боло.*

*Дар дилам ҳанӯз аз ишқ,*
*Гулхани фузун дорам.*
*Сӯхтам гаҳе хомӯш*
*Гоҳ нола шуд корам.*

*Ҳар куҷо, ки мерафтам*
*Ман тарона мебурдам.*
*Қиссаҳои ишқи ту*
*Бебаҳона мебурдам.*

*Ошиқӣ ҳамегӯянд*
*Тӯҳфаест аз тақдир.*
*Тезтар биё, к-имшаб,*
*Бе ту мешавам дилгир.*



https://bikhon.tj/

## МЕҲРУБОНӢ

*Аз ишқу аз ранҷу азоб,*
*Аз шавқу шӯру изтироб.*
*Аз меҳрубониву сурур,*
*Аз кинаву кибру ғурур.*
*Аз сӯхтан, омӯхтан,*
*Фарёдҳои бесухан.*
*Аз сабзаҳои дилрабо,*
*Аз чашмаки истораҳо.*
*Аз нолаи мурғи саҳар,*
*Аз ҳар дарахти гул ба сар.*
*Аз гиряи тифлони даҳр*
*Аз шӯришу тугёни баҳр.*
*Аз ҳар куҷо, аз ҳар куҷо,*
*Бо шавқ меҷӯям туро.*
*То ҳамчу тифли дӯстрӯ*
*Бо ашки шодӣ шустушӯ.*
*Бинмуда бо дастони хеш,*
*Бо меҳр созам парвариш.*
*Пас аз вафодории худ,*
*Хонам ба гӯши ту суруд.*
*То ин, ки аз чашмони бад,*
*Ҳифзат намоям то абад.*

## ҚАДР

*Чаро андар замират меҳрубонӣ гавҳари ноёб,*
*Вале номеҳрубонӣ, қаҳру бераҳмӣ фаровон аст.*
*Барои он касе, ки дӯст медорад туро аз ҷон,*
*Бигӯ ранҷида гуфтан "меравам" инқадр осон аст.*

*Ту аз ман меравию тифли бетақсири уммедам,*
*Надонам то куҷоҳо аз паси ту мешавад сарсон.*
*Чӣ медонӣ, ки бе ту олами буду набуди ман,*
*Ба гирдоби фано афтода гардад бо замин яксон.*

*Ту аз ман меравӣ, андар биёбони хаёли ман,*
*Гули пажмурдаи дарду ғаму озор мерӯяд.*
*Марав аз ман, ки бе ту хонаи ишқам шавад вайрон,*
*Нигоҳи илтиҷоомези ман хомӯш мегӯяд.*

*Чӣ тадбире, ки мо фарзандҳои Одаму Ҳавво,*
*Гаҳе пири хирадманду гаҳе чун тифли нодонем.*
*Гаҳе бар нокасе ҷону дили худро фидо карда,*
*Шигифто, гоҳ қадри ёри ҷониро намедонем.*

## БОРИ ХИЁНАТ

*Дигар акнун даруни ин хона,*
*Шӯру исёни ман намегунҷад.*
*Розу аҷзу ниёзмандиям,*
*Дар дили ҳар сухан намегунҷад.*

*Маънии ҳар саҳифаи дилро,*
*Ман ба ту бо нигоҳ мегӯям.*
*Аз хамӯшии тираи шабҳо,*
*Дар ду чашмат паноҳ меҷӯям.*

*Онқадар куштаам ба дасти хеш,*
*Дарди танҳоиҳову хоҳишҳо.*
*Тани худро надодаам оро,*
*Бо зару зевари навозишҳо.*

*Нагз донам, ки дар канори хеш,*
*Камбагал нестӣ, ту зан дорӣ.*
*Меҳрубону ҳалиму гамхор аст,*
*Баҳри ман гоҳ мужда меорӣ.*

*Ҳар кӣ бошад (барои ман торик),*
*Ҳамчу ман дар ту ҷо намегирад.*
*Умри худ сарфи роҳпоиҳо,*
*Беаҷал борҳо намемирад.*

*Қуввату қудратам расад умре,*
*Бори раҳпоиҳо бубардорам.*
*Лек бори хиёнати худро,*
*Ту ба зӯрӣ макун дигар борам.*



https://bikhon.tj/

## ҒАМИ ПИНҲОН

*Ғамамро қуфл карда дар даруни сандуқи тилло,*
*Барои ту ман аз боғи тараб гулдаста овардам.*
*Агарчӣ пир гардад одамӣ оҳиста-оҳиста,*
*Ҷавониро ба тори сатрҳоям баста овардам.*

*Ки то бар қасди ҳар буду набуди даҳри пургавғо,*
*Ту андар шеърҳои ҷовидони ман ҷавон монӣ.*
*Ба лутфу меҳрубонию шарафмандию пирӯзӣ,*
*Миёни синаи оташниҳодон ҷовидон монӣ.*

*Агарчанде, ки роҳи зиндагӣ печу хаме дорад,*
*Агарчанде барои хеш ҳар дил оламе дорад.*
*Ғамамро қуфл кардам дар даруни сандуқи тилло,*
*Магӯ Норинисои мо чу дигарҳо ғаме дорад.*

## ИНКОР

*Оҳ, боисрор мекӯбад касе,*
*Ин саҳар дарвозаи қуфли дилам.*
*Бехабар аз он, ки ман аз баҳри ӯ,*
*Сарзамини мурдаву беҳосилам.*

*Дар замини қалби ман садбарги ишқ,*
*Нағз медонам, намерӯяд дигар.*
*Атри гесӯи маро бо иштиёқ,*
*Ҳеҷ кас чун ту намебӯяд дигар.*

*Зиндагӣ маҷмӯаи такрорҳост,*
*Ин ҳақиқат баҳри ман бегона аст.*
*Мурғи ваҳшии умеди ман ҳанӯз,*
*Дар канори даштҳо белона аст.*

*Роҳи ноҳамвор - роҳи зиндагӣ,*
*Пешпо нохӯрда гаштан ҳам ҳунар.*
*Эй, ки мекӯбӣ дари қуфли дилам,*
*Рав, маё дигар ба умеди гуҳар.*



https://bikhon.tj/

## САРЗАНИШ

*Чаро дар осмони мулки эҳсоси баланди худ,*
*Кушода болу пар, озод ман парвоз мехоҳам?*
*Гарон будаст охир бори дил танҳо кашиданҳо,*
*Барои хеш умре қудрати шаҳбоз мехоҳам.*

*Чу мо дар асри бистум, асри суръат зиндагӣ дорем,*
*Ба сомон бурд бояд корҳои нотамоми худ.*
*Гиреҳи риштаҳои зиндагӣ во кардан осон нест,*
*Намегардад насиби ҳар кӣ будан дар мақоми худ.*

*Ба ин дилтангиву гамгиниву норозигиҳоят,*
*Масӯзон инқадар беҳуда магзи устухонамро.*
*Ба ёрӣ, дастгирии касе ман нестам мӯҳтоҷ,*
*Ба дӯши хеш доим мебарам бори гаронамро.*

## ДАРИЧАИ БАХТ

*Ҳар шаб аз хоб дидаи худро,*
*Мекунам боз бо ҳазор уммед.*
*Ногаҳон во шавад даричаи бахт,*
*Ту дароӣ чу зарраи хуршед.*

*Лек ҳайҳот, рӯи бистари ман,*
*Ғайри марҷони ашк чизе нест.*
*Бе ту чун моҳии зи дарё дур,*
*Ман надонам, ки чун тавонам зист.*

*Кӯчаҳои васеи мулки хаёл,*
*Бе ту беофтобу беранг аст.*
*Ғайри ту гар нигаҳ кунад сӯям,*
*Дилу ҷону тани ман аз санг аст.*

*Санг бар санг бархӯрад ҳар гоҳ,*
*Байни онҳо шарора мехезад.*
*Лек аз санг бар нигоҳи гарм,*
*Қатрае об ҳам намерезад.*

*Моҳтобу ситораҳои саҳар,*
*Сӯи ман бо ҳавас нигаҳ доранд.*
*То ҳанӯзам ба роҳ менигарам,*
*Шояд аз омадат хабар оранд.*



https://bikhon.tj/

## ДАРАХТИ БОРВАР

*Навбаҳор омад, ба саҳроҳои нопайдоканор,*
*Мешинонӣ ту ниҳоли ноку ангуру анор.*
*Ҳар кадомеро нигаҳбонӣ намуда дам ба дам,*
*Меваҳошонро шавӣ бо беқарорӣ интизор.*

*Он ниҳолакҳои бо уммед биншонидаат,*
*Сабз мегарданд ё на, худ намедонӣ ҳанӯз.*
*Реша мегиранд ин ҷо, ё ки мемонанд хушк,*
*Дар сари ин масъала андеша меронӣ ҳанӯз.*

*Лек ту оё хабар дорӣ, ки дар бунёди ман,*
*Навбаҳоре навниҳоли ишқи ту рӯида буд.*
*Ҳамчу тифле ёфта бо шири меҳрам обутоб,*
*Рангу бӯи хеш аз садбарги тар дуздида буд.*

*Бар нигоҳи гарму рӯи нарму бошармам нигар,*
*Нахли ишқи поки ту имрӯз дар нашъунамост.*
*Худ, ки медонӣ азоби парвариши ҳар ниҳол,*
*Як дарахти борварро решакан кардан хатост.*



https://bikhon.tj/

## САРГАРДОН

*Нестам гул, ки аз сари нав боз,*
*Сабз гардам баҳори оянда.*
*Бо ду-серӯза умри худ гӯям,*
*Ман ба ҳусну ҷамол поянда.*

*Нестам офтоби оламтоб,*
*Ки зи нурам ҷаҳон шавад равшан.*
*Ба баду нек бетараф буда,*
*Ҳама ҷо паҳн мекунам доман.*

*Нестам баҳр ё ки уқёнус,*
*Ки шавад ҷой дар дилам ҳар чиз.*
*Соҳиби моҳии тилло бошам,*
*Нанамоям зи мор ҳам парҳез.*

*Бандаи он касони хушбахтам,*
*Ки бидонанд ҳаққи нони кас.*
*Ҷугзро ҷуфт гуфта бо булбул,*
*Нагузоранд дар даруни қафас.*

*Ба баду нек бетараф будан,*
*Кори мо нест эй ҷавонмардон.*
*"Маслиҳат" дода бар мани "нодон",*
*Хешро мекунед саргардон.*



https://bikhon.tj/

## НОУМЕДӢ

*Аз бовариҳоям дигар,*
*Ному нишоне ҳам намонд.*
*Аз навбаҳори ишқи ман,*
*Фасли хазоне ҳам намонд.*

*Сарсону саргардониям,*
*Сӯзу гудози ман гузашт.*
*Дар ишқу дар меҳру вафо,*
*Аҷзу ниёзи ман гузашт.*

*Дар бистари танҳои худ*
*Ором мехобам кунун.*
*Дар ҳар куҷо, дар ҳар куҷо,*
*Ӯро намекобам кунун.*

*Андар фазои зиндагӣ,*
*Ман мурғи беболу парам.*
*Ку қудрати афсонавӣ*
*Бар қасди ӯ боло парам?*

*Ӯ шишаи қалби маро*
*Бо санги озораш шикаст.*
*Ҳайронам аз он, ки чаро*
*Бар гулъузоре меҳр баст?*

*Бе боварию бе умед*
*Ман чун тавонам зистан.*



https://bikhon.tj/

*Бо бори андӯҳи гарон,*
*Хандидану нагристан.*

*Андар вуҷудам нест, нест,*
*Парвои марди дигаре.*
*Ҳайрони кори оламам,*
*Бо ин ҳама афсунгарӣ.*

*Гар бар касе дил медиҳӣ,*
*Ӯ хору зорат мекунад.*
*Бар аспи навмедию ҳаҷр,*
*Охир саворат мекунад.*

*Аз бовариҳоям дигар,*
*Ному нишоне ҳам намонд.*
*Аз навбаҳори ишқи ман,*
*Фасли хазоне ҳам намонд.*



https://bikhon.tj/

## ЁДИ ТУ

*Дилбарию дилнавозиҳои ман,*
*Нағз фаҳмидам кунун беҳуда аст.*
*Дар миёни дӯстони бешумор,*
*Хотират ҷамъу дилат осуда аст.*

*Ман ба уммедам, ки шоме ё ки субҳ,*
*Аз таи дарвоза ово мекунӣ.*
*Лек ту аз ҳабси танҳоӣ раҳо,*
*Бо ғаму дардат муросо мекунӣ.*

*Дӯстат медораму аммо чӣ суд,*
*Хешро аз ман ҳамегирӣ канор.*
*Ту дар он ҷо сӯҳбатат ширину нарм,*
*Ман дар ин ҷо омадатро интизор.*

*Рав, ба ҳар ҷое, ки мехоҳад дилат,*
*Нахли уммеди ту бошад дар нумӯ.*
*Гоҳ-гоҳе гар ба ёд орӣ бас аст,*
*Зиндагӣ дорад зане бо ёди ту.*



https://bikhon.tj/

## ПУРСИШ

*Фазои хотирам берангу беранг,*
*Занад бар гесӯям боди сабо чанг.*
*Чӣ мепурсӣ, ки зери чашмҳоям,*
*Чаро пайдо зи ҳоло чанд ожанг.*

*Куҷо дидӣ, ки умри одамизод,*
*Ҳамеша бигзарад бо хотири шод.*
*Бубинӣ хонаи фарзанди инсон,*
*Гаҳе обод гардад, гоҳ барбод.*

*Ба дӯшам гар ғами дунё намебуд,*
*Ғами имрӯзу ҳам фардо намебуд.*
*Чунин барвақт зери чашмҳоям,*
*Сафи ожангҳо пайдо намебуд.*

*Чаро ту нуктагирӣ мекунӣ боз,*
*Ки гӯё ман надорам боли парвоз.*
*Гапи ноошноҳо садқаи сар,*
*Маро донӣ ту аз анҷому оғоз.*

*Фазои хотирам берангу беранг,*
*Занад бар ҳастиям боди сабо чанг.*
*Чӣ мепурсӣ, ки зери чашмҳоям,*
*Чаро пайдо зи ҳоло чанд ожанг.*



https://bikhon.tj/

## ТӮҲФАИ ТАҚДИР

*Баъд аз ин ҳеҷ гаҳ намехоҳам,*
*Ки кушоям ба ту дари дилро.*
*То раҳо созам аз ғаму андӯҳ,*
*Тифлаки нозпарвари дилро.*

*Зиндагӣ гар чунин гарон бошад,*
*Баъд аз ин зуд мешавам дилгир.*
*Мебарам ноилоҷ бар ҳар ҷо,*
*Ҳузнро ҳамчу тӯҳфаи тақдир.*



https://bikhon.tj/

## ШОДӢ

*Эй дардҳо, эй ранҷҳо,*
*То кай шумо ҳамхонаед?*
*Баски тасаллӣ ёфтам,*
*Аз баҳри ман бегонаед.*

*Танҳо маро бигзошта,*
*Акнун равед аз ин диёр.*
*Маскан гузинад ҷоятон,*
*Шодии беҳадду канор.*

*Монед доим баъд аз ин,*
*Хандида гардам чун баҳор.*
*Ҳаргиз нарезам ҳамчу абр,*
*Беҳуда ашки шашқатор.*

## МАХМАЛИ СУБҲ

*Махмали нигоҳи субҳ,*
*Бар дилам асар дорад.*
*Аз ҷаҳони рӯъёям,*
*Гӯиё хабар дорад.*

*Меравад ба роҳи хеш,*
*Корвони умри ман.*
*Мекунад чароғи ақл,*
*Роҳи зиндагӣ равшан.*

*Аз фарозу шеби даҳр,*
*Ҳар қадар гузар дорам.*
*Онқадар зи қанду фанд,*
*Кӯлбори зар дорам.*

*Заҳмати ҷаҳонеро,*
*Мекашам барои шеър.*
*То барам ба ёронам,*
*Ҳар саҳифаро бо меҳр.*

*Бурд чун маро гирдоб,*
*Ногаҳон чу аз соҳил.*
*Рӯди ман намехушкад,*
*Норасида бар манзил.*



https://bikhon.tj/

*Ҳар куҷо назар дӯзам,*
*Ҷӯши зиндагӣ бинам.*
*Лолаҳои наврӯзӣ,*
*Аз замини дил чинам.*

*Махмали нигоҳи субҳ,*
*Бар дилам асар дорад.*
*Аз ҷаҳони рӯъёям,*
*Гӯиё хабар дорад.*



https://bikhon.tj/

## МӮҲТОҶИ ДИДОР

*Ту ғунчаи хандида,*
*Ман барги хазондида.*
*Аз баҳри чӣ овардӣ,*
*Имрӯз ту гул чида?*

*Беҳуда мағӯ дигар,*
*Ман тӯҳфаи тақдирам.*
*Аз дасти ту ман дигар,*
*Гулдаста намегирам.*

*Байни ману ту дарё,*
*Мо зодаи ду соҳил.*
*Бар хеш ҳамегирйем,*
*Чун мазраи беҳосил.*

*Мо "душман"-и якдигар,*
*Гаҳ хору гаҳе зорем.*
*Қаҳрӣ шудаему боз,*
*Мӯҳтоҷ ба дидорем.*



https://bikhon.tj/

## ГИРЯИ ДИЛ

*Дилам беашк мегиряд,*
*Тамоми пайкарам аз рашк мегиряд.*
*Вале ночор механдам.*
*Ба мисли духтари дӯшизаи*
*Аз дарду доғи ҳаҷр бепарво*
*Туро бинам агар бисёр механдам*
*Ки то гӯӣ, аҷаб, бе ман*
*Гули рӯяш нагардидаст пажмурда.*
*Нигоҳаш аз ҷавонӣ достон дорад*
*Табассум дар лабонаш ҷовидонӣ ошён дорад.*
*Чӣ бемеҳр аст, ин духтар*
*Ки номамро ба зудӣ*
*Аз китоби хотироташ пок бистурдаст.*
*Калиди қалби худ*
*Бар дигаре бо шавқ биспурдаст.*
*Чунон бедард механдад.*
*Ки гӯё ӯ ба осонӣ*
*Ба марде метавонад боз дил бандад.*
*Чунин таҳқирҳо бар ман*
*Намояд саҳлу осонтар.*
*Бидуни он, ки донӣ*
*То ҳанӯзам дар вафову аҳди худ*
*Собитқадам бошам.*
*Қарини дарду ғам бошам.*



https://bikhon.tj/

## ГУЛИ ДИДОР

*Имшаб андар самои уммедам,*
*Ҷилваи моҳро намебинам.*
*Гули худрӯи хандаҳоятро,*
*Бари домони дил намечинам.*

*Мурғи шаб гӯӣ мекунад нола,*
*Аз ғаму ғуссаҳои танҳоӣ.*
*Боз ман мондаму дар ин хона,*
*Дарду ранҷу умеду раҳпоӣ.*

*Ҳамчу дар баччагӣ ҳамехоҳам,*
*Бо ту рустакшавак кунам бозӣ.*
*Ту маро ёфта, зи пушти дар,*
*Бинамоӣ зи зиндагӣ розӣ.*

*Шод дар олами ҷавонӣ боз,*
*Ҳарду дастобадаст раҳ пӯем.*
*Бо нигаҳ, бо табассуме ширин,*
*Рози дилро ба якдигар гӯем.*

*Имшаб андар самои уммедам,*
*Хандаи моҳро намебинам.*
*Аз чӣ рӯ гул зи боғи дидорат,*
*Бари домони дил намечинам?*



https://bikhon.tj/

## ДИЛБАРДОР

*Биё, эй марди соҳибдил,*
*Даро бар хонаи тангам.*
*Бароят шеър мехонам,*
*Ки донӣ ту, чӣ оҳангам.*

*Зи дунёи ҷавониям,*
*Гулу гулдаста меорам.*
*Дили зебои худро ман,*
*Ба ту нашкаста меорам.*

*Ки то худ бинию донӣ,*
*Ки ҳастам бо ту ҳампарвоз.*
*Намудам зиндагониро,*
*Фақат бо номи ту оғоз.*

*Ба ғайр аз қалби пуроташ,*
*Ба ғайр аз рӯҳу ҷисми пок.*
*Надорам тӯҳфаи дигар,*
*Ба ту, эй марди боидрок.*

*Ба ман симу зари бисёр,*
*Бувад як чизи нодаркор.*
*Фақат хоҳам, ки субҳу шом,*
*Маро бошӣ ту дилбардор.*



https://bikhon.tj/

## ИШҚИ НИҲОНӢ

*Харидорони ҳусни ман маҷӯед,*
*Дигар аз ман ҳалимӣ, меҳрубонӣ.*
*Дилам аз ишқи оне дард дорад,*
*Ки бо ман ишқ мебозад ниҳонӣ.*

*Ҷавониям чу тифли ширхора,*
*Фақат бо ёди ӯ бе ӯ гузашта.*
*Умеду орзуҳои наҷибам,*
*Зи паҳлӯям чу оби ҷӯ гузашта.*

*Заифу логару ранҷур гашта,*
*Танам аз интизориҳои бисёр.*
*Ба ҷои гул ба рӯям ханда дорад,*
*Саҳаргоҳон гули худрӯи озор.*

*Варо ман бо ҳама ҷурму гуноҳаш,*
*Зи ҷону дил ҳанӯзам дӯст дорам.*
*Чӣ дар хобу чӣ дар бедории худ,*
*Ба некӣ номи ӯро ёд орам.*

*Намедонам, ки ӯ аз дурии ман,*
*Дили пурдард дорад, ё надорад.*
*Аҷаб не, ҳамчу хобе ё хаёле,*
*Гаҳу бегаҳ маро бар ёд орад.*

*Харидорони ҳусни ман маҷӯед,*
*Дигар аз ман ҳалимӣ, меҳрубонӣ.*
*Дилам аз ишқи оне дард дорад,*
*Ки бо ман ишқ мебозад ниҳонӣ.*



https://bikhon.tj/

## БОРИ МАЛОМАТ

*Эй ки мегӯӣ ту шаҳболи манӣ дар зиндагӣ,*
*Зистан бо ту дар ин дунё наметонам дигар.*
*Бар варақҳои дили аз ишқ моломоли ман,*
*Баъд аз ин бо чашми сар неву ба чашми дил нигар.*

*Ҳар кучое меравам, ҳамроҳи худ бо ёди ту,*
*Қаҳру раҳму нафрату меҳру садоқат мебарам.*
*Шукр мегӯям агар бошӣ ту дар паҳлӯи ман,*
*Гар набошӣ пораи санги қаноат мебарам.*

*Дар ҳақи ман, дар ҳақи як зан, ки зори меҳри туст,*
*Инқадар бераҳмиҳои зиндагӣ бисёр шуд.*
*Водарего, ишқи ман ҳамчун ятими дар ба дар,*
*Монда зери бори вазнини маломат хор шуд.*



https://bikhon.tj/

## ЗАНҶИРИ ОЗОР

*Имшаб аз дарду ғами дунёи ман бигрехта,*
*Бар куҷо эй ишқи ман, хоҳӣ гузорӣ ошён?*
*Дар фарози барфпӯши қулла ё дар қаъри баҳр,*
*Дар замини нозанин, ё дар фазои осмон.*

*Рафтиву ҳаргиз нафаҳмидӣ, ки баъд аз рафтанат,*
*Бори танҳоӣ барои ман гаронӣ мекунад.*
*Ҳамчу шоҳи золиму бадқаҳру бадкирдори даҳр,*
*Ноумедӣ дар ниҳодам ҳукмронӣ мекунад.*

*Аз куҷо ёбам кунун он рӯзҳои бегамӣ,*
*Лаҳзаҳои ширину марғубу нотакрорро.*
*Оҳ, мехоҳам биёиву ба дасти хештан,*
*Барканӣ занҷираи мустаҳками озорро.*



https://bikhon.tj/

## ЛОНАИ ВАЙРОН

*Барги зарди дарахтҳо беист,*
*Ҳар гаҳе, ки ба рӯи раҳ резанд.*
*Ҳар куҷо бодҳои саргардон,*
*Ҳамчу бабре ба шӯр бархезанд.*

*Ваҳ чӣ хуш, ваҳ чӣ хуш, ки боз омад*
*Тирамоҳи тиллоӣ, мегӯӣ.*
*Баргҳо зери пой меноланд,*
*Аз ғиреви ҷудоӣ мегӯӣ.*

*Ман надонам, чӣ гуна бояд гуфт,*
*Шарҳи ҳоли ҷудоӣ аз ёрон.*
*Дар чунин лаҳзаҳо ба ёд ояд,*
*Гиряи абр - қатраи борон.*

*Дар чунин лаҳзаҳои ҳузнангез,*
*Ман туро боз оварам бар ёд.*
*Бо пушаймониву парешонӣ,*
*Сӯи худ мекунӣ маро фарёд.*

*Лонаи лоии умеди мо,*
*Оҳ, аз як хато бишуд вайрон.*
*Мурғаки ишқи мо, ки мебинӣ,*
*Дар дами марги хеш саргардон.*



https://bikhon.tj/

## НАСИБ

*Баъди дар нори ҷудоӣ сӯхтан, ёди туро,*
*Хостам аз хонаи дил муддате берун кунам.*
*Ҳамчу Лайло аз ғами дурӣ накарда оҳу воҳ,*
*Дар табу тоби ҷудоиҳо туро Маҷнун кунам.*

*Хостам аз рӯи ту бо хандаи тифлонаам,*
*Ман насозам пок осори ғаму андӯҳро.*
*Рафта берун аз ҷаҳони ишқи ту бори нахуст,*
*Кам намоям заррае бори дили маҷрӯҳро.*

*Лек бе ту дар ниҳодам оташи ғам даргирифт,*
*Ҳастии ман бе нигоҳи гарми ту мотам гирифт.*
*Лашкари танҳоӣ соҳиб гашт бар кошонаам,*
*Чашмам аз борони навмедӣ саропо нам гирифт.*

*Бе ту ҷунбонида шаб гаҳвораи тақдирро,*
*То саҳар бо ёди ту ман алла гуфтам шеърро.*
*Шоирию модарӣ баски насибам додаанд,*
*Ман натонистам буридан риштаҳои меҳрро.*



https://bikhon.tj/

## ЧӢ БОК?

*Ту гӯӣ ҳамраҳат эй дӯст,*
*Баҳори бехазон дорам.*
*Зи мавҷи хандаҳои ту,*
*Ҷаҳони ҷовидон дорам.*

*Машав навмед агар бинӣ,*
*Парешонхотиру маҳзун.*
*Набитвонам равам як дам,*
*Зи дунёи дилам берун.*

*Ба ғайр аз ақлу истеъдод,*
*Ки соҳибдавлате дорад.*
*Ба бозори касоди даҳр,*
*Ҳама чӣ қимате дорад.*

*Ба ҳар чӣ бетараф будан,*
*Агарчанде бувад душвор.*
*Гаҳе аз ҷаҳл механдам,*
*Гаҳе ғамро кунам инкор.*

*Ҳаёти одамӣ ҳарранг-*
*Гаҳе фанд аст, гоҳе қанд.*
*Чӣ бок имрӯз агар дилгир,*
*Пагоҳӣ мешавам хурсанд.*



https://bikhon.tj/

## НАБИНӢ

*На-на, ту дигар баъд аз ин*
*Бояд набинӣ ашки ман.*
*Бегона бошад кошкӣ,*
*Андӯҳу дарду рашки ман.*

*Ҳарчанд нав-нав қиссаҳо,*
*Ман аз вафо мебофтам.*
*Шаб хандаи хуршедро,*
*Аз рӯи ту меёфтам.*

*Дар олами ман ғайри ту,*
*Огозу анҷоме набуд.*
*Аммо дарег, он лаҳзаҳо,*
*Рафтанд чун буду набуд.*

*Ҳоло куҷо бошӣ, куҷо,*
*Эй "булбули ширинсухан".*
*Аз чист қодир нестӣ*
*Гармӣ бубахшоӣ ба ман.*

*Аз чист, нори ишқи ту*
*Барвақт хокистар шуда?*
*Рухсораи зебои ман*
*Аз дурии ту тар шуда.*

*На-на, ту дигар баъд аз ин*
*Бояд набинӣ ашки ман.*
*Бегона бошад кошкӣ,*
*Андӯҳу дарду рашки ман.*



https://bikhon.tj/

## ПОСИ ХОТИР

**Ба Саиднисо Абдуллоеваи Хуҷандӣ, ки 7 марти соли 1928 барои фаранҷипартоиаш аз тарафи шавҳараш ваҳшиёна кушта шудааст**

*Парастуҳо ба сӯи мулки мо парвозҳо карда*
*Зи омад-омади фасли баҳорон мужда овརданд.*
*Арӯси кӯҳсорони диёри ман гулу лола,*
*Ба ҳусни зиндагонӣ боз ҳусни тоза зам карданд.*

*Ту аммо нестӣ дар байни мо имрӯз, эй хоҳар,*
*Ба хуну хоки худ то ҳол ҳам огушта мебинам.*
*Зи дасти шавҳари ҷаллоду беинсофу хунхорат,*
*Барои аз фаранҷӣ ор кардан кушта мебинам.*

*Зани соҳибҷамоле дар даруни тобути чӯбин,*
*Чунин аксе ба девори музеи шаҳр овезон.*
*Ба монанди ҳазорон модарону хоҳарони худ,*
*Барои бахти мо ҷони ҷавонӣ кардаӣ қурбон.*

*Намебинам туро дар гирди дастархони идона,*
*Валекин ҳар куҷо, ҳар доимо бар ёд меорам.*
*Нахустин лолаҳои кӯҳсорони диёрамро,*
*Ба рӯи қабри ту чун хоҳарат бо меҳр бигзорам.*

*Ба ҳаққи ҳурмати ту, ҳурмати занҳои пири деҳ,*
*Ки ҳар як рӯзи онҳо як китоби қаҳрамонӣ буд.*
*Ба ҳаққи ҳурмати авлоди нотарсу далери худ,*
*Ки марги ҳар кадоме аз барои зиндагонӣ буд.*

*Барои насли имрӯзу барои насли оянда,*
*Барои мардуми меҳнатқарину соҳибэҳсонам.*
*Зи боби кордониҳои бемисли зани тоҷик,*
*Ман акнун то тавонам достони тоза мехонам.*



https://bikhon.tj/

## ТУ ЯКТОӢ

*Барои ман ту яктоӣ,*
*Барои ман ту дунёӣ.*
*Ба ҳусну ақлу бо одобу бо одамгариҳоят*
*Бароям аз ҳама кас*
*Як сару гардан ту болоӣ.*
*Вале афсӯс.*
*Сад афсӯс.*
*Туро дар шоҳроҳи зиндагӣ*
*Танҳо намебинам.*
*Зи боғи пурбаҳори меҳри ту*
*Гулҳо намечинам.*
*Муносиб, номуносиб*
*Ин ба ман торик,*
*Дар роҳи ҳаётат*
*Ҳамсафар дорӣ.*
*Ки ӯ бо меҳрубониву ҳалимӣ*
*Мезудояд аз ниҳодат ранҷу озоре.*
*Зи дурии ту месӯзад.*
*Ва ҳар дам дида бар роҳи ту медӯзад.*
*Агарчанде барои ман ту яктоӣ,*
*Агарчанде барои ман ту дунёӣ.*
*Варо ту меҳрубонӣ кун*
*Сарашро соябонӣ кун.*
*Ки аз хушбахтии ӯ*
*Мешавам хушбахт.*



https://bikhon.tj/

## АКСИ БОРОН

*Ҳаво имрӯз борон аст,*
*Дилам пуршӯру тугён аст.*
*Нигоҳам ташнаи дидор,*
*Ниҳодам аз гули озорҳо пурбор.*
*Куҷо он ёри дилбардор?*
*Куҷо он марди беозор?*
*Ки бо алфози ширинаш,*
*Ҳикоятҳои рангинаш,*
*Тасаллобахши ман бошад.*
*Ба рӯи ман,*
*Ба рӯи ман,*
*Зи гулзори вафо гулбаргҳо пошад.*
*Наҷӯяд ҷой дар ҳар ҷо.*
*Фақат андар дили хурду бузурги ман*
*Биҷӯяд баҳри худ маъво.*
*Ҳаво имрӯз борон аст,*
*Дарахти рӯи ҳавлӣ*
*Тирамаҳ бебаргу урён аст.*
*Зи дуриҳои ёрам*
*Хотири ҷамъам парешон аст.*
*Нигар бар чашмҳои ман,*
*Бубинӣ акси борон*
*Баръало он ҷо намоён аст.*



https://bikhon.tj/

## ГУЛИ УММЕД

*Он яке гӯяд, ки зан аз баҳри мо мӯъҷиза аст,*
*Дигаре гӯяд, ки ӯ офат ба ҷони мо шуда…*

*Ҳар чӣ гӯӣ дар ҳақи ман, ман намеранҷам зи ту,*
*Ҳар гуноҳу ҳар савоби ман зи ту сар мезанад.*
*Ҳар нафас қуи хаёлам бо хаёли рӯи ту,*
*Дар фазои бегубори орзу пар мезанад.*

*Ҳар чӣ дорам, ё надорам, нест бокам дар ҷаҳон,*
*Одаму одамгарӣ бар ман зи ҳар чӣ қимат аст.*
*Ганҷи Қорун, тахти Искандар намехоҳам зи даҳр,*
*Дӯстию дӯстдорӣ худ бароям сарват аст.*

*Ҳамчу соҳибхонаи хуштолеи бурҷи дилам,*
*Сохтӣ имшаб аҷаб қасре зи ишқу ормон.*
*Розиям аз зиндагии хештан сад бор, агар,*
*Ишқи мо ҳамчун гули уммед монад ҷовидон.*



https://bikhon.tj/

## ХОМӮШӢ

*Пас аз аз дӯстони ҷониям озор диданҳо,*
*Пас аз бар ҷои гул*
*Аз боғи пурфайзи ҷавонӣ*
*Хор чиданҳо.*
*Пас аз бар ҳар касе, ки меҳрубон будам,*
*Нишон аз меҳрубонӣ заррае ҳаргиз надиданҳо.*
*Пас аз то қуллаҳои орзуҳо норасида,*
*Дар нишебиҳо хамиданҳо.*
*Пас аз бовар намуда,*
*Сирри худро фош карда,*
*Ранҷи бисёре кашиданҳо.*
*Гаҳе аз хашм хандида,*
*Гаҳе чун шир аз гармӣ*
*Зи зарфи пайкари худ*
*Бесабаб ё босабаб берун дамиданҳо.*
*Шудам имрӯз донотар.*
*Хамӯширо зи ҳар боигарӣ*
*Донистам авлотар.*



https://bikhon.tj/

## ҒАМИ БЕҲУДА

*Маро як зарраи хуршед гӯянд,*
*Нигоҳаш пур-пури уммед гӯянд.*
*Ба шодӣ бигзаронад умри худро,*
*Ҳама рӯзаш мисоли ид гӯянд.*

*Надорад меҳнати тоқатшикан ӯ,*
*Ба сар дорад хаёли шеър гӯянд.*
*Бидида зиндагии ранг-рангам,*
*Гаҳе бомеҳру гаҳ бемеҳр гӯянд.*

*Гаҳе гӯянд шеъраш нест пуршӯр,*
*Гаҳе бо шеър ӯ ҷовид гӯянд.*
*Хитобан гоҳ-гоҳе бар мунаққид,*
*Макун шеъри варо танқид гӯянд.*

*Кушода уқдаҳо бо меҳрубонӣ*
*Замини қалбро кашшоф гӯянд.*
*Даруни синааш дорад шарора*
*Зи меҳру қаҳру аз инсоф гӯянд.*

*Ҳар он чизе, ки мегӯянд, гӯянд,*
*Надорам заррае парвои олам.*
*Дар ин дунё барои чизу ночиз,*
*Чаро беҳуда охир мехӯрам ғам?*



https://bikhon.tj/

## ЁД КУН

*Ман намегӯям, ки дар як ҷои хушбоду ҳаво,*
*Қасри шоҳӣ аз бароям, ҷони ман, бунёд кун.*
*Ё ба вақти бар замин бо вазни худ афтоданам,*
*Ҳар куҷо бошӣ биёву ёриву имдод кун.*

*На! Ба мисли лола дар кӯҳи баланди зиндагӣ,*
*Саркашу мағрур рӯидам зи ёронам ҷудо.*
*Боди нарми субҳгоҳӣ, резаборони баҳор,*
*Рӯҳ бахшиданд бар ман, то кунам нашъунамо.*

*Хоки поки Тоҷикистон тӯтиёи чашми ман,*
*Санги сарди кӯҳсораш бистару болини ман.*
*Сабзаи чун махмалаш рамзи ҷавониву умед,*
*Бин, чӣ соҳибдавлатам, ай ошиқи худбини ман.*

*Ман намегӯям, ки дар як ҷои хушбоду ҳаво,*
*Қасри шоҳӣ аз бароям, ҷони ман, бунёд кун.*
*Илтиҷо дорам зане, ки дӯст медорад туро,*
*Гоҳ-гоҳ аз дур бошад ҳам ба некӣ ёд кун.*



https://bikhon.tj/

## ЗИНДАГӢ

*Намедонам чаро инқадр барвақт,*
*Замона санг бар домонам андохт.*
*Чу моҳӣ гоҳ агар бинҳод дар об*
*Гаҳи дигар дар оташхона бигдохт.*

*Гаҳе чун мум нармам карду гоҳе*
*Чу санги кӯҳсорон сахту маҳкам.*
*Гаҳе захмӣ шудам дар ҳифзи виҷдон,*
*Ниҳодам гаҳ дар он аз сабр марҳам.*

*Замоне риштаҳои ноумедӣ,*
*Ба дасту бозуи худ баста будам.*
*Либоси мотамӣ пӯшида бар тан*
*Ба зери чатри ғам биншаста будам.*

*Баногаҳ боди нарми субҳгоҳӣ*
*Вазиду чатри ғам бирбуд бо худ.*
*Бидидам шӯълаҳои гарми уммед*
*Ки меомад зи роҳи дуд-олуд.*

*Миёни ин ҳама хубу бади даҳр*
*Нишоне ҷуста андар бенишонӣ.*
*Ба қасди душмани мо-марги бераҳм*
*Бубояд кард акнун зиндагонӣ.*



https://bikhon.tj/

## ОЛАМИ ХАЁЛ

*Эй олами хаёлам,*
*Эй бахти безаволам.*
*Эй субҳи файзборам*
*Хуршеди рӯзгорам.*
*Аз туст шодию гам*
*Аз туст тӯю мотам.*
*Як ҷой бо ту обод*
*Сад ҷой бе ту барбод.*
*Ҳар ҷо, ки бе ту будам*
*Ё шеъраке сурудам.*
*Бо туст ҳар ками ман*
*Ҳам дидаи нами ман.*
*Бо туст давлати ман,*
*Бо туст сарвати ман…*
*Эй олами хаёлам*
*Ман бо ту безаволам.*



https://bikhon.tj/

## ОШЁН

*Тобам агар бар чашми ту*
*Чун зочаи шабзиндадор.*
*Аз шеърҳои ман маҷӯ*
*Оромию сабру қарор.*

*Рав аз барам гар баъд аз ин*
*Бо ҷон баробар нестам.*
*Андар тарозуи хирад*
*Болотар аз зар нестам.*

*Донам дар ин дунёи дун*
*Нокас зи кас болонишин.*
*Гар бо раҳи худ меравӣ*
*Бофанд сад бӯҳтону кин.*

*Эй дӯстам, инсоф кун*
*Магзар зи дунё бенишон.*
*Андар дили хурду калон,*
*Аз меҳр бигзор ошён.*



https://bikhon.tj/

## МУРҒИ ПАРШИКАСТА

*Халлоқи рӯи олам*
*Танҳоиям бидида.*
*Аз кори худ пушаймон,*
*Мерезад оби дида.*

*Ё дар замирам аз сабр*
*Месохт мулки дигар.*
*Ё бахтро намекард*
*Тақсим нобаробар.*

*Бинӣ кунун якеро*
*Аз бахт бениёз аст.*
*Дигар вале ҳамеша*
*Бо худ дар эътироз аст.*

*Ҳарчанд кори дунё*
*Ҳаргиз набуд якранг.*
*Гаҳ оштиву гоҳе*
*Бо хеш мекунам ҷанг.*

*То кай бинолам аз ҳаҷр*
*Дар рӯи раҳ нишаста.*
*Бе ту дили бузургам*
*Чун мурғи паршикаста.*



https://bikhon.tj/

## ИСТИҚБОЛИ СУБҲ

*Онқадар гуфтам равам аз олами андешаҳо,*
*То раҳоӣ ёбам аз фикру хаёли хоми худ.*
*Ҳар касе пурсад, нагӯям мӯ ба мӯ беихтиёр*
*Қиссаву афсонаҳои ишқи беанҷоми худ.*

*Кӯҳҳо аз бурдбориҳо сабақ омӯхта*
*Сабру тоқатро ба ман хомӯш талқин мекунанд.*
*Ҳамчу пирони батадбиру шарафманду бузург*
*Нақл гӯё аз ҳаёти талху ширин мекунанд.*

*Бо ҳама афтодаву хуншор гаштан то ҳанӯз*
*Мехӯрам дар гирдбоди зиндагонӣ печутоб.*
*Чист маънои ҳаёти ҷовидони одамӣ*
*Бар суоли духтари ҳамсоя меҷӯям ҷавоб.*

*Нарм-нармак тифли парпечи хаёлам-шеъри ман*
*Чун кунад дар худ таҷассум нури беамсоли субҳ.*
*Шаб пас аз бедорхобӣ байни когазпораҳо*
*Шоду хандон мешитобам ман ба истиқболи субҳ.*



https://bikhon.tj/

## ХУШБАХТ

*Бо умеде, ки бихонӣ қиссаҳои ишқи пок*
*Дафтари умри маро ту сафҳагардонӣ макун.*
*Бесабаб бар сӯи кафтарбаччаи уммеди ман*
*Ту зи дур истода ҳоло сангпарронӣ макун.*

*Ҳеҷ чизу ҳеҷ кас дар ин ҷаҳон монанд не,*
*Ҳар киро дар зиндагӣ тақдиру роҳи дигаре.*
*Бар яке гар бахт бошад молу ҷоҳу обрӯ*
*Дигаре бинад варо дар одаму одамгарӣ.*

*Ҳар нафас, ҳар лаҳзаи умри азизи ман агар*
*Сарф мегардад барои хизмати халқу Ватан.*
*Ҳар куҷо болида мегӯям ба овози баланд:*
*-Ваҳ дар оғӯши диёрам аз ҳама хушбахт ман.*



https://bikhon.tj/

## ЛАВҲИ ЁДГОРӢ
### Барои дӯсти аз дунёрафта

*Надонистам чунин барвақт*
*аз дунёи равшан чашм мепӯшӣ*
*Зи шаҳди зиндагонӣ ҷуръае дигар наменӯшӣ.*
*Қабои лоларанги ишқу уммеду ҷавониро*
*Дигар бар пайкари хурду латифи худ намепӯшӣ.*

*Ба монанди ту марди оқилу соҳибдилу фозил*
*Чӣ бадбахтӣ, ки моми чархи нилифом кам зода.*
*Ҳанӯз аз ибтидои зиндагонӣ метавон гуфтан*
*Басо ганҷинаҳои илму истеъдод накшода.*

*Ҳама дам чун падар, чун муттако,*
*устоди беҳамто*
*Ба шогирдони худ омӯхтӣ дарси вафодорӣ.*
*Ватандорию сабру тоқат, андар донишандӯзӣ,*
*Ҳазар кардан зи бефаҳмию бераҳмию бекорӣ.*



https://bikhon.tj/

*Ба ёдам ҳаст устодам, ки дар як ҷашни фирӯзӣ*
*Бароям хоки поки тоҷикон хоки Ватан гуфтӣ.*
*Занону духтаронаш хоҳари дилсӯзу ҷониям*
*Ва ҳар як шермарди он бародарҳои ман гуфтӣ.*

*Наояд боварам, эй марди нуронию соҳибдил,*
*Ки бо хоки сияҳ имрӯз ту дорӣ ҳамоғӯшӣ.*
*Агарчӣ ёди некӯят чу лавҳи ёдгорӣ монд*
*Надонистам, ки аз дунёи равшан чашм мепӯшӣ.*

*Ба сад андӯҳ наздикони ту ҳоло асо бар даст*
*Барои рафтани ту менамоянд ашкрезонӣ.*
*Аминам, дар дили шогирдҳоюю дӯстони худ*
*Чу боғи илму ирфону маонӣ зинда мемонӣ…*



https://bikhon.tj/

## НОЛА

*Се ҳазору шашсаду панҷоҳ рӯзи умри ман,*
*Дар талошу дар тараддудҳои тӯлонӣ гузашт.*
*Ханда буду ашк буду ноумедию умед,*
*Интизори омади як марди деҳқоне гузашт.*

*Се ҳазору шашсаду панҷоҳ рӯзи зиндагӣ,*
*Бо муҳаббат дона мепошид бар қалби замин.*
*Бехабар з-он ки зи бепарвоияш гум мекунад,*
*Дилбари дилсӯзу рӯзи мотаму шодӣ қарин.*

*Се ҳазору шашсаду панҷоҳ рӯзи навбаҳор,*
*Ӯ набуду ёди ширинаш ниҳон медоштам.*
*Бо ҳавас, бо меҳр, бо уммеди фатҳи мулки бахт,*
*Донаҳои меҳри ӯ дар дил фаровон коштам.*

*Се ҳазору шашсаду панҷоҳ рӯзи тирамоҳ,*
*Деҳқонам ҳосили бисёр рӯёнд аз замин.*
*Лек дар дил чун зи бепарвоияш ҳосил нашуд,*
*То қиёмат нола дорад аз худу чархи барин.*



https://bikhon.tj/

## ДИЁРИ ДАРД

***Бехабар аз он, ки рӯзе нимараҳ бигзошта,***
***Косаи сабри маро охир намоӣ пур зи мег.***
***Бо калиди меҳр то қулфи дилатро во кунам,***
***Ҳашт соли умри худро сарф кардам бедарег.***

***Навбаҳорон дар замини сабзу ҳосилхези дил,***
***Водарего, гунчаҳои ҳашт гул нашкуфта монд.***
***Ҷои садбарги умеду мурғакони орзу,***
***Хори озору алам андар ниҳодам лона монд.***

***Ҳашт соли умри ман чун ҳашт фарзанди ятим,***
***То ҳанӯзам дар дами дар интизор истодаанд.***
***То ҳанӯзам чашмдори илтифоту меҳри ту,***
***Гӯӣ ҳарфе дар нигоҳи зиндагонӣ ашкбор истодаанд.***

***Ҳашт соли рафтаи ман бозпас мегашт агар,***
***Ёди ту мекардамо, ё на, намедонам ҳанӯз.***
***Лек медонам, ки худро бештар бишнохта,***
***Кам-камак месӯхтам ҳамчун чароғи хирасӯз.***

***Чун Зулайхо бори ғам бар дӯши худ бардошта,***
***Юсуфи худ дар дили афсонаҳо мекофтам.***
***Чида-чида аз диёри дарди худ гулдастае,***
***То дили бедарди ту, албатта, раҳ меёфтам.***



https://bikhon.tj/

## ЭЙ ШЕЪР

*Эй шеър, эй шукуфаи боғи умеди ман,*
*Боз о ба ман, ки бе ту дилам танг мешавад.*
*Бе ту сари азизи ман чун қулла барфпӯш,*
*Пайдо ба рӯи дилкашам ожанг мешавад.*

*Бе ту дар ин утоқ бимонам агар шабе,*
*Ваҳму хаёли хом ба ҳам васл мешаванд.*
*Дар ошёни ҳастиям хусбида деви дард,*
*Бахту умеду дилбарӣ бенасл мешаванд.*

*Таркам макун, ки баъд аз ин чун мӯри нимҷон,*
*Дар турраи хаёл нагунҷад нигоҳи ман.*
*Чун мурғи паршикастае дар гирудори даҳр,*
*Ҷӯяд паноҳ бегамӣ андар паноҳи ман.*

*Чун ғунчаи умед, ки нашкуфтаӣ ҳанӯз*
*Аз боди сарди субҳ баногаҳ хазон машав.*
*Нашнидаӣ чу панд зи пирони рӯзгор,*
*Эй шеър, химчавор чунин ё чунон машав.*

*Эй шеър, эй паррандаи зебои зиндагӣ,*
*Шукрона мекунам, ки наӣ ёри раҳгузар.*
*Эй шеър, эй шукуфаи боғи хаёли ман,*
*Ҳар лаҳза бош бо ману таркам макун дигар.*



https://bikhon.tj/

# ДАРД

## Эҳдо ба дӯсти азизам
## ТОШЕВА САИДА ШАРИФОВНА

*Дарди ман дарди туву дарди Ватан,*
*Дарди модар, дарди миллат, дарди зан.*
*Дарди кулли мардуми равшанзамир,*
*Бардамида аз дилам чун ҷӯи шир.*
*Аз ниҳоди асрҳо берун шуда,*
*Гоҳ Лайливу гаҳе Маҷнун шуда.*
*Бо тақозои замона омада,*
*Аз дили чандин фасона омада.*
*Дарди ман дарде, ки дилро пора кард,*
*Модари тоҷикро овора кард.*
*Қаҳр шуд маснаднишини мулки дил,*
*Ишқ шуд бечораву хору залил.*
*Як замоне дарди ман Таҳмина дошт,*
*Дарду доғи ҳаҷр андар сина дошт.*
*Дарди ман Гурдофаридам кардааст,*
*Пири Санъонро муридам кардааст.*
*Дарди Исмоили Сомонӣ бувад,*
*Дар ниҳодам фарри яздонӣ бувад.*
*Дарди ман султони ҳастии ман аст,*
*Аз камоли ҳақпарастии ман аст.*
*Баҳри Сино теғи бурро буд ӯ,*
*Аз хирадмандӣ мубарро буд ӯ.*
*Дарди ман дарди худогоҳӣ бувад,*
*Гоҳ лабханду гаҳе оҳе бувад.*
*Дардҳои Тоҷикистон дарди ман,*
*Дарди миллат, дарди зан, дарди ВАТАН.*



https://bikhon.tj/

## ТАЛОШ

*Ягон рӯзе*
*Малӯл аз зиндагии пур зи армонам.*
*Малӯл аз он, ки боору баномусу бавиҷдонам.*
*Малӯл аз дардҳои синаи маҷрӯҳ*
*Малӯл аз нолаҳои паҳлавонҳои қавӣ чун кӯҳ.*
*Малӯл аз мардҳое, ки*
*Ба номи мардишон иснод меоранд.*
*Дурӯғу ҳиларо андар замини зиндагӣ*
*Бедард мекоранд.*
*Малӯл аз духтароне, ки*
*Ба тан пироҳан аз шарму ҳаё*
*Ҳаргиз намепӯшанд.*
*Ба озори падар ё модари дилсӯз мекӯшанд.*
*Малӯл аз меҳрубонии дурӯғи ҳамнишинонам*
*Ки бераҳмона бишкастанд ҳар дам*
*Шохаҳои нахли армонам.*
*Малӯл аз "дӯстон"-и дилсиёҳу садзабони хеш*
*Ки дар ҳар лаҳза*
*Бо рафтори ношоиста мекарданд дилро реш.*
*Малӯл аз роҳпоиҳо,*
*Малӯл аз дуриву найрангҳои марди майдоне*
*Ки умре мепарастидам.*
*Малӯл аз одаму олам,*
*Малӯл аз шодию аз ғам,*
*Ба он дунё ягон рӯзе*
*Аминам, кӯч мебандам.*
*Вале бо худ намегирам*



https://bikhon.tj/

*На молу чизи дунёро*
*На имрӯзу на фардоро.*
*На шодию ғами худро*
*Пур аз афсонаҳои талху ширин*
*Олами худро.*
*Ягон рӯзе*
*Аз ин дунёи фонӣ*
*Пеш аз он, ки кӯч мебандам.*
*Илоҷашро биёбам гар*
*Дарахти макру бӯҳтону фиребу бевафоиро*
*Тамом аз реша мекандам.*
*Талоши зиндагиву маргро дида*
*Аҷаб не, бори аввал ё ки охир*
*Талх механдам.*



https://bikhon.tj/

## БАЪДИ МАН

*Дар ин дурӯза дунё*
*Баъди ман аз ман чӣ мемонад?*
*Китобам, дафтарамро,*
*Достонамро*
*Кӣ мехонад?*
*Ва аз буду набуди зиндагониям*
*Чӣ медонад?*
*Хаёлам духтаре*
*Баҳри ҷавони ошиқе аз он*
*Ду сатри тоза меҷӯяд.*
*Ва асрори дилашро*
*Бо забони шеър мегӯяд.*
*Пас аз ман*
*Модаре бо шеъри ман*
*Андар сари гаҳвораи тифли азизи худ*
*Суруди алла мехонад.*
*Пас аз ман дар китоби ман*
*Муҳаббат, меҳрубонию вафо,*
*Ишқи Зулайхо зинда мемонад.*
*Ба бадбинию бӯҳтону разолат*
*Ҷо намемонад.*

# ЗИЛЗИЛАИ ДИЛ

***Силсилаи ашъор***



https://bikhon.tj/

## ЁДИ МОДАР

**(Деворро бардоштанд ва диданд, ки модар дар ду даст тифлакон-дугоникҳояш аз офати зилзила ҳалок гардидааст)**

*Алла бар лаб,*
*Меҳр дар дил,*
*Модар аз дунё гузашт.*
*Тифлаконаш дар бараш*
*Гӯё, ки бепарво гузашт.*

*Аз ҷаҳон як гул начида*
*Тоҳиру Зӯҳро гузашт.*
*Субҳгоҳон ногаҳон аз зилзила*
*Дар даҳони тифли гирён*
*Монда пистони пур аз шири сафед,*
*Ҳамраҳаш бигрифта дунёи умед*
*Модари бечора аз дунё гузашт.*

*Тифлакони номуродаш*
*Ҳамраҳаш рафтанд беному нишон.*
*Сер ногашта*
*Зи шири модару ҳусни ҷаҳон.*
*Аз дилу аз дидаи мо*
*Ашк чун дарё гузашт.*

*Дар ду, дасташ*
*Ду ҷигарбандаш*
*Ба хоки тира рафт.*



https://bikhon.tj/

*Орзуҳояш ба дил*
*Чун ғунчаи нашкуфта монд.*
*Мурғаки зебои шодӣ*
*Хайрухуш нокарда рафт.*
*Дар дили мо нахли ғам*
*Он субҳгоҳӣ реша ронд.*
*Кош меомад ба онҳо*
*Раҳмати модар-замин,*
*Зинда мемонданду мегаштанд оҳиста калон.*
*Ҳамчу фарзандони боинсоф дар ин сарзамин*
*Мешудандӣ кош мардони далеру кордон.*

*Ашк мерезам дар марги ҳазорон одамон*
*Ки чу он модар бирафтанд*
*Аз ҷаҳон боормон.*
*Ашк мерезанд мардум ин замон*
*Дида аҳволи хароби одамон*
*Андар Ҳисори Шодмон.*

*Лек хушбахтона як чизи дигар*
*Ҳоло тасаллобахши мост.*
*Ҳамчу шеъри шоирону аллаҳои модарон*
*Он шаҳидоне, ки аз мо бурд*
*Марги беамон*
*Зиндагӣ доранд доим дар дили пиру ҷавон.*



https://bikhon.tj/

## РӮЗИ ЗИЛЗИЛА

*Сар то сари ин сарзамин*
*Имрӯз мотамхона аст.*
*Деҳоти гул-афшони мо*
*Воҳасрато, вайрона аст.*

*Дирӯз ин ҷо одамон*
*Хуш зиндагонӣ доштанд.*
*Бори гарони рӯзгор*
*Ҳамроҳ мебардоштанд.*

*Дирӯз ҳар як марду зан*
*Дунёи зебо доштанд.*
*Осудагию бегамӣ*
*Ҳар дам таманно доштанд.*

*Бадбахтӣ омад, зилзила*
*Ҳар хонаро вайрона кард.*
*Бемеҳрию қаҳри замин*
*Моро ба ғам ҳамхона кард.*

*Он модаре, ки дар танӯр*
*Нони балаззат пухта буд.*
*Рафтаст бе ному нишон*
*Чун қиссаи буду набуд.*

*Имрӯз баъд аз зилзила*
*Дар Тоҷикистон мотам аст.*
*Чашмони мо аз ашк пур*
*Ҳастии мо ҷоми ғам аст.*



https://bikhon.tj/

## ҶОВИДОН

*Чанд рӯзе пеш аз ин хонда суруди "аллаё"*
*Модарон бо орзуҳо тифл дар бар доштанд.*
*Нони гарми равганиро пухта баҳри дӯстон*
*Интизори аскарон ду дида бар дар доштанд.*

*Чанд рӯзе пеш аз ин гулдухтарони нозанин*
*Куртаҳои наварӯсӣ чени худ медӯхтанд.*
*Парварида дар дили худ нахли сабзи орзу*
*Дар миёни гулхани шавқу ҳавас месӯхтанд.*

*Мӯсафедон дасти худ баҳри дуо бардошта*
*Сулҳу осоиши дунёро таманно доштанд.*
*Баски ҷангу душману радду бадалҳо дидаанд*
*Шукри имрӯзу ғами фардои дунё доштанд.*

*Водарего, субҳдам ларзид зери по замин*
*Деҳаи обод дар як лаҳза нообод шуд.*
*Дуди оҳи ҳар яки мо то фалак печиду рафт*
*Кори мо дар зиндагонӣ нолаву фарёд шуд.*

*Дар дили қурбониёни бешумори зилзила*
*Ҳамчу дар сандуқи зери хок сад уммед монд.*
*Номашон дар сафҳаи нанвиштаи таърихи даҳр*
*Ёдашон андар дили хурду калон ҷовид монд.*

# НАВАШЪОР



https://bikhon.tj/

## *ХАРИДОРӢ БИКУН, АЙ ДӮСТ*

*Агар ту ҳиммате дорӣ дар ин даври ватандорӣ,*
*Саҳар дар ҷонамози вақт сар дар саҷда меорӣ,*
*Агар хоҳӣ набинӣ ҳеҷ рӯи хориву зорӣ*
*Раҳо бошӣ зи сардиву зи нодориву озоре,*
*Харидорӣ бикун ай дӯст аз саҳмияи Роғун.*

*Агар хоҳӣ, ки дар дунёи қалбат рӯшанӣ бошад,*
*Сари бозори ҳиммат гарм рӯи гулхане бошад.*
*Дили нарми ту бо набзи Ватан ҷону тане бошад.*
*Туро аз нанг андар ҷону тан пироҳане бошад.*
*Харидорӣ бикун, ай дӯст, аз саҳмияи Роғун.*

*Агар хоҳӣ дар ин дунёи ноором оромӣ,*
*Туро дар рӯи каф ҷоме зи оғозеву анҷоме.*
*Барои миллату меҳан зи ҳиммат пур бикун ҷоме*
*Лаболаб аз шароби нури рӯи дӯст инъоме,*
*Харидорӣ бикун, ай дӯст, аз саҳмияи Роғун.*

*Дарахти орзуят то ҳамеша пурсамар бошад,*
*Гули уммеди ту аз нури рӯят ҷилвагар бошад,*
*Сари ту, сарвари ту дар ғами аҳли ҳунар бошад,*
*Ливои дӯстӣ дар осмонаш ҷилвагар бошад,*
*Харидорӣ бикун, ай дӯст, аз саҳмияи Роғун.*

*11 январи 2010*



https://bikhon.tj/

***Шеъри ман дарди ману дарди шумо,***
***Шеъри ман ганҷи раҳоварди шумо.***
***Шеъри ман шамъи шаби тори шумо,***
***Шеъри ман армону озори шумо.***
***Шеъри ман моро ба ҳам пайванд кард,***
***Як даме, танҳо даме хурсанд кард.***
***Шеъри ман бар дасти Афлотун расид,***
***Қиссагӯи Лайливу Маҷнун расид.***
***Шеъри ман аз олами боло расид,***
***Аз насими лои иллалло расид.***
***Шеъри ман шӯри дигар ангехта,***
***Оби чашми ошиқонро рехта.***
***Рафт, аз дунёйи мофиҳо бирафт,***
***То ба боло, то ба болоҳо бирафт.***
***Рафту дар чашми ситора ҷо гирифт,***
***Дар дили поки шумо маъво гирифт.***



https://bikhon.tj/

*Кистам? Нории нисоям ман,*
*Аз бадизодаҳо раҳоям ман.*
*Мебарам бори хеш то манзил,*
*Масканам боғсабзи кишвари дил.*
*Манзилам кӯҳсори андеша,*
*Мекашам бор, бори андеша.*
*Зодаи қуллаи баландам ман,*
*Дар сари ёлаи самандам ман.*
*Хонаи орзуи ман сангӣ,*
*Бо хиёнат ҳамешагӣ ҷангӣ.*
*Бо ғаму дард ошно ҳастам,*
*Сари ҳар чуни худ чаро ҳастам.*
*Домани пур-пури алам дорам,*
*Аз Худованди худ қалам дорам.*
*Рӯзу шаб даст бар дуъо дорам,*
*Роҳ аз арз то само дорам.*
*Аз ҳақиқат ба сар кулаҳ дорам.*
*Рафтуо то диёри маҳ дорам.*
*Худписандӣ писанди рӯҳам не,*
*Аз бадӣ шӯҳрату шукӯҳам не.*
*Духтари орзуи амният,*
*Як нафар сарсупурдаи миллат.*



https://bikhon.tj/

*Эй хоки поки кишварам,*
*Субҳи саодатоварам.*
*Як зарраи хоки туем,*
*Бурҷе дар афлоки туем.*
*Хомем, ё ки пухтаем,*
*Сад қиссаи ногуфтаем.*
*Шоми шикасти ғурбатем,*
*Субҳи умеди умматем.*
*Болои боло меравем,*
*То бар Сурайё меравем.*
*Маҷнуни сонӣ мешавем,*
*Лайлии Монӣ мешавем.*
*Ҳамсӯҳбати муллои Рум*
*Дар хештан мешем гум.*
*Сар дар сари ғам мезанем,*
*Андӯҳа барҳам мезанем.*
*Ёд аз ҷавонӣ мекунем,*
*Шукри амонӣ мекунем.*
*Шукри каму бисёри худ,*
*Шукри ғаму озори худ.*

## ШУКРОНА

*Шукре ба Раҳмон-ур-Раҳим,*
*Шукри Худованди карим*
*Сад шукри рӯзи зиндагӣ*
*Дур аз балои бандагӣ.*
*Искандару Доростем,*
*Пайдову нопайдостем.*
*Дур аз аламҳои худем,*
*Гаҳ бо худу гаҳ бехудем.*
*Афтодану бархостан*
*Базму тараб оростан.*
*Илми падар омӯхтан,*
*Дар шӯри маҳшар сӯхтан.*
*Дар зарраҳо пайдо шудан,*
*Аз нури дил бино шудан.*
*Шабҳо ба фарёд омадан,*
*То мулки Шаддод омадан.*
*Худро ба нодонӣ задан,*
*Мӯҳри пушаймонӣ задан.*
*Иллову лоро дам задан,*
*Оташ ба зери гам задан.*
*Астагфируллоҳул азим,*
*Хонда алифу лому мим.*



https://bikhon.tj/

*Аз камонгӯлаки нигоҳи ту*
*Мепарад санги ҷаҳлу нодонӣ.*
*Бефаровезии даҳонатро*
*Ҳайф, сад ҳайф, худ намедонӣ.*
*Дагалу бетамизу беҳиссӣ,*
*З-ин сабаб ҳар куҷой дармонӣ.*
*Шафқату раҳмро намедонӣ*
*Нест дар ту нишони инсонӣ.*
*Дагаливу надорӣ ақаллан*
*Меҳри сидқу сафои ҳайвонӣ.*
*Ҳастиятро адовату кина,*
*Забт карда ба ҳукми шайтонӣ.*
*Мебарӣ оқибат аз ин дунё,*
*Зарбаи сахти ҳукми яздонӣ.*

*28 августи 2009*



https://bikhon.tj/

*Ризқу рӯзист гарчӣ яздонӣ,*
*Деҳқонӣ бувад фаровонӣ.*
*Оламеро ба дида ҷо додан,*
*Дари дилро ба дӯст бикшодан.*
*Шомро бо дуо саҳар кардан,*
*Хеш аз хеш бохабар кардан.*
*Сабзаҳоро канор бигрифтан,*
*Қуввае аз баҳор бигрифтан.*
*Шом то субҳдам Худо гуфтан,*
*Чанд ҳарфе зи муддао гуфтан.*
*Пардаи абрро бадар кардан,*
*Дардҳоро ба пушти сар кардан.*
*Нахли уммед пурсамар кардан,*
*Хештанро зи худ бадар кардан.*
*Аз ту, эй деҳқони модарзод,*
*Мазраи сабзи дил бувад обод.*

*27.02.2010*

*Нашнидӣ хабар зи дарду доғам?*
*Як бор наомадӣ суроғам.*
*Борони маломатам надидӣ,*
*Аз дарди дилам гуле начидӣ.*
*Пурсидӣ: куҷост растаи мо?*
*Дарбаставу дилшикастаи мо?*
*Хомӯш, чаро надорад овоз*
*Ёре, ки будӣ ҳамеша ҳамроз?*
*Як зарраи офтоби дил буд,*
*Ҳамхонаи моҳтоби дил буд.*
*Аз олами дил фасонае дошт*
*Дар боғи умед хонае дошт.*
*Аз ишқ сухан нагуфта будӣ,*
*Рози дили худ нуҳуфта будӣ.*
*Эй ёр, биё, ба хонаи дил*
*Бар мулки пур аз фасонаи дил.*

**15.01.2010**



https://bikhon.tj/

*Не хубу не харобем,*
*Не аз замину обем.*
*Шомем беситора,*
*Субҳем бешарора.*
*Чун кӯҳ сарбаландем,*
*Душворнописандем.*
*Орӣ зи дарду догем*
*Дар роҳи ҳақ чарогем.*
*Нури нубувват аз мо,*
*Нерӯву қудрат аз мо.*
*Бетиру бекамонем,*
*Созандаи замонем.*
*Не кӯдаку на пирем,*
*Дар адл беназирем,*
*Гул дар бари баҳорем,*
*Оҳанги обшорем.*
*Розем нонуҳуфта,*
*Афсона гуфта-гуфта.*
*Дар лаб тарона ҳастем,*
*Боло равона ҳастем.*
*Аз даҳри бекарона*
*Ҳастем як нишона…*

*13 январи 2010*



https://bikhon.tj/

*Файзи саҳар муборак,*
*Шавқу шарар муборак.*
*Хуршеди зиндагонӣ*
*Болои сар муборак.*

*Шоистаи ҷаҳонем,*
*Аз мулки осмонем.*
*Андар сарои тақдир*
*Дурӯза меҳмонем.*

*Шоҳем дар муҳаббат,*
*Пайванди урфу одат,*
*Дар боргоҳи ҳастӣ,*
*Шаҳдухтари садоқат.*

*Субҳем дар шаби тор,*
*Дар сина санги озор.*
*Дарду ғами шуморо*
*Бо ҷону дил харидор.*

*Оҳанги бесадоем,*
*Дар шаҳри ошноем,*
*Дар олами тамаддун*
*Як Нории нисоем.*

*10.02.2010.*



https://bikhon.tj/

*Дарахти рӯи ҳавлиро набурред,*
*Ки ӯ ҳам мисли мо сарсабз будан орзу дорад.*
*Гуле андар канори хеш моил бар нумӯ дорад.*
*Чу фарзанди барӯманди диёри офтобиям,*
*Ҳама дам бо гулу хори табиат гуфтугӯ дорад.*
*Ба ҳар як баргу шохи хеш ранги сабз мегирад,*
*Зи бепарвоиҳои мардуми дилсард мемирад.*
*Дарахти сабзро ҳаргиз набурред,*
*Ки бар рӯҳу равони орзуҳотон зарар дорад,*
*Ба худ бори гароне аз қазову аз қадар дорад,*
*Зи ҷабри арраи дасти шумо хуни ҷигар дорад,*
*Ба инсонҳои хокӣ боварии бештар дорад.*
*Дарахти рӯи ҳавлиро набурред.*



https://bikhon.tj/

*Зиндагонист олами рӯъё,*
*Рафтану аз дигар шудан эҳё.*
*Хешро дар набард санҷидан,*
*Байни шодию дард санҷидан.*
*Чашми ҳайрат ба даҳр бикшодан,*
*Ташнаро об аз ҷигар додан.*
*Роҳгумкардаро раҳомӯзӣ,*
*Дар раҳи зиндагӣ худафрӯзӣ.*
*Посбони сари ҳазорон мард,*
*Гоҳ кӯҳи гаму гаҳе як гард.*
*Гоҳ тифлию домани модар,*
*Гоҳ бар пирҳо сару сарвар.*
*Гоҳ андар шикасти танҳоӣ,*
*Шуда дастобадасти танҳоӣ,*
*Рафтанаш то диёри озодӣ,*
*То диёри муҳаббату шодӣ.*
*Сӯҳбат оростан ба Афлотун,*
*Гоҳ дар дашти Карбало Маҷнун.*
*Дур будан зи тӯҳмати нокас,*
*Раҳ гирифтан ба олами вопас….*
*Зиндагонист олами рӯъё,*
*Рафтану аз дигар шудан эҳё…*



https://bikhon.tj/

*Эй ёр, ба ин бозор боз о талаби дидор,*
*Боз о талаби дидор, эй ёр, ба ин бозор.*
*Ёрони Худо ин ҷо, аз ғусса раҳо ин ҷо,*
*Аз ғусса раҳо ин ҷо, ёрони Худо ин ҷо.*
*Ҳам меҳру самимият, ҳам ғурбати ёр ин ҷо,*
*Ҳам шодию ҳам ҳасрат, ҳам дарду бало ин ҷо.*
*Ҳам гиряву ҳам ханда, ҳам дуздаки шарманда,*
*Ҳам дуздаки шарманда, ҳам гиряву ҳам ханда.*
*Ҳам санги мазор ин ҷо, ҳам савти дутор ин ҷо,*
*Ҳам савти дутор ин ҷо, ҳам санги мазор ин ҷо.*
*Ҳам шому саҳар ин ҷо, ҳам нури басар ин ҷо,*
*Ҳам нури басар ин ҷо, ҳам шому саҳар ин ҷо.*
*Ҳам хизмати хирсона, ҳам хилъати шоҳона,*
*Ҳам хилъати шоҳона, ҳам хизмати хирсона.*
*Ҳам Норинисо ин ҷо, ҳам ақли расо ин ҷо,*
*Ҳам ақли расо ин ҷо, ҳам Норинисо ин ҷо.*

*21 июни 2009*



https://bikhon.tj/

*Меваи шодию дарду мотамем,*
*Зодаи Момоҳавову Одамем.*
*Уммати Пайғамбари охирзамон,*
*Бандаи Парвардигори оламем.*

***

*Дар сари суфраи ватандорӣ,*
*Манаму чанд марди бооре.*
*Ту дар он ҷову ман ҳаминҷоӣ,*
*Посбони диёри species бобоӣ.*

***

*Сафҳаи нав мекушояд зиндагӣ,*
*Шодиямро мезудояд зиндагӣ.*

***

*Ай баҳори зиндагӣ моро биёву даст гир*
*Орзуҳоям дар оғӯши ту гардиданд пир.*



https://bikhon.tj/

***

*Хок бар сар мекашам аз нолаи марди Худо,*
*Мебарам бо хештан бар ҳар куҷо дарди Худо.*
*Зиндагонӣ гарчӣ сад ранҷу азобам медиҳад,*
*Шукр гӯям, сабр мебошад раҳоварди Худо.*

***

*Дар бистари танҳоӣ танҳоӣ муборак бод,*
*Баҳри ману ту ай дил, раҳпоӣ муборак бод.*
*Шодию ғами дунё бар мо асаре дорад,*
*Бар шоҳасари дунё дунёӣ муборак бод.*

***

*Магӯ дигар ба ман афсонаи дил*
*Раҳо шуд доманам аз домани дил,*

***

*Бар чашмаи чашмони дилам боз биёед,*
*Чун доруву дармони дилам боз биёед.*
*Аз пояи мустаҳками уммед бидоред,*



https://bikhon.tj/

# МУНДАРИЧА

Шоираи пурэҳсос ва самимию заминӣ........................3

ҒАЗАЛ АНДАР БАҒАЛ ...............................................8
Аз тору пуди қисмат тори ҷафо гузашта........................9
Аз кунҷи қафас як нафас озод шавам чӣ........................10
Аз пири кори зиндагӣ дасти дуо мехоҳамаш...............11
Аз пушти садо боз садои дигар омад............................12
Аз куҷоҳо то куҷо рафтам, нашуд...............................13
Аз иффату имони ман...................................................14
Аз дард буридему ба дармон нарасидем......................15
Аз пушти ғами хеш давидан чӣ зарурат?.....................16
Аз неку бади дунё озор кашам бошад?........................17
Ай чароғи раҳнамои зиндагӣ........................................18
Аввалу охири кори ману ту вой, ки вой......................19
Аз исми аъзами мо номи Муҳаррами мо.....................20
Аз раҳмдилиҳои дили худ гила дорам........................21
Аз ситаму аз аламам, монда ҳамин як қаламам........22
Аз мардумаки дидаи мо дида набандед......................23
Аз субҳ сапедӣ талабидем, биёед................................24
Аз сапедиҳои субҳи орзу дорам умед..........................25
Агар дилро ба дил пайванд мехоҳед ҳамвора.............26
Аз ин имрӯзу фардоҳо маҷӯ дигар гуноҳи мо............27
Ай дил, биё бедор шав, Наврӯз шуд, Наврӯз шуд......28
Аз дидбони уммед сӯят нигоҳ дорам...........................29
Аз олами дил олами ҷонона биёед...............................30
Аз бехудӣ бигрехта то бехудоӣ меравӣ.........................31



https://bikhon.tj/

Ай чаҳолатпеша мардум чашми дилро во кунед........32
Ай Худо, аз дасту пои хеш маҳрумам макун.............33
Аз шоми шаби дидаи гирён гила дорам......................34
Аз пираҳани уммед як пора умед оред........................35
Аз ин имрӯзу фардоҳо Худо моро нигаҳ дорал...........36
Аз ҳарами фариштаҳо боз кучо равам, кучо?.............37
Аз домани андешаҳо доман раҳо кардам, нашуд,........38
Афсонагӯи қисмат афсонаам нагуфта,........................39
Аз ину они дунёӣ нигаҳ дор, ай Худовандам................40
Аз раҳоварди сафар роҳе ба дилҳо ёфтам..................41
Аз олами дил муждаи нав омада бошад?....................42
Аз беғамию хуррамиҳоям хабаре нест........................43
Аз ину они раббонӣ ҳазорон бор шукрона....................44
Аз нури дидаи мо нури Худо ҳувайдо,........................45
Азобу роҳати дунёи дил дунёи дигар дошт..................46
Аз тору пуди меҳр бувад ҳар сухани мо......................47
Аз баҳори диёр шукрона,..............................................48
Агарчанде намеояд дигар фасли чавониям,................49
Аз хонаи оинаи дил дард кучо рафт?...........................50
Аз баду неки замона бехабар афтодаӣ.........................51
Аз мардуми бедил бари дилдор расидем,......................52
Аз мардуми беномусу айёр гурезед..............................53
Аз ҳунар хирвори зар дарёфтам..................................54
Ассалом, эй меҳмонон, ассалом..................................55
Аз ин имрӯзу фардоҳо намедонам, чӣ мехоҳам?.........56
Аз ин дунё зару зевар намехоҳам, намехоҳам,...........57



https://bikhon.tj/

Ай Душанбе, пойтахти орзуҳои манӣ,..........................58
Аз баҳру бар бо чашми тар пинҳону пайдо меравам,.....59
Аз дури дуриҳо сабо меорадам пайки баҳор,..............60
Ай ҳамватану ҳамдили мо, ид муборак,......................61
Ай дард, ба даргоҳи дилам боз наойӣ,.........................62
Агар як бори дигар кӯдаки гаҳвора мебудам............63
Аз домани дил доштанам кори хато буд......................64
Аз Душанбе то Бадахшонем мо...................................65
Ай ёру ёвари ман, сад сол зинда бошӣ........................66
Аз аспсаворони сари сабзи баҳорем.............................67
Ало шеъри Аҷам, ман бо ту пайванди дигар дорам,.....68
Аз гармии ихтиёр тавба.................................................69
Аз муҳаббат, аз садоқат ҷоҳ меҷӯем мо......................70
Ай субҳи ошиқона, ай беҳтарин тарона......................71
Аҳд кардам, ки дигар ҷомаи ғам пора кунам.............72
Ай Худо, як марди оқилро бароям ҳадя кун..............73
Аз тӯҳфаи тақдир гурезам, нагурезам?......................74
Агар аз даргаҳи дил рафтаӣ берун, саломат бош,.........75
Аз растаи бозор ба мо ҳадя биёред.............................76
Аз шоми ноумедӣ андӯҳу оҳ монда.............................77
Аз замину замона менолад...........................................78
Аз омадану рафтани мо суд чӣ бошад?.........................79
Аз ёри ситампеша ситам дидани мо бас......................80
Аз омадану рафтани хуршед чӣ гӯем?..........................81
Аз дури дур омад баҳор, аз мулки нур омад баҳор.....82
Ай дили ман, биё-биё, соҳиби хонаро бубин................83



https://bikhon.tj/

Аз ҷурму гуноҳ меҳаросам..........................................84
Агар хориву нодорӣ, тавофи Каъбатулло кун..............85
Аз муҳаббат гар иморат карданӣ бошӣ, биё...............86
Аз ғусса раҳоӣ нест, дардома давое нест....................87
Ай номусулмони Худо, парҳез кун аз тири мо...........88
Аё кайҳоннаварди дил, ба кайҳони дилам боз о...........89
Аввалину охирин мушкилкушоям, модарам................90
Аз даҳр ба ҳар як нафаре ҷабру ҷафо монд................91
Бар чораи бечора расидӣ, нарасидӣ?...........................92
Бар хонаи дили мо Наврӯз омаду рафт.......................93
Беаҳд агар будаву бошӣ, чӣ тавон кард?......................94
Бар мо дигар ин гиряву ин ханда басанда......................95
Бо меҳнати чилсола чилсола алам дорам....................96
Бо ғаму шодии дил занҷирбандам то ҳанӯз...................97
Бедарди сар куҷое, нури басар куҷое?.........................98
Барои фарзанди шуҷои Ватан
Файзулло Муҳаммадиев.....................................99
Барои иддае бехирадон................................................100
Баъд аз табу тобеву пас аз хориву зорӣ.......................101
Бо меҳри ду-серӯза ду-серӯза алам буд.....................102
Ба ин ноошноиҳо набудан ошно беҳтар......................103
Биё имрӯз бар кошонаи дил..........................................104
Баҳористони умри ман баҳори дигаре дорад...............105
Барои Латофатбону дар рӯзи мавлудашон.................106
Боли парвозам шикастӣ, зинда бош...........................107
Ба ҷои гул бароям хор овардӣ, саломат бош.............108



https://bikhon.tj/

Ба соҳибдил дар ин дунёи рӯшан рӯшноӣ нест..........109
Бар мо дари дил кушод фарҳанг....................................110
Ба ғамҳои ту одат мекунам оҳиста-оҳиста................111
Бо нардбони тақдир боло равем ё на?..........................112
Бо ҷавонияш ҷаҳон моро ба пирӣ мебарад...............113
Бар хонаи оинаи дил боз биёед...................................114
Ба даргоҳи Худои қодиру ҷаббор шукрона................115
Ба дунёи дили мо ёр не, агёр меояд.............................116
Ба дарду доғи дунёе, ки мо дорем, шукрона...............117
Ба ҳар ҷое, ки рафтам нест оромӣ..............................118
Бе дуои модарон имрӯзу фардоҳо куҷо?....................119
Бахра мегирад нигоҳам аз нигоҳи зиндагӣ................120
Ба гӯшам мерасад шабҳо садо аз олами боло...........121
Ба ҳар ҷое равем ай дил, Худо ҳамроҳи мо бошад....122
Ба ҳоли зори нодоре намехандам, намехандам........123
Биё, бо ҳам ба даргоҳи Худо рӯи ниёз орем...............124
Бо панҷаҳои нармаш алвонҷ дода мӯям....................125
Барои ман ту ҳамчун офтобӣ.....................................126
Бар чораи бечора расидӣ, нарасидӣ?..........................127
Бар хонаи Норинисо мушкилкушохонӣ биё................128
Бар хоҳари маҳтоб саломам бирасонед.....................129
Бирафтам кӯ ба кӯ, саҳро ба саҳро...............................130
Бирав аз хонаи дил, хонаи маҳтоб биё........................131
Бахри ман аз олами болои боло қисса гӯ...................132
Бар решаи дил теша мазан, ҳамсафари ман..............133
Боз як рӯзи дарози умри кӯтоҳам гузашт....................134



https://bikhon.tj/

Бар хонаи бегона равӣ чӣ, наравӣ чӣ?.........................135
Бегунаҳ андар гунаҳ ғӯтидаем.......................................136
Биравам бар лаби обеву туро ёд кунам.....................137
Ватанфурӯш наям, дар ғами Ватан ҳастам.................138
Водареғо, замона дигар шуд,.......................................139
Вағғу чағи бисёре, эҷод набояд кард..........................140
Вақт аст, ки аз хонаи хаммор гурезем.........................141
Гармиву сардии дунё дидаем.........................................142
Гаҳ ҷавони нозанин, гоҳи дигар пирем мо....................143
Гулдухтарони "Гулрез" пайғоми навбаҳоред............144
Гули худрӯи истеъдод на дар ҳар боғ мерӯяд...........145
Гоҳ гирён, гоҳ хандонам ҳанӯз.......................................146
Гулистони сари бозор бозори дигар дорад.................147
Гуфтем чанд шеъре дар бораи Душанбе....................148
Гаҳ ба худ, гаҳ бо Ҳудо дастогиребон мешавем.......149
Гоҳ агар худдораму гаҳ худпарастӣ мекунам...........150
Гумкардаву пайдостем, аз олами болостем.............151
Гиря карданро ман аз абри баҳор омӯхтам.................152
Гуноҳе карда бошам пеши ту, эй ёр, мебахшӣ...........153
Ғами дил бо ту бигуфтему нагуфтем, нашуд............154
Ғаму дарди дили худро ба нодоне намегӯям.............155
Ғам ба даргоҳи дили мо меҳмонӣ омада......................156
Ғаму андӯҳу дарди бедаво, падруд.............................157
Ғубори ҳастии мо дар дили дарёст, медонӣ?..............158
Ғурбату ғам оқибат моро ба яғмо мебарад...............159
Ғурбату дарду аламро аз диёри дил маҷӯ..................160



https://bikhon.tj/

Дар сари савдои дарди беватан.................................161
Дар зери чархи гардун мову шумо ғанимат...............162
Дар оламаки дидаи мо нур намонда...........................163
Дар базми сухан қофиласолор куҷоед?......................164
Дар гирдбоди олам моему шӯру мастӣ......................165
Дар ин тарафу он тарафу дар ҳама ҷоӣ......................166
Дар шоми тори қисмат моему чанд банде...................167
Дар қисмати мо роҳ куҷо то ба куҷо буд?..................168
Дар ин даҳри пур аз ғавғо ману мои дигар дорам......169
Донишу ақлу хирад додӣ ба мо, обод бош..................170
Дар сари роҳи калони зиндагонӣ зиндаем..................171
Дар дил шарора дорем, дар шаб ситора дорем...........172
Дар ин пастӣ-баландиҳо шумо бар ман чӣ мехоҳед?...173
Дар хонаи дил хонахудо буд, куҷо шуд?.....................174
Дар олами муҳаббат будем ё набудем?......................175
Дар ин дунёи афсона, на мастему на девона................176
Дар олами дил олами дигар натавон ёфт....................177
Дилро ба дил раҳе ку? Дилдору дилбаре ку?..............178
Дарди мо бедавост, медонӣ?.........................................179
Дунё ҳама аз баддиливу сӯзу гудоз аст......................180
Дар дилу дар дида манам, ғунчаи хандида манам....181
Дар олами парешон сахтему сустпаймон....................182
Донаи нурему дар норем мо.........................................183
Дарди мо бедавост, медонӣ?.........................................184
Дарпӯшиву даркушоият бад.........................................185
Дар канори зиндагонӣ зиндагӣ дорем мо....................186



https://bikhon.tj/

Дар хонаи дил хонахаробем, чӣ гӯем?......................187
Дилам имрӯзу фардоҳо суруди дигаре дорад............188
Дар ҷонамози зиндагӣ ҷои намозӣ доштам................189
Дар олами танҳоӣ танҳо буданам беҳтар.....................190
Дар бораи Исфаҳон чӣ гӯем?.......................................191
Дар поятахти зиндагӣ ман устувор истодаам.............192
Дарвозаи дил бикшо, моҳи Рамазон омад....................193
Ду тори як оҳанг мо.......................................................194
Дар олами дил олами дигар натавон ёфт...................195
Дар шаршараи дидаи мо шӯру шарар нест..................196
Дӯстдори Ҳофизу Саъдиву Мавлоно манам.............197
Дар ватани шамсу қамар ӯ дигарасту ман дигар......198
Дар кӯчаи андешаи мо роҳи дигар нест.....................199
Дар сари савдои дил сар дар биёбонам ҳанӯз............200
Дар ҳама кори ҷаҳон бахт аз таваккал мекунем.......201
Дунёи чандрӯза ноҷуста роҳи тадбир.........................202
Дар дили афсонаҳо афсона ҷо кардам, нашуд..........203
Дар таҳаммул санги сарди хораам............................204
Дар олами сармозада хотирпарешонам ҳанӯз...........205
Дил рафту дигар бар ватани хеш наомад..................206
Дар сари бозори дил бозор кардӣ, зинда бош............207
Дӯстро дар олами андеша мебинем мо......................208
Дил аз равони инсон ҳаргиз ҷудо набошад.................209
Дар дили озурдаам озор дорад зиндагӣ......................210
Дар ҳама кори ҷаҳон аввал ту бисмиллоҳ гӯ.............211
Дар олами Норинисо як олами дигар маҷӯ...............212



https://bikhon.tj/

Дареғи хандаҳои ман, ки бӯи гиря меояд....................213
Дардро танҳо кашидан аз уқоб омӯхтам...................214
Дар зимистон баҳор овардам.......................................215
Дар ин дунёи дурӯза на ту мемониву на ман.............216
Дар ин дунёи мофиҳо намеғунҷам, намеғунҷам........217
Дар ин даҳри пур аз ғавғо агарчанде ки меҳмонам.....218
Дар ҳастии худ гуҳар надорӣ......................................219
Дар сар ҳавои зиндагӣ..................................................220
Дар ҳама ҳолати замон тарки Ватан накардаам.......221
Дар сари ман ҳазор савдое.........................................222
Дар даҳри пурталотум мисли шумо дигар нест........223
Дили ранҷидаро ранҷи дигар додан чаро бошад?.....224
Дар дафтари муҳаббат аз мо хато гузашта.................225
Ёд карда дидаи хуршеди оламсӯзро............................226
Ёрони муаззам ба шумо ид муборак..........................227
Зиндагӣ санг паи санг шуда.........................................228
Зокири ҷони ҷон куҷо рафтед?....................................229
Зуди зуд агар рафтаӣ бозор, чӣ гӯем?...........................230
Зиндагӣ ҳар лаҳза озорад маро....................................231
Зиндагӣ сард аст ҳамчун хонаи уммеди ман.............232
Зӯҳраи офтоби дил гуфтам..........................................233
Зиндагонӣ хатост,медонӣ?...........................................234
Зиндагониям хато андар хато......................................235
Зи борони баҳори зиндагонӣ баҳра мегирам.............236
Забонат заҳр дорад, найшакар не...............................237
Замини нозанин аз лутфу эҳсони ту шукрона............238



https://bikhon.tj/

Захми тири ошиқон захми дигар меоварад,..............239
Зи ҳарфи носазои ту дилам озорҳо дорад..................240
Зи дарду доғи танҳоӣ нигаҳ дор, ай Худовандам........241
Зинда ба ёди Мавлавӣ ман нашавам, кӣ мешавад?....242
Зи уқёнуси сарди зиндагонӣ чун ҳазар дорам.............243
Зи канори обшорон ба канори дил биёед....................244
Имрӯз агар натонед, рӯзи дигар биёед.......................245
Ин қалби зормонда озор мекашад боз.......................246
Инқадар бо карру фар то бар куҷоҳо меравӣ?..........247
Ин ҷо сари бемор ку? Сад ҷабр аз Ҷаббор ку?..........248
Имрӯз парокандагии аҳли назар бин........................249
Ин субҳ надонам, зи чӣ илҳом наомад.......................250
Имрӯз дар дили мо борони дарду жола......................251
Имрӯз зиндагонӣ ранги дигар гирифта.......................252
Имрӯз ҳам гузашта, шоме ба шаб расида................253
Имрӯзу ҳамин лаҳзаи дидор муборак........................254
Ид омаду ид омад, аз ғайб навид омад.....................255
Имрӯз дар дили мо маҳтоб гиря дорад.......................256
Исонафасему ба кас кор надорем..............................257
Илтифоти Худо муборак бод......................................258
Калиди бахту шодӣ дар даруни кӯзаи зар буд...........259
Кафтарбачаи ишқ навои дига дорад..........................260
Кишвари сабзи баҳорам, Ватанам...............................261
Корвони умри мо бо роҳи дигар меравад...................262
Кӯч мебандад дилам то бар диёри орзу.....................263
Куҷо бигрезам аз ҷурму хатои бандаи хокӣ?.............264

Куҷо оромгоҳи каъбаи инсофу имоне?........................265
Кулчаи наврӯзӣ меорам ба ту.........................................266
Каромоти наҷиби ҳазрати Аллоҳу Акбар буд...........267
Кушо дарвозаи дилро, ки соҳибхона меояд................268
Қуввае аз қудрати Парвардигорам омада.................269
Канори оби дарё боз дарёи дигар дорам....................270
Қуввае аз қудрати Парвардигорам омада.................271
Қиссаи кӯтаҳи моро ба дарозӣ накашед........................272
Қадри сухани воло, афсӯс, намедонӣ..........................273
Қимати худро агар донӣ, биё.........................................274
Лаънаткадаи дунё ҳамсояи мо бошад........................275
Меҳвари сабзи замин обод аз дастони ту..................276
Маҳпора дигар будаву маҳтоб дигар буд.................277
Маддоҳ маддоҳӣ кунад, шаттоҳ шаттоҳӣ кунад.......278
Ман дигар дар ғаму дарди ту сияҳпӯш наям............279
Мо тозаниҳолему надидем баҳоре............................280
Моро ба даргоҳи сухан пири куҳан оварда буд......281
Мову шумо киҳоем, дар асл аз куҷоем......................282
Мотамнадидае ку? Бар Ҳақ расидае ку?.................283
Моро паямбарзода гӯ, ҳам дилбару дилдода гӯ.......284
Меҳмони олами шеъри дарӣ, хуш омадӣ..................285
Маро бо дардҳоям зери хоки сард гӯронед..............286
Моро дигар аз сӯхтани дил хабаре нест.....................287
Мегурезам аз ғаму аз ғуссаҳои зиндагӣ......................288
Моҳи яктогарди шоми олами маъно манам..............289
Маро ором мегӯӣ? Бале сад сол оромам....................290



https://bikhon.tj/

Муроди дил чу мебошад насими кӯи дидорат............291
Маҷӯ дигар гуноҳи мо аз ин имрӯзу фардоҳо.............292
Меҳнати садсоларо барбод додӣ, зинда бош..............293
Метапад дил дар мақоми табли бедорӣ ҳанӯз............294
Маро дилгир медорад дару девори танҳоӣ...............295
Мо дар дили худ баҳор дорем.......................................296
Мо зодагони фасли афсонаҳои дардем......................297
Мусулмонед ё куффор, донистам, надонистам..........298
Миёни шаҳри дарду ишқ бозори сухан дорам............299
Муборак рӯзи идат, пойтахти Тоҷикистонам.............300
Марди роҳи зиндагонӣ шиква аз андеша дошт...........301
Ман намедонам, кӣ бошад дар сару савдои дил........302
Ман ошиқи шайдои ту...................................................303
Мо зодаи шаҳри шаби ҳиҷрони шумоем.....................304
Моҷарои ишқи мо то бар куҷоҳо рафт, рафт.............305
Магӯ дигар зару зевар надорам.................................306
Моро агар ин ташвиши бисёр намешуд.....................307
Ман ба дунёи ту аз дунёи дигар омадам.....................308
Мо бе шумо ҳеҷем, ҳеҷ.................................................309
Мо ба ҳусни зиндагӣ ҳусни дигар зам мекунем..........310
Ман куҷову ту куҷову дили абгор куҷо?....................311
Мо дар талаби ишқ гадоем, чӣ гӯем?..........................312
Ман, ки дигар дигар шудам, бе ту сафар намекунам.....313
Ман аз ин дунёи дун бори гароне мебарам.................314
Маъруфи ҳама пиру ҷавон будаву бошед.................315
Ман, ки харидаи туям, ҷома даридаи туям................316



https://bikhon.tj/

На аз аршему не фаршему не аз олами дигар.............317
Ниммасту нимҳушёрем дар зиндони ғам....................318
Назар карда ба чашмони хирад ҳар лаҳза бар атроф....319
Намегирям, валекин гиря мегиряд ба ҳоли ман.........320
Нури раҳмонӣ ба мо аз нури Роғун мерасад...............321
Намедонам куҷо шуд фазл аз ҳастии инсонӣ.............322
Наврӯз бар даргоҳи дил хуш омадӣ, хуш омадӣ........323
Нигоҳи дарди беозор моро медиҳад озор...................324
Ношиносе салом мегӯяд..............................................325
Нӯҳсаду панчоҳ соли Нӯҳпайғамбар гузашт.............326
Нардбони зиндагӣ моро куҷое мебарад......................327
Номаи дарди маро бедард хонад, ҳайф, ҳайф............328
Нигоҳи тирашабҳо дар мақоми сард мемонад...........329
Намозам шеъри воло, рӯзаам инсофу имонам...........330
Нишоне аз ҷавониям, Хуҷанди бостониям..................331
Ними ноне ёфтам дар нимароҳи зиндагӣ.....................332
Нигоҳи гарми ман аз обшори дил ҷӯйед....................333
Насими субҳ мекӯбад дари кошонаи дилро...............334
Обрӯву эътиборам модарам.........................................335
Осмон бар сарам фурӯ рафта.....................................336
Ошноиҳо чу пайдо кард бо дарёи дил.........................337
Оромӣ дар ин дунё дигар набувад пайдо.....................338
Осмон абрпора меорад................................................339
Ойина мешуморад ожангҳои рӯям..............................340
Оромии ин дунё ҳаргиз набувад пайдо.......................341
Оламе аз олами афсона дорад зиндагӣ......................342



https://bikhon.tj/

Оёти Қуръонам куҷо?..................................................343
Оромии ман шӯру шарори дига дорад......................344
Пас аз ман ҳар чӣ буду ҳаст, мемонад......................345
Пас аз рафтан барои дидани ту боз меоям..................346
Порсову далеру беғам бош.........................................347
Пушти пои олами андеша дорам зиндагӣ..................348
Пудинаи лаби ҷӯ чашми хумор дорад.......................349
Понздаҳ соли расо бемуттако бигзашту рафт...........350
Роғуне аз нуру нори зиндагӣ.......................................351
Рахти сафар бастӣ агар, то бар диёри дил биё..........352
Рӯзи иду айём бувад рӯзи душанбе...........................353
Рӯзии мо расонад рӯзирасони олам...........................354
Расид мужда, ки фасли баҳор меояд..........................355
Рӯзи мурод бошад рӯзи чаҳоршанбе..........................356
Сарзамини офтобам модарам......................................357
Сухан аз олами болост, зи болост, бигӯ....................358
Сареву сарваре хоҳам, ки мағз андар сараш бошад.......359
Сухани дил зи куҷо то ба куҷо мебарадам................360
Саҷҷодаи сукуте, дар буду дар набуде......................361
Сари ҳар як қадам як гурги борондида мебинам......362
Султони ҷаҳонам ба ман инъом фиристод..................363
Синои дар ба дар ку, аз дард бохабар ку?................364
Сари савдои ишқи ту сари саҷҷода меоям................365
Сад ҷигар хун мекунӣ, сад ҷома гулгун мекунӣ.......366
Созу сӯзи мардуми дунё ба дӯши зиндагӣ.................367
Сари сарчашмаи ҳастӣ саробони дигар дорам..........368



https://bikhon.tj/

Суруд аз мо, сукут аз мо, дуруде дар суҷуд аз мо..........369
Суратҳисоби дилро рӯзе ҳисоб кардӣ.........................370
Суруди дилбарӣ моро бари дилдор меорад..................371
Субҳи саодат мерасад аз субҳи дидори шумо..........372
Сар ба савдои сухан бинҳода мемирем мо..................373
Субҳи саодати маро шом дигар намекунад...............374
Субҳ аз чашмам барад оинаи озорро........................375
Сафҳа-сафҳа умри худро бо алам пур кардаам........376
Субҳро дар бистари танҳоии меҷӯям ҳанӯз..............377
Симурғи зиндагонӣ ҳар субҳ дона-дона.....................378
Сабзаи зери хок зиндонӣ..............................................379
Сар дар сари дорему зи ағёр хабар не.......................380
Субҳ дорад нусхаи имони ақл....................................381
Сармоядори зиндагӣ аз шеър дур афтодааст.............382
Сар ба гардун мекашад имрӯзу фардоҳои мо.............383
Собитқадамам дар ҳамаи фикру ақида.....................384
Саломи гарму ҷӯшони маро ёрон пазироед..............385
Суханро бар сари савдо биёред.................................386
Сару савдои мо имрӯз савдои дигар дорад................387
Сухани дард ба бедард магӯ.........................................388
Соли нави милодӣ, ай дӯст, муборак бод...................389
Сад шукр, ба ман ҳар чӣ худодод, худо дод.............390
Тоҷикону Тоҷикистон зинда бод.................................391
Ту, ки боз омадаӣ бар дили мо, зуд марав..................392
То ба даргоҳи сухан ҳар бесухан раҳ ёфта................393
То ба сақфи осмон мо осмонӣ меравем......................394



https://bikhon.tj/

То ба кай дар ғами дил сӯзаму Наврӯз кунам?.........395
Тарғибгари олами асрор шумоед................................396
Ту дигарбора ба ин ҷову ба он ҷо наравӣ..................397
Ту аз ман меравию ашки ман дар дида мемонад.......398
Ту аз ман меравию ашки ман дар дида мемонад......399
Ту аз канори мани нотавон канора маҷӯ.....................400
То дар нигаҳи мову шумо қолу бало ҳаст.................401
Ту рафтию намеойӣ, Худо раҳмат кунад, модар......402
То бар дили мо дилбару дилдор наомад.....................403
Такягоҳи олами имрӯзу фардоям, Ватан...................404
Теша ба решаам мазан, зору низор мешавӣ...............405
Ту магӯ аз ину аз онем мо..........................................406
Ту бигӯ, дар ғами дил гиря кунам, ё накунам?...........407
Ту дигар аз дили ман дур марав, дур марав...............408
Тӯфони бало баччаи бисёри ту бошад........................409
Тӯҳфаи қиматбаҳои зиндагонӣ, зинда бош................410
Умри ман дар олами сарди парешонӣ гузашт...........412
Ӯ рафту дигар хонаи ман нур надорад......................413
Фасли сармо муждаи нуру зиё омад ба мо................414
Фазои орзуҳо бекарона................................................415
Хонаи мо бо сари боло биё.........................................416
Худоро шукр гуфтанҳо маро бар мулки ҷон овард....417
Хуш бош, ки дар ҳошияи дафтари моӣ.......................418
Хӯшачини боғи ҳикмат будаму ҳастам ҳанӯз...........419
Хонашероне, ки дар майдон ғариб афтодаанд..........420
Хуме дар оташастем, хотирмушаввашастем............421



https://bikhon.tj/

Халқи ман бо кӯҳсори хеш дорад ифтихор...............422
Хати тақдир беозору мо дар банди озорем.................423
Хор дар чашмам занад аз хор-хори зиндагӣ................424
Хати тақдир беозору мо дар банди озорем................425
Хоб имшаб хонаи чашми маро падруд гуфт.............426
Хуфтагони хокро бар ёд овардан савоб......................427
Хубрӯёни ҷаҳон бо хуб ҳамроҳӣ кунед.......................428
Хоб имшаб дар нигоҳи чашми ман бедор буд...........429
Хонаи оинаро барбод додӣ, зинда бош.......................430
Хандаи ман хандаи мастона не..................................431
Хандаи мастона бо ман нест дигар ошно.....................432
Хамрадифи зиндагонӣ зиндагӣ кардам, нашуд.........433
Хокро покиза чун тӯмор медорем мо..........................434
Хона рӯшан мешавад аз нури имонам ҳанӯз.............435
Хоксорони замон хоки раҳи ёр шуданд......................436
Ҳадя ба ЗӮҲРАБОНУ................................................437
Ҳама рӯзам ба сарсонӣ гузашту рафт, медонӣ?........438
Ҳамон рӯзу ҳамин рӯзам гузашту рафт, медонӣ?......439
Ҳар чӣ дорему боз нодорем.......................................440
Ҳамсояи мо сояи девори қиёмат..................................441
Ҳайратзадаам аз каҷии даҳри дурӯза.........................442
Ҳар нафас аз дур меояд садо:.....................................443
Ҳастии ман, буду нобудам, Ватан..............................444
Ҳазар дорам ман аз ёре, ки бо ағёр пайваста.............445
Ҳар хандаи лаби мо оҳанги гиря дорад.....................446
Ҳар сухан аз ҷону танам омада...................................447



https://bikhon.tj/

Ҳар кас дар ин замона чун чилчароғи хона...............448
Ҳар нафас бо сад сазову сад ҷазо бигзашту рафт....449
Ҳадяи Парвардигорам шеъри ман...............................450
Ҳафт бурҷи зиндагиро зинда медорем мо...................451
Ҳарчанд ки дурам ман аз дарду ғами дунё................452
Ҳарчанд кори мо нест ҳар ҷой худписандӣ...............453
Чу озори дил омад, сабр кардам.................................454
Чу дар мулки муҳаббат аз бароям ошёне нест...........455
Чу шарм аз рӯи духтарҳои мо ҳамчун ҳиҷоб афтод......456
Чаманзори хаёли ман хаёли дигаре дорад................457
Чу ҳар боре тиловат мекунам оёти раббонӣ............458
Чанд қатра оби дида рехт аз чашмони дил................459
Чор девори сухан аз чор унсури Худо.......................460
Чу як ҳамсояи дар фазлу дониш камбағал дорам......461
Чанд гул дар миёни хор афтод..................................462
Чандбора дардро парвардигорам дод, шукр.............463
Чун зиндакушу мурдапарастед, чӣ гӯем?.................464
Чаро курсинишинон гунгу кар гаштанд, ё раббӣ?........465
Ҷавонӣ бо раҳи пурпечутоби зиндагонӣ рафт..........466
Ҷаҳон ҷуз буду нобуде набошад................................467
Ҷавониҳои дунё аз ҷавонии ту мебошад...................468
Ҷомаи ғам дарида бошад беҳ....................................469
Шӯре, ки даруни дили мо буд, куҷо шуд?.................470
Шаб ба шаб фарёди дил моро ба ҳам меоварад.......471
Шудам дилгир аз ғавғои дунё....................................472
Шумо нури сароби зиндагонӣ....................................473



https://bikhon.tj/

Шумо аз хонаи дил меравед, охир куҷо меред?.........474
Шеъри ман дар олами дил шӯри нав ангехта...........475
Шӯре ба дилу шавқ ба сар будаву бошед................476
Шӯре ба дилу шавқ ба сар будаву бошед................477
Шабу рӯз аз Худо хоҳам, ки оламро нигаҳ дорад........478
Шифо мехоҳам аз дарду ғаму озори танҳоӣ.............479
Шаҳрзоди олами шеъри дарӣ ҳастам ханӯз.............480
Шеъри ман оғоз шуд аз шеъри рӯи зиндагӣ..............481
Шаҳаншоҳи диёри мо шукӯҳи дигаре дорад.............482
Шамъ рӯшан кард роҳи хонаи тори маро...................483
Шайтонароба дорад шайтони зиндагонӣ..................484
Шармсорам мекунад, дил мекунад............................485
Шаҳрзоди кишвари андешаи мо дар куҷо?................486
Шоми ғам рафт чун ба панҷаи бод............................487
Шаҳре канори шомем, дар панҷаи мақомем............488
Шом бетобӣ кашад андар намози бомдод................489
Шӯреву исёнам куҷо?...............................................490
Шеъру суханам имрӯз маънии дигар дорад...............491
Шаб рафту саҳар аз гули дидор хабар дод...............492
Шаҳри афсонаи дил шаҳри ману шаҳри шумо...........493
Э кош дар ин хона дигар хона набошад....................494
Э войи ҳастии мо, мансабпарастии мо.......................495
Эй дӯст биё бо мо, то қуллаи кӯҳистон......................496
Э войи умри рафта аз манзилу маконе.......................497
Эй хоҳарони ҷонӣ, иди шумо муборак........................498
Эй рафиқи меҳрубон, ҳар ҷо, ки бошӣ, зинда бош.......499



https://bikhon.tj/

Э кош, дар ин дунё не шоҳу гадо бошад......................500
Як қатраи об аз дили маҳтоб биёред..........................501
Як бор агар дар лабаки об нишинӣ............................502
Як даста гули худрӯ аз боғи дил овардам................503
Як лаҳза, фақат лаҳзаяке шод кӣ бошад?...................504
Яке машҳур бо унвон, дигар манзур бе унвон...........505
Як ҷаҳон асрор дорад ёри мо......................................506
Як рӯзи дарози ман бекор гузашту рафт..................507
Як даста гулам аз гули озор биёред............................508

РАНГОРАНГ...............................................................509
Аз китоби ЛАҲЗАИ ДИДОР........................................510
Ибтидои роҳи ман.........................................................511
Пайванд бо инсон.........................................................512
Асри ман........................................................................513
Дастовез........................................................................515
Имдод............................................................................516
Марезон ашк, эй модар.................................................517
Домангир.......................................................................518
Тӯёна.............................................................................519
Намемирем....................................................................520
Достон...........................................................................522
Барои ту.........................................................................523
Обутоб...........................................................................524
Мастӣ............................................................................525
Наврӯз...........................................................................526



https://bikhon.tj/

Марав асло.....527
Навозиш.....528
Андӯҳу дард.....529
МУБОРАКБОДӢ.....531
Ҳоким.....533
Меравам.....534
Домоди шеър.....535
Биҳишт.....536
Маро ором бигзоред.....537
Фарёди дил.....538
Маҳбаси виҷдон.....539
Ғавғо макун.....540
Ғурур.....541
Хиёнат.....542
Ошён.....544
Ҳамхонаи бегона.....545
Роҳи дил.....546
Шеър.....547
Эй нохудо.....548
Тифлаки ишқ.....549
Ҳукмфармоӣ.....550
Навбаҳори умр.....551
Сарҳади сабр.....552
Захми ишқ.....553
Алангаи шарм.....554
Шаҳсавор.....555



https://bikhon.tj/

Осуда.................................................................556
Пайғоми дӯст.......................................................557
Дунёи бекарон.....................................................558
Боби сарнавишт..................................................559
Меҳмон...............................................................560
Бас аст................................................................561
Инсоф.................................................................562
Оҳани сард.........................................................563
Интизорӣ...........................................................564
Қимати умр.........................................................565
Даъво..................................................................566
Дорулфунун........................................................567
Наврӯз................................................................568
Оташпора...........................................................569
Сояи сабр...........................................................570
Мешавам дилгир...............................................571
Меҳрубонӣ.........................................................572
Қадр....................................................................573
Бори хиёнат.......................................................574
Ғами пинҳон.......................................................575
Инкор.................................................................576
Сарзаниш...........................................................577
Даричаи бахт......................................................578
Дарахти борвар..................................................579
Саргардон..........................................................580
Ноумедӣ.............................................................581



https://bikhon.tj/

Ёди ту........................................................................583
Пурсиш......................................................................584
Тӯҳфаи тақдир..........................................................585
Шодӣ..........................................................................586
Махмали субҳ............................................................587
Мӯҳтоҷи дидор..........................................................589
Гиряи дил..................................................................590
Гули дидор................................................................591
Дилбардор.................................................................592
Ишқи ниҳонӣ............................................................593
Бори маломат............................................................594
Занҷири озор.............................................................595
Лонаи вайрон............................................................596
Насиб.........................................................................597
Чӣ бок?......................................................................598
Набинӣ.......................................................................599
Поси хотир................................................................600
Ту яктоӣ.....................................................................601
Акси борон................................................................602
Гули уммед................................................................603
Хомӯшӣ.....................................................................604
Ғами беҳуда..............................................................605
Ёд кун........................................................................606
Зиндагӣ......................................................................607
Олами хаёл................................................................608
Ошён.........................................................................609



https://bikhon.tj/

Мурғи паршикаста........................................................610
Истиқболи субҳ...........................................................611
Хушбахт.....................................................................612
Лавҳи ёдгорӣ................................................................613
Ба ёдам ҳаст устодам, ки дар як ҷашни фирӯзӣ........614
Нола...........................................................................615
Диёри дард..................................................................616
Эй шеър......................................................................617
Дард............................................................................618
Талош..........................................................................619
Баъди ман....................................................................621

ЗИЛЗИЛАИ ДИЛ
Ёди модар....................................................................622
Рӯзи зилзила.................................................................625
Ҷовидон.......................................................................626

НАВАШЪОР.................................................................627
Харидорӣ бикун, ай дӯст...........................................628
Шеъри ман дарди ману дарди шумо,.........................629
Кистам? Нории нисоям ман,........................................630
Эй хоки поки кишварам, ............................................631
Шукрона.......................................................................632
Аз камонғӯлаки нигоҳи ту..........................................633
Ризқу рӯзист гарчӣ яздонӣ,..........................................634
Нашнидӣ хабар зи дарду доғам? ...............................635



https://bikhon.tj/

Не хубу не харобем......................................................636
Файзи саҳар муборак.....................................................637
Дарахти рӯи ҳавлиро набурред,....................................638
Зиндагонист олами рӯъё,...............................................639
Эй ёр, ба ин бозор боз о талаби дидор,.........................640
Меваи шодию дарду мотамем....................................641
Дар сари суфраи ватандорӣ.........................................641
Сафҳаи нав мекушояд зиндагӣ...................................641
Ай баҳори зиндагӣ моро биёву даст гир....................641
Хок бар сар мекашам аз нолаи марди Худо............642
Дар бистари танҳоӣ танҳоӣ муборак бод...................642
Магӯ дигар ба ман афсонаи дил.................................642
Бар чашмаи чашмони дилам боз биёед.....................642



https://bikhon.tj/

Муҳаррир:
**Ҷӯра ЮСУФӢ**

Ҳуруфчин:
**Гулчаҳон ТУРСУНЗОДА**

Саҳифабанд ва ороиши компютерӣ:
***Ҳалимҷон ҲОМИДОВ***



https://bikhon.tj/